**Бобоҷон ҒАФУРОВ**

**Николай ПРОХОРОВ**

# ТОҶИКОН ВА ТАЛОШҲОИ ТАЪРИХИИ ОНҲО БАРОИ ОЗОДИИ ВАТАН

Душанбе
«Адиб»
2012

**Ба ифтихори ҷашни 21-солагии**
**Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ғ-11

Муҳаррири масъул *Фарҳоди Карим*

Тарҷума, тавзеҳ ва таҳрири
*Зиё Абдулло ва Истад Қосимзода*

Ғ-11 **Ғафуров Б., Прохоров Н. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан.** *(Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон).* – Душанбе, «Адиб», 2012, 256 саҳ.

Ин китоб бо забарсарлавҳаи «Редаксияи таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон», дар Институти таърих, забон ва адабиёти бахши (филиали) Академияи улуми Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ ба нашр омода ва соли 1944 дар Нашриёти давлатии назди Шӯрои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ш. Сталинобод, ба забони русӣ чоп шуда буд.

Асар ки дар замони ҳассос ва даргири ҷанг бо рӯҳияи муборизаю пайкор баҳри озодиву истиқлолият аз фашизм рӯи кор омадааст ва аҳамияти таърихияш ҳаргиз зудуда намегардад, нашриёти «Адиб» лозим донист, онро аз русӣ тарҷума ва ба хонандаи имрӯзӣ пешкаш намояд.

ISBN 978-99947-2-238-9

© Нашриёти «Адиб», 2012

# АЗ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Вазифаи муаллифони асар ин буд, ки марҳилаҳои асосии таърихи гузаштаи халқи тоҷикро мухтасар, махсус барои равшансозии муборизаи ӯ баҳри озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ бар зидди истилогарони бегона ба қалам оваранд.

Пиёдасозии ин амал мушкилоти зиёди худро дошт, зеро чунин асар бори нахуст навишта мешуд. Аз ин рӯ, дар «Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон»-и мазкур имкони раҳ ёфтани норасоӣ ҳаст. Дар очеркҳо раҳ ёфтани норасоӣ ба вижа дар таърихи Осиёи Миёна ва халқҳои муқими он, ки аслан дақиқ нагардидааст, имкон дорад.Аз ин рӯ, то имрӯз ақидае ҷорист, ки гӯё навиштани таърихи алоҳидаи тоҷикону Тоҷикистон, ӯзбекону Ӯзбекистон, туркманҳову Туркманистон ва ғайра зарурате надорад, мувофиқ ин аст, ки барои тамоми халқҳои Осиёи Миёна як таърихи умумии Осиёи Миёна навишта шавад.

Худ аз худ пайдост, ки чунин ақида тамоман ғалат аст. Бо ин ки баъзе марҳилаҳои таърихи гузаштаи халқҳои Осиёи Миёна ба ҳам сахт печида асту ҷудосозии онҳо мушкилоти зиёд ба миён меоварад, ҳар кадоми ин халқҳо таърихи гузаштаи худро доранд ва онҳоро бояд дуруст равшан сохт.

Дар омӯзиши таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон қадами аввалро ниҳода, муаллифони ин асар роҷеъ ба таърихи халқҳои дигари Осиёи Миёна маълумоти мукаммал доданӣ нестанд ва шояд ҳам аз баъзе марҳилаҳои муҳим бозгузаранд.

Редаксияи «Очеркҳои таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон» ва бахши Тоҷикистонии Институти таърих, забон ва адабиёти Академияи улуми Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ умедворанд, ки ин ҳолат чун қадрношиносии таърихи бой ва маданияти гузаштаи халқҳои дигари Осиёи Миёна арзёбӣ намегардад.

Ҳайати таҳририя, айнан мисли муаллифони мазкур мепиндоранд, ки таҷрибаи рӯшансозии муборизаю пайкори халқи тоҷик баҳри озодӣ ва истиқлолияти Ватани худ ба ҷӯши ҳисси Ватандӯстии оммаи васеи меҳнаткашони Тоҷикистон раҳнамоӣ мекунад ва гулхани меҳри онҳоро барои ҳимояи Ватани Шӯравии худ аз душмани қаттол – фашистони ишғолгари олмонӣ аланга медиҳад.

*Ҳайати таҳририяи*
*таърихи тоҷикон*
*ва Тоҷикистон*

*Бахши Тоҷикистонии Институти*
*таърих, забон ва адабиёти*
*Академияи улуми Иттиҳоди*
*Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ*

# I. ГУЗАШТАИ ПУРҒАНОВАТИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Дар аҳди бисёр қадим масоҳати бениҳоят азиме, ки имрӯз Афғонистони Шимолӣ, Туркманистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, қисматҳои Ғарбӣ, ҳатто Шарқии Туркистони Чин ҷойгиранд, манзилу макони қабилаҳои таҳҷой ва кӯчии эрониназод ҳисоб мешуд.

Асрҳои зиёде пеш аз милод як қисми ин қабилаҳои эронӣ аз навоҳии Осиёи Миёна ба ҷанубу ғарб[1] ҳаракат кард.Онҳо ҷони асосии давлати бузурги форсҳо гардиданд, маҳз эрониёни Осиёи Миёна бунёдгузорони як қатор давлатҳои хурде, ба монанди Бохтар, Парфия, Хоразм шуданд. Дар дашту саҳроҳои васеи Осиёи Миёна қабилаҳои кӯчии эронӣ – сакоиён, массагетҳо ва ғайра молу чорвои худро мечаронданд.

Наҷоди эронии пас аз ҳуҷуми зиёди бегонагон ва хунрезтарин ҷангҳо зиндамонда, ки ҷони давлатҳои номбурдаи Осиёи Миёнаро ташкил медиҳанд, имрӯз дар таркиби халқи тоҷиканд. «Тоҷикон, – нишон медиҳад профессор М.С. Андреев, – яке аз шӯҳратмандтарин мутахассисони донандаи эҷоди тамаддуни мардуми (этнография)-и Осиёи Миёна– сокинони қадимтарини халқҳои имрӯзаи Осиёи Миёна ҳисоб мешаванд».[2]

Нахустмаълумотро дар бораи гузаштагони қадими халқи тоҷик мо дар китоби динии эрониёни қадим Авесто пайдо мекунем. Авесто дар бораи мамлакатҳои номбурда, сохтори иҷтимоии онҳо, ҳаёти ҳаррӯза, тасаввуроти динӣ, дараҷаи маданияти сокинони Осиёи Миёна дар қадимтарин замонҳо маълумоти пуркимат медиҳад.[3]

---

[1] В.Бартолд. Таърихи ҳаёти мадании Туркистон. Ленинград, 1927, с.1.

[2] Иқтибос аз асари ҳанӯз чопнашудаю барои ошноӣ лутфан пешниҳод намудаи М.С. Андреев – «Таджики». Нигаред инчунин ба мақолаи ӯ «Этнография таджиков», маҷмӯаи «Таджикистан», Тошкент, с. 1925.

[3] Замони пайдоиши Авесто ва бобҳои алоҳидаи он аз ҷониби тадқиқгарони гуногун ба таври гуногун тавзеҳ дода шудаанд. Баъзе мегӯянд, ки Авесто дар ҳазорсолаҳои пеш аз милод ба вуҷуд омадааст. Масалан Ҳеги пайдоиши Авесторо бештар аз 2800 сол қабл аз эраи мо медонад. Бартоломе – бештар аз1100 сол пеш аз милод аст, мегӯяд. Вале дақиқтарини онҳо мегӯянд, ки дини зардуштӣ дар замони наздик

Мо аз Авесто медонем, ки вилояти Суғд (муаллифони антиқӣ «Сугуда» гӯянд) дар ҳавзаи рӯди Зарафшон ва Қашқадарё ҷойгир аст. Моуру (муаллифони антиқӣ дар матнҳо бо хатти мехӣ Марғу гӯянд) дар ҳавзаи рӯди Мурғоб будааст. Дар ҷануби он, дарунтари он сӯи сарҳади давлати имрӯзаи мо, Ориёно – дар ҳавзаи дарёи Ҳарирӯд ҷойгир будааст. Дар саргаҳи ду соҳили Ому, ки сокинони таҳҷоии қадим онро Вахш[1] меномиданд, мулки Бахд (аз рӯи навиштаҷоти қадим Бахтрия, аз рӯи навиштаҷоти ҳуруфи мехии эронӣ Бахтриш) доман кушода буд, ки қариб тамоми соҳати Тоҷикистони имрӯзаро дар бар мегирифт, ба истисноӣ бахши тоҷикнишини водии Фарғона ва бахши ҷанубу шарқи Ӯзбекистон, аз ҷануби силсилакӯҳҳои Ҳисор. Сарҳади ҷануби Бохтарро силсилакӯҳҳои Ҳиндукуш ва шохаҳои ғарбии он, аз сӯи Шарқ кӯҳҳои Помир печонидааст. Дар шимолу ғарби он, дар поёноби Омударё Хвайризем (ба навиштаи муаллифони қадим Хорасмия – Хоразми ҳозира) доман паҳн карда буд.

Бохтар ва Суғд, ки бо марказҳои мадании қадимтарини Шарқ ҳамсоя буданд, пештар аз дигар ноҳияҳои атроф таъсири ғуломдории давлатҳои машриқзаминро аз сар гузарондаанд. Аз рӯи гуфтаҳои Ктесий ва Диодор Бактрий (юнониён маркази Бохтарро Бактрий меномиданд), чун шаҳри бою ғанӣ ном баровардa буд ва «модари шаҳрҳо» ва дили Эронаш мегуфтанд. Солҳои зиёде пештар аз солшумории мо, яъне милодӣ, ҳамчунин маркази қадимии Суғд – Мароканд[2] сохта шудааст.

Воҳаи Зарафшон бо заминҳои ҳосилхези худ машҳур ва аҳолиаш зич буд. Муттаҳидшавии қабилаҳои суғдӣ дар Осиёи Миёна рӯшантар аз ҳама ба дида меомад.

---

ба ҳукмронии Ҳахоманишиён дар Эрон, пайдо шудааст, яъне дар асри VI то милод. **Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ду ҳазор сол то худро дар назар дорад.(** Иловаи сиёҳхат аз тарҷ.)

[1] Вахш – номи қадимии эронии Омударёро юнониён дар шакли «Окс» овардаанд. Мароқовар ин аст, ки тоҷикон шакли аввалаи онро ҳамчун яке аз шохобҳои Ому ( «Вахш») нигоҳ доштаанд.

[2] Нахустин маълумот дар бораи Самарқанд дар асри IV то милод, дар даврони Искандари Мақдунӣ пайдо шудааст.

Суғдиён, бохтариён, хоразмиён, парфиёниҳо, аҳолии дигари таҳҷоии навоҳии Осиёи Миёна дар он замон ба лаҳҷаҳои мансуб ба гурӯҳи эронии забонҳои ҳиндуаврупоӣ гуфтугӯ доштанд. Аксарияти шарқшиносон чунин ақида доранд, ки боби аз ҳама қадимтарини Авесто – Готҳо дар Суғд ба қалам омадааст ва забони он – забони суғдии қадим мебошад, ки аҷдоди забони ҳозираи тоҷикист ва дар он нақши пойи лаҳҷаи забони суғдӣ бештар аз дигар забонҳои халқҳои эронинаҷод дида мешавад.

Ҷудошавии эрониёни аз Осиёи Миёна ба ҷанубу ғарб кӯчида ва ҷобаҷошавии онҳо дар замини Эрони имрӯза ва эрониёни дар Осиёи Миёна монда, ки давлатҳои қадимтаринро сохта буданд, ҳанӯз то солшумории нав ба вуҷуд омадааст.

Ҳанӯз аз навишатҷоти қариб 2500 сол пеши шоҳ Доро пайдост, ки эрониҳои Осиёи Миёна тобеи ин давлати бузург будаанд.

Албатта, дар паҳлӯи аз ҳам дуршавии эрониёни ғарбию шарқӣ, равобити маданӣ пайваста ҷорӣ буда ва ба таври барҷаста, ба вижа ки эрониёну тоҷикон халқҳои ба ҳам хешу табор ҳисоб мешаванд.

Ин равобит гоҳе хеле зудрас ва дилрас будаанд. Масалан, эрониёни ғарбӣ аз эрониёни шарқӣ дини маздоиро пазируфтанд, яъне дини қадимии худашон, ки дар соҳати Бохтару Суғд рӯида буд. Қатъан дақиқ шудааст, ки бисёре аз унсурҳои муҳими ҳаммосаи эронӣ, аз рӯзгор ва эҷоди гузаштагони дуру қадими халқи тоҷик гирифта шудаанд.

Замони ҳукмронии сулолаҳои Сосониён дар Эрон (солҳои 226-650-и баъд аз милод) аз Эрон ба Осиёи Миёна чунин равияҳои диние, монанди динҳои насронию монавӣ[1] даромаданд ва хеле зиёд паҳн гаштанд, ки нишонаи равобити сахти байни ҳамдигарии эрониёни ғарбию шарқист.

[1] Монавия – таълимоти динию фалсафии Монист, ки дар асри III милодӣ рӯ зада ва дар он дини эрониёни қадим бо дини насронӣ омезиш ёфта буд. Монавиён ҳам аз ҷониби насрониён ва ҳам мусулмонон ба таъқиби сахт гирифтор мешуданд.

Ғояҳои инқилобии Маздакия, ки дар Эрони замони Сосониён пайдо шуд, давоми чандин аср ба шӯришҳои халқии Осиёи Миёна илҳом бахшид.Шӯриши сахти суғдиён зидди ҳукумати арабӣ, ки бо номи Шӯриши Муқаннаъ (асри VIII) машҳур аст, ақидаҳои маздакияро дуруст дар худ ҷабида буд.

Баъд аз ишғоли Эрон ва Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо, дар асрҳои IX-X забони суғдӣ, ки пешиниёни қадими тоҷикони имрӯза ба ин забон гуфтугӯ доштанд, ҷои худро ба забони форсии нав дод ва онро забони эрониёни ғарбӣ меномиданд.[1] Ҳамин марҳила дар сарзамини Осиёи Миёна давлате ташаккул ёфт, ки саронаш аз сулолаи Сомониён буданд. Ва он ба гулгулшукуфии зебое расид ва албатта, Сомониён таҷрибаи давдатдории эрони замони сосониро дар сохтори давлатдории худ ба таври муфид истифода карда буданд.[2] Дастовардҳои барҷастаи фарҳангии замони Сомониёнро ҳам тоҷикон ва ҳам эрониён якдаст аз они худ медонанд.

Худ аз худ маълум, ки ин сухан асосе намедиҳад бигӯем, ки эрониёни аз қаъри асрҳо бо номи тоҷикон[3] машҳури

---

[1] Забоне, ки имрӯз аксари тоҷикони ҷумҳурӣ гап мезананд, пас аз истилои араб ба вуҷуд омад ва албатта якбора не, дар шароитҳои гуногун, дар заминаи забонҳои қадимии аҷдодон, бо роҳи оҳиста-оҳиста даромадани бисёре аз калимоти форсӣ ва (андаке) арабӣ, ҳамчунин бо истифодаи ибора ва ҷумласозиҳои забони форсӣ (Иқтибос аз ҳамон асари М.С. Андреев «Тоҷикон»)

[2] То он вақт аз сохти давлатдории хилофат истифода мешуд.

[3] Истилоҳи «тоҷик» бо калимаи «тоҷ», ки маънояш «сарир» («венец, корона») аст, алоқаманд мебошад. Калимаи тоҷик маънои «одами тоҷдор»-ро дорад. Роҷеъ ба пайдоиши истилоҳи «тоҷик» назаре чанд мавҷуд аст.

Ақидае ҳаст, ки бори нахуст истилоҳи **тоҷик,** маҳз ба ҳамин маънои мазкур, дар асри II пеш аз милод истифода шудааст ва он дар сарчашмаҳои таърихии Чин доир ба шоҳигарии Тяожи ҳаст (нигаред ба И.Бичурин, Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древные времена, ч. III, саҳ. 114 ва ғайра). Ин фикрро ба таври мукаммал Н.В.Ханыков асоснок гардондааст. (Нигаред ба эзоҳоти китоби ҷуғрофидон Риттер, «Ирон» (СПБ, 1874, саҳ. 507-520).

Бартолд чунин мешуморад, ки истилоҳи «тоҷик» пас аз истилои арабҳо Осиёи Миёнаро пайдо шудааст, ки он дар асри VIII сурат ги-

Осиёи Миёна аз нигоҳи таърихӣ ва фарҳангӣ бо эрониҳои ғарбӣ як бошанд, чунон ки баъзе аз шарқшиносон ҳамин тавр тасаввур кардаанд (масалан, Хёрстфелд). Назар ба онҳое, ки дар ҳайаташ эрониёни ғарбӣ шомил будаанд, халқи тоҷик дар чаҳорчӯбаи давлати дигари муташаккил нашъунамо кардааст, вай истиқлолияти вижаи худро дорад, фарҳанг, анъанаҳои маданиву таърихии мустақил ва нову-баста ба Эронро дорад.

Комёбиҳои фарҳангии гузаштаи халқҳои эронинаҷод, пеш аз ҳама эрониёни Осиёи Миёна аз ҷониби тадқиқгарон басо баланд арзёбӣ мегардад. Чунончи, чиншинос ва эроншинос Б. Лауфер дар ин бора менависад:

«Мо медонем, ки халқҳои эронӣ як замон соҳати беҳадду канорро дар ихтиёр доштанд, ки аз сарҳади Туркистони Чин ба Чин гузашта сукунат ихтиёр карданд, бо онҳо алоқа барқарор намуданд, ба халқҳои баромади иҷтимоиашон дигар, махсусан ба туркҳо ва чиниён, таъсири амиқ гузоштанд. Эрониён миёнаравҳои бузурги Ғарб ва Шарқ маҳсуб мешу-

---

рифтааст (Ниг. ба асари ӯ «Таърихи ҳаёти мадании Туркистон, Ленинград, 1927, саҳ.24, ҳамчунин «Тоҷикон» дар маҷмӯаи мақолаҳои «Тоҷикистон», Тошкент, 1925, саҳ. 98-99) ба маънои «араб», «одаме, ки исломро қабул кардааст». Вале, ҳатто Бартолд дар мақолааш «Навиштаҷоти қадимии туркӣ дар сарчашмаҳои арабӣ», ки дар китоби В. Радлов «Die alturkischen inschriften der Monqolem» (СПБ, 1899, с.14) омадааст, менависад: «Ман ҷасорати тасдиқи ин андешаро надорам, ки калимаи «тозик»-и соли 716 дар ин зернавиштҳо ёдоварда «айният бо арабҳо» дошта бошад.

Дар масъалаи истилоҳи «тоҷик» назари профессор М.С.Андреев эътибори махсусро лозим медорад, ҷое ки дар китоби «По этнологии Афганистана» (Тошкент, 1926, с.10) ин тадқиқотчии дар хулосаҳои илмияш зиёда эҳтиёткор, мегӯяд, ки ба ҳаёти мамлакатҳои тоҷикон ҳар қадар бодиққат эътибор дода бо забони онҳо ошно мешавӣ, ҳамон қадар бештар тасаввур менамоӣ, ки калимаи тоҷик аз ибтидо маънои эронии таҳҷоии Осиёи Миёнаро дорад, ки ба форсӣ ҳарф намезадаанд. Иваз шудани забони суғдиро, ки ба он аҷдодони қадими тоҷикони ҳозира гуфтугӯ доштанд, ба забони форсӣ мебинем, ки баъдан дар натиҷаи Осиёи Миёнаро ишғол кардани арабҳо ба амал омадааст».

Дар ин асар истилоҳи «тоҷик» ба маънии аҳолии эронинаҷоди Осиёи Миёна аз давраи истилои араб ба кор бурда мешавад. Дар ин маврид мулоҳизаи махсуси мувофиқат надоштаро ба ин назар муҳаррири «Очеркҳо» И.И. Умняков иброз медорад.

данд, ғояҳои меросии эллиниёнро ба Осиёи Марказию Шарқӣ ва растаниҳои нодирро бо молу амволи Чин ба хоки Осиёи Миёна интиқол медоданд. Фаъолияти онҳо аҳамияти таърихии ҷаҳонӣ дорад.[1]

Таърихи гузаштаи халқи тоҷик ҳам дорои аҳамияти барҷастаест. Рафиқ Сталин Дар табрикоти худ ба шарафи ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон махсус таъкид карда буд: **«Тоҷикон таърихи ғанӣ доранд».**

Таърихи гузаштаи тоҷикон ба вижа дар рӯзҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ алайҳи истилогарони фашистии Олмон аҳамияти хосае пайдо мекунад. Таърихи пурғановат, ки пурпури қаҳрамониву муборизаҳои беамон бо истилогарони аҷнабию асоратгарон аст, рӯҳи халқро ба бадбинии сӯзанда даъват ва тарбият менамояд, ӯро ба сӯи садоқати бепоён ба Ватан, омодагӣ ба ҳар нав азхудгузарӣ барои ҳимояи вай ва ҳатто фидо созии ҷони азизи худ, барои ба даст овардани озодӣ ва истиқлол, раҳнамун мегардонад.

---

[1] B. Laufer. Siro-iraica. Chicaqo, 1919, с. 185.

# II. МАДАНИЯТИ КИШОВАРЗИИ ҚАДИМИ ТОҶИКОН

Дини зардуштии гузаштагони қадими халқи тоҷик дини кишоварзон ва чорводорони таҳҷоӣ буд. Таълимоти мубориза қувваҳои некиву рӯшноии таҷассумгари ҳастии мутлақ ва офаридгори ҷаҳонҳо Аҳуро Маздо[1] (Ҳурмузд) бо қувваҳои бадӣ – торикии харобиовар – дар симои Аҳриман, дар пастхамиҳои кӯҳҳо ва водиҳои заминашон бас ҳосилхези Осиёи Миёна дар замоне ба вуҷуд омад, ки кӯчиёни эронӣ акнун ба зиндагии осоиштаи муқимӣ мегузаштанд.

Дини зардуштӣ ба тезӣ аз дигар динҳо қатъан ҷудо ва аз паи амали мақсадҳое шуд, ки он муборизаи аз ҳаёти кӯчӣ ба ҳаёти муқимӣ гузаштани эрониёни осиёимиёнагиро бозгӯӣ дошт.

**2. «Ай додори гетӣ, артавонӣ (аҳлав)! Дар рӯи ин Замин дувумин ҷои хушиву осуда куҷост? Пас Аҳуро Маздо гуфт: «[Дар он] ҷое ки марди артавон хонае созад, ки озари фаровон, шири бисёр, зану фарзандони бисёр, ғаллаи хуби наҳмор дошта бошад. (Айнан: хонае созад озардор, ширдор, зану писардор, галадор)».**

**3. Ва сипас (пасон) ин хона пури гову мол, пури аша, пури хӯрду хӯрок, пури саг, пури зану пури кӯдакони ширбоз, пури оташу пури ҳар чизи хубе бигардад.[2]**

**Ҳамин посухи Аҳуро Маздо, бегумон боиси даъват ба муқиминишинӣ ва чорводории муқимӣ гардид, муҳимтар аз ҳама боиси ба вуҷуд омадани хоҷагиҳои деҳқонӣ (кишоварзӣ) шуд. Зеро замин, аз рӯи таълимоти зардуштӣ рӯёнандаи «шодмонӣ»-ст, инчунин ҷоест, ки 25. «Бештар, эй Зардушти С(и) питам, ҷаву (ғаллагиву донагиву) каҳу урварону (рустаниҳо), буттаҳои мевадор,**

---

[1] Ин дин бо номи Аҳуро-Маздо номи дигаре низ гирифта буд, ки онро дини Маздоӣ меномиданд.

[2] Тарҷума аз асли «Видевдод». (Номаҳои бостон). Тарҷумон Бобо Назар Ғаффор. Душанбе, 2010. Фаргарди 3., саҳ.83.

**дарахтони боровар коранд. (Дар он) ҷое,/ ки форобро шодоб (сероб) куна(н)ду шибарро хушк.**[1]

**25. «Ҳар ка ин Заминро, эй Зардушти С (и)питам, бо дасти чапу бо дасти рост, бо дасти росту бо дасти чап (биварзад)– гуфта мешавад дар ҷои дигари Авесто,- – ханҷааш (суд) оварад, чунонки шавҳари нозанине (меҳрубоне) зани нозанини (дӯстдори) ба болини ноз осуда – орамидаи хешро, писару дигар (судҳо) бибахшад.**

**26. Ҳар ка ин Заминро, эй Зардушти С(и) питам, бо дасти чапу бо дасти рост, бо дасти росту бо дасти чап биварзад, сипас бад-ӯ Замин рӯ оварда гӯяд:**

**«Ай мард, ки маро бо дасти чапу бо дасти рост, бо дасти росту бо дасти чап биварзӣ (меварзӣ),[27] он гаҳ ман ба ростӣ ҳамора ҳароина ба сӯи кишварон баҳри истеҳсоли ҳар гуна хӯрду хӯрок, хирман бардоштан (фароҳамоварии ҳосил) хоҳам омад, агарам ҷав фаровон аст.**[2]

Зироаткорӣ барои мӯътақидони Авесто накӯкорист, ки бидуни он эътиқодашон мурдааст. «Касе, ки ғалла мекорад, муқаддасот мезояд».

Ғаллакорон кореро анҷом медиҳанд, ки бештар писанд аст ба Аҳуро Маздо ва ба ҳамаи дигар худоҳои маъбади зардуштӣ, бартар аст аз сад саҷда ба ҷо овардан, бартар аз ҳазор ҳадяву бахшиш додан, ки динҳои дигар мефармоянд, бартар аз даҳ ҳазор бор қурбонист. Зироаткорӣ – шарти ивазнашавандаи (ҳатмии) муборизаи бомуваффақияти нерӯҳои некӣ бар бадӣ, қувваи рӯшаноӣ ба қувваи торикию зулмот аст 32. **Агар ҷавро кӯбанд, девон ба арақ биёянд. Агар осиёбро (баҳри орд кардани ҷав) омода созанд, девон тоқату қарор аз ихтиёр бидиҳанд. Агар ҷавро пишт (хамир) бисириштанд, девон шеван кунанд. Агар ғунда (ғунда, хамир, зувола; гундӣ (ба пухтан) омода созанд, девон аз тарсро (аз даҳшатро) ғирев бардоранд. (Ҷав агар) дар хонадон ҷовидон бимонад бо туфайли ғундаи ӯ**

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 83.

[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 86

**девонро сар ба сар биронанд. Даҳони девон аз он доғ-доғ гардад бисёри бисёр ва фирор кунанд».**[1]

Таълимоти Зардушт ба мӯътақидони худ мукаллафияти (ӯҳдадорӣ) машғулӣ бо зироаткориро чун қарзи диндорӣ, чун қаҳрамониву накӯкорӣ мешуморад.[2]

Ҳеҷ шубҳа нест, ки баъди зуҳури чунин таълимоти муфид аз ҷониби эрониҳои Осиёи Миёна маданияти зироаткорӣ ва комёбиҳои азим дар кишоварзӣ ба миён омадааст ва ин барои ақлҳои пештози он давру замон ба дида омад, ки тамаддуни зироаткорӣ нисбат ба чорводорӣ чӣ фазилате дорад.

Ин дастоварди соҳаи кишоварзӣ, ки гузаштагони бас қадими халқи тоҷикро насиб шудаасту дар ин бора Авесто шаҳодат медиҳад, хидмати барҷастаи маданиии онҳо ба ҳисоб меравад ва дар ин бора муфассалтар таваққуф лозим медорем.

Зироаткорӣ дар шароити Осиёи Миёна бо иншоотҳои обёрӣ зич алоқаманд аст. Тадқиқотҳои бостоншиносӣ ба таври раднашаванда собит мекунанд, ки эрониёни Осиёи Миёна қариб дуним ҳазор сол қабл, чун бунёдкорони пурҳунари иншооти обӣ, шӯҳрат доштаанд. Дар ҳудудҳои Хоразм ва поёноби Зарафшон онҳо чунон ҷӯйборҳои азим сохтаанд ва тавассути онҳо ба андозае майдонҳои калон

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 87.

[2] Анъанаҳои қадими маданияти зироаткорӣ минбаъд низ инъикоси ақоиди равшани худро пайдо кард. Мисол гирем рисолаи тоҷикие бо номи «Рисолаи зироат», ки дар аҳди ислом (мусулмонон), агар аз рӯи сарсухан бигирем то замони истилои муғулҳо навишта шудааст. Дар сарсухани ин рисола омадааст: одамеро, ки деҳқонӣ накунад, ҳамчун ҷинояткор ба ҳисоб бояд гирифт, вай метавонист заминро ба кор андозад, ҳарчанд заминаш бад бошад. Дар рисола ҳатто ифодаи Авестоии дар боло оварда иқтибос гардидааст: «ҳар кас ки ғалла мекорад, муқаддасот мезояд».

Профессор М.С. Андреев ба мо мекушояд, ки ин ақида ҳатто аз тарафи ҳамон қабилаҳои турк қабул шудаанд, ки таҳти таъсири маданияти тоҷикон ба киштукор (зироаткорӣ) машғул гардидаанд. Ҳатто суруди машҳуре дар Туркистони Шарқӣ дар шаъни Яъқуббеку Андиҷониён гуфта шуда, ки («Фазилатлик ҳунар бу олам ичра деқонликдур») «Ҳунари ба фазл дар ин олам деҳқонист»

обёрӣ мешудаанд, ки ҳатто аз соҳати заминҳои мавҷудаи обии асримиёнагӣ чандин баробар зиёд будаанд. Будани чунин иншоотҳои обӣ далели собитсози муаллифони аҳди қадиманд, ки гуфтаанд: дар Осиёи Миёна давлатҳои зиёде асрҳо пеш аз солшумории мо ҳузур доштаанд. Зеро бе будани давлатдориҳои бузург тасаввури чунин сохтмони чунон иншоот, нигоҳдории бенуқсони онҳо, ҳатто истифодаи амалии он ҳама силсилаи иншооти азими обёрӣ, имконнопазир мегардид.

Равнақи маданияти зироаткории аҷдоди қадими халқи тоҷик дар шароитҳои басо гуногун сурат гирифтааст. Аз ҳама роҳи осони обёрии майдонҳои кишт тавассути кашидани ҷӯйбор аз ин ё он рӯд амалӣ мешуд. Дар шароити саросарии камии об, дар ҳудудҳои Туркистони Шарқӣ, дар соҳати Туркманистони имрӯзӣ таъмини зироат бо оби равон кори басо пурмашаққат ҳисоб меёфт. Обро аз табиат, воқеан, қатра-қатра кашида гирифтан лозим меомад. Ҳангоме доманакӯҳҳо банди зироат буданд, тоҷикон пеши худ вазифа гузоштанд, ки заминҳои корами баландтар аз Алпро ба даст гиранд, зеро он ҷо аз сармои барвақт зироат ба нобудӣ мерасид.

Мушкил ва вазифаи нахустини ривоҷи маданияти кишоварзӣ дар заминҳои камобро тавассути беҳтарин усули иншооти обёрӣ, ки тоҷикон онро корез меноманд, ҳал карданд.

Сохтани корез, дар ҷое ки ҳар қатраи об ба вазни тило арзиш дошт, ин гуна сурат мегирифт: одатан, дар пастхамии талу тепае, ки об бояд ба ҳамвории он фароварда шавад, чоҳе мекананд. Дар масофаи 10-12 метр дуртар, дар баландии ҳамин ҳамворӣ чоҳи дувум кофта мешавад, ки инаш нисбат ба чоҳи аввал як андоза чуқуртар бояд бошад. Дар ҳамон масофаи аз ҳамдигар дур силсилаи чоҳҳои чуқуртар аз пешин канда мешаванд. Он чоҳҳо бо сӯроххои зеризаминӣ пайваст мегарданд, ки батадриҷ обҳои ғуномада ба рӯи замини ҳамвор мебарояд, аз он ҷо тавассути ҷӯй ба киштзор, зироату боғот ҷорӣ мегардад.

Зироати корезӣ заҳмати зиёдро тақозо дорад ва он танҳо

дар ҷойҳое, ки оби равон хеле кам аст, рӯёнда мешавад. Дар ҳудудҳои Тоҷикистони имрӯзӣ, ки нарасидани об эҳсос намешавад, усули зироаткории корезӣ ба кор бурда намешуд ва намешавад. Вале дар Осиёи Миёна, дар соҳили баҳри Хазар (Каспий), дар ҳамон ҷойҳое ки қаблан манзилу маъвои эрониҳои Осиёи Миёна буданду баъдан туркманҳои кӯчида манзил заданд, ин тарзу усули обёрии корезӣ ҳанӯз васеъ истифода мешавад. Усулҳои обёрии корезиро ҳоло тоҷикони ноҳияҳои кӯҳистони Нурато ба кор мебаранд.

Дар ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон барои обёрӣ ҳанӯз аз обравҳои зеризаминӣ истифода мекунанд. Ин гуна иншоот, мисли ҳодисаи боло, бувиши силсилачоҳҳоро тақозо дорад. Зеро истифодаи чоҳҳо барои чӣ ҳангоми кашидани обрав ва чи ҳангоми поккории сари вақт лозим меояд ва онҳо низ «корез» ном доранд. Вале дар ин маврид аҳамияти ин иншоот дар он нест, ки дар обравҳои зеризаминӣ обро аз қабати оббаро қатра-қатра ҷамъ оварда, гузаронида, ба рӯи замин бароранд, балки дар он аст, ки обро аз ягон сарчашмаи обаш фаровон гиранду тавассути ҷӯйбори зеризаминӣ, ба майдонҳои обёришаванда бибаранд ва ба сӯи маҳале, ки ҳеҷ имкони кандани ҷӯйбори зеризаминӣ нест, расонанд. Чунин иншооти корезии хеле қадима дар Туркистони Шарқӣ ва Туркманистон, «Тӯқсан-корез» (Навад-корез) ҳаст, ки наздики Панҷакенти имрӯзӣ ҷой дорад. Оби он аз рӯди Моғиён меояд. Вай дар қарибиҳои деҳаи Чербот ба обрави зеризаминӣ сар дода мешавад, ки тӯлаш тахмин чаҳор километр аст ва сипас аз пеши Панҷакент рӯ зада, имкони обёрии чандин ҳазор гектар заминро медиҳад.

Боз як ёдгории ҳайратовари фарҳанги зироаткории қадимии тоҷикон корези феълан тамом аз кор баромадаи зеризаминии ноҳияи Панҷакент (Панҷакенти кӯҳна) ба шумор меояд, ки қад-қади соҳили чапи Зарафшон мегузарад. Ҷӯйбор аз мағзи сангҳои гуногуни мураккаб ва ба масофаи хеле дур гузаронда шудааст. Аз мағзи санги сахт гузарондани чунин обрав машаққати зиёдеро талаб дошт. Дар маҷрои он ду-се кас озод ҷой мегирад. Замоне ин ҷӯйбор замини кушодеро, ки имрӯз тамом бекор хобидааст, обёрӣ мекард.

Ин обрав ба замонҳои бисёр қадим тааллуқ дорад. Зеро Зарафшоне, ки ин ҷӯйборро об медод, акнун бештар аз як метр чуқур шуда, умқи он поин фуромадааст ва ба ҳамин сабаб аз кор баромадааст. Айни ҳамин гуна ҷӯйбор дар қисми шимоли дашти Данғара, дар Кангурт[1] пайдост.

Дар бораи киштукори заминҳои на танҳо беоб, инчунин усулҳои кашидани об аз шибарзаминҳо, ки дар Авесто дидем, аз он шаҳодат медиҳанд, ки халқи тоҷик ҳанӯз дар замонҳои бисёр қадим асрори заминдориро кушода будаанд. Ин усулҳо дар заҳбӯркании тоҷикони Пораштӣ[2] кӯҳистони Нурато (байни Ҷиззах (Дизак) ва Нурато) истифода мешаванд.

Мушкили заминҳои кишти баландкӯҳи давраи нашъунумӯаш кӯтоҳро низ кишоварзони тоҷик ба дараҷаи аъло ҳал карда буданд. Бо усули аз таги барф озодсозии замин давраи нашъунумӯи киштро хеле барвақт аз он ки гармии табиӣ заминро аз барф озод кунад, дароз намуданд.

Аз рӯзҳои аввали гармшавии охири фасли зимистон кишоварзони тоҷик рӯи барфи замини кишти худро як қабати тунук хокпошӣ мекунанд, ки ин барои зудтар об шудани барф созгор аст. Зеро ранги сияҳ назар ба ранги сафед, нуру гармии офтобро бештар ба худ мекашад. Профессор М.С.Андреев мегӯяд, ки дар бисёре аз сукунатгоҳҳои баландкӯҳ ин гуна хоки судапоширо тоҷикон дар баҳорон чанд бор такрор мекунанд, зеро дар баҳорон ҳар барфи борида такрори он амалро ҳатман талаб дорад. Ӯ таъкид менамояд, ки тоҷикони Панҷи Боло бо ҳамин усул бист рӯз пештар об шудани барфро таъмин месозанд ва пайдост, ки вақти нашъунамои лозими зироат дароз мешавад.

Ба ин тариқ, тоҷикон домони маданияти кишоварзиро кушодтар карда, давоми ҳазорсолаҳо бо табиат муборизаи пайваста доштаанд ва маҷбураш кардаанд, ки ба онҳо хидмат намояд. Баъзе пораҳои Авесто марҳалаҳои хеле қадими

---

[1] Кангурт–маркази яке аз ноҳияҳои вилояти Сталинобод аст.
[2] Порашт – (Фориши ҳозира) дар харита нодуруст Париш омадааст.

ҳамон муборизаҳоро ба шиддат қайд мекунад. Он дар симои Худои обу ҳосил – Ардвисур Анаҳитои нозанин ва бошаҳомат, ки бар сар сад ситораи тилоиву нуқрагин ва пираҳане аз пӯсти сесад бабри обӣ дорад, таҷассум гардидааст.

Ардвисур Анаҳито рамзи тамоми обҳои коинот (ҷаҳон, олам), ҷилои тамоми рӯдҳои равони рӯ-рӯи Заминро дорад, ба дардҳо даво мебахшад, девҳоро несту нобуд месозад, нерӯро афзун мегардонад. Ба шарофати ӯ обҳо аз кӯҳҳои сарсафед бо нерӯи бузург ба баҳри Вурухаша ки шабеҳи баҳри Хазар аст, фурӯ меояд, «рамаҳо фарбеҳ мешаванд, тамоми зиндаи ҳастии рӯи замин нашъунумӯъ меёбанд, заминҳо серҳосил мегарданд, мамлакатҳо гулгул мешукуфанд ва обод мешаванд.[1]

Дарвоқеъ, ҳанӯз ҳамон замонҳои қадим Бохтару Суғд ва дигар мамлакатҳои эрониёни Осиёи Миёна бо ғановати худ шӯҳравар буданд. Бохтар мувофиқи навиштаҳои муаллифони антиқӣ, шӯҳрати баланд дошт, дар он бидуни зайтун дигар ҳама гуна растаниҳо мерӯиданд. Дар ин ҷо махсусан ангур хӯшаҳои калон-калон дошт ва овозааш берун аз Осиёи Миёна ғулғула андохта буд. Мардуми Бохтару Суғд ҳосили бисёр баланди гандум ва шолӣ ба даст меоварданд. Барои эрониёни Осиёи Миёна сирру асрори шаробсозӣ маълум буд. Вай дар навоҳии Фарғона пешрафти хосае дошт. Далелҳои солноманависони Чин, ки ба асрҳои II то солшумории мо рост меоянд, хабар медиҳанд, ки захираи машруботи баъзе заминдорони бой то 10.000 дан[2] (навъи кӯза) будааст. Ин рақам аз он далолат мекунад, ки истеҳсоли машрубот ниҳоят зиёд будааст, зеро як «дан»-и чинӣ, ки ченаки андоза аст (чиниён асбоби андозагирии ҷисмҳои моеъро надоштанд), тахминан ба як сентнер баробар буд. Дар солномаҳои чиниён мо инчунин ба нишондодҳое дучор меоем, ки шаробҳои суғдиён «муддати чандин даҳсола

[1] Avesta, саҳ. 413.
[2] Бичурин. Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена. СПБ, 1851, қисми III, саҳ. 22.

бевайроншавӣ меистодаанд». Ба ин тариқ, дар он замонҳои хеле аз мо дур сифати машруботи Осиёи Миёна ниҳоят баланд будааст. Эрониёни Осиёи Миёна аз ғановати зеризаминии худ ба андозаи зиёд истифода мекардаанд, яъне тило, лаълу ёқут ва лоҷуварду ақиқ ба даст меовардаанд.

Аҷдоди қадимии халқи тоҷик на танҳо худро чун зироаткорони заҳматқарин нишон додаанду созандагони пурҳунари иншооти мураккабу бузурги обӣ, балки чорводорони моҳир низ будаанд. Шӯҳрати аспҳои фарғониён дар ҷаҳон ғулғула андохта буд ва императорони Чин чандин бор ба ин сӯ лашкар кашидаанд, ки онҳоро ба даст оваранд. Дар чарогоҳҳои кӯҳистон ва марғзорону даштҳои бепоён шумори беҳисоби гову гӯсфанду буз мечариданд.

Боигарии беҳисоби дастранҷи меҳнаткашон ҳаваси тамаъкорон, дӯстдорони молу амволи дигаронро меангехт. Тоҷикони зироаткорро лозим буд, ки ҳамеша дар ҳолати омодабоши ҷангӣ қарор бигиранд, ки ба ҳамлаи урдуҳои ғоратгари аҷнабӣ ҷавоби дандоншикану марговар дода тавонанд.

Таърихи халқи тоҷик – ин таърихи дуру дароз ва муборизаҳои бисёр садсолаҳост. Дар борам марҳилаҳои қадимаш устураҳои авестоӣ ба мо тасаввуроти комил дода метавонанд. Саҳифаҳои музайяни ин ҳаммосаи тоҷику эронӣ, махсусан ҳамон қисматҳое, ки дар соҳати Осиёи Миёна гуфта шудаанд, бисёр ҷолибанд.

## III. АНЪАНАҲОИ ҚАҲРАМОНИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДОСТОНҲО. КОВАИ ОҲАНГАР

Пораҳои бисёр қадими достонҳои эронии парокандаи қисматҳои гуногуни Авесто шоҳиди онанд, ки анъанаҳои достонсароӣ пеш аз зуҳури дини Зардуштӣ рӯи кор омадаанд.

Шароити ҷории он ҳазорсолаҳои бисёр дур аз мо ҷорӣ, дар корномаҳои чорводорон ва зироаткорони Осиёи Миёна тасвири худро ёфтаанд ва қаҳрамонию паҳлавонии эрониёни муборизи зидди девҳои афсонавии даҳшатангези молу ҷон, рамаҳо ва мардумашон суруда шудаанд.

Миёни он қаҳрамонон бо мардонагии баланди худ Геркулеси бостонии гузаштагони халқи тоҷик Киришоспа – Гаршоспи гурзбардори дорои нерӯи беҳамто фарқ мекунад. Гаршосп мегӯяд:

**«Ажи шохдор (шохвар)-ро кушт–**
**К-ӯ аспхору мардхор аст.**
**К-ӯ заҳролуду зард аст.**
**К-ӯро захр бувад ҷорӣ**
**аз бинӣ, з-ишкаму бушаш.--**
**К-ӯро захр бувад ҷорӣ**
**[Захри] зарди чанди як хис**
**К-ӯ бувад ҷорӣ бар Киршосп**
**К-ӯ ба ҳангоми чошт**
**Хӯроки чошти худ мепухт.**
**[Он] базаҳкор (яъне) Ажи шохвар**
**Овард арақ аз гармӣ**
**фароз ҷаҳид зи зери (ҳ) ован дег**
**Тарсид з-ӯ Наримон Киршосп**
**Оби ҷӯшон сар рафт [аз (ҳ) ован]**

**Яшти 19, 40**
**Яснаи 79, 11**
**Авесто, Зомёд Йашт (§ 40)**
**ва Йасна 19. 11**

Гуфтор андар ҷанги Киршосп бо махлуқоти дигари даҳшатноки шохдори сангиндаст, аллакай бозгӯи анъанаи шаклгирифтаи достонҳои қаҳрамонии халқи тоҷик аст. Ҳайвони даҳшатноки сангиндаст бо номи Сновидка орзуи ҳукмронӣ ба Кайҳонро мепарварад:

**«Ӯе, ки Сновидакро кушт –**
**ӯ шохвар (шохдори) оҳаниндастро**
**Ӯе, ки ба анҷуман чунин гуфта:**
**«Ман ҳанӯз нобурноям (нinfoболиғам);**
**агар ман бурно мегардам,**
**Заминро чархам кунам**
**Осмонро гардуна (а) м кунам,**
**Дар биё (ва) рам Спинта Майнйуро**
**аз [он] рӯшан Гаразмон**
**Аҳриманро бибардорам**
**аз он дӯзахи бад (парғуна);**
**Маро биоҳанҷанд гардуна**
**Спиноку Аҳра Минуиҳо**
**(Рӯҳи Сипенову рӯҳи бад – Аҳриман)**
**Агар ин Наримон Киршосп**
**Маро намекушад.»**
**[Вале] ӯро Наримон намекушад Киршосп кушт–**
**ҷонашро ситонд, торумораш кард.**

Авесто.Зомёд Йашт.
Йашт 43-44
(ва Йаснаи 19.11).[1]

Ба ҳамаи ин орзуи кайҳонро ғуломсозии ӯ Гаршосп хотима мегузорад. Яштҳои авестоӣ он ҳама қаҳрамонии дашту саҳрои Осиёи Миёнаро суруда, мегӯяд: Гаршосп, ки инсонест бо рӯҳи мардона нафаси зиндагиро аз ҳайвони даҳшатбори Сновидак барканд.

[1] Ин ду пораро бо хоҳиши тарҷумонҳо авастошиноси шаҳири тоҷик Бобо Назар Ғаффор аз забони асл, авестоӣ, тарҷума карданд.

Эрониёни Осиёи Миёна дар бораи шоҳи нахустинашон Ҷамшед таърихи афсонавие қисса мекунанд.

Аз рӯи ривоятҳои зардуштиён маҳз Ҷамшед дар кишвари бузурги худ ба оғози тамаддуни кишоварзӣ асос гузошт. Ӯ заминро ба чандин пора тақсим намуд ва мардумро оҳиста-оҳиста дар онҳо маскан дод. Яке аз он пораҳо аслан шудгор нашуда буд: «дар он ҷойҳо на ҳайвоноти хонагиро дидан имкон дошт, на одамонро ва на дигар чорпоёнро. Пораҳои дигари кишвари ӯ кайҳо шудгор ва аз ҷониби кишоварзон коркард дида буданд. Аммо зимистони сахте омад ва он гоҳ заминҳои Ҷамшед – «мамлакатро зимистони қаҳратун басо харобу валангор гардонид. Вай ба тамом зери барфи калон монда буд»– омадааст дар ривояте. Ҷамшед он гоҳ Вар – «ҷои бисёр васеи чаҳоркунҷа» сохт. Ва даруни он тухмаи ҳайвоноти хонагӣ, одам, саг, мурғ ва оташро ҷой дод. Варро устувор гардонид. Ҷамшед он ҷо сохтори обёриро кашида ва обро водошт, ки то таги қалъа ҷорӣ гардад. Дар шоҳигарии Ҷамшед «заминҳои ҳосилхез ҳамеша, ҳама гуна ашёи хӯрданиро фаровон ба бор меовард. Замине буд мисли биҳишт».

Дар яке аз Йаштҳои Авесто Ҷамшед чун сарваре, ки халқи бузургеро ба авҷи шӯҳрат расонида, роҳбари мамлакате, ки тамоми тухмиҳои киштбобро кошта ва бо ин кор бар Аҳримани асосгузори тамоми бадиҳои зиндагӣ ғолибомада, мурочиат мекунад. Нодастрасии маводи боварбахши хаттӣ имкон намедиҳад, ки ҳақиқати воқеии таърихии тавлиди ривояти авестоӣ дар бораи Ҷамшед собит шавад ва мо тавонем, ки тасаввуроти комил пайдо кунем. Комилан равшан аст, ки анъанаи ҳаммосии авестоӣ як зумра воқеот ва далелҳои марбут ба обу обёрӣ ва кишоварзиро ба тасвир гирифтааст.

Ҳеҷ ҷои ҳайрат нест, ки он ривоёт дигаргуниҳои бузурги Ҷамшедро, чун давраи ободониву фаровонии барҷастаи гузаштагони қадими халқи тоҷик ба тасвир мегиранд. Дар замони ҳукмронии ин подшоҳ ҳайвонот ҳеҷ талаф намеёфт; дар об, дарахтони мевагӣ, хӯрданиҳо камӣ набуд; ҳаво на сард буду на гарм; маргу мир ва қатлу куштор, васваса ва

фосиқӣ ҷо надошт; девҳо нест шуда буданд. Одамон зебову фараҳманд, гӯё ҳама 15 сола буданд ва фарзандон ҳама ҷо солим ба воя мерасиданд, Ҷамшеди падари халқҳо давлатро ҳамин гуна зебо идора мекард.

Аммо даврони рӯшану хушу хуррами ҷамшедӣ ба ҳукуматдории торики шоҳи аҷнабии Заҳҳок табдил гардид. Ин чӣ гуна рух дод? Яке аз ҳаммосаҳо аз байн рафтани салтанати Ҷамшедро чунин қаламдод кардааст, ки вай пас аз 600 солу 6 моҳу 16 рӯзи шоҳӣ ба сабаби ғурури худ «эътимоди худоёнро аз даст дод» ва ҳукуматро Заҳхоки номбурда ба даст овард. Сабаби дигари ба ҳақиқат наздик ин буд, ки авлоди Ҷамшед аз ӯҳдаи идораи мамлакат набаромаданд. Ин ба низоъҳои байнихудӣ (дохилӣ) ва кашмакаш бурда расониду Заҳҳок аз ин сӯистифода кард ва ҳукмрониро ба даст гирифт.

Замони истилои ин подшоҳи аҷнабии ишғолгар барои мардум пури азобу машаққат ва торикӣ буд. Авесто Заҳҳокро чун «худованди иззаталаби белаҷом» нафрин мекунад, махлуқи даҳшатбори секома, сесара, шашчашма, халқро бераҳмона азобдиҳанда ва ба сари халқ бадбахтиҳои бениҳоят азим оваранда, мегӯяд. Асотири хеле баъдтар ба зуҳур омадаи Заҳҳоки бандасози халқи тоҷикро Фирдавсӣ дар яке аз достонҳои «Шоҳнома» истифода бурдааст, ки на камтар аз эҷоди халқӣ афсонахезу даҳшатрез ба тасвир омадааст. Заҳҳок сурати одами одиро дорад, вале аз сари китфони ӯ ду мор сабзида баромадааст. Онҳоро бояд ҳар рӯз бо мағзи сари ду ҷавон таъмин кард. Ҳукмронии Заҳҳок ҳазор сол давом меёбад ва ҳар рӯз ду ҷавон дар дасти ҷаллод ҷон медиҳад ва мағзи сари онҳо хӯроки морони сари дӯши шоҳи одамхӯр мегардад.

Вале на ҳамаи эрониёни Осиёи Миёна бори зулми ин шоҳи аҷнабии истилогарро бо сари хам таҳаммул менамуданд. Қисме аз онҳо ғурбатро аз ғуломӣ авло дониста, рӯ ба гурез оварданд ва дар кӯҳҳо паноҳ бурданд. Ин саркашон ба ҷанги беамони зидди Заҳҳок омодагӣ гирифтанд.

Ривоятҳо номи эрониёнеро ба забон овардаанд, ки дар

мағораҳои кӯҳҳои дастнорас панох бурдаанд.[1] Номи ҳар кадоми онҳо хосияти худ ва ба дунболи ном ҳиссачаи «гав» маънои буққа (биниши хуб, рӯҳи некӯкор – тарҷ.)-ро дорад.Тарҷумаи онҳо чунин мешавад: «Сапедгав», (дорои биниши сафед – хуб – тарҷ.) «Сияҳгав», «Хашмоваргав», «Филгав». Байни онҳо мо номи Обтийон-Реми-Гава, ки маънояш «Гави ҷангӣ» аст, ва «Соҳиргава» – ро ба маънои «Ҳушёргав» дучор меоем. Вилояти дорои чорвои фаровон, ки дар Авесто бо номи Гава омадааст, дили Суғдиён ҳисоб меёфт. Аз ин ҷойҳо ба кӯҳҳо одатан, пеш аз ҳама, аҷдодони озодидӯсти халқи тоҷик мерафтанд. Бо сарварии яке аз авлоди Ҷамшед– Обтин онҳо бори аввал ҳаракати бебароре анҷом доданд, ки аз зулми Заҳҳок раҳоӣ ёбанд. Обтини «шикастхӯрда»-ву лек норӯҳафтода, ба шимол ақибнишинӣ мекунад. Вай дар набарди зидди Заҳҳок тарафдор меҷӯяд. Ва аз ҳар гуна имконият истифода мебарад, ки ба душман ҷасурона зарбаҳои ногаҳонӣ бизанад. Дар ҳамин давраи набардҳои хунини зидди душман, дар хонадони Обтин– писараш Фаридун ба дунё меояд, ки оянда ӯ торуморсози Заҳҳоки одамхӯр мешавад.

Дар яке аз ривоятҳо омадааст, ки Фаридунро барои тарбият ба дасти даҳмардае (чӯпоне) додаанд. Заҳҳок ба зиракӣ ӯро меҷӯяд, ки Фаридунро нобуд созад. Ва боре дараки ин даҳмардаро ёфта, ҳамаи говҳои ширдеҳи Фаридунро бо ҷӯши ғазаб сар мезанад. Вале ҳаракати куштани Фаридун бар абас меравад. Дар ҷанги Заҳҳок падари Фаридун– Обтин ба ҳалокат мерасад.

Муборизаи тӯлонӣ, вале бебарори авлоди Ҷамшед бо Заҳҳок танҳо ҳамон вақт бо ғалаба анҷом мегирад, ки кори халосиро аз зулму бедодгариҳои шоҳи одамхӯр худи халқ,бо сарварии Коваи Оҳангар, ки яке аз қаҳрамонони машҳури ҳаммосаи халқи тоҷику эронӣ ба ҳисоб меравад, ба даст бигирад. Мағзи 17 писари Коваро морони Заҳҳок хӯрда буд. Охи-

[1] Мисол, дар мағораи гунбазшакли Заравут ( Шерободи Сурхондарё) дар бурҷи боло, дар иҳотаи сурхпӯшон сурати гави сиёҳи бузурге тасвир ёфтааст. Ниг. «Энциклопедияи бузурги Шуравӣ. Тарҷ.

рин ва ҳаждаҳумин писараш боқӣ монда буд, ки ӯро ҳам гумоштагони шоҳи одамхӯр дастгир карданд. Коваи Оҳангар он гоҳ қарор дод, ки худаш рост ба лонаи даранда дарояд. Вай ба қасри Заҳҳок зада даромада бо қаҳру ғазаб мегӯяд:*

*Зи ту бар ман омад ситам бештар,*
*Занӣ бар дилам ҳар замон нештар.*
*Маро рӯзгоре чунин кӯж кард,*
*Диле беумеду саре пур зи дард.*
*Ҷавонӣ намондасту фарзанд нест,*
*Ба гетӣ чу фарзанд пайванд нест.*
*Ситамро миёну карона бувад,*
*Ҳам эйдун ситамро баҳона бувад.*
*Баҳона чӣ дорӣ ту, бар ман биёр?*
*Ки бар ман сиголӣ бади рӯзгор.*
*Яке безиён марди оҳангарам,*
*Зи шоҳ оташ ояд ҳаме бар сарам.*
*Ту шоҳиву гар аждаҳо пайкарӣ,*
*Бубояд бад-ин достон доварӣ.*
*Агар ҳафт кишвар ба шоҳӣ турост,*
*Чаро ранҷу сахтӣ ҳама баҳри мост?!*[1]

Суханони ҷасуронаи оҳангар Заҳҳокро ба ҳолати шигифтзадагӣ мегузорад. Ба хашм омада лаб фурӯ мебандад, вале Кова ҳанӯз дар пайи фошсозии ӯст:

*Шуморет бо ман бубояд гирифт,*
*Бад-он то ҷаҳон монад андар шигифт,*
*Магар к-аз шумори ту ояд падид,*
*Ки набвад зи гетӣ ба ман чун расид,*
*Ки морон-тро мағзи фарзанди ман,*
*Ҳамедод бояд ба ҳар анҷуман.*

---

* Дар нашри русӣ пораҳо аз «Шоҳнома» дар тарҷумаи М. Дяконов омадааст.

[1] Ҳамаи пораҳои «Шоҳнома» аз чопи нашриёти Беҳзод, Эрон, соли 1375 (ҳ.) гирифта шуд.(Тарҷ).

Пеш аз ба қасри Заҳҳок зада даромадани Коваи Оҳангар Заҳҳоки мордӯш дастуре дар бораи ҳукумати одилонаи худаш ба аъёну ашрофи дарбор пешниҳод карда, онҳоро маҷбур сохта буд, ки имзо гузоранд. Дар ин дастур шоҳи хуношому одамхӯр худро чун подшоҳи одилтарин муаррифӣ карда мегуфт, ки дар забонаш ғайри ростӣ ҷорӣ нест ва «замини шоҳигарии худро ҳама накӯи корида».

Заҳҳок ба хотири мустаҳкамсозии худ дар мамлакат фарзанди Коваи Оҳангарро озод мекунад ва пешниҳод менамояд, ки ба дастури сифатномаи ӯ имзо гузорад.

Аммо Коваи Оҳангар тобу тавони дурӯягиро надорад. Вай бо мӯҳтавои дастури Заҳҳок шинос шуда, онро пора-пора карда, бо қаҳру ғазаб дарбориёнро мазаммат намуд, ки дилу ҷони худро чӣ гуна зери по монда, ба ин дастури нанговар имзо гузоштаанд. Вай бо шитоб аз қасри Заҳҳок ба майдон мебарояд, ки мардумро зидди бедодгариҳои шоҳи аҷнабии ғуломсози халқ ба шӯриш даъват намояд.

*Чу Кова бурун омад аз пеши шоҳ,*
*Бар-ӯ анҷуман гашта бозоргоҳ.*
*Ҳаме бархурӯшиду фарёд хонд,*
*Ҷаҳонро саросар суи дод хонд.*
*Аз он чарм, к-оҳангарон пушти пой,*
*Бипӯшанд ҳангоми захми дирой.*
*Ҳамон Кова он бар сари найза кард,*
*Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард...*

Пешдомани чармини оҳангарии худро чун дирафши шӯриши халқӣ боло бардошта, Кова мардумро ба сӯи Фаридун хост. Фаридун ин парчамро зебу оро дода, чун валиаҳди қонунии тахти шоҳии Ҷамшед бар зидди Заҳҳок баромад. Набарди сахту хунрез бо ғалабаи халқ анҷом гирифт. Заҳҳок шикаст хӯрд, асир афтод. Фаридун ӯро дар синаи санги қуллаи кӯҳ занҷирбанд мекунад.

Достони шоҳи одамхӯр Заҳҳок ва Коваи Оҳангар яке аз саҳифаҳои мароқангези ҳаммосаи тоҷику эронӣ ба шумор

меравад. Вай намоёнгари он аст, ки тоҷикон аз замонҳои қадим анъанаи муборизаҳои қаҳрамононаро зидди душманони аҷнабӣ ва ғоратгар давом дода омадаанд.

Симои (образи) Заҳҳоки малъун, ки ёдовар шудем, ҳанӯз дар рӯзгори то Зардушт пайдо гардида буд. Ба сабаби набудани таърихи эътимодбахши хаттӣ афсона дар бораи он истисморгари нобакор ва ғуломсози халқ тӯли садсолаҳо, бо тафсилоти нав ба нав, бо воқеоти муайяни нави таърихӣ пайванд мегардад. Ба ин васила гирифтани ин нукта зарур аст, ки симои қаҳрамононаи Коваи оҳангар нисбатан хеле пасонтар ҷомаи ривоятӣ мепӯшад. Ин симо на танҳо дар достонҳои анъанавии авестоӣ, ҳамчунин дар ривоятҳои рӯзгори ҳукумати сулолаҳои шоҳони Парфиёнӣ–Ашкониён (соли 250-и то милод ва соли 225-и солшумории нав), ки як қисми Осиёи Миёна тобеи онҳо буд, вуҷуд надорад. Симои Коваи Оҳангар дар афсонаю ривоятҳои халқии охири асри VI дар солномаи барҷастаи шоҳони эронӣ «Худойнома» рӯ мезанад. Ва агар ривоятҳои муборизаи авлоди шоҳ Ҷамшед бо Заҳҳокро таъкиди махсусияти ворисии шоҳии ин аҷдод ғараз бошаду онро доираи ашрофи қабилаӣ ва ғуломдори эронӣ бофтааст, он гоҳ ба симои Коваи Оҳангар бо чашми тамоман дигар нигаристан лозим меояд. Симои Коваи оҳангар миёни оммаи васеи халқ, чун пайкараи нотакрор падид омада, таҷассумгари таҷрибаи дуруст фаҳмидаи муборизаю пайкори халқ бо қатор-қатор истилогароне чун Заҳҳок буда, таъкид медорад, ки маҳз ҷунбиши оммаи васеи халқ такондиҳандаи ҳамон табаддулоте буд, ки дар натиҷаи он ҳукумати ғоратгаронаи одамони Заҳҳок барҳам хӯрд.[1]

[1] Афсонаи шоҳи золим, Заҳҳоки истилогари асрҳои гузаштаи дур то ҳол дар эҷоди шифоҳии халқи тоҷик мавқеи намоён дорад. Қайд намудан мароқовар аст, ки 2, 5-3 километр дуртар аз Қаршӣ (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) харобаҳои қалъаи қадиме вуҷуд дорад, ки ба тоҷикӣ «Қалъаи Заҳҳоки морон» меноманд. Шаклаш рости чаҳоркунҷа буда, тарафҳояш якуним километр тӯл мекашад.(Шарҳи онҳо дар мақолаи Л.А.Зимина «Нехшеб,Несеф,Карши» (ниг. маҷмӯаи ба Бартолд бахшида, Тошкент, 1926) оварда шудааст.

# IV. АНЪАНАҲОИ ҚАҲРАМОНИИ ТОҶИКОН ДАР СИЛСИЛАДОСТОНҲОИ РИВОЯТИИ РУСТАМ – ПИСАРИ ЗОЛ

Мо андешаҳои авестоиро ҳамчун андешаи сифатгари заҳмати кишоварзӣ маънидод намудем.Ғалат мебуд агар мо фикр мекардем, ки моҳияти он танҳо дар ҳамин аст. Дини зардуштӣ, ба мисоли ҳамаи динҳо, тавре ки гуфтаанд, барои мардум «афюн аст» ва ҳамчун силоҳи синфи истисморгар истифода шудааст. Рӯҳониёни зардуштӣ барои зери асорат гирифтани омма хурофоти дағалонатаринеро илова карда буданд, ки ҳар як саҳифаи Авесто метавонад ба он шаҳодат бидиҳад. Бо ин ҳама дар он китоб рӯҳи озодихоҳонаи гузаштагони бостонии халқи тоҷик, мардонагӣ ва истодагарии онҳо зидди душман инъикос ёфтааст. Авесто эътиқодмандони худро натанҳо ба заҳмати осоиштаи зироаткорӣ даъват менамуд, инчунин онҳоро дар рӯҳи қаҳрамониҳо бар зидди душманони бешумор тарбият мекард. Дини зардуштӣ дини кишоварзони сулҳпарваре буд ва дар айни ҳол сарбозони ҷавонмард ва нотарсро ба воя мерасонд. Як силсила яштҳои (гимнҳои) Авесто мардонагӣ ва қаҳрамонии сарбозонро тараннум менамояд. Яке аз худоёни барӯманди маъбадҳои авестоӣ худои офтобу рӯшноӣ–Митра аст, ки моҳиятан ҷанговари бемонанд, абарқудрат, ҳимоятгари муборизони роҳи ростӣ ва бахшояндаи ғолибияти онҳо ҳисоб меёбад. Симои Митраи авестоиро дар сурати ҷанговари кулоҳхӯди нуқраӣ дошта, дар ҷавшани тилоӣ, зӯру тавоно ва ҷасур, савори аспи сафед мебинем. Дар дасти ӯ шашпари саддандонаи нурафкан – силоҳи аз ҳама қавӣ ва ғолиб бар ҳама. Митраи гардунасавор ҳазорон тирро аз камони устокорона сохташуда ба само меандозад, ки зеҳи он аз рагу пайи барзагов аст. Митра доҳии абарқудрат ва тавоно, ҷамъоварандаю тамриндиҳандаи лашкар барои набард, сафшикани ҳар гуна душман аст. Вақте ки ӯ бо гардунаи дучархаи самовии худ гардиш мекунад, чаҳор аспи сафеди дурахшони ӯ бо суръати бод ҳаракат дораду пешопеши он Худои ғолибият – Варахрани (Вэрэтрагна) бузург асп медавонад.

Чӣ душманоне буданд, ки Авесто лашкари гаравандагони

худро ба ҷанги онҳо сафарбар менамуд? Инҳо пеш аз ҳама, ҳамон қабилаҳои кӯчие буданд, ки бо ҳамлаҳои ғоратгарона ба воҳаҳо, ҳосили зироаткоронро ба харобӣ мекашиданд. Онҳо тӯрониёне буданд, ки сардорашон Арҷосп ном дошт ва ӯ зидди шоҳи Бохтар Виштосп мубориза мебурд ва Авесто ӯро «ромкунандаи бузурги асп» мегӯяд.

Муборизаи бохтариҳо бо сарварии шоҳ Виштосп зидди тӯрониёни кӯчӣ баробари қабули дини навин ба худ тобиши динӣ гирифт. Зардушт гаравандагони динашро даъват менамуд, ки «Тӯрониёнро шукӯҳмандона мағлуб кунед». Вай дар симои Арҷосп Аҳриманро мебинад ва мегӯяд: «Ин бузурги девҳо аз ҷониби шимол, аз сарзаминҳои мухталифи шимол, ана аз кадом сӯ, ин лабрези марги аҳриманӣ тохтутоз дорад».

Баъзе ховаршиносон (мисол Блоше) истилоҳи Тӯрро (Тӯрон) бо туркҳо айният медоданд. Ин гумон аз он сабаб ба миён омад, ки шурӯъ аз асрҳои X-X1, дар навоҳии Осиёи Миёна, ки майдонҳои ҷуғрофии ҳаммосаҳои қадими эрониён ҳисоб мешуданд, қабилаҳои туркнаҷод вазъу мавқеи ҳукмрониро соҳиб шуданд. Барои чунин гумон ҳамоҳангии истилоҳҳои «тӯрониён» ва «туркҳо» боис гардиданд. Дар натиҷа тасаввуроте падид омад, ки дар замони қадим ҳам гӯё ҳамон қабилаҳои туркнаҷод, ки то ҳол ҳудудҳои зиёди онро дар ихтиёр доранд, сукунат дошта бошанд.[1]

Ғалат будани чунин нуктаи назар ҳоло дақиқу равшан исбот шудааст. Маълумоти солноманависони Чин, мутааллиқ ба асрҳои II то милод, шаҳодат медиҳанд, ки дар ин марҳала аҳолии Осиёи Миёна аз Фарғона то Парфия бо шеваҳои гуногуни ҳамон як забон гап мезаданд, якдигарро хеле хуб мефаҳмиданд.[2] Он аҳолӣ, чӣ кӯчӣ ва чӣ сокин,

---

[1] Шарқшиноси фаронсавӣ Блоше ҳатто кӯшидааст, ки номи туркҳоро аз саҳифаҳои Авесто пайдо намояд. Нигаред ба мақолаи ӯ Journal of the Royal Asiatic society, 1915, саҳ.305-308.

[2] «Аз Даван (Фарғона) ба Ғарб то Анси (Парфия) ҳарчанд ба шеваҳои гуногун гап мезананд, вале аз рӯи одат ба ҳам хеле монанд буда, дар гуфтугӯ якдигарро хуб мефаҳманд. Одамон умуман чашмони фурӯрафта ва риши ғулӣ доранд». (И.Бичурин, Собрание сведений о

танҳо ба халқҳои эронӣ мансубият доштанд. Ва ҳақиқати ин ҳолро метавон аз худи мундариҷаи ҳаммосаи эрониён дарёфт. Яке аз қаҳрамонони ба мо шиноси он ҳаммоса Фаридун аст, ки ҳокимиятро аз дасти Заҳҳоки ғосиб зада гирифта, байни фарзандонаш тақсим намуд. Ду тан аз онҳо номҳои Эраҷ ва Турро доранд. Ривояте тасдиқ менамояд, ки номи Эрон аз номи аввалӣ – ва номи Тӯрон аз номи дигарӣ баромадаанд. Албатта, ин маънидоди асотирӣ ҳеҷ умумияте бо ҳақиқати таърихӣ надорад, вале иртиботи бародарии байни Эраҷу Тур, ки дар ривоят оварда шудааст, аз он далолат мекунад, ки эрониёни қадим аз нигоҳи ирқият худро ҳаргиз зидди тӯрониён нагузоштаанд. Набардҳои мудҳиши байни эрониёну тӯрониён, ки дар ҳаммосаи Фирдавсӣ пурра ва муфассал оварда шудаанд, пеш аз ҳама мубориза байни ҳамдигарии бародарони эронии сокину кӯчӣ ҳисоб мешуданд.

Дар муборизаҳои ҳеҷ гоҳ рӯи оромӣ надидаи воҳаҳои Осиёи Миёна ба сабаби тохтутозҳои кӯчиён, анъанаҳои қаҳрамонии гузаштагони қадимии тоҷикон ба вуҷуд омаданд ва устувор гардиданд. Дар ин муборизаҳо мардонагию қатъияти халқ обутоб мейёфт, ки дар набардҳо бо душман ҳар лаҳза омода бошад, дар ҳимояи ватани худ ба ҷанг даромада, зарбаҳои марговар ворид созад, озодӣ ва истиқлолияти худро фидокорона ҳифз намояд. Саҳифаҳои ҳаммосаи қадими тоҷику эронӣ инъикосгари акси садои образҳои барҷастаи қаҳрамонон ва ҳамаи набарду хунрезиҳост, ки хоҳу нохоҳ миёни зироаткорони воҳаҳо ва саҳроҳои кӯчӣ рух медоданд.

Ҳаммоса барои халқи тоҷик махсусан наздик ва фаҳмост ва он, пеш аз ҳама, ба ин сабаб ки қаҳрамониҳои онҳо дар Осиёи Миёна рӯи кор меомаданд ва майдони набардҳои Эрону Тӯрон ҳисоб мешуданд. «Эҷоди ҳаммоса, ба таври адабӣ таҷдиди назар кардани оҳангҳои ҳаммосӣ ва нисбат

---

народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Қисми III, с.22). Дар ин бора боз нигаред ба Laufer, sino-iranica, саҳ.212-и рисолаи В.Григорьев «О скифском народе саках» СПБ, 1871, саҳ.86.

додани онҳо ба шахсиятҳои муайяни таърихӣ дар қисмати шарқии Эрон пиёда шуда, яъне, дар Осиёи Миёна сурат гирифта буданд. Ҳамин ҳолро рӯшантар аз ҳама мумтозтарин донишманди таърихи Осиёи Миёна В.В. Бартолд[1] ба исбот расонидааст. Аз ишораҳои худи Фирдавсӣ мо дарк мекунем, ки як қисми гуфтор дар бораи қаҳрамони барҷастаи ҳаммосаи эронӣ– Рустам, писари Зол, аз забони як нафар, ки Серн, ном дошта, дар Марв, дар хонаводаи як деҳқони марвӣ зиндагӣ мекардаасту ҳамзамони аввалин Сомониён будааст, оварда шудааст. Аз суханони Фирдавсӣ мо инро ҳам дармеёбем, ки дар ҷамъоварии маводи эпоси қадимии эронӣ деҳқонони Мовароуннаҳр[2] низ ширкат варзидаанд. Ҳамчунин маълум аст, ки дар байни ҳуҷҷатҳои суғдии Музеи Британия, ки Рейхелт[3] нашр кардааст, порчае ба забони суғдӣ мавҷуд аст, ки дар «Шоҳнома» вонамехӯрад ва он лавҳаи набарди Рустаму Рахш бо шерҳо – девҳо дар кадом як ҷангалистон мебошад.

Ва боз, дерзамоне то рӯзгори зиндагии Фирдавсӣ миёни тоҷикон афсонаю ривоятҳои дигаре низ буданд, ки ӯ онҳоро дар «Шоҳнома» озодона истифода кардааст. Наршахӣ, таърихшиноси асри X, ки навиштааш дар бораи таърихи Бухоро хеле машҳур аст, мерасонад, ки масалан, дар ин маркази қадимтарини маданияти эронӣ халқ андар қисмати Сиёвуши писари Кайковус, нишидҳое (сурудҳои вижа) эҷод карда буданд. Вай аҳдшиканона бо ҷӯши ғазаби душмани қаттоли эрониён – шоҳи Тӯрон Афросиёб [4] ба қатл расонда шуда буд. Он нишидҳоро ба оҳангҳо даровардa буданд ва «Нолаи муғон» ва ё «Хунбаҳои Сиёвуш» ном доштанд.

[1] Нигаред ба асари ӯ: «К истории иранского эпоса», Петроград, 1915, боби «Восточно-Иранский вопрос» в «Известиях Российской Академии Истории материальной культуры», ч. 2, 1922.
[2] Мовароуннаҳр – номи арабии вилоятҳои мобайни ду рӯди бузург – Ому ва Сир аст.
[3] H. Reichelt.Die Soqdichesen Handschriftenreste II, 1932, саҳ.62.
[4] Далеле ҷолиби диққат аст, ки то солҳои охир барои мардуми тоҷики маҳаллии Бухоро қабри Сиёвуш, ки дар арк воқест, мавриди эҳтироми хосса қарор мегирад. Сиёвуш яке аз қаҳрамонони дӯстдоштаи афсонаву ривоятҳои бухороиён аст.

Тасодуфӣ нест, ки қаҳрамонони ҳаммосаи эронӣ ва пеш аз ҳама Рустам, ки аз ҳама гуна душмани ғаддор тарсу ҳаросе надошт, то ҳол барои коргару деҳқони тоҷик намунаи ибрати хидмати содиқона ба халқу Ватан ҳисоб мешавад. Симои Рустам онҳоро дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан илҳом мебахшад ва ба меҳнати пурсамар даъват менамояд. «Ё Рустам, мадад бинмо!»– мегӯяд деҳқони тоҷик, вақте ки ба ягон кори бисёр муҳиму бошараф даст мезанад ва ё ягон бори вазнинро ба дӯш гирифтанӣ мешавад.[1]

Аҷдоди Рустам ва худи Рустам чун симои марказии қисмати ривоятии ҳаммосаи earониён, баъди дар низову кашмакашҳои оилавӣ аз тарафи писарони Фаридун – Салм ва Тур кушта шудани фарди беш аз ҳама дӯстдоштаи ӯ – Эраҷ ба арсаи набардҳо кашида мешавад.

Яке аз ҳамсарони Эраҷ, ҳангоми қатли ӯ ба дасти бародаронаш ҳомиладор буд ва духтар таваллуд кард.

Баъди балоғат он духтар ба яке аз ҷиянҳои Фаридун ба шавҳар дода шуд. Вай писаре таваллуд кард, ки Манучеҳр ном гирифт. Ва ӯ ситонандаи қасоси Эраҷ гардид. Дар яке аз маҷлисҳояш Фаридун ба ҳозирин Манучеҳрро шинос менамояд ва ӯро барои тарбият ба дасти Соми паҳлавон – писари Наримон– соҳиби Сиистон месупорад. Тарбияи шоҳзодаи ҷавон зуд ба дасти писари Сом – Зол мегузарад. Зол ва писараш Рустам ба такягоҳи асосии шоҳони Эрон, дар мубориза онҳо бар зидди душманони беҳисоби мамлакат ва халқ, мубаддал мегарданд.

Ҳаёти Рустам пур аз қаҳрамониҳои ғайриодист. Паҳлавони бемисли оянда, ҳанӯз дар раҳми модар ба андозае расид, ки таваллуди муқарраиаш амри муҳол гардид ва зарур шуд, ки ӯро бо роҳи ҷарроҳӣ аз батни модар бигиранд. Кӯдаки навзод аз шири даҳ доя базӯр сер мешуд. Рустам ҳанӯз даҳсола набуд, ки якумин қаҳрамонии ӯ овозаи мардум шуд. Яке аз филҳои ҷангии падараш – фили сафеди азимҷусса девона гашт. Ҳар ҷони зиндае аз ӯ ба воҳима аф-

[1] Рустам миёни тоҷикон чунон машҳур аст, ки ҳатто як номи тирукамон (ё рангинкамон) бо номи ӯ «Камони Рустам» номгузорӣ шудааст.

тода роҳи гурез мегирифт ва ё зери пояш монда мемурд. Рустам бо шашпари ҷангӣ бо фили аз худ рафта рӯ ба рӯ мебароянд ва бо зарбае сари филро мешиканад…

Ҳеҷ аспе паҳлавони ҷавонро бардошта наметавонад. Бо мушкилоти зиёд аз миёни галаи аспи бешумори падараш, аспи пурзӯру тавоноеро барои худ интихоб мекунад, ки ҳанӯз ром нашуда буду ҳеҷ ромкунандаеро низ наздики худ намемонд ва он Рахш ном дошт. Баъд аз он ки Рахш кӯшиши аз пушт андохтани Рустамро бефоида дарёфт, ба иродаи Рустам тан дод ва то охири умри Таҳамтан ҳамбозӯи бовафои набардҳои ӯ гардид.

Рустам аз ҳама хавфу хатар беҳарос мегузашт, тамоми умр бо душманони даруниву берунии Ватан мубориза ю пайкори беамон мебурд. Байни ин душманон на танҳо одамон, ҳамчунин девҳо – нерӯҳои хашмовари торикию зулмот, ҳайвоноти даҳшатбори барҳамзани инсон ҳастанд. Волидайни Рустам ба яке аз ҳамин гуна девҳои бадвоҳима боҷ медоданд. Аз ин хабардор шуда, Рустам пинҳонӣ аз волидон, ба ҷанги дев мебарояд, ӯро мағлуб ва дасту пояшро занҷирбанд карда, назди падараш меоварад. Рустам инчунин дар Мозандарон – ҷангали ёбоии кӯҳсор, ки дар соҳилҳои ҷануби баҳри Хазар воқест, деви сафеди даҳшатафкани кӯрсози одамонро ба ҳалокат мерасонад. Ҳамчунин ӯ бо ҷасорат зидди аждаҳои бадҳайбати нобудсози рамаю одамон мебарояд. Вай тире аз камони худ рост ба чашми аждар зада, ӯро аввал кӯр месозад ва баъдан бо шамшераш қалам-қалам мекунад. Вай бо девпайкаре (великан), ки ҳатто паҳлавоне чун Рустам назди он мисли кӯдаки хурд метофт, ба ҷанги тан ба тан мебарояд ва ғолиб меояд. Як пораи устухони он девпайкар кофӣ будааст, ки рӯи рӯди азиме кӯпрук бошад.

Гуфтор андар корномаҳои Рустам бо махлуқоти афсонавӣ, албатта, тасвири ҳамон набардҳои эрониёни Осиёи Миёна бо кӯчиёни Тӯрон аст, ки мо дар ин бора таваққуф кардем. Ин ҳама пайкор, ки дар ҳаммосаи Фирдавсӣ акс ёфтаанд, қариб ки саросар воқеианд. Инак, як лавҳаи пайкори Рустам бо душмани ғаддор, фиребгар, бераҳму маккори ба ҳама гуна сиёҳкорӣ омода:

Тӯрониёни дармондаи мағлубсозии эрониён дар ҷанги тан ба тан, мехоҳанд, ки онҳоро хоинона фиреб дода, ногаҳонӣ зарба зананд. Сарлашкари тӯрониён – Пирон бо фиристодагони шоҳи Эрон – Кайхусрав роҷеъ ба сулҳу дӯстӣ гуфтушунид дошт. Вале ин гуфтушунид танҳо барои дар ғафлат монондани эрониён буд. Дар ҳамон лаҳзаи гуфтушунид, сарлашкари маккори тӯрониён, тарафи ҳокими Тӯрон–Афросиёб саворае фиристода талаб мекунад, ки ба муқобили Эрон лашкари беҳисоб ба роҳ андозад. Афросиёб дар иҷрои ин хоҳиш таъхир накард. Дар шароити барои эрониён хеле номуносиб онҳо маҷбур буданд ба ҷанг бидароянд.

**Дурӯя сипаҳ андар омад чу кӯҳ,**
**Саворони туркону эронгурӯҳ.**
**Чунон шуд зи гарди сипоҳ офтоб,**
**Ки аз тирагӣ рафт чашмаш ба хоб.**
**Дурахшидани теғу рӯину хишт,**
**Ту гуфтӣ шаб андар ҳаво лола кишт…**
**Замин, гуфтӣ, аз хун майистон шудаст,**
**Зи найза ҳаво чун найистон шудаст.**
**Басе сар гирифтори ҳамми каманд,**
**Басе хор гашта тани арҷманд.**
**Кафан ҷавшану бистар аз хуну хок,**
**Тани ноздида ба шамшер чок[1].**

Дар натиҷаи фиребу найранг ва ба кор андохтани лашкари беҳисоб тӯрониён маҷбур месозанд, ки лашкари эрониён ақиб нишинад. Шабҳангом, асное, ки дар бошишгоҳи тӯрониён ба шарафи ғолибият, садои чангу рубоб баланд буд, эрониён маҷрӯҳонро аз майдон бароварда, барои худ дар домани кӯҳи Ҳамованд истеҳкоми мусоид гирифтанд. Онҳо савораеро барои Рустам фиристода, аз вазъи танги худ хабар доданд ва ёрии ӯро мунтазир шуданд.

Ҳангоме лашкари ғолиб эрониёни маҷбури ақибнишинӣ

[1] Шоҳнома. саҳ. 230

ва захираи хӯрокашон ба охир расидаро фаромӯш карда, ба айшу нӯш машғул буданд, саркардагони лашкари Эрон Тӯс ва Гударз шабохуни бебоконае ба кор бурданд. Онҳо нисфишабӣ ба лашкаргоҳи кӯчиёни нимхоб ҳамлавар шуда, талафоти калон ворид намуданд. Ба як сарбози эронӣ садҳо ҷанговари кӯчиён рост меомад. Лашкаркашони тӯронӣ воҳимаро нишонда, ба лашкари эронӣ ҳамла оварданд:

*Баромад хурӯшидани карраной,*
*Ба ҳар сӯ бирафтанд гурдон зи ҷой.*
*Гирифтандашон яксар андар миён,*
*Саворони Эрон чу шери жаён*[1]

Ҷанги сахт то субҳидам давом кард. Вақте ки офтоб баромад, гурдону паҳлавонони эронӣ дубора ба кӯҳ бозгаштанд. Ва дар ҳамин вақт сарлашкари тӯрониён Пирон хабар меёбад, ки ба ёрии ӯ гурӯҳҳои нав ба нави ёрирасони Афросиёб расидан доранд:

*Нахустин сипаҳдор – хоқони Чин,*
*Ки тоҷаш сипеҳр асту тахташ замин.*
*Сипоҳе, ки дарёи Чинро зи гард,*
*Кунад чун биёбон ба рӯзи набард.*
*Яке меҳтар аз Мовароуннаҳр дар,*
*Ки бигзард аз чархи гарданда сар.*
*Танаш зӯр дорад ба сад наррашер,*
*Сари жандапил андар орад ба зер…*

Ғайри Комус ба лашкари тӯрониён дигар паҳлавонони кӯшонӣ низ ҳамроҳ мешаванд, аз ҷумла Ашкбӯси бадхашм ба онҳо мепайвандад. Гударзи сарлашкари ба мӯяш сафедӣ афтодаи эрониён аз қуллаи Ҳамованд назора мекунад, ки ба бошишгоҳи душман чӣ гуна қувваҳои нав ба нав ҳамроҳ мешаванд.

Аз чанги бархостаи лашкари тӯрониён осмон тира шуда,

---

[1] Ҳамон ҷо. саҳ. 236.

миёни он ҳама чангу ғубор офтоб гоҳ-гоҳе ба чашм метобад.

Гударзи ноумед аз қулла фуруд омад, ки пеш аз набарди охирин гурдону паҳлавонон, наберају писарони худро ба оғӯш кашад.

Пешвои тӯрониён – Пирон бо тантана эълом медошт:

*Ба Эрону Тӯрон абар хушку об,*
*Набинед ҷуз номи Афросиёб...*[1]

Дар ҳамин лаҳзаи барои эрониён тангу тор пештозҳои лашкар ба Гударз хабар медиҳанд, ки лашкари беҳисоб, таҳти раҳнамоии Рустам, бо дирафши сурати шеру аждаҳодор, бошиддат ба кӯмаки як каф диловарони эронии дар иҳотамонда, мешитобанд.

Ҷанговарони Рустам сари вақт ба истеҳкоми эрониёни муҳосирашудаи кӯҳи Ҳамованд расиданд. Барои Рустам ҳанӯз оқибати муборизаи дар пеш истода маълум набуд. Вай ба қуллаи Ҳамованд боло шуда, ба сафҳои лашкари беҳисоби Афросиёб нигарист:

*Бад-он кӯҳ сар монд Рустам шигифт,*
*Ба баргаштан андеша андар гирифт.*
*Ҳамегуфт: То ман камар бастаам,*
*Ба як сол як ҷой наншастаам!*
*Фаровон сипаҳ дидаам пеш аз ин,*
*Надидам, ки лашкар будӣ беш аз ин!*[2]

Мувофиқи одоби ҷанг лашкари Эрон бо урдуи Тӯрон аввал паҳлавонону гурдон ба ҷанги тан ба тан даъват мешуданд. Барои ҷанг Ашкбӯси бузурги кӯшонӣ қасдан гурдону паҳлавонони эрониро талаб мекунад. Дили Рустам ба ҷӯш меояд, вале ӯ ҳоло наметавонист ба ҷанг барояд. Зеро барои ин ки зудтар кӯҳу кӯталҳоро паси сар бикунанд, лозим буд,

---

[1] Шоҳнома, саҳ. 240.
[2] Шоҳнома, саҳ. 247.

ки суръатро беш аз се баробар тезонад.Ба сабаби ҳаракати тез, наълҳои аспи вафодораш Рахш, дар роҳ титу пора шуданд. Дархости паҳлавони кӯшониро Руххоми номвар қабул мекунад, вале мағлуб мегардад. Аммо дигар касе аз паҳлавонони эронӣ набуд, ки ҷуръати бо Ашкбӯс зӯрозмоӣ кунад. Дар ин вақт ба ҷанги Ашкбӯси рӯи зин мисли кӯҳи азим нишаста, Рустами тиру камон рӯи даст, пиёда ба майдон мебарояд. Паҳлавони бемисли кӯшонӣ бо дамдамаю ҳамҳама пеш меояд ва ба ғалабаи худ бегумон бовар дорад. Нахустин тири Рустам ба сари синаи аспи ӯ мерасад. Ӯ маҷбур шуд пиёда набард кунад, вале бо тири дувуми Рустам худи кӯшонӣ хок лесид.

Лашкаркашони тӯронӣ дар ҳайрату ҳарос афтода, аз сари синаи Ашкбӯс тирро берун кашида диданд, ки вай аз тири ба аспи ӯ расида тафовуте надорад ва андозаи тир баробари найза аст. Сипас, паҳлавони беамсоли тӯронӣ – Комус бо гурзи гароне, девонавор гурдону паҳлавонони эрониро ба майдон хост. Вай қасоси Ашкбӯсро ситонданӣ ва бо ғазаби тамом ҷанговари пиёдаеро, ки Ашкбӯсро мағлуб гардониду тӯрониён кӣ будани ӯро намедонанд, ба набард мехонад. Аммо касе аз ҷониби эрониён талабгори вай шуда натавонист:

*Або ӯ касеро набуд тоби ҷанг,*
*Ки эшон чу оҳу буданд, ӯ паланг.*

Алва ном сарбози найзадори Рустам хост бо паҳлавони пурғазаби кӯшонӣ қувва озмояд, вале дар задухӯрди пурдаҳшат ҳалок гардид. Комус ӯро бо найза аз рӯи зин бардошта ба замин зад – зери суми аспи худ андохт.

Рустам аз ҳалокати найзадори худ Алва ба ҳаяҷон омад. Ва бо суръати тир сӯи девпайкари кӯшонӣ парид ва бо арғамчину гурз ҳамлавар гардид. Зери пояш акнун Рахши вафодораш буд. Шамшери Комус ба сари Рустам дурахшид, вале ҳангоми дурахшидан нӯги он андак буни гардани Рахшро харошида гузашт. Рахш беосебу Рустам низ. Банде ки Рустам меандозад, ба гардани Комус меафтад. Паҳлавон

мекӯшид бо эҳтиёткорӣ худро аз ҳалқаи банде, ки то рафт сахттар кашида мешуд, раҳо созад. Вай дар ним нафас аз ҷони худ даст шуст. Рустам дастони Комусро бандпеч кардаву ба лашкаргоҳ овард, ки дар назди мардум ҷазо диҳад.

Тақдири набардро ҳалокати беҳтарин гурдону паҳлавонони лашкари Тӯрони барои харобсозии Эрон омадаи Афросиёб ҳал кард. Онҳо майдони набардро аз ҷасади мурдагон пур карда, шармандавор раҳи фирор ба ҷониби шарқ гирифта, ба сӯе рафтанд, ки аз он сӯ омада буданд.

Ҳамин тавр, лашкари Эрон бо сарварии Рустам тӯрониёнро маҷбур намуд, ки ҳазорҳо кушта дар баҳои аҳдшиканӣ диҳанд, ҳаёти ҳазорон ба бод дода шуданд. Тамоми кӯшиши онҳо барои харобу валангорсозии шаҳру деҳоти гулгулшукуфони Эронзамин бебарор анҷом гирифт. Рустам тӯрониёнро пай дар пай зарбаҳои марговар мезанад. Пас, душманони зарби хокутуробсози ӯро хӯрда дигар ҷасорат надорад, ки ба кишвари ӯ ҳуҷум кунанд.

Рустам дар набарди тан ба тан тавоно ва мағлубнопазир буд, дигар паҳлавоне ҳам вуҷуд надошт, ки ҷуръати бо ӯ баробарӣ кунад. Душманонаш аз ҷангҳои рӯ ба рӯй тарсида мехостанд зарбаи хоинона зананд. Ӯро бахусус шоҳи Кобул чашми дидан надошт. Вай роҳҳои ба ҳалокат расондани Рустамро ҷуста, бародарандари ӯ Шағодро харида мегирад ва ӯ сари роҳи Рустам чиҳил чоҳ меканад ва даруни чоҳҳо шамшерҳои тезу найзаҳо бо теғҳо рӯболоро мегузорад. Хоин рӯи чоҳҳоро хаспӯш намуда Рустамро рост ба сӯи марг мебарад.

...Паҳлавони эронӣ ба яке аз чоҳҳо меафтад ва ҷароҳати марговар мебардорад. Бо ин ҳама Рустами хунполо тамоми қувваи худро ҷамъ намуда, зархариди ифлоси шоҳи Кобулро мекушад. Рустам дар даст камоне дошт, ки тамоми умр ҳамроҳаш буд. Вақте ки Рустам ба чоҳ меафтад, фиреби Шағодро пай мебарад ва марги худро ҳис карда ба Шағод мегӯяд, ки ба ӯ чанд дона тир диҳад, то ҷисмашро аз дарандагони хомталошгараш пеш аз марг, халос гардонад. Шағод чанд дона тир медиҳад. Рустам яке аз тирро ба зеҳи камон гузошта, диди Шағод мекунад. Шағод тарсида даруни чи-

нори азиме пинҳон мешавад. Вале Рустам бори охир камонро мекашад. Камон ва торҳо ба садо меояд ва тири Рустам чинори дарунтиҳиро шикофида Шағодро ба дарахт медӯзад...

Мо гуфта будем, ки корномаҳои Рустам барои тоҷикон ҳамеша намунаи ибрати хидмати фидокорона баҳри Ватан будааст. Симои Рустам имрӯз ҳам онҳоро баҳри муборизаи беамони зидди барбарони фашистӣ илҳому боварӣ мебахшад. Нома ба ҷанговарони тоҷик аз халқи тоҷик,[1] ки соли 1943 ба ҷабҳа фиристода шуда буд, суханони Рустами Таҳамтанро ба ёд меоварад, ки пеш дар яке аз набардҳояш бо паҳлавонони Тӯрон, гуфта буд:

*Бар ин дашт агар вижа танҳо манам,*
*Ки бо гурзу бо Рахшу бо ҷавшанам,*
*Набошад пас андеша з-Афросиёб,*
*В-аз он лашкари гашну чандон шитоб.*
*Бар-ин дашти кина гар аз мо якест,*
*Ҳама хайли Тӯрон ба ҷанг андакест…*

[1] Нома ба ҷанговарон-тоҷикон аз халқи тоҷик, нигаред рӯзномаи «Правда» аз 20 марти с. 1943.

## V. ГУЗАШТАГОНИ ҚАДИМИ ХАЛҚИ ТОҶИК ЗИДДИ ИШҒОЛГАРОНИ МОДИЮ ФОРСӢ. КУРУШ ВА МАЛИКА ТОМИРИС. РИВОЯТИ ШЕРАКИ ЧӮПОН

Сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи вазъи рӯзгори тобеъсозии сокинони қадими тоҷики Осиёи Миёна – Бохтар, Суғд ва ғайра, нахустдавлати мутамарказиі ҷаҳонии асри VI–и то милод, ки Куруш шакл додааст, маълумоти хеле ноқис медиҳанд. Ва маълумоте ҳам ки мо дар даст дорем, далолат мекунанд, ки тобеъсозии Осиёи Миёна ба ҳукумати форсҳо бо муборизаҳои сахту хунин ҳамроҳ будааст.

Куруш ҳукмронии худро дар Форс ва Мод барқарор намуда, барои ишғоли мамлакатҳо якчанд лашкар мекашад ва ҳукмронии худро дар Финикияву Фаластин ҷорӣ менамояд. Бобул – қадимтарини маркази мадании Месопотамия (ҳоло Курдистон)-ро гирифта, онро пойтахти давлати худ қарор дод. Куруш пеши худ вазифа гузошт, ки қабилаҳои эронии Осиёи Миёнаро ба итоати худ дарорад.

Гузаштагони қадими халқи тоҷик зидди ишғолгарони хориҷии ба мамлакати онҳо зада даромада, муқобилияти сахт нишон доданд. Ба муқобили форсҳо на танҳо аҳолии тахҷоии зироаткори воҳаҳо, инчунин кӯчиёни Осиёи Миёна низ бархостанд. Дар бораи сангинии ин набардҳо ҳикоёти таърихнависи Юнон Ҳеродод шаҳодат медиҳад. Ҳеродот ҳикоят мекунад: – Лашкари Куруш ба саҳроҳои қабилаҳои кӯчии эронӣ, ки онҳоро юнониён массагетҳо меноманд, чунон зулму бедодгарӣ карданд, ки аз ҳеҷ гуна ҳила ва бераҳмӣ рӯ натофтанд.

Ҳеродод ба ҷасорату мардонагии массагетҳо ба чашми хайрхоҳона нигариста, таъкид месозад, ки онҳо ҷиҳати ҳифзи озодию истиқлолият ҷони худро дареғ намедоранд.

Дар он айём ҳокими массагетҳо малика Томирис буд. Вай бева буд. Куруш аввал назди ӯ хостгорони худро фиристод, ки бо вай ақди никоҳ бандад. Куруш мехост бо ин роҳ, бидуни ҷангу хунрезӣ, ҳокимияти массагетҳоро ба даст дарорад. Ин мақсади ӯро дарёфта, Томирис хостгории Курушро қатъан рад кард.

Куруш қарор дод, ки нияти худро ба зӯрӣ амалӣ созад. Барои ҳамла ба массагетҳо лозим буд, ки Куруш лашкари худро аз рӯд бигзаронад. Вай рӯи рӯд пулҳо (кӯпрук) мекашад, киштиҳо месозад ва рӯи онҳо бурҷҳо ва сарбозони силоҳдор мегузорад.

Томирис, ки ба нерӯ ва мардонагии халқи худ бовар дошт, ба назди Куруш намояндаи худро фиристод, ки ҳамаи ин омодагиҳоро барои ҷанг бас намояд. Томирис ба Куруш расонд, ки агар ӯ бо массагетҳо ҷанг карданист, инро бидуни сохтани пулҳо низ метавон анҷом дод. Массагетҳо қарор доданд, ки лашкари худро аз соҳили рӯд ба масофаи роҳи серӯза дур бубаранд ва ба ин васила ба лашкари Куруш имкон диҳанд, ки аз рӯд баҳузур гузарад. Томирис розӣ буд бо лашкари Куруш дар соҳили истеҳкомзадаи Куруш ҳам биҷангад. Аммо, мувофиқи «лутфи» Томирис форсҳо низ лашкари худро бояд, ба масофаи роҳи серӯза ба ҳаракат меоваранд.

Аз ин «меҳрубонӣ»-и душманаш Куруш сӯистифода карда, тамоми лашкарашро аз рӯд ба ҳудуди массагетҳо гузаронд. Ба ҳамон масофае, ки лашкари массагетҳо рафта буд, пеш рафт ва нақшаи ҳуҷуми марговарро бикашид. Баъд аз ин ки манзили будубоши худро муқаррар карданд, форсҳо бо фармони Куруш чорвои зиёде кушта, ҳамаи асбоби зиёфатро омода намуданд, аз ҷумла машруботи зиёд оварда шуд. Куруш он ҷо як қисм сарбозони нимкораашро посбон гузошта, лашкари нируманди худро гирифта аз рӯд бозпас гузашт.

Аз се як қисми лашкари массагетҳо, ки таҳти сарфармондеҳии писари Томирис – Спаргапис қарор дошт, ба лашкаргоҳи сохта ҳамла кард ва ба осонӣ дастболои форсҳо шуд.

Массагетҳо фиреби ин ғалабаи осонро хӯрданд. Ғизоҳои омода кардаи форсҳоро ба шодии ғолибият хӯрданду шаробҳоро нӯшиданд ва сарбозони массагетҳоро яксара хоб бурд. Маҳз дар ҳамон вақт қувваҳои асосии лашкари Куруш ба ҳуҷум гузашт. Ба сарбозони масти хоб ҳамла оварда, бисёре аз онҳоро куштанд, бештари аз онҳоро асир гирифтанд,

аз ҷумла Спаргаписро ҳам. Вале ӯ ба бори шармандагии асирӣ тоб наоварда, худкушӣ кард.

Аз воқеаи мудҳиш хабар ёфта, Томирис ба Куруш номаи талаби қатъӣ фиристод, ки ҳамаи асиронро баргардонад ва зуд лашкари форсро аз ҳудуди мамлакати ӯ берун барад.

«Агар ту ин корро накунӣ,– мардонавор изҳор дошт сарвари массагетҳо,– қасам ба Офтоб, ки Худованди мардуми мост, ман ташнагии туро ба хун мешиканам, ҳарчанд ту аз хун серӣ надорӣ!»

Куруш ба таҳдиди Томирис аҳамият надод. Он гоҳ Томирис кулли лашкари массагетҳоро ҷамъ оварда, ба форсҳо ҳамлавар гардид.

«Ба ман чунин менамояд, ки – навиштааст Ҳеродод,– он ҷанг аз ҳама ҷангҳое, ки варварҳо дар онҳо иштирок доштаанд, сахттарин буд».[1] Аввал аз масофаи хеле дур ба ҳамдигар тири камон партоб карданд. Вақте тирҳошон адо шуд, ба ҷанги тан ба тан гузашта, якдигарро бо найзаю гурзу шамшер задан гирифтанд. Лашкарҳо муқобили якдигар дер истодагӣ карданд, ҳеҷ кадоме рӯ ба фирор наовард. Ниҳоят лашкари массагетҳо ғалаба кард. Қисми бештари лашкари форс дар майдони ҷанг ҳалок гардид. Худи Куруш кушта шуд.[2]

Вақте ҷанг ба охир расид, бонуи ҷавонмарди сарвари мардуми озодихоҳи худ ваъдаро ба ҷо овард. Вай аз миёни кушташудагони форс ҷасади Курушро ёфта фармуд, ки сари ӯро аз тан ҷудо созанд ва сари истилогарро даруни хики пурхун андохта гуфт: – «Ту, кушандаи малъуни писари ман, хун мехостӣ! Пас бихӯр то сер шуданат!»

Ҷои шубҳа нест, ки дар асоси қиссаи Ҳеродот воқеияте хобида аст, ки дар ҳақиқат рӯй додааст. Ба ҳар ҳол, тахминҳо оид ба кушта шудани Куруш ҳангоми лашкаркашӣ ба Осиёи Миёна бештар боварибахшанд.

---

[1] Варвар гӯён юнониҳо одатан ҳамаи бегонагонро дар назар доштанд, ҳарчанд аз дараҷаи маданият баъзеашон аз худи онҳо фарқ надоштанд.

[2] Ҳеродод,1=214.

Форсҳо ҳар мамлакатро, ки ба тасарруф медароварданд, сахт ба ғорат ва истисмори халқҳояш мепардохтанд. Андозҳои сангин муқаррар менамуданд, ки ба нафъи хазинаи Осиёи Миёнагии онҳо ситонда мешуданд. Гоҳе иншоотҳои обёрии бо заҳмати зиёд сохтаи аҷдоди қадимии халқи тоҷикро ба даст оварда, онро чун манбаи даромади иловагӣ ва истисмор истифода мебурданд. Ҳеродод ҳикоят мекунад, ки саҳрои яке аз ҳамвориҳои Осиёи Миёна, ки парфиёниҳо ва хоразмиён он ҷо зиндагӣ доштанд, аз рӯди Ак[1] обёрӣ мешуданд.

«Рӯд заминҳои мардумони номбурдаро обёрӣ мекард, ҳама ҷо ҷӯйборҳои азим канда, ҳар халқе барои худаш об мегузаронд… Баъди тобеият ба форсҳо, мушкилоти зайл пешорӯяшон омад: шоҳ сари даромадгоҳи рӯдҳо дарвоза кард, пеши оби ҷории саҳро баста шуд, дараҳо ба кӯлҳо табдил ёфтанд, зеро даромадгоҳи обҳо баромадгоҳ надоштанд».[2]

Киштзорҳои арзан ва симсим (кунҷит), ки аз рӯи гуфтаҳои Ҳеродот хоразмиён ва парфиёниён кишт мекардаанд, беоб мемонданд. Деҳқонон ҳамроҳи ҳамсарҳошон ба ҳузури сатрап рафта зориву тавалло мекарданд, ки ба киштзорҳои онҳо об кушоянд. Ҳар дафъа онҳоро вомедоштанд, ки пулҳои калон бипардозанд ва ин берун аз боҷу хироҷи солона буда, чунин ҷабру зулм ва истисмори сахти аҳолӣ аз ҷониби форсҳои ғуломсоз дар мамлакатҳои зери даст вазъи тангу торе ба вуҷуд овард. Махсусан дар вилоятҳои Осиёи Миёна бисёр тезутунд буд.

Баъди кушта шудани Куруш тоҷу тахт ва империяи ӯ ба дасти писараш Комбиз (солҳои 529-522 то милод) гузашт,

---

[1] Бартолд ишора дорад, ки номи рӯд ба рӯди Ому хеле наздик аст, ки дар қадим Вахш меномиданд. Аммо Бартолд далели расо пайдо накард, ки рӯди Аки гуфтаи Ҳеродот айни ҳамон Амударёст ва ё дигаре аз рӯдҳои Осиёи Миёна. (Ниг. ба асари «Сведения об Аралском море и низовях Аму-дарьи с древнейших времён до XVII века». Тошкент, 1902, саҳ.8). Тадқиқотчиёни дигар рӯди Ак-ро (Akes) Мурғоб Теҷен мепиндоштанд.

[2] Ҳеродот, 111-117.

ки вай ҳам сиёсати давлатситонии Курушро давом дода, Мисрро ба тасарруф даровард. Комбиз ба тарафи Миср, тахмин баъди ба қатл расондани бародари кӯчакаш Бардӣ, лашкар кашид ва аз чунин амали пинҳонӣ бисёре аз аҳолии Форс бехабар буданд. Аз ин вазъ яке аз роҳибони муғ Гаумат хабар ёфта, худро бародари Комбиз – Бардӣ эълон намуда, ба тахт соҳиб гардид. Комбиз хабардор шуда, кишваркушоиро мавқуф гузошта, ба сӯи Форс роҳ мегирад, вале дар роҳ мемирад, ба қавле масту аласт аз асп афтода, ба қавле дар як ҳолати пурмуаммо ҷон аз даст додааст.

Гаумати муғ аз афташ, ҷонибдори аъёну ашрофи моду норизои зимомдории форсии замони Курушу Комбиз будааст. Коҳинони модӣ, ки сарварии ҳаракати зидди сулолаи Ҳахоманишиҳоро ба ӯҳда доштанд, забон як карда табаддулоти дарборӣ гузаронда мавқеи аз даст додаи ашрофи модиро мехостанд баргардонанд.

Гаумати муғ дар моҳи 8-уми ҳокимии худ фош гардид ва ӯро ҳафт тан тарафдорони ҳамзабони аҷдоди баргузидаи форсӣ ба қатл расонданд, ки Дорои Ҳахоманишӣ (солҳои 521-486-и то милод) дар сафи онҳо буд. Доро аз ҷониби забоняккардаҳо ба тахт нишонда шуд ва идораи давлати бузурги форсҳоро ӯ ба ӯҳда гирифт, дар мамлакат сиёсати Курушро давом дод, ки ҳамзамон намояндаи ҳамин аъёну ашроф ҳисоб меёфт.

Аз рӯи гуфтаҳои Ҳеродот, дар муддати ҳафт моҳи ҳукуматаш Гаумати муғ барои тобеони худ бисёр некиҳо карда буд. Вақте ки ӯро куштанд, ҳама дар Осиё афсӯси ӯро хӯрданд, ба ҷуз аз ҳафт тан форс. Дарвоқеъ «муғ ба ҳамаи халқҳои шоҳигарии худаш фармони озодӣ аз хизмати ҳарбӣ ва андоз барои се сол фиристода буд».[1]

Аҳолии давлати бузурги форс, ки сарҳадаш аз рӯди Ҳинд то Соҳира (Сахара) давом меёфт ва соҳилҳояшро баҳрҳои Сиёҳ, Эгей, Хазар, Арал ва Баҳри Сурх, халиҷи Форс ва уқёнуси Ҳинд шушта мегузаштанд, барои давлатро бо роҳи зӯрӣ ба даст овардани Доро, бо шӯришҳои озод ҷавоб доданд.

---

[1] Ҳеродот,111,67.

Баъди кушта шудани Гаумати муғ аввал Элам ва Бобул шӯриданд. Доро зуд ин шӯришҳоро шикаста тавонист. Аммо вақте ки ӯ дар Бобул буд, як қатор давлатҳои дигар низ эълони саркашӣ карданд. Дар вилоятҳои Осиёи Миёна, Парфия, Марғиён ва сокинони навоҳии сакҳо аз ҷумлаи онҳо буданд.

Барои фурӯ нишондани он ҳама шӯришҳо Доро водор шуд, ки заҳмати зиёд бикашад. Дар воҳаҳои зироаткорӣ ва даштҳои васеи Осиёи Миёна форсҳо боз ва боз ба муқобилияти ҷасурона ва устувори гузаштагони озодихоҳи халқи тоҷик рӯ ба рӯ шуданд.

Дар вилоёте, ки скифҳо ва сакҳо сукунат доштанд,– юнониён кӯчиёни Осиёи Миёнаро ҳамин тавр меномиданд,– ба гуфтаи муаррихи юнонӣ Полиен[1], форсҳо чунон ба вазъи ноҳинҷор гирифтор шуданд, ки базӯр аз чанголи марг халосӣ ёфтанд.

Он вазъ чунин буд:

Ба лашкаргоҳи Доро як чӯпони скифӣ омад, ки Шерак ном дошт. Вай афту андоми шалҳа-шалҳа ва дар ҷисму ҷонаш садҳо захм дошт. Ҷароҳати хунчаконе ҷои гӯшу бинии буридааш боқӣ монда буд.

Шерак ба форсҳо гуфт, ки вай аз бошишгоҳи скифҳо гурехтааст ва пешвоёни скиф нисбати ӯ ҳамин ҷазоро раво диданд. Вай аз онҳо беҳад нафрат дорад ва мехоҳад қасоси худро аз онҳо ситонад. Вай омодааст лашкари форсро бо ягона роҳе, ки танҳо ӯи чӯпон медонад ба лашкаргоҳи скифҳо роҳнамоӣ бикунад ва онҳо дар иҳотаи лашкари форсҳо хоҳанд монд.

Форсҳо баъди ба оташу об савганд хӯрдани «хоин», ки барои эрониёни Осиёи Миёна қасами муқаддастарин ба шумор мерафт, ба дурустии гуфтаҳояш бовар карданд ва пешниҳоди ӯро бо омодагии тамом истифода бурданӣ шуданд. Шерак онҳоро ба «бошишгоҳи скифҳо» раҳнамо шуд.

Лашкари Доро баъд аз ҳафт рӯзи тайи гузаргоҳҳои махуф ба як саҳрои беобу гиёҳ расид. Сарбозони форс аз гуруснагӣ, бахусус аз беобӣ, азоб мекашиданд. Онҳо дигар

---

[1] Полиен. Ҳилагариҳои ҳарбӣ («Военные хитрости», X11, 12.

на имкони пеш рафтан доштанду на ақиб гаштан. Ҳалокати онҳо ногузир буд.

Форсҳо Шеракро сахт гирифтанд. Бо таҳдиди марг талаби шарҳи чунин рафтор карданд. Ва Шерак ба онҳо гуфт:

«Шумо омадаед, ки ҳамватанони маро ғулом гардонед. Ман хостам бадбахтиро пешгирӣ намоям ва шуморо ба ҷое овардам, ки аз гуруснагиву ташнагӣ ҷон медиҳед!»

Шерак барои фиреби душманони Ватан худро худ маъюбу маслуқ гардонида, қаҳрамонона ҳалок шуд. Бо ҷони худ ҳазорон ҷони ҳамватанонашро харид.Лашкари боқимондаи Дороро борони ба тасодуф борида аз марг наҷот дод.

Корномаю қаҳрамониҳое мисли Шераки даҳмарда миёни скифҳо ягона набудааст. Барои ғолибони беруна, кашидани заҳмати сангин рост омад, ки худро дар Осиёи Миёна аз нав барқарор созанд. Дар ин бора навиштаҷоти Доро ба рӯи санги Бесутун[1] гувоҳӣ медиҳад, ки пас аз нишастани ӯ бар тахти ҳахоманишиҳо, ҳаккокӣ карда буд:

«Подшоҳии аз хонадони мо ситондаро ман дубора баргардондам ва дар ҷояш нишондам … Ман мардумро ба вазъи пештарааш бозгардондам, ҳам дар Форс, ҳам дар Мод, ҳамчунин дар дигар кишварҳо».[2]

Барқарории ҳукумати Доро, онро бозгардондан ба ҳолати замони гузаштагон, барои эрониёни Осиёи Миёна маънои мутеъ ва итоаткор буданро ба давлати Ҳахоманишӣ дошт. Ҳарчанд аҳолии Форс ва эрониёни Осиёи Миёна аз як қавм буданд, ҳокимони Ҳахоманишии Форс аҳолии сокини навоҳии ғарбии онро аз аҳолии (эрониёни) Осиёи Миёна ҷудо мекарданд. Мамлакати «ориёӣ» (эронӣ) ва «ориёнӣ», дар навиштаҷоти Доро, танҳо ба маънои аҳолии Форс омадааст. Эрониёни Осиёи Миёна дар давлати бузурги Ҳахоманишӣ айни ҳамин ҳолро доштанд, ки қабилаҳои ғайриэронӣ дар ҳайъати он.

---

[1] Сахраи Бесутун на чандон дуртар аз шаҳри Кирмоншоҳи имрӯзӣ воқеъ аст.

[2] Роҳи абрешимро низ Дорюши бузург кушода ба Урупо пайваста буд. Тарҷ.

Зӯроварӣ ва тангсозиҳои амалдорони Форс, андозҳои хонабарандоз барои хӯрондану пӯшондани дастгоҳҳои ҳарбии давлати Форс, ба дӯши аҳолии маҳаллӣ бори гароне буданд, ин ҳама қабилаҳои озодихоҳи эрониҳои Осиёи Миёнаро ба роҳҳои нав ба нави озодӣ аз юғи истисморгарони бадбин раҳнамоӣ мекарданд.

Ба сабаби норозигии ҳамеша эрониёни аз ҳокимони форс Осиёи Миёна мекӯшиданд, ки бо қабилаҳо ва сатрапии Осиёи Миёна алоқа барқарор намоянд ва бо кӯмаки онҳо ба мақсади худ бирасанд. Бинобар ин вақте Дорои I мурд (соли 486-и то милод) ва тоҷу тахт ба дасти писараш Хушоёршоҳ гузашт, Масиста (бародари Хушоёршоҳ) хост ба муқобили ӯ бархезад ва Бохтарро маркази шӯриш интихоб намуд. Вақте ки тахт ба дасти Ардашери I гузашт (соли 464-421-и то милод) дар Бохтар чунон шӯриши бузурге бархост, ки барои пахши он Ардашер маҷбур шуд ҳамаи нерӯи ҳарбии худро сафарбар намояд.

Норозигии сахт аз сохти ғоратгаронаи давлати бузурги Ҳахоманишӣ дар Осиёи Миёна замони ҳукмронии ҷонишини Ардашер – Дорои II (423-405-и то милод) низ вуҷуд дошт. Дар замони Ардашери II (404-359-то милод) зидди ӯ сатрапи Осиёи Хурд – Куруши Хурд бармехезад. Вай барои таъмини дурусти нақшаи худ, пеш аз ҳама бо сатрапи Бохтар алоқа барқарор мекунад.

Халқҳои озодихоҳи Осиёи Миёна ба мутеии худ дар давлати Ҳахоманишӣ созиш надоштанд ва барои озодии худ устуворона мубориза мебурданд. Ин мубориза дар Хоразм комёб анҷом гирифт. Чунин метобад, ки дар миёнаи асри IV-и то милод, хоразмиён аллакай давлати мустақили ҷудо аз давлати ҳахоманишиёнро ташкил дода буданд. Дар ин давра сакоиҳо низ аз тобеият баромада, иттифоқчии ҳахоманишиҳо гардиданд.

# VI. ТОҶИКОН ДАР ЗАМОНИ МУБОРИЗА БО ИСКАНДАРИ (АЛЕКСАНДР) МАҚДУНӢ. СПИТАМОН

Соли 334-и то милод ба давлати бузурги ҷаҳонии Ҳахоманишии Форс лашкари юнонию мақдунӣ таҳти фармондеҳии Искандари Мақдунӣ ҳамла овард.

Давлати Ҳахоманишӣ, ки ба таркибаш гузаштагони қадими тоҷикони Бохтару Суғд медаромаданд, давлати пурқудраттарини он замон буд. Вай бо аҳолии зич ва захираҳои фаровони моддӣ қодир буд ба лашкари 30 ҳазораи Искандари Мақдунӣ зарбаҳои ҷавобӣ бизанад. Бо вуҷуди ин ҳосили ҷанг ба нафъи ӯ ҳал нагардид. Баъд аз панҷ соли саршавии ҷанг давлати мутамаркази ҷаҳонии Ҳахоманишӣ, ки Дорои III Кодоман сарвараш буд, дар се задухӯрди бузург шикаста шуд.

Сабаби асосии шикасти лашкари Форс дар ҷанги юнону мақдунӣ, пеш аз ҳама он шуд, ки ба сафи лашкараш на танҳо форсҳо, инчунин халқҳо ва кишварҳое буданд, ки ба давлати ғуломдор ва ғуломсози Ҳахоманишӣ тобеъ ва вобаста ҳисоб мешуданд, аз ин рӯ, инҳо начандон содиқона меҷангиданд. Маҳз аз ҳамин сабаб, бохтариёну суғдиён низ дар сафҳои артиши форсӣ бо рағбати тамом намеҷангиданд ва интизори фурсати мусоиде буданд, ки ҷилди истисмори тоқатнопазири Ҳахоманишӣ, ҳокимони маҳалҳо – сатрапҳои онҳоро аз тан барандозанд.

Дар шикасти артиш, беҷасоратии Дорои – Кодоман низ нақши бузург бозид, ки ӯ нахост ҳама ҳастии давлатро сари ин бозӣ кашад ва бо ҳама қудрат то охир биҷангад. Доро омода буд, ки ҳар гуна шарту шароити мусоиди созиши Искандари Мақдуниро қабул намояд. Баъди шикасти лашкари форсҳо дар мавзеи Гавгамел, соли 331 то милод, аъёну ашрофи дарбори Доро таҳти раҳбарии сатрапи бохтарӣ Бесс, ба қароре омаданд, ки ӯ (Доро) на танҳо давлати худро аз Искандар ҳимоя карда натавонист, ҳатто барои давоми мубориза халал расонид. Наздикони Доро ба гумони ин ки ӯ давлатро ихтиёрӣ ба дасти юнону мақдуниҳо таслим карда-

нист, ӯро куштанд ва бо сарварии Бесс муборизаро ба муқобили Искандари Мақдунӣ давом доданд. Вале ӯ ҳам аз он шумор набаромад, ки оммаро ба муқобили истилогарони аҷнабӣ яклухт сафарбар кунад.

Баъд аз мағлубияти Доро дар Гавгамел майдони ҷанг ба сарҳади Осиёи Миёна гузашт, яъне дар манзилу маъвое, ки гузаштагони қадими тоҷикон – бохтариёну суғдиён умр ба сар мебурданд ва Искандари Мақдунӣ аз дари Ҳиндукуш ба сӯи он ҳаракат дошт.

Пас аз шикасти давлати мутамаркази ҷаҳонии машҳури Ҳахоманишӣ, бохтариёну суғдиёнро лозим буд, ки ба таҷовузи Искандари Мақдунӣ на барои манфиатҳои давлати ғуломдории ба ӯ бегонаи форс, балки барои обрӯю эътибори худ, барои маданият, истиқлолият ва озодии худ биҷанганд. Чунин ба назар мерасид, ки мақсади аввали ӯ на таъмини озодии Бохтару Суғд, балки шиносондани шахсияти бузурги худ буда бошад. Баъд аз кушта шудани Доро акнун Бесс «шаҳомати шоҳиро» соҳиб шуда буд ва худро шоҳи Осиё меномид. [1]

Дар мубориза бо Искандари Мақдунӣ Бесс қатъият, ташаббус ва истодагарии лозими вазъиятро зоҳир карда натавонист. Вақте Искандар роҳи душвори Ҳиндукушро тай зада ба навоҳии харобу валангоронидаи Бесс даромада ба сарҳади Бохтар расид (ин аввали баҳори 329 буд) Бесс дар таҳлука афтод ва тарсида ақибнишинӣ кард. Дар натиҷа Бохтар бидуни задухӯрди лашкари Искандари Мақдунӣ ишғол гардид.

Искандар аз пайи Бесс, бидуни монеае аз рӯди Ому гузашта, ба ҳудуди зодгоҳи қадимии тоҷикон – Суғд ворид шуд. Дар шаҳраки Навток, зоҳиран, дар ҳавзаи Қашқадарё Искандар Бессро дастгир намуда, ба бераҳмие, ки ҳатто таърихнависони машҳури қадими Юнон нигоҳи нохушбинона доранд, ба куштан медиҳад. Искандар аввал фармон дода аст, ки ӯро қамчинкорӣ кунанд. «Баъд аз қамчин задан – мегӯяд Арриан, – Искандар фармон дод, ки Бессро ба Бохтар фиристанд ва дар ҳамон ҷо ба қатл расонанд».

---

[1] Арриан. Анабазиси Искандар. ҷ. III, с.2-3.

Дар он вазъи танг, ки масъалаи Бохтару Суғд кайҳо ҳал шуда буду лозим меомад, ки аҳолии Осиёи Миёна бе қилу қол назди истилогарон сари таъзим фуруд оварад, парчами муборизаро барои истиқлолияти Бохтару Суғд ватанпарвари шӯълавари Суғд Спитамон баланд бардошт.

Вай ба аҳолии зироаткори Бохтару Суғд такя намуда, қабилаҳои кӯчии дой ва массагетҳои хешутабори бохтариёну суғдиёнро фарохонда, ба муқобили лашкари юнонию макдунӣ ба истидагарии сахт даромад. Маҳз дар ҳамон марҳила, аз оғози лашкаркашиаш ба Шарқ Искандари Мақдунӣ бори аввал ба муқобилияти воқеӣ рӯ ба рӯ шуд, ки зафарҳои набардашро зери суол бурд.

Бохтариёну суғдиён зидди истилогарони аҷнабӣ бархоста, задухӯрди аввалинро дар навоҳии Суғдиён– Мароканд (Самарқанд) гузаронданд. Асосҳое барои тахмин далел медиҳанд, ки Искандари Мақдунӣ дар он ҷо зарбаи сахт хӯрд. Зеро зулми ӯ то ҷое боло гирифта буд, ки на танҳо шаҳр, балки деҳаҳои атрофи он низ ба оташ кашида шуданд. Зоҳиран, дар ин ҷо баъзе аз сарлашкарони Искандар дарёфтанд, ки мағлубсозии суғдиёни озодидӯст кори саҳле нест.

Масалан, мувофиқи хоҳиши Искандари Мақдунӣ, яке аз лашкаркашҳои ӯ, бо номи Клит, бояд ҳокимии Суғдро ба зимма мегирифт, ӯ ҷавоб медиҳад: «Ту ҳукуматдории суғдиёни шӯришгарро ба ӯҳдаам гузоштанӣ, ки на танҳо таслим нашудаанд, балки ҳеҷ гоҳ зери итоат нахоҳанд омад».[1]

Юнону мақдуниён лашкаргоҳи худро дар пойтахти суғдиён монда, ба сӯи соҳилҳои Яксарт (Сирдарё) равон шуданд. Искандари Мақдунӣ сар-сари роҳ ҳамаро холӣ карда, дуздидаву ба ғорат бурда, ба ноҳияе расид, ки баъдтар он ҷой қалъаи «Искандарияи Канорӣ»-ро сохт ва бо шаҳраки Хуҷанд (Ленинобод) рӯ ба рӯ омад.

Ҳамин лашкаркашии аввалин ба дарунтари Осиёи Миёна ба юнону мақдуниён аллакай нишон дод, ки вазъият то чӣ

[1] Квинт Куртский, VIII, 1, 35.

андоза ҷиддист. Қаҳру ғазаби мардум онҳоро дар ҳар қадам дунболагир буд. Масалан, таърихнависон ҳалокати дастаи калони юнонию мақдуниро дар ҳамин лашкаргоҳ хабар додаанд, ки барои таҳияи хӯроки ҳайвонот сафарбар шуда буд. Он даста пурра ба нобудӣ расонида шуд. Искандари Мақдунӣ барои ҷазо ба ҳамон ҷои воқеа ҳозир шуд, ки аҳолиаш дар хамгаштҳои душворгузар сукунат доштанд. Юнонию мақдуниҳо ҳамла оварда, худ талафоти калон доданд. Ғалаба бисёр гаронашон афтод. Аммо пас аз ғалаба қариб 22 ҳазор суғдиро ба ҳалокат расонданд.[1]

Дар ҳамин айёме, ки ин воқеаҳо рух медоданд, Спитамон аз худ хабар дод. Таҳти роҳбарии ӯ аз роҳи гузаштаи Искандар, оташи шӯриши Суғдиён аланга зада даргирифт. Спитамон дуруст дарёфт, ки дар баробари лашкари банизоми муташаккили юнону мақдунӣ бо муборизаи чирикӣ (партизанӣ) дуруст истодагарӣ кардан метавонад. Вай худ мефаҳмид, ки сафи зичи ҷиноҳи «ҷангалбадӯш»[2] – и лашкари юнону мақдуниро, ҳатто лашкари чандин баробар зиёди дигар рахна зада наметавонад. Таҷриба нишон дод, ки ҳангоми амалиёти ӯҳдабароёнаи боҳунари ҳарбии гуногунҷабҳаи юнонӣ ороста ҷангидан кори басо мушкил аст. Аммо ҷиноҳи Искандари Мақдунӣ дар ҷанги тан ба тан чандон коромад набуд. Бо ин хулоса Спитамон ба лашкари юнону мақдунӣ як қатор зарбаҳои ҷиддӣ ворид сохт.

Дар он вақте ки Искандари Мақдунӣ лашкарашро аз саросари соҳилҳои Яксарт убур медод, Спитамон ба нест кардани гурӯҳҳои ҷо-ҷо дар лашкаргоҳҳо гузоштаи онҳо пардохта, ба Мароканд медарояд. Мақдуниёни дар пойтахти суғдиён вогузоршуда, маҷбур ба қалъаҳо паноҳ бурданд. Аммо Искандари Мақдунӣ барои халосии онҳо гурӯҳи калонеро мефиристад. Спитамон наздик расидани гурӯҳро хабар ёфта, тарҳи мазҳакавии гурези сохтаро мерезад. Гурӯҳи юнону мақдунӣ аз паи таъқиби онҳо ба набардгоҳе меафтад, ки бартарии санъати ҳарбиашро ҳеҷ мегардонад. Дар ша-

---

[1] Арриан, III, 30.
[2] Найзаҳои баланду зиёди онҳоро ба назар доштанд. Тарҷ.

роити якхела бо лашкари суғдиён бояд набарди рӯ ба рӯ мекарданд ва онҳо дар ин ҷанг шикасти сахт хӯрданд. «Дар наздикии Мароканд, дар соҳилҳои Зарафшон,– навиштааст муаррих Арриан, – мақдуниёнро аз чаҳор тараф ба танг оварданд ва онҳо маҷбур ба сӯи ҷазираи хурди мобайни рӯд гурехтанд». Чандин ҳазор юнониву мақдуниро дар ҳамон ҷо Спитамон несту нобуд гардонид.

Искандари Мақдунӣ, ки пойтахти Суғдро аз нав ба даст дароварда буд, маҷбур шуд дар муҳорибаҳои зидди Спитамон худ иштирок намояд. Вай бо нерӯи азим бар сари Спитамон ҳамла кард, аммо ӯ аз назар пинҳон шуд. Искандар бо қаҳру ғазаб мардуми воҳаи Зарафшонро сари кушт гирифт ва барои зимистонгузаронӣ ба сӯи Бохтар роҳ бурд, ки аллакай зимистони соли 329-328-и то милод даромада буд.

Баҳори соли 328 суғдиёни валангоршуда аз нав зидди истилогарон шӯриданд. Искандари Мақдунӣ артиши худро ба панҷ фавҷ тақсим намуда, барои бо низоми нави ҳуҷуми пай дар пай тоза кардани мамлакат аз шӯришгарон, даст зад. Вале ҳамин ки вай нерӯҳои асосии худро аз Бохтар берун бурд, Спитамони дастмаёб пайдо гардида, лашкаргоҳи ӯро муҳосира кард. Юнонию мақдуниҳо ба сарбозони Спитамон дарафтода, онҳоро ба танг оварда, оғози таъқиб мекунанд. Вале дар ҳолати ақибнишинӣ ҳам Спитамон ҳилакор буд. Юнону мақдуниён ҳилаи ӯро дарнаёфта, ба муҳосира афтода, талафоти калон доданд. Кӯмаки як гурӯҳи калони нерӯи юнониву мақдунӣ лозим омад, ки вазъашонро беҳтар созанд.

Искандари Мақдунӣ зимистони соли 328-327-ро дар Навток гузаронд. Баҳори нав фаро мерасид, набардҳои нав шурӯъ мегардиданд, ки онҳоро Спитамони ҷасур роҳбарӣ мекард.

Гузаштагони қадими халқи тоҷик таҳти роҳбарии даҳои қаҳрамонашон – Спитамон барои истиқлолияти Ватани худ ҳамин гуна мубориза мебурданд. Мо аллакай хотирнишон кардем, ки барои ба даст овардани давлати бузурги Ҳахоманишӣ Искандари Мақдуниро панҷ сол лозим шуда буд. Барои мутеъсозии як қисмати нисбатан хурди он, ки

Суғдиён буд, Искандари Мақдуниро баробар бо қувваи дар муҳорибаҳои бо форс талаф дода ва сарфи се соли умр лозим омад, зеро ҳар вაҷаби хоки муқаддасро суғдиён танҳо пас аз набардҳои шадид медоданд. Воҳаи Зарафшон чандин бор ба ҳуҷумҳои девонавори Искандари Мақдунӣ гирифтор омада, сокинони Суғдиён ба хоку туробсозии бераҳмона кашида мешуданд. Яке аз муаллифони қадим (Диодори Ситсилӣ) навиштааст, ки Искандари Мақдунӣ шӯриши суғдиёнро фурӯ нишонда, эҳтимолан дар тӯли се шӯриши Суғдиён қариб 120 ҳазор одамро нобуд кард.

Чунин бераҳмию қатлу куштор ҳам иродаи муборизаю муқобилияти халқи озодихоҳро шикаста натавонист. Искандар дар Осиёи Миёна танҳо пас аз хиёнати аъёну ашрофи бохтарию суғдӣ ва танҳо пас аз хоинона кушта шудани сарвари шӯришгарон Спитамон, ҳукумати худро мустаҳкам кардан тавонист.

Ва ин баъди муносибати худро бо аъёну ашроф ва асилзодагони ҳукмрон дигар кардани Искандари Мақдунӣ, ки қаблан онҳоро ба ҳисоб намегирифт, рух дод. Ӯ чун дид, ки иродаи қавию муқобилияти суғдиёнро шикастан наметавонад, ба харидани ашрофзодагон пардохт. Искандари Мақдунӣ ба намояндагони ҳокими маҳаллӣ, ки ба ӯ кӯмак мерасониданд ва ё дар муборизаҳо бетараф мемонданд, пулу пайса, замин ва молу ашёи аз шӯришгарон гирифтаро инъом мекард. Урдуи маҳаллӣ бошишгоҳи Искандари Мақдуниро аз аъёну ашроф пур карда, ба сафи надимони ӯ дохил мегардиданд. Искандари Мақдунӣ ба духтари яке аз намояндагони ашрофи маҳаллӣ хонадор шуда, хешовандони навашро мансабҳои нағз медод. Аъёну ашрофи бохтарию суғдии зархариди Искандар ба як навъ силоҳи фармонбардори сиёсати ӯ мубаддал гардиданд. Муқобилияти шӯришгарон шикаст хӯрд. Муборизаи сахти суғдиён зидди Искандари Мақдунӣ, ки аз хосторони ҳукмравои ҷаҳонии маълуми таърих буд, яке аз беҳтарин саҳифаҳои дурахшони таърихи халқи тоҷик аст. Маълумот дар бораи Спитамон ва муборизаҳои оштинопазири ӯ зидди истилогарони юнонию мақдунӣ агарчӣ кофӣ нест, лек мо далел дорем, ӯро чун ба-

рандаи ҷанги чирикӣ сифат кунем, ки мақсади асосиаш душворсозии алоқаи душман бо ақибгоҳ, таъмингоҳ ва пеш аз ҳама бо Мароканд, – қароргоҳи Искандар буд. Мо барҳақ Спитамонро якумин қаҳрамон аз рӯи вақту замон, муборизи дастмаёб ташаббускор ва ҷасуртарин чирик на танҳо дар таърихи Тоҷикистон, балки дар таърихи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ метавонем биномем.

# VII. БЕЭЪТИБОРСОЗИИ ҲУКУМАТИ ҲАРБИИ ЮНОНИВУ МАҚДУНӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА. КИШВАРИ ТОҶИКОН ДАР ЗАДУХӮРД БО ЛАШКАРИ ЧИН

Империяи бузурги бо истилои Искандари Мақдунӣ ташаккулёфта, мисли давлати Ҳахоманишиён, аз як навъ муттаҳидшавии ноустувору бо ҳам хеле камалоқаи қабилаҳо ва ирқият бархурдор буд. Чунин давлатҳо, чӣ тавре рафиқ Сталин нишон медиҳад, «вобаста ба ғолибият ва ё мағлубияти ин ё он истилогар ташаккул меёфтанд ва аз байн мерафтанд»[1].Нопойдории империяи Искандари Мақдунӣ дар Осиёи Миёна худи ҳамон соати пас аз марги ӯ рӯ зад.

Ба бетартибию шигифтзадагии байни юнониёну мақдуниён аз фавти Искандар аҳолии маҳаллӣ бо алангаи шӯришҳо ҷавоб гардониданд. Муаллифони юнонӣ навиштаанд, ки дар рафти шӯришҳои баъди вафоти истилогар яке аз марказҳои ба назар намоёни ҳукумати юнону мақдунӣ дар Осиёи Миёна,ки қалъаи «Искандарияи Марғиён» ном дошта, дар ҳавзаи рӯди Мурғоб сохта шуда буд, дар як мижа задан нести рӯи замин гардид.[2]

Сабаби бевоситаи барҳам хӯрдани империяи Искандар муборизаи тақсими мерос байни ворисони воқеиаш шуд, ки сарлашкарон буданд.

Осиёи Миёна – Бохтар, Суғд, Марғиён ва Парфияро дар асри IV-и то милод сарлашкар Селевк ҳукмрон мешавад. Дар таркиби давлати мутамаркази Селевкиён инчунин мамлакатҳои дигари Осиёии Искандар медароянд.

Вилоятҳои Осиёи Миёна дар иқтисоди давлати Селевкиён нақши бузурге мебозиданд. Ҳокимони селевкӣ бо такя ба аъёну ашроф, аз онҳо даромади зиёд ба даст меоварданд, вале ба ивазаш чизе намедоданд. Дар натиҷаи то рафт пурзӯр шудани истисмори аҳолӣ, ки аз ҳукумат танг карда

---

[1] И.Сталин. Марксизм и националнo-колониальный вопрос, 1934, с. 4.
[2] Плиний. Естественная история. VI, 18.

баровардани аъёну ашроф ва заминдорони маҳаллиро ҳамроҳ дошт, дар Бохтару Суғд вазъи тарканда пухта мерасид.

Ашрофзодагони маҳаллӣ бо дастгирии омма, ки ҳозир буданд ҳар лаҳза зидди истисморгарони хориҷии ғуломсоз бархезанд, чораю тадбирҳо меандешиданд, ки давлати мустақили аз тобеияти селевкиён озод бисозанд. Пештар аз ҳама дар вилоятҳои Осиёи Миёна ҳокимияти юнону макдуниро мардуми Парфия барҳам заданд.

Парфия, ки як қисми ҳудудҳои Туркманистони имрӯзиро ( ҳавзаи рӯди Теҷен) ба бар дошт, дар асри III-и то милод кишвари начандон калони саҳроӣ ва камаҳолӣ буд. Вай, аз рӯи маълумоти ҷуғрофидони юнонӣ Страбон, «дар замони ҳукмронии форсҳо, ҳамроҳи гирканиҳо[1], муддати тӯлонӣ андоз мепардохтанд, чунон ки дар замони ҳукумати дерсолаи юнониҳо. Ғайр аз ин Парфия ҷангалоту кӯҳистон ва камбағал буд. Аз ин рӯ, шоҳаншоҳон лашкари худро аз ин кишвар ҳарчи бадавтар мегузарониданд, зеро ин мамлакат, ҳатто барои муддати кӯтоҳтарин ҳам артишеро бо хӯрок таъмин карда наметавонист».[2]

Антиохи II Теоси Селевкӣ, ки машғули ҷанг бо Миср барои Сурия ва Финикияи дурӯғин буд, идораи мамлакатро ба думравони худ аз ҳад зиёд бовар кард. Шарикони косалеси Антиох ба сабаби ғорату фишороварии беҳадди аҳолии Парфия боиси норозигии умум гардида буданд.

Дар ҳамин шароит пешвои шӯришгарон Аршаки бохтарӣ мувофиқи овардаи Страбон, мекӯшидааст худро «аз ҳокими юнониву макдунии бохтарӣ дур гирад»[3], ҳамроҳи бародараш Тиридат, бо қабилаҳои кӯчии эронии ҷанубу ғарби Осиёи Миёна алоқа кард. Ба сатрапи селевкӣ, ки ҳокими

---

[1] Гиркан дар самти ғарбии Нишопур ҷойгир буд. Сарҳади он дар шимол аз соҳилҳои Баҳри Хазар мегузарад.

[2] Страбон. Ҷуғрофия. XI, 9, 1.

[3] Нигаред, ҳамон ҷо XI, 9.3. Аз рӯи дигар далеле, ки дар ҳамон сарчашма омадааст, «Аршак зотан скиф аст, аз сокинони доиҳо, бодиянишинони соҳилҳои Ох (Теҷен) буд, ба Парфия зада даромад ва онро тобеъи худ гардонид».

Парфия буд, ҳамла оварда, ӯро кушт ва дар ибтидои асри III-и то милод ҳукмрониро ба даст гирифт. Аршак ва Тиридат домани таъсири худро ба Гиркания ва ғарби Марғиён низ кашониданд.

Ин ки қабилаҳои кӯчии эронӣ барои истиқлолияти Парфия нақши азим бозиданд, асос дорад. Шӯриш, зоҳиран ба ҷуз Аршак ва Тиридати бохтарӣ ва намояндагони нигоҳи душманона доштаи аъёну ашрофи заминдори Парфия, бо пешвоёни қабилагии кӯчиёни скиф низ сарварӣ шуда бошад. Барои чунин андеша ҳамин далел низ асос шуда метавонад, ки онҳо пас аз табаддулот ҳам ба намояндагони аъёну ашрофи маҳаллии Парфия таъсири хеле бузург доштанд ва шоҳони Парфия сахт вобастаашон буданд.

Дастоварди шӯриши Парфия бештар ба камбизоатии мамлакат алоқа дорад, зеро ба ҳамин сабаб юнонию мақдунии зиёд он ҷо буда наметавонистанд, ки ба шӯришгарон зарбаи дуруст диҳанд.

Аммо вазъияти Бохтар тамом дигар буд, он ҷо юнону мақдуниҳо ҳамеша нерӯҳои зиёд дар ихтиёр доштанд. Таҳдиди шӯриш бар зидди зулму ситами Селевкиён, дар ин ҷо ҳам амри воқеӣ буд ва барои он ки бо ҳаракати халқӣ берун андохта нашаванд, саркардагони ҳарбии юнонию мақдунӣ бо сардории сатрап Диодот, ташаббуси табаддулотро ба дасти худ гирифтанд ва истиқлолияти Бохтарро аз давлати Селевкиён эълом доштанд.

Ҳамин тавр, қариби соли 250-и то милод шоҳигарии Юнону Бохтар ташкил ёфт, ки дар ҳайати он ғайр аз Бохтар, Суғд ва қисми шарқии Марғиён шомил гардиданд, акнун сарҳади он дар шимол аз соҳилҳои рӯди Сир, дар ҷануб то болообҳои Ҳинд домон паҳн карда буд.

Ҳукмронии саркардагони ҳарбии юнониву мақдунӣ дар Бохтар бештар аз сад сол давом ёфт. Ин марҳала пур аз ҷангу ҷӯши сулолавии юнониву мақдунӣ ва лашкаркашиҳои ғоратгаронаи онҳо ба мамлакатҳои ҳамсоя, асосан ба Ҳинд буд, ки он ҷо низ ҳатто дар як муддати кӯтоҳ, давлати Юнону Ҳинд ташкил ёфт ва дар ҳайъати он тамоми Панҷоб ва водиҳои Ҳинд, ҳамчунин вилоятҳои миёнаоби рӯди Ганг

шомил гардиданд. Шоҳигарии Юнону Ҳиндро яке аз сарлашкарони юнониҳои Бохтар, ки Менандр ном дошт, ташкил дода буд.

Дар натиҷаи ҷангҳои байни сулолаҳо шоҳигарии Юнону Бохтар пош хӯрд. Сардорони лашкаргоҳҳои ( гарнизонҳо) юнонӣ яке паси дигаре худро ҳокими мустақил эълон мекарданд. Дар самти ҷанубу ғарби Бохтар шоҳи Парфия Митридати 1 худро ҳоким эълон намуд. Зидди аъёну ашрофи намояндаи юнониву мақдунӣ аҳолии Суғдиён муборизаҳои сахт мебурданд, нерӯи худро бо нерӯи кӯчӣ, ки сарчашмаҳои чинӣ даюе-чжи, юнонию ҳиндуӣ – Тоҳириён меномиданд, пайванд дода, охирин зарбаро ба юнониҳо мезаданд. Дар натиҷаи ҳуҷуми бодиянишинони Шарқ ҳукумати ғосибонаи юнониву мақдунӣ дар Осиёи Миёна тақрибан солҳои 133-129-и пеш аз милод аз байн рафт.

Соли 138 то милод ба Осиёи Миёна аз Чин сафири махсусе таҳти роҳбарии Чжан-Тсян, ки сарлашкари император Ву маҳсуб мешуд, ба мақсади пайдо кардани иттифоқчиён бар зидди хуннҳо, фиристода шуда буд. Чжан-Тсян аз Чин ба Ғарб роҳ пайдо намуд ва ба алоқаи Чин бо мамолики Ғарб оғоз гузошт. Чжан-Тсян ва дигар чиниён (баъди бозгашти Чжан-Тсян ҳукумати Чин ба мамлакатҳои эронӣ ҳамасола якчанд сафир мефиристод) аз боигарии мамолики бори нахуст кушодаашон ҳайратзада буданд. Диққати онҳо пеш аз ҳама ба аспҳои ғайриодии зоти «фалакӣ», ки зоҳиран, ҳатто бодиянишинон надоштанд, кашида шуданд. Чунин аспҳоро сокинони водии Фарғона бонӣ мекарданд.

Чжан-Тсян ба Чин натанҳо аспҳои зоти «фалакӣ»-ро интиқол дод, инчунин алафи дӯстдоштаи онҳоро бо худ бурд. Вай соли 126-уми пеш аз милод ба Чин тухми ришқа (юнучқа)-ро бурд. Император Ву онро дар заминҳои атрофи қасрҳои худ кишт ва ришқа аз ҳамон ҷо ба тамоми Чини шимолӣ паҳн гардид. Зиёда аз он, ба Чин қаламчаҳои ток (ангур) бурда шуд.

Ба ин тариқ, аҷдоди қадими тоҷикон, дар замони худ аввалин касон аз миёни мардумони Осиёи Миёна буданд, ки ба ҳаёти мадании Чин таъсир гузоштанд.

Ғановати водии Фарғона дар ниҳоди императори Чин ва аҳли дарбори вай таассуроти барҷастае гузошт. Солҳои 104-101-и то милод, аз пайраҳаи гузаштаи Чжан-Тсян лашкари Чин ба тарафи Осиёи Миёна ҳаракат карда, ба Фарғона даромад. Сокинони озодихоҳу мардсифати водии Фарғона, ки дар муборизаҳои зидди кӯчиёну ғоратгарон обутоб ёфта буданд, ба чиниҳои дӯстдори молу ашёи мардум зарбаҳои корӣ заданд. Дере нагузашта чиниён дар муҳосираи шаҳрҳо – қалъаҳои Фарғона даступохӯрда ва ҳолрафта шуданд, талафоти зиёд доданд ва сипас аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ тамоман саркӯб гардиданд. «Аз як артиши калон,- – гувоҳӣ медиҳанд таърихнависони Чин,- – аз ҳар даҳнафара на бештар аз ду нафарӣ зинда монданд».[1]

Баъд аз чунин шикасти сахт фармондеҳони бебарори чинӣ, ки 80 фоизи сарбозони худро талаф дода буданд, ба сарҳади мамлакаташон расида, ба император аз натиҷаҳои «сафар» номаи ҳисоботӣ фиристоданд. Онҳо навиштанд, ки «артиш дар ин сафари дуру дароз ба мушкили норасоии хӯрок рӯ ба рӯ шуд, сарбозон на аз ҷанг, балки аз гуруснагӣ метарсиданд ва бо миқдори ками артиш Довон (Фарғона)-ро ба даст овардан имкон надошт».[2] Императори Чин ба дурустии сабабҳои нишондодаи сарони лашкари нокомаш чандон бовар накард. Фармон дод, ки «сари ҳар нафар ҳарбии баргаштаи ҷуръати даромадан ба Чин кардаро аз тан ҷудо созанд» ва худ омодагии пуррасозии артишиваршикастаро дид ва барои ҳуҷуми нав ба сӯи Фарғона тайёр шудан гирифт.

Омодагӣ пас аз як сол ба охир расид. Ба ҳуҷуми ғоратгаронаи нави ӯ ба сӯи Фарғона лашкари шастҳазорнафара сафарбар шуд, ки хидматгорону аҳли тиҷорат бо сардории 50 фармондеҳ шомили ин рақам набуданд. Ин гуфтаи таърихнависони Чин мароқовар аст, ки ба сафи лашкар, ғайр аз саворахои сарҳад, як тоифа ҷинояткорон ва «ҷавонони авбош» ҳамроҳ карда шуда буданд. Ба ихтиёри артиш аз ҳайвонот 100.000 гов, то 30.000 асп ва то 10.000

---

[1] Бичурин. Собрание сведений... ҷ.III, саҳ. 25.
[2] Нигаред, ҳамон ҷо.

хару хачиру шутур дода шуда буд. Захираи зиёди хӯрокворӣ ва бештар аз он силоҳ аз ҷумла, камону камонғӯла доштанд. Тамоми империя ба такудав оварда шуда буд».[1]

Фармондеҳони Чин ҳама чизи заруриро пешакӣ ба ҳисоб гирифта буданд. Артиш ҳатто устоҳои махсуси харобгари ҷӯйборҳои пуроби шаҳрҳои асосии Фарғонаро низ бо худ гирифт. Барои лашкар инчунин «захираи хӯрданиҳои хушконида» ташкил шуда буд, ба мисли биринҷи ҷӯшонидаи хушконида. Қофилаи нақлиёти хӯроккаш паси ҳам ҳаракат мекард. Ду саркардаи баландрутбаи аспшинос сари сарҳад қарор гирифта, анҷоми сарбаландонаи лашкаркаширо мунтазир шуданд, ки ба гулчини «аспҳои фалакӣ»-и Фарғона дароянд, зеро мақсади асосии лашкаркашӣ низ ҳамин буд.

Лашкари шастҳазорнафара ба водии Фарғона зада даромад. Аҳолии водӣ ба пешвози душман мардона бархостанд, вале ба сабаби камшумории худ маҷбур шуданд, ба ҳимояти дару девори пойтахти худу шаҳрҳои дигарашон ақиб нишинанд.

Муҳосираи шаҳр зиёд давом кард. Бо ин ки чиниён оби ҷӯйборҳоро баста, аҳолиро дар ҳоли танг гузоштанд, муяссарашон нашуд, ки иродаи халқи дар истеҳкомҳои худ устувор истодаро шикананд. Чиниҳо ба ягон шаҳри воҳа роҳ ёфта натавониста, маҷбур аз баҳри муҳосира гузашта, бо ғанимати галае аз «аспҳои фалакӣ» рӯ ба фирор оварданд.

Ҳуҷуми Осиёимиёнагии чиниён сарбаландона зада гардонда, кӯчиёни эронӣ зери парчами давлати ба ном «Кӯшониёни бузург» ба ҳам омада, ба дастовардҳои калони рӯҳониву моддиву фарҳангӣ соҳиб мешаванд.

Ҳанӯз замони шоҳигарии Козуло Кадфиз, ки дар даҳсолаҳои аввали асри якуми милодӣ ҳукмронӣ кардааст, сарҳади Давлати Кӯшониён аз Суғдиён то Шимоли Ҳинди Боло ва аз Помир то Парфия расида буд. Ворисӣ ӯ Вима Кадфиз, ки дар миёнаҳои асри якуми баъд аз милод ҳукмрон будааст, шӯҳрати минбаъдаи Давлати «Кӯшониёни Бузург»-ро таъмин мекунад.

[1] Бичурин. Собрание сведений... ч.III, саҳ. 26

Сокинони қадими Осиёи Миёна ҷузъиёти маданияти юнониёнро омӯхта ва бо ин маданияти қадимии худро ғанӣ гардонида, ба паҳншавии тамаддуни эллинӣ ба дуриҳои Шарқ нақши муҳим бозиданд. Дар Осиёи Миёна ва тавассути Осиёи Миёна, аз ҷумла, дар Шарқи Дур санъати юнонию дар Осиёи Миёна буддоӣ домани калон кушод, ки юнониён пас аз даромадан ба Ҳинд андӯхта буданд.

Дар Осиёи Миёна таъсири дини буддоӣ, ки ҳанӯз дар асри III то милод ба воситаи эрониёни ин ҷо, ба хусус суғдиён даромада буд, дар натиҷаи равобити сиёсӣ ва мадании Юнониҳои Бохтар бо Ҳинд пурзӯр мегардад ва аз ин ҷо ба Чин интишор меёбад. Солномаҳои чинӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки соли 147-и пас аз милод аз шоҳигариҳои Кӯшон яке аз адабиёти динии бунёдитарини буддоӣ Амитаба-Сутра ба Чин оварда шуда буд ва чунин метобад, ки дар он таъсири эрониён хеле зиёд будааст. Ҷолиб аст, ки аввалин тарҷумони бузурги асарҳои буддоӣ ба забони чиноӣ, чунонки чиншиноси маъруф Пеллиот нишон медиҳад, эронӣ ва узви хонадони Аршакиён буд, ки дар асри II милодӣ беш аз 20 сол дар пойтахти Чин фаъолият бурда ва мактаби худро он ҷо кушодааст. Чунин метобад, ки тарҷумонҳои буддоӣ дар Чини асрҳои II-III-и милодӣ асосан Суғдиён будаанд.[1]

Дар аҳди «Кӯшониёни Бузург» васеъшавии алоқаҳои тиҷоратии вилоятҳои Осиёи Миёна бо мамлакатҳои ҳамсоя, чӣ дар Ғарб ва чӣ дар Шарқ ба мушоҳида мерасад.

Ба ивази шиша, ки он вақт дар Бохтару Суғд истеҳсол мешуд, сангҳои пурқимат, нимақимат, лолобу рангу рӯғани ороишӣ (косметика), шириниҳо ва ғайра, бо роҳи бузурге, ки Чжан-Тсян кашф карда буд, аз Чин абрешим, маводи локу ранг, пӯст, мӯина, оҳан, тило, нуқра меомаданд. Ҳамчунин ҳаҷми интиқоли молу ашёи тиҷоратӣ, ки роҳҳои Бохтару Ҳиндро истифода мебурданд, интиқоли молу амвол аз Осиёи Пеш низ хеле васеъ гардид. Аз Ҳинд ширавор, атру упо, матоъҳои нозук-ҳарир, коғаз ва матоъҳои нозуки

[1] P. Pelliot, Les Influences iraniennes en Asie Centrale et en Extreme Orient, Paris, 1911, стр. 11 (отд. оттиска)

мӯина, ба ивази чандин навъи молу ашё, аз ҷумла шиша, оварда мешуданд. Доду гирифти молу ашё байни воҳаҳои зироаткору кӯчиёни дашту саҳро ба авҷи аълояш расида буд. Кӯчиёни скифӣ барои сокинони шаҳрҳо гӯшт, пӯст, пашм ва ғайра меоварданд ва онҳоро дар ин ҷойҳо бо молу ашёи зарурии худ иваз мекарданд.

Дар ин давра нақши барҷастаи маданияти сокинони суғди Осиёи Миёна хеле равшан ба назар мерасад. Суғдиён дар Ҳафтрӯд ва Туркистони Шарқӣ, ҳатто дар худи Чин, толорҳои сутундори бешуморе созмон дода буданд, ки бо шаҳрҳои Суғд мустаҳкамии алоқаро таъмин мекарданд. Чунон ки дар замони шоҳигарии Юнону Бохтар алоқаҳои тиҷоратиро суғдиён дар даст доштанд, дар давлати Кӯшониёни Бузург низ суғдиён нақши муҳиме бозидаанд, зеро забонашон он вақт дар Осиёи Марказиву Шарқӣ нақши забони байналхалқиро мебозид.[1]

[1] Роҳи абрешимро низ Дориюши Бузург кушода Шаркро ба Ғарб пайваста буд. (Тарҷ).

# VIII. РУШДИ КИШОВАРЗӢ ВА ФАРҲАНГ ДАР КИШВАРИ ТОҶИКОНИ АСРҲОИ VI-VII

Аз нимаи асри III давлати «Кушониёни Бузург» ба сабаби дар Эрон қавӣ шудани ҳокимони сулолаи Сосониён таъсири худро хеле аз даст медиҳад. Як қатор навоҳии пеш тобеи Кушониён будаи вилоятҳои Осиёи Миёна, акнун ба ихтиёри сосониёни Эрон мегузаштанд. Асрҳои III-IV ҳокимияти Эрони Сосонӣ дар тамоми қисмати ҷанубу ғарби Осиёи Миёна ва ноҳияи Марв низ раво мегардад. Дар ин вақт қисмати шарқи Осиёи Миёна таҳти тасарруфи ҳокимони кӯшонӣ қарор доштанд. Дар асри V давлати кӯшонӣ таги зарбаҳои қабилаҳои ваҳшӣ–барбарҳо мемонад, ки бо номи «гуннҳои сапед» ва ё эфталитҳо ёд мешаванд.

Ба назар меояд, ки гуннҳо (эфталитҳо) аз назари ирқият, яке аз шохаҳои «юэчжи»-ҳои дар Шарқ боқимонда ба ҳисоб мерафтанд. Аввали асри VI онҳо як қисмати Туркистони Шарқӣ, баъзе заминҳои ҷанубтари Ҳиндукуш ва Осиёи Миёнаро бо Бохтару Суғд ба худ тобеъ намуданд.

Нимаҳои асри VI дар Сибири Ҷанубӣ, Муғулистон ва Осиёи Марказӣ Иттиҳодияи азими сиёсии қабилаҳои кӯчӣ ташаккул меёбад, ки бо номи каганати (хоқони) турк маълум буду дар он қисми зиёди қабилаҳои гуногунзабон ва ҳатто аз нигоҳи ирқият бегона медаромаданд.

Солҳои 563-567 хоқони турк ба эфталитҳо якчанд зарбаи ҷиддӣ зада, таъсири сиёсиашонро дар Осиёи Миёна аз байн мебарад. Ҳукмронии давлатҳои эронии Осиёи Миёна ба дасти туркҳо мегузарад.

Чунон ки аз гуфтаҳои боло пайдост ба мисли пешина, дар давраи ба дасти ҳокимони хоқони турк гузаштани Осиёи Миёна низ мунтазам болоравии маданияти суғдиён ва васеъшавии алоқаҳои тиҷоратии онҳо чун асаргузори ҷиддӣ маънидод мешавад. Бинобар ин, асос дорем тахмин занем, ки бархӯрд ва муборизаи иттиҳодияҳои гуногуни сиёсии қабилаҳои бодиянишин бар сари воҳаҳои зироаткори Осиёи Миёна, ба ҳаёти маданӣ ва хоҷагидории гузаштагони қадими халқи тоҷик чандон зарари калон нарасондаанд. Дар

ин давра тобеияти марказҳои шаҳр ва воҳаҳои зироаткори Осиёи Миёна аз кӯчиён, зоҳиран, танҳо ба хироҷи муайяне вобаста буданд. Қабилаҳои кӯчӣ, ғайр аз гирифтани хироҷ ҳамчунин аз дастбурдҳои алоқаҳои туҷҷории таҳҷоиён истифода мекарданд, ки нақши асосиро дар ин муносибатҳо бо кӯчманчиён аҳолии таҳҷоӣ мебозид. Дар чунин муносибатҳо, тахмин метавон кард, ки ҳеҷ чиз тағйир наёфт, ҳатто ҳангоме ки дар Осиёи Миёна хоқонии турк ҳукумати худро ҷо зад. Аллакай дар солҳои аввали ҳукмронии хоқонии турк суғдиён мушовирони асосии хонҳои турк буданд. Мониаки суғд, солҳои 60-уми асри VI, дар Константинопол сарварии сафорати туркро дар замони императори Византия будани Юстини II ба ӯҳда дошт; муносибатҳои тиҷоратии хоқонӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя ҳам дар ихтиёри суғдиён буд.

Худ аз худ маълум аст, ки навиштаҳои боло танҳо тамоюлҳои асосиро дар бораи муносибатҳои бодиянишинҳои саҳроӣ ва аҳолии таҳҷоии Осиёи Миёна шарҳу баён мекунанд. Ҳукмронӣ сари аъёну ашрофи қавмҳои кӯчии худ, ки қисмати бузурги воридоти аҳолии таҳҷоиро барои худ мегузоштанд, он қадар устувор набуд, ки аҳолии шаҳрҳо ва зироаткорони Осиёи Миёнаро аз тохтутозҳои ғоратгаронаи ин ё он гурӯҳҳои кӯчии аз итоати асилзодагони кӯчии худ берун ҷаста, кафолати дуруст диҳад. Аҳолии шаҳру деҳоти мамлакатро лозим буд, ки ҳар лаҳза омодаи ҳимояи дороӣ ва ҳастии худ аз бедодгариҳои кӯчиён бошад. Беҳтарин ҳимоят аз он хазандагон рӯҳи қавию ҷанговаронаи суғдиёни ҳамонвақта буд, мегӯянд таърихнависони вазъияти Осиёи Миёнаи охири асри VI ва аввали асри VII-ро хеле дақиқ омӯхта. Барои одоби мамлакати он замон, масалан, урфу одати суғдиён бисёр хос аст, ки таърихнависи мусулмонон Табарӣ ёдрас шудааст. Дар аснои яке аз ҷашнҳо, ки ҳамасола дар Самарқанд баргузор мегардид, мизе бо кӯзаи шароб барои паҳлавони барҷастаи Суғд ороста мешавад. Агар каси дигаре ба нуқлу наво ва таомҳои он дастдарозӣ намояд, вай бо ҳамин амал он паҳлавонро ба набард хонда ҳисоб мешавад. Ҳар касе дар

набард ғолиб ояд, қаҳрамони барҷастатарини мамлакат ӯ буд ва то замоне ки як паҳлавони дигари зӯртар аз ӯ пайдо нашавад, вай бо ҳамин унвон мемонд.[1]

Дар замони ҳукмронии хоқони турк ноҳияҳои муқиминишини Осиёи Миёна дар пешрафти хоҷагидории худ ба комёбиҳои барҷаста ноил гардиданд. Дар асри VII, вақте ки арабҳо аз рӯди Ому (Ҷайҳун) гузашта, ба Мовароуннаҳр тохт оварданд, онҳо аз дидани дороиҳои мамлакат дар ҳайрат афтоданд. Сарчашмаҳои таърихии арабии марбути он марҳала пури ҳикоёт дар бораи ғаниматҳои ҳангоми тохтутоз ба даст оварда аз Мовароуннаҳранд. Маҳз барои ҳамин таърихнависони араб Мовароуннаҳрро «Боғи соҳиби мӯъминон» номидаанд.

Давоми солҳои ба қалам омада дар воҳаҳои зироаткори Осиёи Миёна гандум, арзан, шолӣ, ҷав, ришқа ва зоҳиран пунба, ки кишти он ба Чин тавассути Суғд роҳ ёфта буд, рӯёнда мешуданд. Дастовардҳои бузурги онҳо дар соҳаи боғдорӣ низ будааст. Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки миқдори зиёди дарахтони пурарзиши бороварро аз ҷойҳои дигар ба Осиёи Миёна медароварданд.

Чунин комёбиҳои хоҷагиҳои зироаткор албатта, ба пешрафти минбаъдаи обёрӣ сахт алоқаманд буд. Дар замонҳои бисёр пеш аз ҳукмронии туркҳо ҷӯйборҳои калони обрасони Осиёи Миёна ҳамон андоза пурқудрат будаанд, ки ҳатто дар онҳо киштиҳои бузург шино карда, даҳҳо километрро тай зада, то пешгоҳи мамлакат мерасиданд.

Таърихнависони Чин дар бораи дастовардҳои мардумони таҳҷоии Осиёи Миёна сухан гуфта, роҷеъ ба ҳунари берункашии канданиҳои фоиданоки кӯҳӣ ва зеризаминӣ маълумоти пурқимат медиҳанд. Дар Осиёи Миёна оҳан, тило, яшми сабз истеҳсол мегардид. Дар кӯҳҳои начандон дур аз Хуҷанд мис ва нуқра коркард мешуданд. Дар ҳама ҷо оҳангарӣ, кулолӣ ва истеҳсоли фулузот пешрафт доштанд.

Давроне ки сухан дар борааш меравад, пешрафти

---

[1] В.Бартолд. Туркистон дар рӯзгори ҳуҷуми муғул, СПБ, с.1900, саҳ. 184.

алоқаҳои савдои шаҳриён ва навоҳии зироаткори Осиёи Миёнаро бо мамлакатҳои ҳамсоя мекушояд. Пешрафти тиҷорат бахусус дар асри VII ба авҷаш расида буд. Сайёҳи Чин Сюан-Тсян соли 630 аз Осиёи Миёна гузар карда, дар музофоти ҳозираи Қирғизистону Қазоқистон, ки он замон тиҳӣ буду ғайр аз кӯчиён касе будубош надошт, даҳҳо шаҳрҳоро пайдо намуд. Дар домани соҳили рӯди Чу, аз рӯи навиштаҷоти мусулмонон, шаҳри Сиёб вуҷуд доштааст, ки ба он ҷо тоҷирон бо молу амволи худ аз ҷойҳои гуногуни Осиёи Миёна ва дигар мамлакатҳо меомадаанд. Маркази савдои ба назар намоён шаҳри Талас будааст, ки дар ҷои ҳозираи шаҳри Ҷамбул қарор доштааст. Тамоми мамлакатро, сар карда аз рӯди Чу то «Дарвозаи оҳанин» (пайраҳаи Бузғола дар Бойсунтав) чиниён Су-ли меномидаанд. Аз рӯи транскрипсияи чиноӣ, калимаи «сулик» ба лаҳҷаи халқӣ тағйирёфтаи «суғдиён» будааст. Сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти зиёди бозгӯеро дорост, ки пешрафти ҳаёти шаҳрҳои навоҳии Шарқии Осиёи Миёна бо таъсири маданияти Суғд зич алоқаманд будааст. Асри VII дар Туркистони Чин, дар ҷанубтари кӯли Лобнор суғдҳо асоси чаҳор шаҳрро гузошта буданд. Инро ҳуҷҷатҳои аз Дун-Хуан ёфтшуда собит месозад. Дар заминҳои ишғолии туркҳо, ки воқеъ дар домани навоҳии Турфани ҳозира аст, ҳамчунин деҳаҳое будаанд, ки дар онҳо суғдиён, насронӣ (христианҳо), зардуштиён ва собиин (буддоӣ ва ё монавиён) иқомат доштаанд.

Яке аз саҳифаҳои дурахшони инъикосгари таърихи мадании гузаштагони қадими халқи тоҷик таъсири хаттии онҳо ба шумор меравад, ки баъзе халқҳои дигар қабулаш карда буданд. Ақидае мавҷуд аст, ки алифбоҳои қадими туркии аз ҳавзаи рӯди Енисей ва Орхон ёфтшуда, баромади суғдӣ доранд. Ин ки алифбои дувуми туркӣ–уйғурӣ аз назари замон баромади суғдӣ дорад, ҷои баҳс нест. Шабоҳати ҳарфҳои алифбои суғдию уйғурӣ ба андозаест, ки байни ин ду алифбо сарҳадгузорӣ мушкил аст. Агар ба назар гирифта шавад, ки аз рӯи алифбои уйғурӣ баъдан алифбои муғулӣ ва аз алифбои муғулӣ баъдан алифбои манҷурӣ сохта шудааст,

пас бе баҳсу талош метавон гуфт, ки «алифбои семитӣ аз алифбои суғдӣ»[1] миннатпазир бошад, ки сабаби паҳншавии он то ба соҳилҳои Укёнуси бузург будааст».[2]

Ёдгорие дастраси мо нест, ки аз рӯи он дар бораи адабиёти асрҳои V-VII-и суғдӣ баҳс намоем. Вале сарчашмаҳои таърихӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ имкон медиҳанд бо дили пур бигӯем, ки он вақтҳо адабиёти зиёди динӣ, таърихӣ ва нуҷумӣ ба забони суғдӣ будаанд ва дертар ба таъқиботи сахти арабҳо гирифтор ва бо хоҳиши онҳо бераҳмона ба нобудӣ расонида шуданд. Зебу зинатҳои бисёр базеби аз даруни дахмаҳо, устадонҳо, ки даруни онҳо зардуштиён мурдаи худро мегузоштанд ва ҳайкалчаҳои сафолине, ки аз хафриёти шаҳраки Афросиёби Самарқанд ба даст омадаанд, дар бораи дараҷаи маданияти рассомии эрониёни Осиёи Миёнаи он давра шаҳодат медиҳанд.

Дар бораи пешрафти маданияти ёдшуда ва равобити маданиву таъсири мадании эрониёни Осиёи Миёна (яъне тоҷикон) дар ҳамин марҳила як идда далелу рақам ҳикоят мекунанд. В. Бартолд дар асараш «Таърихи ҳаёти мадании Туркистон» далелҳое аз маълумоти чиниён оид ба як бино дар Кӯшония[3] меоварад, ки то бозсозии Самарқанд, аз афташ, яке аз марказҳои мадании калонтарини тоҷикон дар водии Зарафшон ба шумор мерафтааст ва он хосса аҷиб аст. Дар девораи ҷониби шимолии он бино сурати рангаи императорҳои Чин, дар девораи шарқӣ – шоҳони Турк ва

---

[1] Алифбои суғдӣ ба алифбои гуногуншакли шарқӣ–семитӣ ва ё оромӣ мансуб аст, ки ба Осиёи Миёна аз тариқи Эрон гузаштааст.

[2] Шаҳре, ки зоҳиран дар ноҳияи Каттақӯрғони ҳозира ҷой дошт. В.Бартолд. Тоҷикон. Очерки таърихӣ. Ниг. ба маҷмӯаи «Таджикистан». Тошканд, 1925, с.96.

Дар бораи ин ки дар Осиёи Миёна адабиёти таърихӣ будааст, сайёҳи Чин Сюан-Тсян хабар медиҳад. Донишманди бузурги асри XI Беруниии Хоразмӣ мегӯяд, ки арабҳои истилогар, хусусан Қутайба ибни Муслим, дар оғози асри VIII дар Суғдиёну Хоразм ҳамаи намояндагони рӯҳонии зардуштиро қир карданд ва китобҳояшонро сӯзонданд. Бартолд. Туркистон дар рӯзгори ҳуҷуми муғул. саҳ.1.

[3] В.В.Бартольд. «История културной жизни Туркестана», Ленинград, 1927, с.19.

Ҳинд, дар девораи ғарбӣ – шоҳони Форсу Рим кашида шудаанд. «Чунин шаҳре, – навиштааст Бартолд,– ки дар айни як бино суратҳои шоҳони Рим, Форс, Осиёи Миёна, Чину Ҳинд кашида шуда бошад, шояд дар ягон мамлакати дигар вуҷуд надошт».[1]

Ин далел бозгӯи он аст, ки дар Суғд маданияти як зумра мамлакатҳо ба ҳам пайванди ногусастанӣ хӯрда ва эрониҳои Осиёи Миёна (тоҷикон) дар ин давра миёнҷигарони фаъолу бевоситаи сарвати мадании Ғарбу Шарқ будаанд.

Бадбахтона, дар асри VII ба Осиёи Миёна, лашкари ҷаҳонгирони нав – арабҳо фурӯ рехт. Вай ногаҳон тараққиёти минбаъдаи ҳаёти маданӣ ва хоҷагидории тоҷикони зироаткори воҳаҳои осиёимиёнагии Мовароуннаҳрро вайрон кард, боиси бадбахтиҳои бешумор ва дарду алами халқ, боиси ҷангҳои шадид ва муборизаҳои суботкоронаю сахти тоҷикон барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ гардид.

[1] Шаҳре, ки зоҳиран, дар ноҳияи Каттақӯрғони ҳозира ҷой дошт.

# IX. ИШҒОЛИ АРАБҲО ОСИЁИ МИЁНАРО. ШӮРИШИ МУҚАННАЪ

Дар ибтидои асри VII, дар Нимҷазираи араб ба сабаби ҷангҳо ва ҷудошавии пайвастаи хешу таборӣ ва муттаҳид гардидани қабилаҳои арабӣ зери ливои дини навини ислом давлати феодалию рӯҳонии (теократи) араб ба вуҷуд омад. Он аз ҷониби хулафое, ки ворисони асосгузори ин дин – Муҳаммад ба шумор мерафтанд, идора мешуд. Муттаҳидии қабилаҳои араб ва ташаккули хилофат аз ҷониби мулкдорони калон (феодалҳо) барои ҷанги ишғолгаронаи зидди ҳамсояҳои худ истифода гардид.

Ҷангҳои ишғолгаронаи арабҳо хусусияти ошкорои ғоратгарона дошт. Дуруст аст, ки арабҳо ба ҷанг таҳти парчами «ҷиҳод», «ғазавот» – ҷанги муқаддас барои дин, мерафтанд. Аммо таълимоти исломии ҷанги муқаддаси динӣ барои мулкдорон (феодалҳо) пардаи пинҳондории ғаразҳои ғоратгаронаашон зидди давлатҳои ҳамсоя буд.

Арабҳо дар як муддати кӯтоҳ мамлакатҳои ҳамсояи наздикро ба тасарруфи худ даровარданд, аз ҷумла мамлакати бузург ва нерӯманди Эрони Сосониро. Дар нимаи дуюми асри VII арабҳо ба ҳудуди Осиёи Миёна низ даромаданд.

Халқҳои Осиёи Миёна ва пеш аз ҳама тоҷикон, синасипаркунон зидди истилогарони нав бархостанд. Онҳо дар ҳимояи боғҳои гулпӯш ва шаҳрҳои бойи худ сарсахтона истодагарӣ мекарданд.

Мардонагиҳои бемисли халқи тоҷик, нафрати онҳо ба маргу куштор ва омодагӣ ба задухӯрди душман то қатраи охирини хунро, зиддиятҳои байни худи заминдорони маҳаллӣ (деҳқонон) суст мекард. Дар чунин шароит, зиддиҳамзании деҳқонони алоҳида ва ҳатто дар ин ғараз арабҳоро истифода бурдан, ки заминҳои рақибонашонро онҳо ишғол намоянд, тақдири муборизаро ҳал кард.

Дар аввал ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳр низоми номураттаб ва тохтутозҳошон хосияти ғоратгарона доштанд. Кишвари боғановат ва гул-гулшукуфон албатта, ҳаваси онҳоро барангехта буд, аз ин рӯ онҳо зуд ба хулосае меоянд, ки дар ин

мулку диёр ҳокимияти хешро устувор созанд. Ин вазифаро сарлашкар Қутайба ибни Муслим дар амал пиёда кард.

Қутайба сарбози ҷасур ва пурқудрате, сиёсатмадори маккор ва беқавлу лафзе буд, хислатҳои зӯъмӣ ва хасисӣ низ дошт. Вай аз парокандагии заминдорони кишвар ва душмании байни якдигарии онон сӯистифода карда, қадам ба қадам хукмронии арабҳоро дар замини тоҷикон мустаҳкам мегардонид. Соли 705-ум ӯ Балхро гирифта, аз рӯди Ому, ки арабҳо Ҷайҳунаш номиданд, убур намуд ва ба Бойкент ҳамлавар шуд. Соли 706-ум бо ҳилаҳо шаҳрро ба итоат даровarда ғорат кард ва мардуми саркаши Бойкентро бераҳмона аз дами теғ гузаронд. «Дар Бойкент одам намонд ва шаҳр ба замин яксон гардид»– гувоҳӣ медиҳад таърихнигор.[1]

Торумори Бойкент ба тоҷикон нишон дод, ки онҳо бо чи гуна душмани қаттол ва бераҳм сарукор доранд. Баъзе аз ҳокимони Суғд туркҳоро ба ёрӣ даъват карда, барои ҷавоби сазовор додан ба арабҳо дар навоҳии Бухоро муттаҳид шуданд. Ба Қутайба ибни Муслим ва лашкараш ҳалокати ногузир таҳдид мекард. Арабҳо аз чаҳор сӯ ба муҳосира афтода буданд. Онҳо шабу рӯз силоҳро аз даст намегузоштанд, аз қароргоҳашон берун намебаромаданд. Ба Қутайба ибни Муслим, ниҳоят, муяссар шуд шоҳи Суғдро бовар кунонад, ки ба туркҳо бовар накунад. Ин боиси несту нобудшавии тамоми нерӯе гардид, ки барои зада гардонидани душман муттаҳид шуда буд. Қутайба соли 709-ум бемушкилӣ Бухороро ба даст даровард.

Соли 712-ум арабҳо пойтахти Суғдиён – Самарқандро ишғол намуданд. Тамоми мамлакат аз нав зидди ишғолгарони араб ба по хест. Туркҳо дубора бо тоҷикон якҷо шуданд. Бо ёрии заминдорони калони Бухоро, Насаф, Кеш ва Хоразм ба Қутайба ибни Муслим боз муяссар гардид, ки ҳукумати худро дар марказҳои хеле бонуфузи мамлакат устувор созад.

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. (Аз форсӣ ба русӣ тарҷумаи Н.Ликошина). Тошкент, 1897, саҳ. 59.

Ҳукумронии арабҳо дар Осиёи Миёна аз ҳад зиёд бераҳмона буд ва миёни аҳолӣ норизоиҳои бисёр ба вуҷуд меовард. Арабҳо на танҳо мамлакатҳои ишғолиашонро ғорат мекарданд, ҳамчунин аз аҳолӣ тақозо доштанд, ки дини нав – исломро қабул фармоянд. Бо ғорати боигариҳои бемисол қаноат накарда, онҳо бо ҳар гуна баҳона, аҳолиро маҷбур менамуданд, ки ҳамаи амру фармони онҳоро ба фоидаи ишғолгарон ба ҷо оваранд. Арабҳо одамони вилоятҳои ба даст овардаашонро маҷбур менамуданд, ки лашкаргоҳҳоиононро таъмини хӯрок намоянд, боҷу хироҷи хонабарандозашонро супоранд, ки аз ҷумла ғулом, ҷӯрӣ, ҳайвонот, ғалла, матоъ ва ғайра буданд. Масалан, дар Бухоро мардуми таҳҷоиро маҷбур доштанд, ки нисфи хонаҳои истиқоматии худро барои онҳо вогузоранд. Ҳамин бадбахтӣ ба сари мардуми Самарқанд низ фуромада буд.

Арабҳо дар шаҳру деҳаҳои Мовароуннаҳр ҳар рӯзи худро бо тарсу ларз аз хатари ғазаби мардуми ғораткардаашон мегузаронидианд. Давоми даҳсолаи аввали ҳукмронии худ дар Бухоро онҳо ҳатто ба масҷид бо силоҳҳояшон мерафтанд. Дар Самарқанд ҳамин гуна тартибот ҷорӣ шуда буд, ки мувофиқи он ҳар тоҷики аз атрофи шаҳр ва деҳаҳо барои як муддати муайян ба шаҳр омадаро, арабҳо рӯи дасташ доғе пахш мекарданд. Шабҳо аз хона берун баромадан ҳам мамнӯъ буд. Агар касе риоя накунад, арабҳо ӯро ба қатл мерасонданд.

Террори дарандавори арабҳо низ рӯҳи озодихоҳи халқро шикаста натавонист. Тамоми давраи ҳукмронии арабҳо дар Осиёи Миёна паҳлӯи шӯришу ғазаби пайвастаи аҳолии маҳаллӣ зидди истисморгарони аҷнабӣ гузаштааст. Чунин шӯриши сахти зидди ҳокимони араб соли 720-721-ум рух дода буд. Соли 724-ум аҳолии Суғд, бо ёрии туркҳои давъватшуда лашкари арабро дар Мовароуннаҳр саросар шикаст. Вале арабҳо ба Мовароуннаҳр қувваҳои нав фиристода, вазъиятро барқарор намуданд. Соли 728-ум тамоми Суғд боз ба муқобили арабҳо бархоста туркҳоро ба кӯмак гирифтанд. Ин шӯриш чунон доман кушод, ки дар дасти арабҳо

танҳо Самарқанд ва Дабусия[1] боқӣ монданд. Соли 731-ум, пас аз пахши шӯриш, дар Мовароуннаҳр ҳукмронии арабҳо, дубора зери хатар афтод.

Замоне ки сухан ин ҷо аз он меравад, бар сари давлатҳои араб халифҳо аз авлоди ашрофи уммавӣ ҳукмрон буданд. Норозигии умумӣ аз сиёсати халифаҳои уммавӣ, хусусан солҳои 40-уми асри VIII, хеле пурзӯр гардид. Вай на танҳо халқҳои зери асорати арабҳо, инчунин аҳолии камбизоати арабро фаро гирифт. Дар шарқи хилофат бар зидди уммавиҳо на танҳо зироаткорон, инчунин ашрофи заминдори шаънашонро дар хилофат коҳонда ва қисми зиёди ҳосили деҳқононро ба сифати хироҷ яклухт ба хазинаи хилофат гузаронда, онро ба асилзодагони араб вогузор намуданҳо, ғазаби ин тоифаро зидди уммавиён меангехт.

Ҳаракати зидди уммавиҳоро намояндаи дигари зоти араб – аббосиён сарварӣ мекарданд, ки асосгузорашон Аббос – амаки Муҳаммад буд. Онҳо хазинаи беҳисоби худро бе қилу қол бар зидди уммавиҳо сарф мекарданд. Ба муқобили уммавиҳо, инчунин аҳли шиа мубориза мекард ва ба сифати халифа талабгори авлод ва вориси чаҳоруми Муҳаммад пайғамбар, домоди ӯ, Алиро пешниҳод менамуданд.Шиаҳо халифаҳои сунниро ғосиб мешумурданд ва ҳуқуқи хилофатро танҳо ба авлоди Алӣ роиҷ медонистанд. Таҳти шиори «Хилофат – ба хонадони пайғамбар!» алиён ва аббосиён шартнома баста тарафдор шикор мекарданд ва онҳоро дар тамоми хилофат сӯи худ мекашиданд.

Ба деҳқонони зери бори вазнини боҷу хироҷ аз ҳад зиёд азоб кашида ва беҳолу бемадор гардида аббосиён ваъда доданд, ки андозро хеле кам мекунанд, аз баҳри корҳои сахт ва сохтмони биноҳои нав ва гузарондани ҷӯйборҳои нав мебароянд, ки хароҷоти ҳамаи инро деҳқонон аз рӯи ҳосили гирифтаашон бо роҳи маҳсулотдиҳӣ адо менамуданд. Онҳо ваъда медоданд, ки барои идораи кишвар усули эрониро ба кор мебаранд. Албатта, ҳамаи ин ваъдаҳо барои фиреби ом-

[1] Харобаҳои Дабусия (Қалъаи Дабус) дар деҳоти шарқии Зиёуддини байни Бухорову Самарқанд аст.

ма буд ва аббосиҳо ба ин васила мехостанд онҳоро дар мубоҳизаи худ зидди уммавиҳо истифода баранд. Дар бораи манфиати мардум, бахусус оммаи тоҷику эронии қисмати шарқии хилофат ва эмиссарҳои онҳо аббосиён ва эмиссарҳои ҷосуси онҳо на бештар аз уммиҳо ғамхорӣ зоҳир мекарданд.Аммо аббосиён дар мубоһизаи худ ба муқобили уммавиҳо якҷоя ва муттафиқона бо аъёну ашрофи заминдори тоҷику эронӣ, ки дар он ҳаракат нақши барҷаста мебозиданд, амал мекарданд. Худ аз худ пайдост, ки дар сурати муваффақ шудан ба табаддулоти аббосиён, дар идораи давлат ба вазифаҳои баланд кашидани тоҷику эронӣ дар назар будааст.

Мардуми «Осиёи Миёна, ки тоҷику эрониаш зиёд буд нисбат ба дигар ҷойҳо аз сиёсати уммавиҳо бештар норозӣ гардиданд, аббосиён инро дуруст дарёфта, ҳангоми тарғиботи худ ба онҳо эътибори махсус медоданд. Намояндагони онҳо дар Хуросон ибтидои ҳукмронии халифа Хишом (724-743) пайдо шуданд. Сарчашмаҳо хабар медиҳанд, дар замоне ки ҳокими Эрону Хуросон Холид ибни Абдуллоҳ буд, якчанд кас, ба гумони муносибат доштан бо аббосиён, дастгир шуда буданд. Дасту пои онҳоро буриданд. Халифа дарёфт, ки дар Хуросон ноороми ст ва пайи ҳам дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ, чаҳор намояндаро худаш иваз мекунад, вале бе натиҷае чашмрас.

Оқибат инони ҳокимиятро дар Хуросон, ба дасти яке аз ҳокимони ин ҳавзаи мамлакат Наср ибни Сайёр, ки бас айёру фиребгар ва донандаи хуби вазъи ҳоли маҳал буд, месупорад. Наср ибни Сайёр муносибаташро бо деҳқонони тоҷик фаъолона мустаҳкам намуда, дар барҳам задану решакан гардондани таблиғоти шиа тадбирҳо андешид. Соли 740-ум ӯ сӯиқасди Яҳё ибни Зайд ибни Алиро ошкор намуд, ки яке аз авлоди намоёни Алӣ ба ҳисоб мерафт ва ба ӯ ҷазои ниҳоят сахт раво дид.

Наср ибни Сайёр хеле бомуваффақият тарғиботи шииёнро дар Мовароуннаҳр решакан кард, то ҷое, ки охирин халифаи уммавиҳо – Марвон соҳиби тоҷу тахт шуд ва роҳбариро дар мубоҳизаи зидди уммавиҳо шахсияти

машҳур, пешвои ҳақиқии зидди табаддулоти уммавиҳо Абӯмуслим ба дасти худ гирифт. Эронии осиёимиёнагӣ, касе ки дар аввали фаъолияти худ дар зинаҳои аз ҳама пасти иҷтимоӣ қарор дошт (аз рӯи баъзе маълумотҳо Абӯмуслим ғулом буд) ба як зудӣ ҳамчун раҳнамои умум эътироф гардида, роҳбари муборизони зидди уммавиҳо шинохта мегардад. Абӯмуслим дар наздикии шаҳри калонтарини Хуросон – Марв қароргоҳи худро ташкил карда, аввал тамоми қувваҳои зидди шиаро чида, дар як саф ҷамъ овард, алипарастон ва аббосиён ҳам унвони «шахси боэътимоди хонадони пайғамбар» ӯро доданд. Абӯмуслим ҳам ба нафъи онҳо таблиғот сар кард. Дар натиҷаи амалиёти тоқатфарсоёна ва пинҳонӣ вақте заминаи мустаҳкам ба вуҷуд овард, Абӯмуслим халқро ба муборизаи ошкоро даъват намуд.

Дар ҷавоби даъвати Абӯмуслим ба ҷиноҳи алипарастони ӯ оммаи норизои уммавӣ низ ба умеди озодӣ аз зери зулми беамон бо зӯри силоҳ розӣ шуданд. Ба онҳо шитобкорона тоҷикони заминкори Самарқанду Бухоро низ пайвастанд. Зери парчами ӯ аз Яман гурӯҳҳое аз лашкари араб низ бархостанд, ки шӯриши онҳо бо нерӯи шиаҳои форсӣ – Марвон дар ҳамин қарибиҳо пахш шуда буд. Барои беҳбуди вазъи худ ҳатто ғуломон худро ба ҳаракати Абӯмуслим заданд.[1]

Наср ибни Сайёр, ки арабҳои муборизи ин ҳаракатро роҳбарӣ мекард, бо ҳушёрии тамом мекӯшид арабҳоро ба муқобили Абӯмуслим бархезонад. Сарони як қисм қабилаҳои араб дар чунин ҷӯши муборизаи пай дар пай ва пайваста барои дастёбӣ ба ҳукумат мекӯшиданд. Дар дохили қабилаҳои араб марҳилаи қабат-қабат аз ҳамдигар ҷудошавии синфӣ сурат гирифта буд ва бисёре аз арабҳо, хусусан арабҳои камбизоат, таҳти парчами Абӯмуслим мерафтанд. Ҳатто кӯшиши зиддиятангезии нерӯҳои арабӣ ба муқобили эрониён, ки мегуфтанд, дар муборизаҳои зидди қабилаи уммавиёни араб инҳо аз ҳад зиёданд, кӯмак накард.

[1] Табарӣ иттилоъ медиҳад, ки Абӯмуслим иҷозат намедод, ки ғуломон ба лашкари вай бипайванданд. Вале барои онҳо лашкаргоҳи дигар дар деҳоти Шаввол ташкил дод, ки фосиларо ҷарие ҷудо мекард.

Аввали соли 748 Наср ибни Сайёр маҷбур шуд, ки пойтахти ҳукуматдории Хуросон – шаҳри Марвро ба шӯришгарон вогузорад ва худ ба Нишопур ақиб нишинад. Яке аз сарлашкарони Абӯмуслим, ки таъқиби Насрро ба ӯҳда дошт, дар вурудгоҳи Нишопур зарбаи ҳалокатбор бизад ва бо ин тақдири шӯриш ва хилофати уммавиро ҳал намуд. Бо ин ки халифа Марвон барои фурӯ нишондани шӯриш тамоми нерӯяшро ҷамъ овард, вале шӯришгарон дар Ироқ ба онҳо зарбаҳои сахт зада, шаҳри Димишқро ба даст медароранд.

Ҳамин тавр, нерӯҳои ҷангии уммавиҳо аз тарафи фидоиёни халқии Абӯмуслим, ки дар қисмати Шарқи хилофат ҷамъ оварда буд, шикаста шуд ва онҳо асосан тоҷикон ва эрониёни ғарбӣ буданд ва бо оммаи зиёди арабҳои норизои сиёсати уммавиён дастгирӣ медиданд. Ин ғалабаи бузурги ҳаракати халқӣ буд. Вале самари онро аббосиёне, ки ба тоҷу тахти хилофат даъво доштанд, бетаъхир ба истифода гирифтанд.

Аббосиёне, ки бо кӯмаки ҳаракати оммаи васеи халқ сари қудрат омада буданд, ҳатто ба гӯшаи хотир ҳам наоварданд, ки замоне онҳо ва намояндаҳояшон (эмиссарҳояшон) ба оммаи халқ ваъдаҳое дода буданд. Дар ин бора Абӯмуслим, ки манофеи заминдорони калони Эронро ҳимоя мекард, низ ба хотир наоварм. Ба вай мансаби ҳокимии Хуросон дода шуд ва ин вазифаро гирифта, Абӯмуслим пас аз як соли сари қудрат омадани аббосиён, бераҳмона шӯришиёни тоҷики зидди аббосиёнро дар Бухоро ба ҷазодиҳӣ шурӯъ кард, ки сардорашон Шарик ибни Шайх буд. Рост, ки аббосиён аз Абӯмуслим бисёр тарс доштанд, аммо на чун душмани синфӣ ва даҳои ҳаққонии оммаи халқ, балки ҳамчун рақиби имкондори сарварии тоҷу тахти хилофат. Ба сабаби ҳамин тарс дере нагузашта Абӯмуслим аз ҷониби аббосиён хоинона ба қатл расонда шуд.

Аҳволи оммаи халқи заҳматкаш дар замони аббосиён на танҳо беҳтар нашуд, балки баръакс, назар ба рӯзгори уммавиён бадтар гардид.

Аббосиён бо истифодаи нерӯи оммаи деҳқонони гириф-

тор сохтмонҳои азими наве аз қабили қасрҳо, масҷидҳо, қалъаҳо барпо менамуданд. Ҳамаи хароҷоти сохтмонҳо аз ҳисоби деҳқонон пардохт мешуданд. Аҳволи ҳунармандони шаҳрҳо низ беҳтар аз ин набуд ва онҳо андозҳои зиёд месупурданд. Хонавайрониву бебизоатии меҳнаткашон ба ҳаракати азими халқии зидди аббосиён сабаб шуд ва он бо шӯриши Муқаннаъ чеҳраи худро рӯшан кушод, ки солҳои 70-уми асри VIII тамоми Мовароуннаҳрро фаро гирифта буд.

Муқаннаъ[1] фарзанди Марв буд ва дар оилаи ҳунарманд ба дунё омада. Ӯ дар шӯриши зиддиуммавиёни халқ иштироки фаъол дошт. Баъзе сарчашмаҳо ӯро чун сарлашкари Абӯмуслим ёдовар мешаванд. Асосҳо вуҷуд доранд, ки ба Муқаннаъ ғояҳои Маздакия асари бузург доштааст, ки гаравандагони он аз ҷониби Эрон барвақт, ҳанӯз дар асри VI то ба Осиёи Миёна ҳамла овардани арабҳо сар халонида буданд. Маздак– асосгузори он таълимот чунин мешумурд, ки моликияти хусусӣ будани замин ва дигар молу ашё ҳама зодаи андешаи аҳриманист ва бадӣ мезояд. Маздакиён дар кӯшиши тақсими дороии боён, хусусан замин, миёни ҳама бечорагон буданду ва ифодагари норизоии камбағалон ва мегуфтанд, ки чаро як мушт хусусиён ҳамаи замин ва ҳосили онро барои зиндагии фаровон азхуд кардаанду халқи зиёд чаро дар ҳоли хорию залилӣ умр ба сар мебаранд?

Таблиғоти Маздакиён дар Эрон боиси ҳаракати оммаи васеи халқ гардид. Деҳқонон заминҳои заминдорони калонро забт ва дороиҳои ононро тақсим менамуданд. Вале ин дер давом накард. Пас аз чанде аксуламал ғолиб омад. Шӯриши маздакиён кӯбида ва ҳазорон иштирокдоронаш ба қатл расонда шуданд. Пешвои шӯриш Маздак гирифтори шиканҷа омад. Бисёре аз шӯришгаронро муяссар шуд, ки ба Осиёи Миёна гурезанду дар ин ҷо ошён пайдо кунанд. Таълимоти Маздак дар ин ҷо интишори кушод ёфт. Ғояҳои Маздакия на танҳо ҳаракатҳои Муқаннаъро об дод,

[1]Муқаннаъ–ба арабӣ маънои «зери чодар»-ро дорад. Гӯё ӯ ба сар рӯмол мегирифтааст. Асли номаш – Ҳошим ибни Ҳаким будааст.

ҳамчунин, чунон ки аз ҳодисаҳои баъдӣ пайдост, дигар ҳаракатҳои халқӣ низ дар кишвари тоҷикон падид омаданд.

Омӯзиши Маздакия бо ин ки балои аз моликияти хусусӣ сарзанандаро ошкор намуд, вале аз дарки фарқи миёни ашёи шахсии истеъмолӣ ва воситаҳои шахсии истеҳсолот хеле дур буд. Ин гуна тафовутро Муқаннаъ низ дарнамеёфт. Аммо шӯрише, ки ӯ сарвараш буд, маъноиi муайяни демократӣ ва зиддифеодалиро дошт ва бар зидди арабҳои истилогар ва истисморгари халқ равона шуд.

Муқаннаъ дар аввал таълимоти худро дар Марв пиёда кард. Ин амал боиси шубҳаи арабҳо гардид. Муқаннаъро дастгир карда, ҳамчун хиёнаткори бисёр хатарноки давлатӣ, ба пойтахти хилофати араб – Бағдод фиристоданд. Вале ба ӯ муяссар шуд аз зиндоне гурезад, ки сахт зери назораташ буданд.

Муқаннаъ ба зодгоҳаш бозмегардад, тарафдорони худро нав ба нав тарғиб мекунад, онҳоро аз Марв ба дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна мефиристад ва даъват мекунад, ки бар зидди ситами ваҳшатноки истилогарони араб бархезанд. Чунин тарғибот бахусус дар миёни тоҷикони Кеш ва Насаф [1] ҳамовозии гарм ёфта буд. Амалдорони хилофат аз нав пайи дастгири Муқаннаъ мешаванд. Дастаҳои калони ҳарбӣ шабу рӯз дар соҳилҳои рӯди Ому посбонӣ мекарданд, то ба Муқаннаъ имкони аз ҳавзаи Марв ба Суғд гузаштанро надиҳанд, ки он ҷо тарафдоронаш рӯз аз рӯз меафзуданд. Бо вуҷуди ин ҳама назорат Муқаннаъро муяссар шуд, ки бо даҳҳо тарафдорони худ аз Ому ба соҳили дигар гузарад ва дар Суғд паноҳанда шавад.

Дар ин вақт аз рӯи гуфтаҳои таърихнависи асри X Наршахӣ, «андар Суғд ағлаби деҳаҳо ба дини Муқаннаъ даромаданд ва аз Бухоро мардуми бисёр кофир шуданд ва куфр ошкор карданд ва ин фитна азим шуд ва бало бар мусулмонон сахт шуд»[2]

Худ аз худ пайдост, ки Наршахӣ зери калимаи «мусул-

---

[1] Кеш– Шаҳрисабзу Насаф – Қаршии ҳозира.
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро, саҳ. 87.

монон» пеш аз ҳама арабҳо ва асилзодагони машҳури маҳаллиро дар назар дорад, ки худро ба бағали арабҳо партофта, исломро қабул карда буданд ва якҷоя бо онҳо дар пайи истисмори бераҳмонаи зироаткорон ва ҳунармандони шаҳрии таҳҷой шуданд ва шӯришиён низ замину моликияти инҳоро мусодира ва тақсим ҳам карданд. Дар мавриди зироаткорону ҳунармандон ва ҳолату кайфияти онҳо бошад, Наршахӣ воқеиятро бисёр рӯшан мегӯяд: «Табақаҳои бебизоати аҳолӣ… аз ислом рӯ тофта, гурӯҳ-гурӯҳ таълимоти Муқаннаъро мепазируфтанд».[1] Омма ин таълимотро барои он қабул доштанд, ки вай барҳамзании нобаробарии моликиятро талаб мекард ва зидди истилогарони аҷнабии ғуломсоз – зидди арабҳо равона шуда буд.

Ҳаракати Муқаннаъ дере нагузашта ба шӯриши ошкоро мубаддал гардид, ки онро номаи соли 1940 ба номи Сталин ба чоп расондаи халқи тоҷик равшан бозгӯӣ мекунад.

Дар яке аз деҳоти наздики шаҳри Бухоро шӯришгарон заминдорони калонро кӯбида молу мулк, инчунин замин ва дороии вақфи рӯҳониёни мусулмон ва масҷидҳоро ба даст медароранд. Ин ҷунбиш дере нагузашта тамоми Мовароуннаҳрро фаро гирифт.

Ситоди шӯришгарон дар деҳаи Наршахи назди Бухоро буд. Амири Бухоро Ҳусейн кулли лашкари худро (арабҳоро) ҷамъ оварда, нерӯҳоеро ҳам, ки ба аъёну ашрофи Бухоро тааллуқ доштанд, ҳамроҳ карда зидди шӯришгарон ба ҳаракат медарояд. Ҷанги бераҳмона ба фоидаи арабҳо ҳал гардид. 700 тан фидоиёни Муқаннаъ дар задухӯрди аввал бо истисморгарони халқи тоҷик ҷони ширин аз даст доданд.

Ғалабаи арабҳо чизеро тағйир надод. Ҳаракати дар атрофи Бухоро кӯбидашуда сар аз дигар ҷойҳо мебардорад. Ҷунбиш он қадар доман мекушояд, ки ҳатто халифаи мусулмонон – Маҳдиро ба изтироб меандозад. Вай аз дастни-

[1] Ҳамон ҷо. Наршахӣ дар бораи ҳаракати Муқаннаъ ҳикоят карда, муносибати рақибонаи худро нисбат ба раҳбари шӯриши Муқаннаъ пинҳон надоштааст. Чунин баёни ақида дар ҳамаи осори таърихнависони он давра, ки дар чанги намояндагони синфи ҳукмрон қарор доштанд, тавъам аст.

шондаи худ дар Хуросон (он вақт ҳам Мовароуннаҳр дар ҳайати ҳукумати Хуросон қарор дошт) талаб мекунад, ки зуд ба ёрии амири Бухоро нерӯи бонуфузи ҳарбӣ ирсол дорад.

Лашкари аз Хуросон сӯи Бухоро ҷунбандаи арабро сарлашкар Ҷабраил ибни Яҳё сарварӣ менамуд, ки бо шӯришгарон дер гоҳ ҷангид. Шӯришгарон бо ҳамлаҳои паёпайи худ нерӯҳои Ҷабраил ибни Яҳёро чунон суст гардониданд, ки ба ёрии ӯ аз Балх 7000 сарбози араб фиристода шуд. Ин лашкар ҳатто кӯшиши ҷанги зидди шӯришгаронро ҳам накард. Ҳаракати шӯришгарон дар Мовароуннаҳр он қадар доман кушода буд, ки саркардагони сарбози ҳафтҳазорнафараи араб ҳатто хаёли пахши шӯришиёнро хом шумурданд. Дастнишондаи хуросонӣ теъдоди лашкарашро ду баробар афзуд. Аммо он ҳам коре ба сар накард. Арабҳо дар бархӯрдҳои сарироҳии ҷониби Мовароуннаҳр ҷунбанда торумор мешуданд.

Торумори урдуи ғоратгари араб, ки аз Балх ба ёрии Ҷабраил ибни Яҳё фиристода шуда буд, аҳволи ӯро боз ҳам бадтар гардонид. Вай, ки аз Балху Марв батамом бурида шуда буд, ҳамаи нерӯи худро бо ҷумла таҷҳизоти ҷангии дар ихтиёри арабҳои ғосиб буда, ба сӯи Наршах тофт, ки маркази истеҳкоми шӯришгаронро ба даст орад. Баъд аз муҳосираи чаҳормоҳа ва пас аз он ки арабҳо дастгоҳҳои сангандозӣ, чоҳи ҳақиқиву ҳила, оташ ва ғайраро ба кор бурданд, шӯришгарон ноилоҷ бо арабҳо ба гуфтушунид даромаданд.

Арабҳо худро ғолиб ҳис мекарданд. Дар аснои гуфтушунид бо раҳнамоёни фидоиён арабҳо бо куштани аҳдшиканонаи яке аз масъулони гуфтушунид хостанд муваффақияти худро устувор созанд. Арабҳо гумон карданд, ки бо ин шӯришгаронро бесардор мегузоранд, вале ин натиҷаи баръакс бардошт. Кушта шудани як тан аз роҳбарони шӯриш, сабаби набарди нав ва бо қувваҳои тоза ба ҷанг даромадани шӯришиён гардид.

Сарчашмаҳои таърихии мусулмонон тасдиқ менамоянд, ки дар ин задухӯрд шӯришгаронро шикаст дода, пароканда

карданд. Аммо ин аҳволи қӯшунҳои арабро беҳтар нагардонид. Шӯриш то рафт ноҳияҳои нав ба нави Осиёи Миёнаро фаро мегирад.

«Ҷомасафедон»[1] батадриҷ хӯҷаини Мовароуннаҳр мегардиданд. «Боғи соҳиби муслимин», ки арабҳо ин мамлакати ғасбидаашонро ҳамин тавр меномиданд, метавонист ба кишвари аз ҳукмронии арабҳо озод мубаддал гардад. Халифа Маҳдӣ аз чунин ранг гирифтани кор тарсида ҳокими Хуросонро чун каси аз ӯҳдаи пахши шӯриш набаромада иваз мекунад ва ба ҷои вай Маъоз ибни Муслимро мешинонад.

Маъоз ибни Муслим соли 777 дар моварои шаҳрҳои Марву Бухоро лашкари зиёде ҷамъ овард. Вай дар мубориза бо Муқаннаъ нерӯҳои амири Ҳиротро ҷалб менамояд ва худ ба ёрии арабҳое мешитобад, ки дар атрофи Самарқанд батамом гирифтори ҳоли сангине шуда буданд. Лашкаркашии Маъоз ибни Муслим бо шикасти шармандавор анҷом мегирад. Шӯришгарон лашкари ӯро дар ҳамвории наздики Бойканд пешвоз гирифта чандин зарбаи корӣ мезананд. Дастнишондаи нави халифаи араб, ба ҷои он ки роҳашро ба тарафи Самарқанд давом диҳад, лашкарро сӯи Бухоро мегардонад.

Танҳо баъди як сол арабҳоро ишғоли Самарқанд муяссар мешавад. Маъоз ибни Муслим, Ҷабраил ибни Яҳёи лашкаркаши ноӯҳдабарои чандин бор шикастхӯрдаро дар Самарқанд монда, ба ҷанги қалъа меравад, ки нерӯҳои асосии Муқаннаъ он ҷо марказонида шуда буданд. Маъоз ибни Муслим қалъаро печонд. Вале ин дер давом накард ва ӯ зуд аз баҳри муҳосира гузашт. Наршахӣ тасдиқ мекунад, ки боиси аз баҳри муҳосираи қалъа гузаштани вай шурӯи ҳавоҳои сарди қаҳратун будааст, ки арабҳо сахт ба танг омадаанд (ва ин дар фасли зимистон рух дода буд). Аммо дар асл чизи дигаре рух дод: арабҳо дар ҷанги лашкари Муқаннаъ дубора шикаст хӯрданд. Кор воқеан ҳамин тавр сурат гирифта буд: далелаш ин ки баробари бардоштани

[1] Нишонаи фарқкунандаи тарафдорони Муқаннаъ либоси сафед буд. Номи «Ҷомасафедон» аз ҳамин ҷост.

муҳосираи қалъа Маъоз ибни Муслимро ҳам халифа Маҳдӣ аз ҳокимии Хуросон бардошт.

Аз рӯи гуфтаи Наршахӣ Маъоз ибни Муслим ба муқобили Муқаннаъ ду сол мубориза бурд. Дар мубориза бо ӯ вақти зиёдеро дастнишондаи дигари арабҳо дар Хуросон Мусайяб ибни Зуҳайр сарф намуд. Танҳо пас аз он ки муборизаи зироаткорони тоҷик таҳти роҳбарии Муқаннаъ бештар аз якуним даҳсола (15 сол) давом кард, ба шикаст рӯ ба рӯ шуд. Арабҳо ба истифода аз бартариҳои худ чӣ дар бобати ташкили муҳорибаҳову таҷҳизоти ҳарбӣ ва чӣ аз нигоҳи зиёдии лашкар, қалъаеро забт карданд, ки Муқаннаъ даруни он паноҳ бурда буд. Ҳар дифоъгари қалъа, ки ба дасти истилогарон афтод, кушта шуд, аммо Муқаннаъ ба дасти душманони ватанаш таслим шуданро нахоста, худкушӣ кард.

Солҳое, ки мардуми Мовароуннаҳр ба муқобили истилогарони араб ҷанги сахт мебурд, хилофати араб ба дараҷаи баланди иқтидори худ расид. Вай ба яке аз давлатҳои пурқудрати он давра мубаддал гардида буд. Дар ҳамон шароит муборизаи 14 солаи Муқаннаъ бар зидди арабҳо ифодагари дараҷаи мардонагӣ ва озодидӯстии халқи тоҷик мебошад. Шаҳодати он ҳам ҳаст, ки Муқаннаъ лашкаркаши бузурги халқ ва қаҳрамони он муборизаҳо дорои истеъдоди бемонанди ҳарбиву сиёсӣ, пешвои илҳомбахши оммаи халқ, барафрӯзандаи алангаи нафрат нисбат ба истилогарони бегонаи кишвар будааст.

# X. ПАЙДОИШИ СУЛОЛАИ ЭРОНӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА (АСРҲОИ 1Х-Х). ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Шӯришҳои пайдарпай дар диёри тоҷикон бар зидди ҳокимони араб аз пайдоиши арабҳо дар Осиёи Миёна баъди пахши исёни Муқаннаъ ҳам давом меёфтанд. Ба вижа шӯриши соли 806 бар зидди арабҳо, ки сарвараш Рафеъ ибни Лайс буд, дорои аҳамияти барҷастаест. Дар шӯриш дастнишондаи халифаи араб дар Самарқанд кушта шуд ва шаҳр дар ихтиёри шӯришгарон қарор гирифт. Оташи ҳаракати зиддиарабӣ аз нав дар тамоми Осиёи Миёна аланга зад. Дар он тоҷикони Фарғона, Хуҷанд, Насаф, Бухоро, Устрӯшан, Сағониён (Чағониён) ва Хутталон иштирок доштанд. Сокинони Шош (Тошкент) ва Хоразм низ ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Ба тарафдории шӯришгарон қабилаҳои бодиянишини турк ҳам ба майдон даромаданд. Шӯришҳои наву кушоди халқӣ танҳо соли 810 ва танҳо баъди хиёнати Рафеъ ибни Лайс, ки дар ҳоли барои шӯришгарон бисёр мушкил ба тарафи душман гузашт, пахш карда шуд. Даргириҳои алоҳидаи зиддиарабӣ солҳои баъдӣ низ аз ҷониби тоҷикон дар Суғд, Истаравшан ва Фарғона ҷой доштанд.Барои пахши онҳо халифа Маъмун борҳо нерӯҳои мусаллаҳи худро фиристодааст.

Шӯришҳо ба арабҳо бори дигар нишон доданд, ки онҳо Осиёи Миёнаро танҳо дар ҳолати ба таври васеъ ба корҳои роҳбарӣ кашидани одамони таҳҷоӣ, аъёну ашрофи тоҷику эронии заминдор, метавонанд тобеъ гардонанд. Ҳаргиз тасодуфӣ набуд, ки аллакай дар замони халифа Мансур (754-775), валиаҳдҳои ӯ халифа Маҳдӣ (775-785) ва Ҳорун-ар-Рашид (786-809) ҳукмрони воқеии хилофат сулолаи вузарои эронӣ – Бармакиён буданд. Хуросонро, ки Мовароуннаҳр низ тобеи он буд, сулолаи Тоҳириён ва Сомониён, Сиҷистонро сулолаи Саффориҳо қариб, ки бе дахолати хилофати араб, идора мекарданд.

Ба корҳои идораи давлатии мамлакат кашидани ашхоси бонуфузи тоҷику эрониро аббосиён, на танҳо барои ба онҳо

такя овардан дар муқобили ҳаракатҳои (шӯришҳои) халқӣ, ҳамчунин истифодаи фарҳанги ботинии онҳо, ки назар ба арабҳо бисёр боло буд, ба ҳисоб гирифтанд, боз истифодаи нерӯи онҳо барои тамоми тамоюли пурзӯршавандаи аъёну ашрофи тоҷикону эрониёни заминдори Осиёи Миёна ва Эронро фалач сохтан ва шаклгирии давлатҳои мустақили аз итоати хилофати араб берунравро пешгирӣ намудан низ дар ҳисобашон буд.

Махсусияти чунин ба вазифаҳои масъулиятноки давлатии хилофат кашидани қувваҳои маҳаллӣ ин буд, ки онҳоро дар навбати аввал, аз ҳисоби эрониёни осиёимиёнагӣ ва қадимтарин маркази шарқии маданияти эронӣ – Балх интихоб мекарданд. «На аз шаҳрҳои сосониёни Форс, – навиштааст Бартолд,– балки ҳарду сулолае, ки нашъунумӯи маданияти эронӣ дар олами мусулмонон ба онҳо алоқаманд аст, аз Балх баромадаанд ва яке аз он сулолаи Бармакиён – вазирони халифаҳои аббосӣ дар Бағдод ва дигаре сулолаи Сомониён – ҳокимони Осиёи Миёнаанд».[1]

Сабаби пайдоиши зарурати зиёд ба намояндагони тоҷику эронӣ дар хилофат ин буд, ки аҳолии Осиёи Миёна дар мубориза бо уммавиён нақши муҳим бозида онҳоро аз байн бурданд ва сулолаи аббосиёнро сари қудрат оварданд. Маҳз барои ҳамин, «хуросониҳо» муддати зиёде такяи асосии халифаҳои аббосӣ ба шумор мерафтанд, ҳам аз нигоҳи ҳарбӣ ва ҳам аз нигоҳи ташкилу идораи давлат.[2] Масалан, Сомониён барои идораи вилоятҳое ҳам кашида мешуданд, ки он ҷо ҳеҷ гуна аҳолии эронитабор вуҷуд надошт.

Ба идораи қисмати шарқии хилофат кашида шудани аъёну ашрофи тоҷику эронии заминдор на танҳо боиси мустаҳкамии хилофат, балки баландшавии обрӯи баъзе намояндагони он ҳам гардид. Арабҳо метарсиданд, ки дастнишондаи онҳо дар вилоятҳо ҳар вақте хоҳанд метавонанд ҳокими мустақили он вилоятҳо бошанд. Ана ҳаминро андешида, Ҳорун-ар-Рашид ҳатто аз куштани на танҳо дӯсти

[1] Бартольд. «История культурной жизни Туркестана», саҳ. 49.
[2] Ҳамон асар, саҳ. 50.

беҳтарини худ – Ҷаъфар худдорӣ накард, аз ҷазо додани дигар намояндагони аҷдоди Бармакиён ва мусодира кардани молу мулки онҳо низ даст накашид.

Аммо ҷазои Бармакиён, ки давоми 50 сол дар хилофат обрӯю эътибори калон доштанд, сиёсати хилофатро дар идораи вилоятҳои шарқияш дигар накард. Он вилоятҳо, мисли пештара, аз тарафи аъёну ашрофи заминдори тоҷику эроние идора мешуданд, ки нақши онҳо ба вижа дар замони ҳукмронии халифа Маъмун (813-833) бисёр боло рафт ва ин замоне буд, ки сари қудрат сулолаҳои Тоҳириён ва Сомониён омаданд.

Гузаштагони Тоҳириён соҳиби шаҳри Бушенги вилояти Ҳирот буданд, Тоҳире ки асосгузори сулолаи Тоҳириён буду ҳокими Бушенг монд ва барои соҳиби тахту тоҷгардии халифа Маъмун нақши калон бозид. Дар аҳди Маъмун Тоҳир волии Месопотамия (Курдистони ҳозира) ва сарвари маркази хилофат – Бағдод буда, сипас, соли 821 волии Хуросон таъин шуд.

Тоҳир Хуросон ва вилоятҳои тоҷикнишини Осиёи Миёнаро, ки дар ҳайати он буданд, чун ҳукмдори мустақил идора мекард. Соли 822 вай фармуд, ки дар масҷидҳо ҳангоми хондани намози ҷумъа номи халифаро ба забон нагиранд ва ин баробар буд ба кандани муносибат аз Бағдод. Тоҳир рӯзи дигари чунин тасмим гирифтанаш вафот кард. Аз ин рӯ тахмине мавҷуд аст, ки тарафдорони халифа ба ӯ заҳр додаанд.

Қатъи назар аз ҷудоихоҳии Тоҳир, ки аз он зикр шуд, халифа Маъмун ба ҷои ӯ писараш Талҳаро волии Хуросон таъин намуд. Вориси Талҳа Абдуллоҳ, ки соли 830 ба Хуросон омад, худро ҳаргиз тобеи хилофат намеҳисобид ва Хуросонро мустақилона идора мекард. Халифа Мӯътасим (833-842) барои ин Абдуллоҳро бисёр бад медид, аммо дар дасти ӯ дигар чорае намонда буд, ки Абдуллоҳро ба итоат кашад. Мӯътасим аз мубориза‌и ошкоро бо Абдуллоҳ тарсида, барои ӯ чун «тӯҳфа» канизак ва саллаи заҳрпошидаеро фиристод. Вале кӯшиши заҳролудкунии Абдуллоҳ бебарор анҷом ёфт. Канизаки саллаоварда ба Абдуллоҳ дил бохт ва ба вай гуфт, ки салла саропо ҷабидаи заҳр аст.

Тоҳириён иқдоми ҷиддие гирифта буданд, ки дар мамлакат тартиботи қатъии марказонидаи давлатӣ ҷорӣ намоянд, кишоварзиро ба низом дароваранд. Онҳо дар истифодаи об тадбирҳо андешида, ба сохтмони иншооти нави обёрӣ шурӯъ намуданд. Бо супориши Абдуллоҳ машҳуртарин қонуншиносон қоидаҳои обёрии сунъиро андешиданд. Китоби «Ҷӯйборҳо» ки онҳо мураттаб намуда буданд, чун дастури ҳаллу фасли мушкилоти истифодаи об муддати дусад сол хидмат кард.

Абдуллоҳ кӯшид худсариҳоеро, ки дар ҷойҳо, аз як сӯ заминдорони калон ва аз сӯи дигар кормандони дастгоҳҳои давлатӣ сари деҳқонон ба кор мебурданд, бикоҳад. Барои ин махсус фармон баровард, ки он амалдоронро вомедошт тарзе кор бигиранд, ки ба суди деҳқонон бошад. «Худо ризқи моро бо дасти деҳқонон мерасонад, – омада буд дар фармон. – Бо забони онҳо моро табрик мекунад ва озори онҳоро манъ кардааст».

Худ аз худ пайдост, ки Абдуллоҳ ҳимоятгари суди барзгарон набуд. Вай ҳимоятгари манфиатҳои аъёну ашроф, заминдорони калони тоҷику эронӣ ва аҳли савдо буд ва талаб мекард деҳқононро наранҷонанд, танҳо барои он ки бидуни заҳмати онҳо ба хазинаи давлат даромади дилхоҳ нахоҳад буд. Аҳволи заминдорони тоҷик, ки дар замони ҳукмронии Тоҳириён вазнин буд, аз ҷониби феодалҳо истисмор мегардиданд ва андозҳои вазнине ба давлат мепардохтанд. Ин худ аз андози умумии гирдовардаи соли 844-ум, ки 48 миллион дирҳамро[1] ташкил дод, пайдост.

Давлати Тоҳириён ба одамони басаводи соҳаҳои гуногун зарурат дошт ва Абдуллоҳ ғамхорӣ зоҳир намуд, ки барои доираи васеи аҳолӣ саводгирӣ дастрастар аз он бошад, ки то ӯ вуҷуд дошт. «Илмро бояд барои арзандаҳо ва ноарзандаҳо пешниҳод кард, – мегуфт ӯ, – илм худ метавонад ғами худро худ бихӯрад, ки аз ноарзанда дур шавад».

Абдуллоҳ мисли падари худ шоир буд, ҷиянаш Мансур,

[1] Дирҳам – тахмин 25 тин, ба пули тило, ки то ҷанги якуми ҷаҳонии 1914-1918 будааст.

ки ҳокими Марв[1], Омул (Чорҷӯй) ва Хоразм буд, бо навиштаҳои фалсафии худ шӯҳрат дошт. Писари Абдуллоҳ – Тоҳир, мекӯшид, ки дар ҳама кор пайрави падараш бошад. Солҳои ҳукмронии Абдуллоҳ ва писараш Тоҳир, аз рӯи ҳамсадоии ҳамзамононашон, беҳтарин солҳо дар таърихи ин сулола ба ҳисоб меравад.[2]

Дар асрҳои 1Х-Х низ мисли асрҳои гузашта, яке аз вазифаҳои асосии ҳукумати давлатӣ дар воҳаҳои зироаткори тоҷикнишини Осиёи Миёна ташкили муҳофизати аҳолӣ аз ҳамлаҳои ғоратгаронаи кӯчиён будааст. Ба ин мақсад дар он замон дастаҳои махсуси мусаллаҳи ихтиёрӣ ташкил мекарданд, ки «ғозиён» ном доштанд ва « муборизони роҳи дин» маҳсуб мешуданд. Дастаҳои ғозиён асосан аз ҳисоби зироаткорон ва ҳунармандони тороҷгардида созмон дода мешудаанд.Ин ҷанговарони корозмуда ба маҳаллоте мерафтанд, ки он ҷо ҷанг бо «кофирон» сурат мегирифт. Дастаи ғозиён ҷиҳати иҷрои корҳои омодабош аз тарафи ҳокимон, масалан барои мустаҳкамсозии работҳо– заминҳои сарҳадҳо ва чарогоҳҳои кӯчиён истифода бурда мешуданд.

Ғозиён, аз рӯи навиштаҷоти ҷуғрофидони араб Мақдисӣ, «такягоҳ ва пешгири хатар»-и ҳокимият ба шумор мерафтанд. Онҳо аз як сӯ ба хазандагони ғоратгари аз сарҳад гузашта зарба мезаданд ва воҳаҳои зироаткорро аз ҳуҷуми аҷнабиён посбонӣ мекарданд. Аз сӯи дигар ҷони мағзи ҳаракатҳои халқӣ (демократӣ) бар зидди заминдорони калон

---

[1] Дар аҳди Абдуллоҳ пойтахти волии Хуросон аз Марв ба Нишопур кӯчонда шуда буд. Марв дар аҳди Тоҳириён ҳам чун яке аз марказҳои хоҷагӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр ба шумор мерафт.

[2] Муаррих ибни Тайфур, ҳамасри Абдуллоҳ, дар асари худ оиди таърихи Бағдод аз ҳуҷҷате сухан ба миён меорад, ки номаи Тоҳир ба писараш Абдуллоҳ ҳангоми ба тахт нишастани ӯ будааст ва дар он назари Тоҳир дар мавриди идораи мамлакат ва вазифаҳои ҳоким ифода ёфтааст. Ба гуфтаи таърихшиносони араб он овозаю дарвоза мегардад. Одамон вақти танаффус мекӯшанд, ки онро барои худ рӯбардор созанд. Ҳангоме ки халифа Маъмун бо мазмуни нома ошно мешавад, маъқул шумурда амр мекунад, ки онро чанд нусха бардошта, ҳамчун дастур ба дигар ҳукмдорон фиристанд. Тарҷумаи русии онро аз мақолаи А.Э.Шмидт хонед, ки дар бюллетени САГУ № 8, 1925, саҳ. 127-138 чоп шудааст.

ба шумор мерафтанд. Дар охири асри 1Х гурӯҳҳои мусаллаҳи «муборизони роҳи дин» мағзи ҳаракати азиме гардиданд, ки дар Эрони Шарқӣ ба вуҷуд омад ва сарвараш Яъқуб ибни Лайс буд. Вай ва бародараш Амру – асл аз шаҳри Карнини Сиҷистон (вилояти бузург дар ҳудуди ҷанубу Шарқи Эрон) буданд. Яъқуб аз нигоҳи ҳунар мисгар[1], аммо бародараш Амру наҷҷор буд. Онҳо якҷоя гурӯҳи ғоратгаронае ташкил карданд, ки он бо яке аз гурӯҳҳои «муборизони роҳи дин» омезиш ёфта, дар Сиҷистон амал доштанд. Дар ин гурӯҳ дере нагузашта Яъқуб сарвар интихоб мегардад. Гурӯҳ ба ҳаёти сиёсии вилоят фаъолона дахолат менамуд ва дар андак муддат пойтахти вилоят – Зарандро ба тасарруфи худ даровarда, ҳокими маҳаллиро ба қатл расонд. Соли 861 Яъқуб волии вилоят мегардад ва давоми даҳсолаи дигар якчанд вилояти шарқии Эронро ба даст даровард, ки аз Тоҳириён – Муҳамад ибни Тоҳир ҳукмронӣ мекард. Соли 873 Яъқуб лашкари Муҳаммадро шикаст дода, пойтахти Хуросон – Нишопурро ба даст даровард.

Ҳукумати Бағдод муваффақиятҳои Яъқубро бо ҳаяҷону изтироб менигарист. Вай кӯшиши беҷое анҷом дод, хост пеши роҳи паҳншавии таъсири ӯро гирад, вале маҷбур шуд гузашт намояд ва ҳукмронии Хуросонро ба ихтиёри ӯ вогузошт.

Ҳамин тавр дар Осиёи Миёна ва вилоятҳои шарқии Эрон сулолаи Тоҳириён сукут кард. Аммо комёбиҳои Яъқуб аҳволи вазнини оммаи васеи халқро, ки бо ёрии онҳо сари қудрат омада буд, бетағйир монд. Яъқуб ибни Лайс бо ин ки то охири умр чун марди низомии шикастанафс бимонд, вай ҷомаи пахтагин мепӯшид, рӯи шолчае менишаст, вақти хобаш сар болои сипар мениҳод, вале аз ғояҳои демократии ҷунбиши халқии пешинаи Осиёи Миёна ва Эрон аслан дур буд. Дар вилоятҳои ишғол кардааш ҳама гуна тартиботро тавре ки буд, ҳамон гуна вогузошта, ҳатто миқдори андозро ҳам, ки ба гардани деҳқонон бори гароне буд, тағйир наме-

[1] Мисгар – аз калимаи арабии «саффор» аст, ки пайдоиши сулола ҳам аз ин ҷост – Саффориён.

дод. Соли 876 Яъқуб ба сӯи пойтахти Бағдод лашкар кашид, вале шикаст хӯрд ва баъд аз се соли он вафот ёфт, ҳамин қадар тавонист, ки ҳукмронии худро танҳо дар Эрони Ҷанубӣ барқарор намояд. Бародараш Амру ибни Лайс ба ҷои ӯ гузашт.

Амру ибни Лайс ҳукмрониро ба даст гирифта зуд ба итоати халифа шитофт ва ба боварии халифа даромад ва халифа ӯро ҳукмрони Хуросон ва як қатор вилоятҳои Эрони Шарқӣ таъин намуд.

Дар ин айём сарварии Мовароуннаҳр дар ихтиёри ҳокимони Сомон – худот буд, ки ҳанӯз то сари қудрат омадани Тоҳириён чун дастнишондаи арабҳо дар вилоятҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна пешбарӣ мешуданд.

Асосгузори сулолаи Сомониён – Сомон-худот аз сокинони вилояти Балх буд.Маълумоте мавҷуд аст, ки ӯ аз дини Зардуштӣ даст кашида, ба писараш Асад ном дод ва ин ба ифтихори ҳокими арабҳо Асад ибни Абдуллоҳ буд, ки ӯро ҳамеша дастгирӣ мекард. Писарони Асад – Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс аллакай дар аҳди Тоҳириён аз ҷониби халифа Маъмун ба хидмат таъинот гирифта буданд: Нӯҳ – ҳокими Самарқанд, Аҳмад – ҳокими Фарғона, Яҳё – ҳокими Шош (Тошканд) ва Илёс – ҳокими Ҳирот буданд. Нақши роҳбариро байни бародарон Аҳмад ба ӯҳда дошт, писари ӯ Наср бошад, аз халиф Мӯътамид соли 875 ваколати идораи тамоми Мовароуннаҳрро гирифта буд.

Солҳои 70-уми асри 1Х дар Мовароуннаҳр солҳои номураттабии феодалӣ ва парешонӣ буданд. Вазъи сиёсӣ дар мамлакат хеле мураккаб буд ва дар чунин вазъи мураккаб Наср аз ӯҳдаи идораи давлат баромадан наметавонист. Дар ин марҳила ҳамчун арбоби сиёсии барҷаста, бародари хурди ӯ – Исмоил пеш мебарояд, ки асосгузори ҳақиқии Давлати бузурги Сомониён маҳсуб мешавад.

Исмоили Сомонӣ ба майдони сиёсат ҳамчун ҳокими Бухоро даромад, ки соли 874 ӯро Наср бо хоҳиши мардум он ҷо фиристода буд. Вай низоъҳои байнихудии заминдоронро бо фаросати сиёсӣ барҳам дод, хуруҷҳои мусаллаҳонаи зидди заминдорони калони алоҳидаро, ки дар натиҷаи он

харобиҳо рӯ зада, оқибат сабаби ивази ҳокимони Бухоро мегардид, пахш кард. Чунин метобад, аллакай ҳамон вақт ӯ назди худ вазифа гузошта буд, ки бо такя ба навоҳии тоҷикнишини Осиёи Миёна як давлати бузурги муттаҳидро созмон диҳад. Дар ин кор пеш аз ҳама бародараш Наср девори сари роҳ шуд. Дар муборизаи байни онҳо соли 888 Исмоил ғолиб омад ва Наср асир афтод. Бародарон бо ҳам вохӯрданд. Исмоил дар ин вохӯрӣ бас ҷиддӣ рафтор кард, бо бародараш на ҳамчун ғолиб бо мағлуб, балки ҳамчун тобеъ ба шоҳ, бо риояи хоксориву одоби тамом барои шоҳони он рӯзгор камназир гуфтугӯ кард. Имкони ба пойтахти худ – Самарқанд бозгардии Насрро дод. Вай ба ном сарвари сулола бимонд, вале роҳбари ҳақиқии давлат Исмоил шуд. Баъд аз вафоти Наср (соли 892-юм) ҳокимияти мамлакат пурра ба дасти Исмоил гузашт.

Баъди бартараф шудани низоъҳои байнихудӣ барои Исмоили Сомонӣ муаммои боз ҳам ҷиддитаре пеш омад, ки он таъмини бехатарии давлати созмондодааш аз хориҷ буд. Ҳалли ин муаммо танҳо он гоҳ имкон меёфт, ки дахлнопазирии мамлакатро, аз як сӯ аз хазида даромадани хилофати араб, ки ба кулли дигаргуниҳои мамлакати Исмоил бо назари беҳадди шубҳа менигарист ва аз сӯи дигар бодиянишинони турк, ки ҳамлаҳои ғоратгаронаи онҳо, ба вижа барои хоҷагии заминдорони мамлакат ҳалокатбор буд, таъмин гардад.

Хилофати араб дар набарди зидди Исмоили Сомонӣ Амруи Саффориро чун силоҳ ба кор мебарад. Хилофат аз муборизаи ошкоро зидди Исмоил андешида, соли 898 дар қароргоҳи Бағдодии худ ҳоҷиёни аз Осиёи Миёна омадаро ҷамъ карда, назди онҳо фармони худро, ки мартабаи Исмоилро паст мезад ва Амруро фармондеҳи Мовароуннаҳр таъин мекард, хонд. Сафири хилофат барои Амру тӯҳфаҳо ва Ваколатномаи ҳукмронии мамлакатро овард, баъд аз ин Амру бар зидди Исмоил бархост. Аммо Исмоил барои зада надаромадани лашкари саффориён ба Мовароуннаҳр ҳушдор дод. Соли 900, дар қаламрави Балх, дар натиҷаи моҳирона ҷо ба ҷо гузоштани лашкар, ӯ нерӯҳои душмани худро миёнагир ва торумор карда– худи Амруро асир ги-

рифт. Бо ҳамин, кӯшиши хилофат ва Саффориён оид ба шикасти роҳи рушди давлати бузурги Сомониён бартараф гардид. Исмоил бо итминони комил ба нерӯҳои худ, сарвари душмани худро на танҳо ба қатл нарасонд, балки ӯро ба ихтиёри халифа гузошта, ба Бағдод фиристод.

Амалиёти ҷангии Исмоили Сомонӣ бар зидди бодиянишинони турк на камтар аз дастбурди пешин буд. Вай лашкари худро ба ҷигари маскангоҳҳои онҳо даровварда, чандин зарбаи марговар зад ва бо ин барои муддати дарозе онҳоро аз талаву тороҷи воҳаҳои зироаткори тоҷикон дур сохт.

Барои бехатарсозии воҳаҳои Бухоро аз ҳуҷуми туркҳои бодиянишин, аҳолӣ девори азиме зада буданд. Нигоҳдории девор бо тармими ҳарсолааш, аз рӯи навиштаи таърихшиносон, аҳолиро «боҷу хироҷи вазнине бор меовард». Исмоили Сомонӣ баъди торумори туркҳои бодиянишин, аҳолии Бухоро ва гирду атрофи онро аз додани он ҳама боҷу хироҷ халос карда эълом дошт, ки: «То ман бошам, бораи Бухоро ман бошам». Наршахӣ дар асари худ «Таърихи Бухоро» овардааст, ки Исмоили Сомониро гуфташ аз амалаш тафовут надошт: «Вай ҳама вақт дар ҷангҳо шахсан ширкат меварзид ва имкон намедод, ки душман вилоёти Бухороро ба тасарруф дарорад».[1]

Дар таърихи халқи тоҷик Исмоили Сомонӣ чун яке аз симоҳои барҷаста, муттаҳидсози заминҳои парокандаю бесарусомони байнихудии заминдорони тоҷик ва якпорчадори вуҷуди давлати пурқудрат зуҳур кардааст.

Ин арбоби бузурги давлатии замон, лашкаркаши бомаҳорат ва тадбирёб ҳамеша дар ҷое пайдо мешуд, ки душманаш ӯро ками дар кам мунтазир буд. Вай на танҳо кӯшишҳои ғаразноки харобкорону заминдорҳои калон ва аъёну ашрофро бартараф мекард, роҳҳои расондани зарбаҳои ҳалокатборро ба ғоратгарону ҳамлаҳои бодиянишинони турк меёфт, инчунин сарбозони касбии Саффориён ба мисли Амру Лайсро ба шикаст мекашид.

Тавре ки хотирнишон намудем, Амру ибни Лайс дар му-

---

[1] Наршахӣ. «Таърихи Бухоро», саҳ. 46-47.

боризаи зидди Давлати Сомониён чун силоҳи артиши ҳокимони Бағдод ба ҳисоб рафт. Исмоили Сомонӣ Саффориёнро торумор карда, на танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, балки дар баъзе вилоятҳои шимолу шарқи Эрон низ ҳукмрон гардид ва бо ҳамин мустақилияти худро дар назди хилофати араб таъмин намуд.

Хидмати бузурги таърихии Исмоили Сомонӣ дар он аст, ки вай орзуҳои пешқадамтарин инсонҳои Мовароуннаҳру Хуросонро оид ба барҳам задани зулми истилогарони аҷнабӣ амалӣ кард, давлати мустақили орӣ аз хилофати арабро ташкил дода тавонист.

Худ аз худ пайдост, ки Исмоили Сомонӣ назди худ вазифа нагузошта буд, ки истисмори феодалон дар Мовароуннаҳру Хуросон то ҳадди имкон маҳдуд гардад. Вай, чун собиқ заминдори калон (феодал) ба нафъи заминдорони аъёну ашроф ва аҳли савдо амал мекард. Бо ин ҳама барҳамхӯрии ҳукмронии истилогарони араб, талаву тороҷи бераҳмонаи мулки тоҷикон аз тарафи ғоратгарон, ки ба нерӯи истеҳсолии онҳо футур мерасониданд, басандашавии низоъҳои байнихудию торумори кӯчиён, имконияти дар Мовароуннаҳру Хоразм шукуфоии босуръати зироаткорӣ, ҳунармандӣ ва савдоро ба вуҷуд овард.

Тавре дар боло гуфтем, Сомониён аслан аз Балх буданд, ки маркази қадимитарини маданияти тоҷикону эрониён ба ҳисоб меояд ва ин ҷо тамаддуни омехтаи Ғарбу Шарқ чеҳраи зебо кушуд.

Дар аҳде, ки Сомониён ба майдон даромаданд, ин ҷо ҳам фарҳанги қадими тоҷикон бо маданияти Сосониёни Эрон омезиш ёфта, пухта расид ва инҳо на танҳо меросбарони анъанаҳои қадими тамаддуни тоҷикон, инчунин сиёсатмадороне буданд, ки анъанаҳои фарҳангии Эрони сосониро фаро гирифтаанд.

Хизмати бузурги Исмоили Сомонӣ ва дигар намояндагони сулолаи Сомониён рӯёндани заминаи зарурии эҳёву барқарорсозӣ ва пешрафти фарҳанги тоҷику эронист, ки ба рушди онҳо зулми истилогарони аҷнабӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекарданд.

# X1. ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АҲДИ СОМОНИЁН

Исмоили Сомонӣ, ҳамчун бунёдгузори давлати Сомониён, ба хубӣ мефаҳмид, ки Мовароуннаҳри озод аз тасарруфи хилофати араб танҳо дар сурати ҳузур доштани ҳукумати марказонидаи бақудрате метавонад арзи ҳастӣ намояд. Дар ин бобат Сомониён ба натиҷаҳои муҳим расиданд.

Барои идораи давлат Сомониён дар пойтахти худ Бухоро як қатор идораҳои (девони) махсус таъсис доданд. Девони муставфӣ вуҷуд дошт, ки ба он тамоми даромади давлатӣ ворид мешуд; девони сардори горд амал мекард, ки ҳаққи хидмати артишро мепардохт; девони мӯҳтасиб, ки ба вазифаи он назорати кӯчаю бозор, ба ҷавобгарӣ кашидани хаAccording to робсозони қоидаҳои динӣ, фиребгару қаллобони бозор шомил мегашт; ҳамчунин девони соҳиб-ул-барид– сардори почта ва ғайра рӯи амал буданд. Бо масъалаҳои ҳуқуқ (шариат, фиқҳ) девони қозиёт шуғл дошт. Девони вақф вобаста ба чизу чора ва дороиҳои муассисоти рӯҳониёни мусулмон корҳо мебурд. Дар Давлати Сомониён аҳамияти хосса барҷастаеро сардори дастаҳои посбонони назди қасри амир ва сарҳоҷиб – сардори лашкар дошт, ки яке аз аввалин амалдорони олирутбаи давлатӣ ба шумор мерафт.

Дар вилоёти Давлати Сомониён ҳамон вазифаҳое амал мекарданд, ки дар марказ буданд ва ба таъиноти онҳо амалдорони бевоситаи амирони Сомонӣ машғул мешуданд. Вале созмон додани чунин тартиботи дастгоҳи давлатӣ на дар ҳамаи вилоятҳо вуҷуд дошт: баъзе вилоятҳоро худи ҳокимони маҳаллӣ идора мекарданд, ки бо шоҳони сомонӣ муносибатҳои вассалӣ доштанд.

Яке аз вазифаҳои асосии дастгоҳ дар маҳаллот аз ҷамъоварии андози аҳолии машғули киштукор, ҳунармандӣ ва тиҷорат иборат буд. Буҷаи давлати сомонӣ тахмин ба 45 миллион дирҳам баробар мешуд. Қариб 20 миллион дирҳами он барои пардохти моҳонаи лашкариён ва соҳибмансабон сарф мегардид. Боҷу хироҷе, ки ба фоидаи Давлати Сомониён гирдовар мешуд, назар ба давраи ҳукумати арабҳо, хеле коҳида буд.

Дар аҳди Сомониён Мовароуннаҳр қариб сад сол аз талаву тороҷи хориҷиён эмин монд ва ин имкон дод, ки қувваҳои истеҳсолии мамлакат афзун гардад, сохтмонҳои маданӣ рӯ ба рушд ниҳад.

Дар замони сомониён тиҷорати Осиёи Миёна тавассути корвон бо Осиёи Пеш, Муғулистон, Чин ва Аврупои Шарқӣ хеле пеш рафт. Дар ҳамон марҳила савдо бо бодиянишинон пурзӯр гардид. Бодиянишинон ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр чорвои худро барои кушта фурӯхтан меронданд, пӯсту пашм, мӯинаву ғуломонро барои иваз бо ғалла, либос ва силоҳ меоварданд.

Номгӯи молу ашёи истеҳсолӣ ва коркардҳои саноатӣ, ки дар вилоятҳои гуногуни Мовароуннаҳр замони Сомониён истеҳсол мешуданд, хеле зиёд аст. Бахусус матоъҳои пахтагин басо машҳур буданд, ки онҳоро ҳунармандони тоҷики водии Зарафшон ва деҳоти Зандана дар наздикиҳои Бухоро ва Бедари ҷануби Самарқанд дӯхта ба фурӯш мебароварданд. Маҳсулоти фулузии Фарғона, ба вижа силоҳи онҳо, беҳамто буд. Коғази пахтагини Самарқанд бо сифати баланди худ дур аз Мовароуннаҳр шӯҳрати калон ёфта, аллакай дар асри X ҳамаи навъҳои коғази папирус ва пергаментро[1] дар тамоми олами мусулмон танг карда бароварда буд. Ҷуғрофидони араб Истахрӣ ҳикоят мекунад, ки «дар аҳди Сомониён сокинони Мовароуннаҳр дар ихтиёри худ ҳама чизи лозимро доштанд ва ба чизҳои истеҳсоли ҳеҷ яке аз мамолики дигар мӯҳтоҷ набуданд».[2] Дар ин давра, ба сабаби пешрафти саноати худӣ, эҳсос мегардад, ки воридоти молу ашё аз Чин якбора коҳиш ёфт.

Маҳз ба сабаби пешравиҳои хоҷагии мамлакат ва асоси таҷрибаи сохтори давлатии Сомониён, чунин навъи давлатдории идеалӣ, ки Низомулмулк сифаташ мекунад, ба вуҷуд омада буд. Ин ҳоким, – ба фикри Низомулмулк, – бояд пеш

---

[1] Папирус–масолеҳи хатнависӣ, ки Мисриён ва дигар халқҳои қадим аз растанӣ тайёр мекарданд.
Пергамент-пӯсти махсуси ошдода барои китоб. (Тарҷ.)

[2] В. Бартольд. Туркестан в эпоху монгольского нашествия, саҳ. 246.

аз ҳама «Кадхудо»-и беҳтарини давлати худ бошад ва барои ободонии вай ҷӯйборҳо ва корезҳои зеризаминӣ[1] гузаронад, рӯи рӯдҳои азим пулҳо бисозад, дар хусуси ободонии деҳот ва дастгирии кишоварзон меҳрубонӣ зоҳир намояд, барои ободгардонии шаҳрҳо ва мустаҳкамии таҳкурсии биноҳо ва қасрҳои бошукӯҳ, сохтани работҳо дар сари роҳҳои бузург ғамхорӣ намояд ва ғайра.[2]

Аз он ки дар ҳайати Давлати Сомониён муддати зиёде як қисми масоҳати Эрон ҳам дохил мешуд, ақидае мавҷуд аст, ки комёбиҳои маданию хоҷагии аҳди Сомониён комилан ба фарҳангу таърихи гузаштаи Эрон тааллуқ дорад. Чунин фикр чандон ба ҳақиқат рост намеояд.

Давлати Сомониён, пеш аз ҳама, давлате буд, ки дар он умумияти маданияту хоҷагидории мардуми тоҷики Мовароуннаҳр ба ҳам омаданд ва он бо Хуросони ҳамондавра алоқаи ногусастанӣ дорад.

Қатъи назар аз он ки Сомониён дар сохтори давлатии худ хеле аз анъанаҳои Эрони Сосонӣ истифода мебурданд, вале онҳо асосан бо вилоятҳои тоҷикнишини Мовароуннаҳр алоқаи решагии зич доштанд. Аз ин рӯ, Бухороро ба сифати пойтахти давлат интихоб кардани онҳо ҳаргиз тасодуфӣ набуд, ки он яке аз марказҳои қадими фарҳанги эронӣ дар Осиёи Миёна ба шумор мерафт.

Ин далел ҳам бисёр ҷолиб аст, ки дар замони Сомониён на дар Эрони Ғарбӣ, балки пеш аз ҳама дар Мовароуннаҳр ва Хуросон, ривоҷи кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат ва ҳамчунин рушди ҳаёти маданӣ ба назар мерасид. Маҳз аз ҳамин вилоятҳо дар аҳди Сомониён бузургтарин намояндагони илм, санъат ва адабиёт сабзида нашву нумӯъ ёфтаанд. Дар он давра на ба марказҳои маданию сиёсии ҷанубу ғарби Эрон, балки пеш аз ҳама аз Мовароуннаҳр ва Хуросон, аз тамоми гирду пеши ҷаҳони эронӣ шоиру нависанда ва олимон маҳз ба Бухорои Сомониён мерехтанд. Ба ибораи ҳамзамонон – Бухоро «маъвои шаъну шӯҳрат, Каъбаи

[1] Корезҳое дар назар аст, ки дар боби II оварда шудаанд.
[2] Бартольд. Туркестан в эпоху монголского завоевания, қ.II, саҳ. 235.

ҳукмфармоиву салтанат, манзили ҷамъшавии бузургтарин одамони давру замонҳо»[1] будааст. Дар асри Х адабиёт ба забони модарии тоҷикон, на ба забони истилогарони аҷнабии арабҳо, маҳз дар ҳамин ҷо, дар Мовароуннаҳр, дар марказҳои мадании қадимии Хуросон – Марв, Балх, Ҳирот ва Нишопур нашъунумӯ кардааст. Аммо дар бораи Эрони ҷанубу ғарбӣ метавон гуфт, ки ҳатто адабиёти бадеӣ дар он замон ба забони арабӣ буд. Дар вилояти қадимтарини форс – Шероз, Исфаҳон, Рай, ки ҳамон вақт тобеи маданияти боқуввати маркази фарҳангии араб – Бағдод буд, адабиёт ба забони арабӣ пеш мерафт. Агар дар Эрони Бӯя[2] дар асри Х шоирони тасодуфии ба забони нави форсӣ нависанда пайдо шудаанд, танҳо дар вилоёте будаанд, ки зери таъсири ҳамсояшон– Хуросони Сомониён қарор доштаанд.

Ба ин тариқ, Мовароуннаҳру Хуросон, гаҳвораи адабиёти тоҷику эронист. Дар яке аз ҷойҳои аввалин миёни шоирони машҳури замони Сомониён Рӯдакии бузургвор буд.

Дар бораи зиндагии Рӯдакӣ маълумот хеле кам аст. Он чӣ ки мо дар бораи ӯ медонем, асосан аз чанд сад пора ашъори то замони мо расидаи ӯ бармеояд. Зодгоҳи Рӯдакӣ ноҳияи Рӯдаки деҳаи Панҷ Рӯдак[3] будааст ва дар аҳди ҳокимияти Насри II (914-943) зиндагӣ кардааст. Ҳамчун устоди назми оламшумул вай дар байни ҳамзамононаш шӯҳрат дошт. Ӯ бо супориши Наср маҷмӯаи афсонаҳои ҳинд «Калила ва Димна»-ро ба забони тоҷикӣ тарҷума карда буд. Инчунин се достони калони Рӯдакӣ ёдовар мешаванд, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои таърихии ба забонҳои форсии асрҳои миёна нигошта, ташкил додаанд. Ин достонҳо ҳамовозии бешумор ёфта, афсӯс ки то замони мо нарасидаанд.

---

[1] Ҳамин тавр навиштааст яке аз муаллифони араб Саолибӣ, ки соли 992 ба Бухоро омада буд. Нигаред, Бартолд, «Туркестан в эпоху монгольского нашествия», с. 10. Каъба манзили муқаддаси қадимии арабҳо дар ш. Макка, ки парастиши онро асосгузори ислом – Муҳаммад нигоҳ дошт.

[2] Бӯя– номи сулолае аз подшоҳони қадими Дайламӣ, ки бо номи Оли Бӯя машҳур буданд. (Тарҷ.).

[3] Панҷ Рӯдак – деҳаест воқеъ дар ҳудуди ноҳияи Колхозчиёни Тоҷикистон, ки номи қадими худро нигоҳ доштааст.

Рӯдакӣ на танҳо чун шоири баистеъдод шӯҳрат дошт, инчунин чун оҳангсози рӯднавозу сарояндаи хушовоз ном бароварда буд. Вай дар боргоҳи амири сомонӣ – Насри II обрӯю эътибори бениҳоят калон дошт. Дороиҳояшро афсонавӣ тасвир кардаанд. Барои тарҷумаи манзуми «Калила ва Димна» ӯ аз амир Наср 40000 дирҳам инъом гирифта аст.

Мавқеи шоири дарборро, албатта, хусусиятҳои эҷодии Рӯдакӣ муайян мекарданд.Мадҳу санои шоҳону аъёну ашроф дар эҷодиёти ӯ, чун дар ҳама шоирони дигари аҳди Сомониён, мавқеи намоён дошт. Аммо оҳангҳои инсондӯстӣ ва накӯипарварӣ низ дар шеъри оламгири ӯ бо нерӯи пурзӯри тасаввурпазир садо додаанд, ки яке аз рубоиҳои то давраи мо расидааш гувоҳи барҷастааст:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар-нукта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!*

Пирӣ ва аҷаб не беэътибор гардонии ҳимоятгари Рӯдакӣ амир Насри II, сабаби ба хорию залилӣ ва аз дарбор рафтани шоир будааст. Рӯзҳои охири ҳаёти худро, зоҳиран, дар деҳаи худаш мегузаронад. Рӯдакӣ мувофиқи гуфтаи шоир Рашидии Самарқандӣ (асри XII) дар тӯли умри худ як миллиону 300 ҳазор мисраъ шеър гуфтааст.

Яке аз шоирони барҷастаи замони Сомониён, достонсаро Дақиқӣ ба шумор мерафт, ки дар пояи Рӯдакӣ шӯҳрат дошт. На сол ва на ҷои таваллуди ӯ маълум аст, ҳарчанд бештари адабиётшиносон мувофиқанд, ки ӯ зодаи Бухоро ё Самарқанд аст. Ба ҳар ҳол Дақиқӣ тамоми умри кӯтоҳи худро дар Осиёи Миёна гузаронда аст. Шӯҳрати шоирии худро дар боргоҳи яке аз ҳокимони заминдори феодали вилояти Сағониён оғоз бахшида, аз он ҷо ба дарбори Сомониёни Бухоро роҳ ёфтааст. Бо супориши амири Сомонӣ Нӯҳи II (976-997) Дақиқӣ нақшаи бузурги танзими адабии дурдонаи беохири достонҳои халқии тоҷикро ба ӯҳда гирифт. Ин вазифаро ӯ қисман ба ҷо овард. Дақиқӣ ногаҳон ба қатл расид, ки

сабабаш рашки ғуломаш будааст. Ҳикояти то андоза муфассалро мо дар ин бора аз гуфтаҳои Фирдавсӣ мехонем:

*Чу аз дафтар ин достонҳо басе,*
*Ҳамехонд хонанда бар ҳар касе.*
*Ҷаҳон дил ниҳода бад-ин достон,*
*Ҳамон бихрадон низу ҳам ростон.*
*Ҷавоне биёмад кушодазабон,*
*Сухан гуфтани хубу рӯшан равон.*
*Ба назм орам ин номаро, гуфт, ман*
*Аз ӯ шодмон шуд дили анҷуман.*
*Ҷавонешро хӯи бад ёр буд,*
*Або бад ҳамеша ба гуфтор буд.*
*Бар ӯ тохтан кард ногоҳ марг,*
*Бари бар ниҳодаш яке тира тарг.*
*Бад-ин хӯи бад ҷони ширин бидод,*
*Набуд аз ҷаҳон дил-ш як рӯз шод.*
*Якояк аз ӯ бахт баргашта шуд,*
*Ба дасти яке банда баркушта шуд.*
*Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,*
*Чунин бахти бедори ӯ хуфта монд.*
*Худоё, бубахшо гуноҳи маро,*
*Бифармой бар ҳашр ҷоҳи варо!*

Аз рӯи гуфтаи боэътимоди Фирдавсӣ Дақиқӣ то вафоташ ҳамагӣ навиштани 1000 мисраъ дар бораи Гуштосп (Виштосп) ва ҷанги ӯ бо Арҷоспро дарёб карда будааст. Ва Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-аш он пораро овардааст. Гуфтаи Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ мавҷуд аст, ки микдори ашъори вогирифта аз Дақиқӣ гӯё 3000 мисраъ будааст; аммо Авфӣ мегӯяд, ки теъдоди он ҳатто ба 20000 мисраъ мерасад. Дар бораи он ки шеъри Дақиқӣ зиёда аз ҳазор мисраъ будааст ҳолате ошкор мекунад, ки порчаи аз Дақиқӣ ба «Шоҳнома» дохилшуда, на танҳо бо суханони канда анҷом меёбад, балки оғозаш ҳам аз ними сухан сар мешавад».[1]

---

[1] Бартолд. К истории иранского эпоса. Отд. оттиск, саҳ. 33.

Кори нотамоми Дақиқиро Фирдавсӣ давом дод. Аз рӯи гуфтаи худи шоир қариб 30 соли ҳаёташро ӯ ба сурудани достони оғозидаи Дақиқӣ сарф мекунад. Достон қариб 60 ҳазор байтро ба бар дорад. Чӣ тавре медонем, ин ҳаммосаи дар таърихи адабиёти ҷаҳон беҳамто, таърихи ғарбу шарқи (осиёимиёнагии) эрониёнро аз замонҳои афсонавӣ то нимаҳои асри VII-и пас аз милод дарбар мегирад. Миёни лавҳаҳои барҷастаи беҳисоби пай дар пай, лавҳаҳои набарду муборизаҳои эрониён ба муқобили шоҳи истилогари хунхор – Заҳҳок ва муборизаҳои бисёрасраи Эрону Тӯрон,мавқеи вижаеро дорад. Дар бораи қаҳрамониҳои беҳисоб ва бемислу монанди Рустаму Исфандиёр ҳикоят мекунад, оҳангҳои қаҳрамонӣ дар достони безаволи Фирдавсӣ гоҳе бо оҳангҳои ишқиву маҳрамона (монанди ишқи Зол ва Рудоба, Бижан ва Манижа) печ мехӯрад ва ҳатто дар ин ҳолатҳо низ Фирдавсӣ аз гузаштаи афсонавии эрониён ба сӯи таърих руҷӯъ мекунад (ба ёд оред лаҳзаҳое аз ҳаёти Сосониёни Форс). Достони ӯ хусусияти ҳаммосаи қаҳрамоние мегирад, ки рӯҳияи муборизаи беамон бо қувваҳои зидди халқӣ устувор аст.

Фирдавсӣ, ки дар аввали солҳои 30-юми асри X таваллуд ёфтааст, ба навиштани «Шоҳнома» дар 50-солагии худ шурӯъ карда буд ва достонро дар солҳои охири аҳди Сомониён, қарибиҳои соли 994 ба анҷом расонид. Вай пас аз сарнагун шудани сулола шӯҳрат пайдо кард. Эҷодиёти Фирдавсӣ ба ҳар ҳол, бо солҳои ҳукмронии Сомониён ва хоҳишу дархостҳои онҳо вобастагӣ дошт. Ин вазъият сар то сари ҳаммосаро бояд фаро мегирифт ва нақши ҳокимияти марказонидаро ба бузургӣ нишон медод. Аҳамияти махсуси «фарри каёнӣ»-и аҷдод аз Ҷамшеди афсонавӣ шурӯъ мешавад.

Фирдавсӣ ба пирӣ расида, дар ибтидои солҳои 20-уми асри XI дар зодгоҳи худ, дар навоҳии Тӯси Хуросон аз олам даргузашт. Рӯҳониёни мутаассиби мусулмон Фирдавсиро ҳаммаслаки зардуштиён шумурда, нагузоштанд, ки дар қабристони мӯъминон дафн кунанд. Фирдавсӣ дар гӯшаи боғи худаш ба хок супурда шуд.

Мо мухтасар оид ба шоирони намоёни замони Сомониён таваққуф намудем. Дар он замон инчунин намояндагони дигари адабиёти тоҷику эронӣ – монанди Шаҳиди Балхӣ, Муродии Бухороӣ ва бисёр дигарон шӯҳрати калон доштанд.

Аҳди Сомониён бо комёбиҳои барҷастаи илмӣ низ бастагӣ дорад. Дар байни олимони он замон аз Абӯалӣ ибни Сино ёдовар мешавем, ки дар Аврупо бо номи Авитсенна[1] машҳур аст ва шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад.

Абӯалӣ ибни Сино дар деҳаи Афшанаи наздики Бухоро, соли 980, дар оилаи амалдори начандон калони Сомониён таваллуд ёфта аст. Вай аз хурдӣ ба илм рағбати калон пайдо мекунад. Тамоми дониши замонашро зуд фаро мегирад. Баъд аз он бо завқу шавқ ба омӯзиши илми тиб, фалсафа ва математика мепардозад. Ҳанӯз дар наврасӣ илми мантиқ ва фалсафаро низ фаро мегирад, ҳарисона осори илмиро хонда азбар менамояд. Бо қувваи худ, ҳар он чиро ки илми замонааш дода метавонист, то синни 18-солагӣ азхуд кард.

Дар 18-солагӣ ин олими бемонанди тоҷик аллакай ҳамчун табиб шӯҳрати калон меёбад. Ба сифати табиб ӯ ба дарбори Нӯҳи Сомонӣ ибни Мансур даъват мешавад. Мо аз тарҷумаи ҳоли Ибни Сино медонем, ки ӯ дар боргоҳи Сомониён, китобхонаеро пайдо кард, ки ҳам аз нигоҳи адад ва ҳам аз нигоҳи гулчинӣ беҳамто буд. Ӯ дар тарҷумаи ҳоли худаш дар ин бора чунин маълумот медиҳад: «Ман ба биное даромадам, ки ҳуҷраҳои зиёде дошт; дар ҳар ҳуҷрае сандуқе буд пури китоб ва сандуқҳо болоиҳам чида шуда буданд; дар як ҳуҷра китобҳои арабӣ ва назмӣ; дар хонаи дигар китобҳо оид ба фиқҳ ва ғайра. Дар ҳар ҳуҷрае китобҳое оид ба яке аз илмҳо. Ман рӯйхати китобҳои (муаллифони) қадимро хондам ва назар афканда хоҳиш кардам он чиро ки бароям лозим буд. Ман он ҷо китобҳоеро дидам, ки бисёре

[1] Фаъолияти Абӯалӣ ибни Сино дар асри XI шурӯъ шудааст, ки сулолаи Сомониён суқут карда буд. Вале саропо ба комёбиҳои фарҳангию илмии аҳди Сомониён бастагӣ дошт. Аз ин рӯ мо дар ин қисмат оид ба ӯ таваққуф менамоем.

аз одамон ҳатто номашро нашунида буданд. Ман чунин китобҳои барчидаро на пеш аз ин дида будам ва на баъд аз ин дидам».

Абӯалӣ ибни Сино бо шавқу завқ ба омӯхтани адабиёти фаровоне дода шуд, ки дар китобхонаи Сомониён ҷамъ оварда буданд. Вай инчунин хабар медиҳад, ки дар Бухоро як бозори гарми китоб вуҷуд дошт, ки аз он ҷо ҳар кас, ҳамеша китоби ҷавобгӯи суолҳои дилхоҳашро харида метавонист.

Дар натиҷаи аз сари қудрат рафтани сулолаи Сомониён ва дар Мовароуннаҳр ба дасти туркҳои қарахонӣ гузаштани ҳукмронӣ Абӯалӣ ибни Сино, ногузир тарки Бухоро гуфта, сӯи Хоразм рӯ овард.

Дар боргоҳи ҳокими Хоразм, ки он вақт тобеи вассалии Сомониён буд, олимони бисёре фаъолият доштанд, аз ҷумла риёзидону мунаҷҷим, ҷуғрофидону муаррих ал-Берунӣ. Абӯалӣ ибни Сино бо эҳтиромоти зиёд аз ҷониби Хоразмшоҳ пазируфта шуд. Вале дере нагузашта аз тарси султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки Афғонистон ва Шарқи Эронро зери даст гирифт, рӯ ба фирор овард. Султон Маҳмуд аз Хоразмшоҳ талаби фиристодани Ибни Синоро ба Ғазнӣ кард то «аз шарафи сӯҳбаташ чошнӣ бардорад».

Абӯалӣ ибни Сино медонист, ки дар Ғазнӣ ӯро на «сӯҳбат»-и гарму ҷӯшон, балки зиндони абадӣ мунтазир аст.Аз ҳамон вақт сарсонию саргардониҳои дуру дарози Ибни Сино шурӯъ гардид. Ӯ аз Хоразм дар Абевард паноҳанда шуд, пас аз чанде ба Ҷурҷон бирафт ва номи худро ниҳон дошт. Барои халосӣ аз таъқиботи Маҳмуди Ғазнавӣ вай ба Мозандарон роҳ пеш гирифт, аз он ҷо ба шаҳри Рай рафт. Пас аз лашкаркашии Маҳмуди Ғазнавӣ ба он вилоёт, сӯи Қазвин ва аз Қазвин тарафи Ҳамадон гузашт.

Ҳокими Ҳамадон Абӯалӣ ибни Синоро вазири худ таъин намуд. Вай он ҷо чун амалдори олимақом мехоҳад аз рӯи раъйи худ дар идораи давлат кӯмаки зиёд бирасонад, ки ҳамаи он дар «Китоб-уш-шифо» ном асараш васеъ нигориш ёфтааст.

«Маҷмӯи қонунҳоро мураттаб гардонида,– воқеъан на-

вишта буд ӯ дар «Китоб-уш-шифо»,– ҳоким бояд бартариҳои ахлоқии халқ ва анъанаҳоеро ба эътибор бигирад, ки ба сӯи адолат мебарад. Вай, яъне адолат,– беҳтарини зебоихост аз ҳамаи рафторҳои инсонӣ.

Ҳоким бояд дар ёд дошта бошад, карруфари аз ҳад зиёди атрофиёнаш метавонанд натиҷаҳои ғамангез ба бор биёрад. Карруфар ҳам ба осоиши кишвар ва ҳам ба муносибатҳои байни инсонҳо таъсири бад мерасонад. Аз онҳо бояд ҳазар кард. Вале норасоии асбоби маишати ҳаёт низ оқибатҳои бад дорад. Вай инсонҳоро ба ҳаяҷон меоварад, ба парешонии мардум бурда мерасонад. Аз ин ҳам бояд дурӣ ҷуст».

Кӯшиши татбиқи амалии ғояҳои фалсафияш дар ҳаёти воқеии асри XI Абӯалӣ Синоро бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ гардонид. Онҳо муқовимати сахти аъёну ашрофи дарбор ва диндоронро ба муқобили ӯ хезонданд. Бар зидди вазири донишманд лашкар истифода шуд. Сарбозон хонаи ӯро ғорат карданд, сарлашкарҳо ба қатл расонидани ӯро талаб мекарданд. Абӯалӣ бо мушкилоти зиёд худро аз ҳалокат мераҳонад. Вай аз назари ҳама пинҳон шуда, корҳои илмӣ доир ба тиб, табиатшиносӣ мебарад. Вай инро ҳатто вақте ҳам тарк накард, ки дар натиҷаи таъқиботи дуру дароз ниҳоят ба ҳабси дарозмуддат маҳкум гардид.

Задухӯрди байни ҳокимони Ҳамадону Исфаҳон ба ҳабси Ибни Сино хотима бахшид. Дар он ҷанг ҳокими Исфаҳон ғолиб меояд, Абӯалӣ ибни Синоро озод ва ба дарбори хеш даъват мекунад. Ҳар бегоҳи ҷумъа олими бузурги тоҷик ақидаҳои илмии худро дар Шӯрои олимони назди дарбори ҳокими Исфаҳон иброз медошт. Вай барои идораи кишвар ба сифати вазири ҳокими Исфаҳон даъват шуда буд. Аммо оворагиҳои сафари дуру дароз, маҳбас, кори пурмашаққати илмӣ қувваю нерӯи олимро коста буданд.Синои аз бемории вазнин харобу лоғар ва дар айни замон, ба сабаби тағйири вазъи сиёсӣ, аз нав ба Ҳамадон бармегардад. Абӯалӣ бо эҳсоси марги хеш ҳамаи хидматгоронашро озод ва тамоми дороиҳояшро ба мардум тақсим мекунад. Абӯалӣ ибни Сино соли 1037, дар синни 57 солагӣ аз ҷаҳон чашм пӯшид. 13 соли аввали умри баҳуши ӯ ба шогирдӣ гузашт, ба сабаби

марги падар ду соли дигар корҳои хонаводагӣ машғулаш медорад. 37 соли ҳаёти боқимондааш дар гурезагии шаҳр ба шаҳр, бесару сомониҳои зиёд, таъқибот ва навиштани 77 асари илмӣ мегузарад.

Энсиклопедисти бузурги рӯзгори худ Абӯалӣ ибни Сино тамоми дониши бардоштаашро ба хизмати халқ гузошт. Истеъдоди фитрии ӯ аз ҳама сӯ ҳайратовар ва гуногун буд: дар як вақт табиб, арбоби давлатӣ, олим. Ӯ асарҳои зиёди илмӣ оид ба тиб, математика, ахлоқ, физика, сухани мавзун (риторика), кимиё, мусиқӣ навишт. Ба ҷуз ин шоири бемонанде низ буд.

Асарҳои дар соҳаи тиб навиштаи ӯ шӯҳрати хосса доранд ва пеш аз ҳама «Ал-Қонун», ки давоми садсолаҳо на танҳо дар Шарқ, балки дар Аврупо низ чун асари роҳнамои асосии тиббӣ будааст.Китоби «Китоб-уш-шифо»-и ӯ оид ба мантиқ, илм дар бораи табиат ва худопарастӣ буда, аз 18 ҷилд иборат аст.[1]

Абӯалӣ ибни Сино инчунин оид ба шарҳи асарҳои Арасту, ҷирмҳои осмонӣ, ахлоқ, кимиё, шарҳиёти амали табиб зидди нерӯҳои табиат,қудрати инсон ва дарку дарёби он, китоби лашкардорӣ, ғуломдорӣ, сарбоздорӣ ва усули нигаҳдории онон, дар бораи андозҳои давлатӣ иборат аз 12 ҷилд асарҳо дорад.

Дар аҳди Сомониён забони арабӣ, ҳамон нақшеро дошт, ки забони лотинӣ барои Мағрибзамин. Вай забони асарҳои илмӣ буд ва аз ин рӯ, аксари асарҳояшро Абӯалӣ ибни Сино ҳам бо ҳамин забон навиштааст. Бо вуҷуди ин ӯ яке аз аввалин олимоне буд, ки забони модарии тоҷикии худро асбоби асарҳои илмӣ гардонид. Аз ҷумла, «Донишнома»-и ӯ ба забони тоҷикӣ навишта шудааст, ки дар он масъалаҳои мантиқ, табиатшиносӣ, мусиқӣ, диниёт ва нуҷум шарҳу баён ёфтаанд. Абӯалӣ ибни Сино забони арабиро ҳам мисли забони модариаш–тоҷикӣ хуб медонист ва бо ҳарду забон шеърҳо боқӣ гузоштааст:

---

[1] Бозгӯи шӯҳрати бузургии ин асар аст, ки ба қарибӣ дар ҳаҷми 780 саҳифаи интихобӣ дар Теҳрон ба нашр расид.

*Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.*
*Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,*
*Ҳар банд кушуда шуд, магар банди аҷал.*

Навишта буд дар яке аз онҳо ин инсони бузург, ки ба қуллаҳои дониши замони худ расида ва худ дарёфта буд, ки як қисми каме аз ғановати хазинаи адонашавандаи илмро медонаду халос.

Дар замони Сомониён адабиёти доманадори таърихӣ пайдо мегардад. Асарҳои таърихӣ ҳам, ба мисли ҳамаи асарҳои илмӣ, аз ҷониби муаллифони тоҷик ба забони арабӣ навишта шудаанд. Ба забони арабӣ аввал Муҳаммад Наршахӣ (вафоташ қарибӣ соли 959) асари «Таърихи Бухоро»-ро таълиф намуд, ки «дар бораи вазъи Бухоро, оид ба бартариҳояш, зебоиҳояш, дар бораи ҳамаи он чӣ ки дар Бухорост ва атрофу акнофи ӯст, имкони хуби зиндагӣ ва ҳамаи он чӣ ки ба вай тааллуқ мегирад, пурра маълумот додааст. Асари Наршахӣ дар асри XII ба форсӣ тарҷума шуда буд. Агарчи тарҷумаи форсияш ба мухтасарӣ, илова ва тағйирот дучор омад, вале аз пурарзиштарин асарҳои таърихи халқи тоҷики замони истилои араб ва аҳди Сомониён аст. Дар аҳди амири Сомонӣ Мансури 1 (961-976) мувофиқи фармони ӯ аз ҷониби вазир Балъамӣ асари мукаммали таърихии Абӯ Ҷаъфар Муҳаммади Табарӣ аз арабӣ ба форсӣ тарҷумаи мухтасар шуда буд. Дар ҳамон вақт аз тарафи олимони қонуншиноси махсус, боз як асари калонҳаҷми Табарӣ аз забони арабӣ ба форсӣ тарҷума шуд, ки он «Шарҳи Қуръон» аст.[1] Вай аз беҳтарин тафсирҳои Қуръон ба забони форсист. Қайд кардан мароқовар аст, ки барои тарҷумаи он иҷозати машҳуртарин уламоҳои дин зарур буд, ки дар баробари забони арабӣ забони модарии тоҷикии аҳолии Давлати Сомониёнро забони адабиёти рӯҳонӣ шуморанд.

Натиҷаи таъсири бевоситаи фарҳангии Бухорои давраи

[1] Дастхати пурраи ин осор ба забони арабӣ 40 ҷилдро дар бар мегирад.

Сомониён буд, ки дар асрҳои X-XI дар Хоразм адабиёти фаровони илмӣ ба вуҷуд омад. Осори илмии олими хоразмӣ – ситорашинос (мунаҷҷим), таърихшинос ва ҷуғрофидон ал-Берунӣ барои тамоми ҷаҳони мутамаддин маълуму машҳур аст. Ҳокимони Хоразм, ки ба Сомониён тобеияти вассалӣ доштанд, ба таҷрибаи сюзеренҳои[1] Сомониён тақлид намуда, шоирону олимонро ба ҳимояти худ мегирифтанд.

Ҳамин навъ буд хусусияти асосии ҳаёти мадании тоҷикон дар аҳди Сомониён. Комёбиҳои ин давра, ки дар заминаи маданияти қадими халқи тоҷик ва аз шарту шароитҳои фарҳангии озод аз чаҳорчӯбаи давлати хилофати араб имконияти рушд ёфта буд, бидуни баҳс аҳамияти ҷаҳонӣ дошт.

Замони гулгулшукуфии олии фарҳанг ва хоҷагидории Мовароуннаҳр дар охири асри X бо истилои харобкорону истилогарони нави аҷнабӣ бурида шуд.

---

[1] Сюзерен – дар замони феодализм дар Европаи Ғарбӣ мулкдори калоне, ки ба вассалҳои (тобеони) худ ҳукмронӣ мекард. Вассал– заминдори мутеи феодали калонтаре буд.(Тарҷ.).

# XII. МУБОРИЗА БО ҲАМЛАВАРОНИ ТУРК ДАР МОВАРОУННАҲР. БАРҲАМХӮРИИ СУЛОЛАИ СОМОНИЁН

Ҳамлаи ишғолгарони нав чизи асосӣ ва бевосита буд, вале сабабгори ягонаи аз байн рафтани Давлати Сомониён набуд. Сабабгори бевоситаи он то як андоза бувиши ихтилофу низоъҳои синфии дохили қаламрави Сомониён ҳисоб мешуд. Дар натиҷаи он ихтилофҳо охири асри X дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳукмронҳои сомонӣ на дар байни кишоварзон такягоҳи мустаҳкаме доштанду на дар байни аъёну ашрофи заминдор ва аҳли дин. Тавре ки мо баъдан мебинем, онҳо ҳатто ба лашкари худ эътимод бастан наметавонистаанд.

Мовароуннаҳри Сомониён аз ҷиҳати сохт давлати феодалӣ ҳисоб мешуд. Бисёре аз деҳқонон – заминдорон ба сиёсати Давлати Сомониён назари душманона доштанд, зеро он сиёсат асосан барои рушди ҳаёти шаҳриён ва соҳаи савдо, ҳамчунин ба тадбирҳои онон оид ба созмон додани ҳукумати мутамарказ нигаронида шуда буд. Деҳқонон гоҳе асосан бо ҳастии воқеии хоҷагии табиӣ зиндагӣ доштанду бо шаҳр бастагӣ надоштанд ва ҳеҷ гуна даромаде аз ҳунармандӣ ва соҳаи савдои шаҳр, ки Сомониён бештар ба онҳо аҳамият медоданд, ба даст намеоварданд. Сиёсати Сомониён барои деҳқонон қобили қабул набуд, зеро рӯи кор ба сӯи аз ҳисоби маҳдудсозии мустақилияти онҳо мустаҳкамсозии ҳукумати давлатӣ буд.

Сомониён кӯшише ба кор набурданд, ки оммаи васеи ҳунармандони шаҳр ва зироаткорони одиро ба тарафи худ кашанд. Ба илова, дар охири асри X сарфу харҷи хазинаи Сомониён барои нигаҳдории артиш ва идораи давлат беҳад баланд рафт, ки талаби бо суръат ситонидани андози гарон, бо тамоми ҳастияш бори гардани деҳқонон ва шаҳриёни камбизоат буд. Ин боиси афзоиши норизоии омма гардид ва ҳаракатҳои шиаҳову исмоилиён дар Мовароуннаҳр он вақт ки хусусияти демократӣ дошт, такяи онҳо шуд. Таъқиботи тарғибгарони шиаву исмоилӣ имкон намедод, ки ҳукумати

Сомониён миёни мардум нуфуз пайдо намояд. Рӯҳониёни мусулмон тарафдори тоифаи одамони аз Сомониён домангири аъёну ашрофи заминдор буданд.

Муҳофизати дохиливу хориҷии Давлати Сомониён мӯҳтоҷи артиши зархарид шуд ва онро аз байни ғуломони туркнаҷод махсус барои ҳамин мақсад мехариданд. Дар Мовароуннаҳр мактабҳои махсусе вуҷуд доштанд, ки ҳунари ҳарбӣ меомӯзониданд ва пас аз хатми таълими махсус ба дарбори Сомониён хонадони заминдорони калон ба он роҳ меёфтанд. Ғуломон барои хидмати худ маблағи муайяне мегирифтанд ва аз ғаромати ҷанг ҳам ҳуқуқи талаби саҳми худро доштанд. Аз рӯи чунин тартибот на танҳо артиши Сомониён муташаккил мегардид, балки ташкили артиши халифаҳои араб ҳам дар Бағдод ба ҳамин тарз буд, аз Сомониён нусхабардорӣ доштанд.

Сарфармондеҳони гвардияи туркии Сомониён, аз висоқбошӣ (сардори хаймаву чодар) то сарҳоҷиб, ки тамоми нерӯҳои ҳарбии давлат дар ихтиёраш буд, аз миёни худи ҳамон ғуломони дар хизмати ҳарбӣ пешрафтаи ба гашту гузори озодона ҳуқуқ ёфта таъин мешуданд. Аз миёни ин гвардияи туркони зархарид на камтар феодалоне пешбарӣ мешуданд, ки заминҳои беҳад зиёд дар ихтиёр доштанд. Дар ин миён махсусан пешравии Алптегин аҷиб аст, ки дар боргоҳи Сомониён ба комёбиҳои сарчархзанонандае расид ва аз як ғулом ба мансабдори калони Сомониён табдил ёфт. Алптегин, ки дар ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон ҳоким таъин шуда буд, дар ихтиёри худ садҳо деҳа, садҳо ҳазор сар рамаи гӯсфанду аспу хачир ва шутур дошт.

Артиши зархариди туркӣ барои Сомониён чӣ дар мубориза бо ҳаракатҳои халқӣ ва чӣ дар мубориза бо мухолифини аъёну ашрофи заминдор такягоҳи боэътимоде буд, вале то даме ки вазъи ин ё он ҳокими сомонӣ мустаҳкам буд. Вақте вазъи онҳо ба калавидан даромад, кор зуд ранги дигар мегирифт. Он гоҳ сарфармондеҳони турк сиёсати худро пеш мениҳоданд, иродаи худро ба сари амирони сомонӣ амр мекарданд. Масалан, Алптегини номбурда, ҳангоме дар бозиҳои сиёсии боргоҳи Сомониён шикаст хӯрда, аз даст-

нишондагии Хуросон бардошта шуд, бо ғуломони вафодори худаш ба Афғонистони имрӯза рафт ва соли 962 шаҳри Ғазнаро гирифта он ҷо ба сулолаи ғазнавиёни турк асос гузошт.

Тартиби ҷобаҷогузории нерӯҳои синфӣ дар Давлати Сомониёни асри X ҳамин гуна буд, ки қабилаҳои турк бо сардории аҷдоди илекхонии дар таърих бо номи Қарахониён маълум ба Мовароуннаҳр сар халонданд.

Вақти ба Мовароуннаҳр тохт овардани туркҳо–қарохониён тамоми Ҳафтрӯд ва як қисми Туркистони Шарқӣ (Кошғар)-ро дар даст доштанд. Туркҳои қарохонӣ дар дини ислом буданд, ки сабаби роҳ ёфтанаш муносибатҳои тиҷоратии шаҳр ва ҳавзаҳои заминкори кӯчманчиёни Мовароуннаҳр дар айлоқҳои кӯчиён буд. Сарвари онҳо Буғрохон унвони «Нури давлат ва такягоҳи даъват ба дин»-ро дошт.

Лашкари туркӣ соли 992 ба Мовароуннаҳр даромада, дар ин ҷо чандон муқобилияти сахт надид. Нӯҳи II-и Сомонӣ, ки он вақт ҳукм меронд, ба ҷид кӯшид, ки нерӯҳои ҳарбии вилоятҳои худро сафарбар карда, ба муқобили туркҳо барояд. Ҳокими Хуросон Абӯалӣ Симҷӯрӣ, ки аз авлоди ғуломони пешрафтаи туркҳо буд, бо Буғрохон сари тақсими Давлати Сомониён аҳдномаи пинҳонӣ баст. Шахси олимансаби сернуфузи боргоҳи Сомониён Фоиқ низ пинҳонӣ аз Нӯҳи II бо туркҳо гуфтугӯи хоинона анҷом дод. Омадани туркҳоро бисёре аз намояндагони аъёну ашрофи заминдори норизои Сомониёни Мовароуннаҳр низ бесаброна интизорӣ мекашиданд. Аз ин рӯ, Абӯалӣ аз иштирок дар муборизаи зидди туркҳо даст кашид, аммо Фоиқ, ки дар остонаи Самарқанд ба туркҳо бояд зарба мезад, шикаст хӯрд ва ба Сомониён хиёнат карда, даст сари сина ба пешвози Буғрохон баромад. Дар чунин шароит ба Нӯҳи II дигар чорае боқӣ намонда буд, ҷуз ин ки пойтахти худро ба ҳоли худ бигзорад ва ба сӯи Омул (Чорҷӯй) гурезад. Вале ногаҳ мурдани Буғрохон вазъиятро тағйир дод. Туркҳо боигариҳои азимеро бардошта, аз Бухоро ба навоҳии бодиянишини худ рафтанд. Нӯҳи II Сомонӣ ба пойтахти худ баргашт.

Воқеаҳои соли 992 сирру асрори ноустувории даруни Давлати Сомониёнро возеҳу равшан ошкор намуд. Калонтарин вассалҳои Сомониён – Абӯалӣ ва Фоиқ аз он ҳодисаҳо ба хулосаи дақиқ омаданд, ки онҳо бе кӯмаки туркҳо ҳам метавонанд муборизаи муваффақонаро бо Сомониён бубаранд ва бар зидди Нӯҳи II баромаданд. Нӯҳи II ба нерӯи урдуи худ умед набаста, барои кӯмак ба Сабуктегини Ғазнавӣ муроҷиат намуд. Сабуктегин ҳам мисли асосгузори давлати Ғазнавиён Алптегин аз нигоҳи баромади иҷтимоӣ аз ғуломони турк ва худро чун сарлашкари дорои истеъдоди фавқулода нишон дода буд.Вай ба духтари Алптегин хонадор шуда, талабгорони дигарро танг карда баровард, соҳиби тахту тоҷи ғазнавиён гардид ва қаламрави ғазнавиёнро аз ҳисоби шаҳру навоҳии Афғонистони ҳозира хеле кушод.

Дар ҷавоби даъвати ёрии Нӯҳи II Сабуктегин бо 20 ҳазор лашкар шитобон аз Ому гузашта, пайдои Мовароуннаҳр шуд. Чандин задухӯрди сахту вазнин ба фоидаи Нӯҳи II ва Сабуктегин анҷом гирифт ва Абӯаливу Фоиқ сӯи маркази Эрон фирор карданд. Барои ин ғалабаҳо Сомониён ба Сабуктегин унвони «ҳимоятгари дину давлат»-ро доданд. Дар мубориза ба муқобили балвогарони вассалҳои Давлати Сомониён писари Сабуктегин – намояндаи аз ҳама машҳур ва абарқудрати сулолаи Ғазнавиён Маҳмуд низ иштирок мекард. Вай аз Сомониён барои ширкат дар задухӯрдҳо унвони «шамшери давлат»-ро соҳиб шуд ва ба ҷои Абӯалии шикастхӯрда ҳокими Хуросон таъин гардид.

Солҳои 995-996 балвогарони вассалҳои Сомониён ва туркҳои қарахонӣ барои ба даст даровардани заминҳои Сомониён кӯшиданд. Нӯҳи II бо ёрии Сабуктегин балвогарон ва туркҳои қарахониро мекӯбад. Ба сабаби ин ғалабаҳо дар Мовароуннаҳр таъсири ғазнавиён босуръат пурзӯр мегардад. Нӯҳ II-и Сомонӣ акнун маҷбур буд ба амру фармонҳои султонҳои ғазнавӣ сари ризо биҷунбонад, яъне бо Қарахониҳо шартномае бандад, ки ҳавзаи рӯди Сир ба тобеияти онҳо (қарахониҳо) гузарад, вилоятҳои поёни Ому яксара ба ихтиёри Ғазнавиён дода шавад.

Соли 997-ум иштирокдорони асосии воқеаҳои болоӣ аз

саҳна дур шуданд. Собиқ волии Хуросони Сомониён Абӯалӣ ба дасти Сабуктегин асир афтода, дар асорат ҷон дод. Нӯҳи II ва Сабуктегин ҳам мурданд. Ба тахти Сомониён писари Нӯҳ – Мансур нишаст. Бо истифода аз низои писарони Сабуктегин – Маҳмуд ва Исмоили Ғазнавӣ амир Мансур барои барқарорсозии ҳукмронии худ дар Хуросон волии худро фиристод. Маҳмуд шаҳри Ғазнаро ба тасаррufi худ даровардa нахост, ки ҳаққу ҳуқуқи ӯро касе дар Хуросон поймол намояд ва қувваи тамоми лашкари худро ба кор даровард.

Амир Мансур дар мубориза барои Хуросон чандон устуворӣ ва қатъият нишон надод. Вай бо Маҳмуд роҳи ризоят меҷуст. Аммо вассалҳои ӯ аз тарси чунин ризоят, ки метавонад дар баҳои сари онҳо бошад, тарсида ӯро дошта кӯр карданд. Ба ҷои Мансур бародари хурдиаш Абдулмалики II – ро ба тахт нишонданд. Маҳмуди Ғазнавӣ баъди ҷангҳои сахти ғолибона бар лашкари Сомониён ҳокими Хуросон шуд. Акнун дар дасти Абдулмалик танҳо Мовароуннаҳр боқӣ монд.

Соли 999 бо зарбаи нави туркҳои қарахонӣ ин такягоҳ ҳам аз дасти Сомониён рафт. Сомониён ба нерӯи гвардияи туркнаҷоди худ бовар накарда, муқобили туркони бодиянишин барои ба по хезондани омма кӯшиданд. Дар тамоми масҷидҳои Бухоро муаззинҳову тарғибгарон тоҷиконро даъвати силоҳгирӣ намуданд.

Аҳолии Бухоро, мисли тамоми Мовароуннаҳр он вақт мусаллаҳ буд ва он тарғибот метавонист бар сари Қарахониён фалокатҳои зиёд оварад. Вале мо хуб медонем, ки Сомониён ҳаргиз аз оммаи халқ такя намеҷустанд ва даъвати тарғибгарони Сомонӣ дастгирӣ пайдо накард. Аҳолӣ ба онҳо бовар накарда ба фақеҳон[1] рӯ оварданд, ки намояндагони ғайрирасмии рӯҳониён буданд. Фақеҳон эълом доштанд, ки чун набарди мусулмон бо мусулмон барои маишати ин дунёст, на бо кофирон, мардумро ҳеҷ зарурат нест, ки «худро ба куштан диҳанд».

---

[1] Фақеҳ–қонуншиноси мусулмонон.

Аз ин рӯ, халқ барои ҳимояти сулола ба по нахест, аммо сарлашкарони турки қуввахои мусаллаҳи Сомониён ба ҷои он ки ба ҳимояи шаҳр бихезанд, барои бо ихтиёри худ сари итоат фурудовардан ба қароргоҳи истилогарон омаданд. Туркҳо Бухороро гирифтанд, хазинаи Сомониёнро ба даст даровcovарданд, амир Абдулмалику дигар аъзои сулоларо ба Ӯзганд–пойтахти Қарахониён фиристоданд.

Ҳамин буд натиҷаи муборизаи охирини Сомониён барои хукмронӣ дар Мовароуннаҳр. Онҳо, албатта, пешакӣ забон як карда, таносуби нерӯҳои синфии худро ба ҳисоб гирифта, амал мекарданд, ки хӯяшро дар боло кушодем. Бо ин ҳама дар шикасти Сомониён нақши асосиро боз ҳамон ҳолат бозид, ки амирон – Нӯҳ II, Мансур ва Абдулмалик ҳаргиз ташаббуси сиёсӣ ва ҳарбие монанди аввалин намояндагони ин сулола, ба вижа Исмоили Сомонӣ нишон надоданд. Танҳо пас аз оне ки акнун кореро ба сомон бурдан имкон надошт, Сомонии охирин, бародари Мансур ва Абдулмалик – Абӯиброҳим Исмоил мардонагӣ ва нерӯ, ҷасорати барҷастаи ҳарбии худро зуҳур дод ва чанде нерӯ ҷамъ оварда, Бухорову Самарқандро аз дасти қарахонӣ озод намуд. Ӯ аз асорати зиндони туркҳои Ӯзганд гурехт ва ба худ лақаби Мунтасир, яъне Музаффарро гирифт, аз тарафдорони худ ба шумори бузурге ғун кард ва бо нерӯи онҳо аз дастнишондаҳои қарахонӣ Бухорову Самарқандро бозситонд.

Ин амал қарахониёнро маҷбур кард, ки қувваҳои асосии худро зидди Мунтасир равона созанд. Аз андешаи торумор Мунтасир ба Эрон гурехт. Ин ҷо ӯ маҷбур шуд бо лашкари туркони ғазнавии ба сараш борида ба набард дарояд. Мунтасир зидди онҳо ҷангҳои муваффақона ҳам бурд, вале ниҳоят тоб наоварда шикаст хӯрд. Он гоҳ вай бо ғузҳо (туркманҳо) забон як карда, дар набардҳои соҳили Зарафшон ва наздики Самарқанд соли 1003 ба қарахониҳо чандин зарба ворид кард. Дар афту дарафтҳои муттасил писари Мунтасир ба ҳалокат расид, аммо ҳеҷ чиз рӯҳи ӯро дар муқобилияти сангин нишон додан шикастан наметавонист. Як порча шеър аз ин охирин мубориз, охирин

давомдиҳандаи кори Сомониён то ба мо расидааст, ки бозгӯи рӯҳи тавонои ӯст. (Айнан):

*«Гӯянд маро чун салаби хуб насозӣ,*
*Маъвогари ороставу фарши мулавван?*
*Бо наъраи гурдон чӣ кунам лаҳни муғаннӣ?*
*Бо пӯяи аспон чӣ кунам маҷлиси гулшан?*
*Ҷӯши маю нӯши лаби соқӣ ба чӣ кор аст?!*
*Ҷӯшидани хун бояд бар ғайбаи ҷавшан.*
*Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу боғ,*
*Тир асту камон аст маро лолаву савсан.*

Чандин сол Мунтасир бо комёбиҳои гоҳ-гоҳӣ зидди қарахониҳо мубориза мебарад. Соли 1004-ум чун натиҷаи муборизаҳои ӯ дар Самарқанд ба нафъи Сомониён ҳаракати халқӣ сар зад. Самарқандиён гурӯҳи калони сарбозонро ҷиҳозонида ба ихтиёри Мунтасир медиҳанд. Мунтасир дар миёнаҳои соли 1004-ум начандон дуртар аз Самарқанд бар лашкари «хони бузург»-и қарахонӣ боз як зарбаи марговар мезанад. Аммо туркҳо бо нерӯи зиёди нав дубора ба Моварауннаҳр баргаштанд. Ва Мунтасирро низ зарур омад боз тарафи Хуросон фирор намояд. Аввали соли дигар ӯ дар Марв ҳалок гардид.

Дар таърихи халқи тоҷик замони дурахшони Сомониён ҳамин гуна охир шуд, вале дар як рӯзгори кӯтоҳи таърихӣ, тоҷикон на танҳо натиҷаҳои маргбори истилои арабро паси сар карданд, инчунин дар пешравии фарҳанги худ ба муваффақиятҳое ноил шуданд, ки пешқадамтарин мамлакатҳои Аврупои он вақт ҳам аз онҳо қафо монд.

# XIII. ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТҲОИ НАВТАШКИЛИ ТУРКӢ. ҚАРАХИТОИҲО. ШӮРИШИ МАЛИК САНҶАР

Баъди барҳамхӯрии Давлати Сомониён ноҳияҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна ба майдонҳои набарди сахти қабилаҳои гуногуни туркӣ ва давлатҳои навташкил мубаддал гардид.

Дар ин давра миёни туркҳои қарахонӣ ва Маҳмуди Ғазнавӣ, ки акнун ба қаламраваш қисмати шарқии Эрон, яъне ҳудудҳои Афғонистони имрӯза ва як қисми Ҳинд медаромаданд, аҳдномае ба мувофиқа расида, сарҳади байни ду давлат – рӯди Ому шинохта шуд.

Туркҳои қарахонӣ ин аҳдномаро вайрон карда, кӯшиданд вилоятҳои ҷанубии поёноби Омуро, ки тобеи Маҳмуди Ғазнавӣ буд, ба тасарруфи худ дароранд. Соли 1006-ум дар соҳили Ому ва соли 1008-ум дар ҳудуди Балх онҳоро лашкари Маҳмуди Ғазнавӣ торумор кард ва сабаби ғалабаи ӯ дар ихтиёр доштани 500 фили ҷангие буд, ки туркҳо бо онҳо ҷангида натавонистанд. Соли 1017 Маҳмуди Ғазнавӣ Хоразмро тобеи худ кард. Соли 1025-ум Маҳмуд аз рӯди Ому гузашта, Алптегини қарахониро, ки Самарқанду Бухоро дар ихтиёраш буд, кӯбида ҳамон чанд ноҳияеро, ки дар домани Тоҷикистони имрӯза аст, зери тасарруф мегирад.[1]

Ҷангҳои байни туркҳои Қарахониву Ғазнавиро истилогарони нави Салҷуқӣ хотима доданд, ки замони ҳукмронии Сомониён аз даштҳои қирғиз муҳоҷир шуда, дар поёноби дарёи Сир маскан зада буданд.

Туркҳои салҷуқӣ дар мубоaround... 

[1] Ба қаламрави давлати ғазнавиён дар Мовароуннаҳр вилоятҳое даромаданд, ки то он вақт ҳам тобеи Маҳмуди Ғазнавӣ буданд. Инҳо Хуттал (вилояти Кӯлоб), Сағониён (водиҳои Ҳисор ва Сурхон), Қубодиён (вилояти миёни рӯдҳои Кофарниҳону Вахш) ва Тирмизанд.

Масъуд (писари Маҳмуди Ғазнавӣ) чандин бор ғолиб омада, пас аз чанд сол тамоми ҳудуди Ғазнавиён дар Эрону Мовароуннаҳрро ишғол карданд. Соли 1055-ум сардори туркони салҷуқӣ Туғрилбек ба маркази хилофати араб – шаҳри Бағдод зада даромад ва он ҷо султон эълонаш карданд. Вориси Туғрилбек – султон Алпарслон ба сӯи Ғарб пеш рафта, ғолиби императори Византия – Романи IV– Диоген шуда, маҷбураш кард, ки ба ӯ боҷу хироҷ диҳад. Дар аҳди султон Маликшоҳ тамоми Осиёи Ғарбӣ аз Афғонистон то сарҳадҳои Византия, Осиёи Хурд ва хилофати Фотимиён таҳти ҳукмронии туркҳои салҷуқӣ муттаҳид гардиданд.

Лашкаркашиҳои туркҳо барои ноҳияҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна оқибатҳои ҳалокатбор оварданд. Ин оқибатҳои мудҳиш на танҳо зодаи задухӯрдҳои беанҷоми ҳарбии кӯчманчиён буданд, ки аз он ҳамаи заминкорони осоишта азият мекашиданд, усули истисморе, ки онҳо ба роҳ андохта буданд, бештар аз он ба харобӣ мекашид. Чунин метобад, ки ҳанӯз аз рӯзгори сари қудрат омадани қарахониҳо дар Осиёи Миёна усулҳои тақсими замин (иқто) барои хизматчиёни ҳарбӣ ҷорӣ гардида буд. Туркони соҳиби чунин қитъаҳо аз касони заминкори ба онҳо вобаста ҳам ҳуқуқи ситонидани маблағи муайяне ва ҳам маҷбурсозӣ ба додани ин ё он молро ба нафъи онҳо, доштанд. Аз ин тарзи кор махсусан аҳолии тоҷики зироаткори Мовароуннаҳр, ба вижа азияти сангин мекашид. Аҳмад ибни Муҳаммад, ки солҳои бистуми асри XII асари дар боло номбурдаи Наршахиро аз арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда буд, иттилоъ медиҳад, ки дар замони ӯ қимати замин дар Бухоро ончунон паст фуромад, ки қитъаи замини дар аҳди Сомониён 4000 дирҳам равои фурӯшро, ҳоло касе намехост ақаллан ба ройгон бигирад. «Замини маҳаллаи Кӯшки Муғон,– менависад ӯ,– чунон шуда буд, ки онро ройгон медоданд, аммо касе гирифтан намехост. Касе ҳам, ки бигирад, замин холӣ (нокишта) мемонд, ки ин бозгӯи натиҷаи ҷавру зулми ба сари фуқаро оварда буд».[1]

Муборизаи туркони гуногуни давлатҳои навташкил ба-

[1] Наршахӣ, «История Бухары», стр. 12.

рои ҳукумат, бар сари шаҳрҳои тоҷикон ва воҳаҳои кишоварзии Осиёи Миёна, на танҳо хоҷагидорӣ, балки сари ҳаёти маданӣ ҳам харобӣ оварда буд.[1] Ҳатто аз охирин касони ба ном «Салҷуқиёни бузург»– Султон Санҷар, ки пойтахташ шаҳри Марв буд, на хонда метавонисту на навишта. Гузаштагони ӯ Алпарслону Маликшоҳ ҳам бесавод буданд.

Дар чунин вазъият, дар сохтори идории давлатии Салҷуқиён, назар ба худи истилогарон арбобони давлатии баромада аз оилаҳои бофарҳанги тоҷику форс нақши бузург мебозиданд. «Шоҳи бесавод,– мехонем дар навиштаҳои Бартолд,– албатта наметавонист идораи расмиятпарастонаи мамлакати беҳадду канорашро дуруст назорат кунад ва ин вазифа тамом ба ӯҳдаи вазир гузошта мешуд. Аз ин рӯ, дар аҳди Салҷуқиён мо чунон вазирони бузургеро мебинем, ки пеш аз ин набуданд».[3]

Маҳз чунин вазир дар аҳди Алпарслон ва Маликшоҳ фарзанди Хуросон Абӯалӣ Ҳасан барои корҳои барҷастаи хеш унвони «Низомулмулк»-ро гирифта буд, ки маънояш «низомдори давлати бузург» аст.

Инсони ташаббускор, донишманд, дорои маълумоти баланд, –Низомулмулк дар идораи давлат ба таҷрибаи Сомониён такя мекард. Бо истифода аз обрӯю эътибори беканораш дар боргоҳи Маликшоҳ (1072-1092) вай мекӯшад дар мамлакати паҳновари тобеи ин шоҳи муқтадир анъанаҳои мадании сомониёнро эҳё кунад[2]. Таърихшиносон ҳама дар ҳамин ақидаанд, ки маҳз ба шарофати Низомулмулк идораи

---

[1] Мутафаккири бузург Умари Хайём (1040-1123) дар яке аз рисолаҳои математикии худ дар ҳамон айём навишта буд: «Пайваста мекӯшидам ҳама навъи муодилаҳоро дақиқ биомӯзам, вале ончунон ки бояд кӯшиши худро дар амал бароварда созам, бар он наметавонистам.Чаро ки тирарӯзиҳои рӯзгори ҷомеа ба ман сахт халал мерасонид. Мо шоҳиди ҳалокати аҳли илм будем, ки алҳол аз онҳо кам зинда мондаанд. Оқибатҳои бади он ҳамчунон зиёд, аз тақдири бад, мо рӯ ба рӯи онем ва дар ин рӯзгори парешон худро бахши илм ва такмили он кардан ва дар илм пажӯҳидан масъулияти бузурге тақозо дорад.

[3] В.Бартольд. Туркестан в эпоху монгольского наществия», саҳ. 328.

[2] Қароргоҳи Маликшоҳ ба навбат гоҳ дар Хуросон (Нишопур) ва гоҳ дар Рай ё ки Исфаҳон буд.

давлат дар мамлакат ба тартиби машҳури банизом медарояд, хоҷагидории ба дасти Салҷуқиён харобшуда ба сатҳи муайян боло меравад, илму адабиёт эҳё мегардад.Дар омади гап бояд гуфт, ки хизматҳои барҷастаи Низомулмулк дар кӯшиши пешгирии нафси заминдорони ҳарбии атроф буд, ки зироаткоронро бераҳмона ғорат мекарданд.

Дар «Сиёсатнома»-и[1] худ Низомулмулк ба заминдорони турк мегӯяд, ки ҳуқуқи онҳо ба сари аҳолии тобеъкардаашон номаҳдуд нест: «Иқтадорон, ки иқтае доранд, бояд бидонанд, ки эшонро бар раоё ҷуз он фармон нест, ки моли ҳақ, ки ба эшон супурда шудааст, аз онҳо биситонанд ба ваҷҳе некӯ ва чун онро ситониданд, раоё ба тан, мол, фарзандон, асбоби худ ва ғайра аз онҳо эмин бимонанд, иқтадорон ба раият дигар ҳаққе надоранд».[2] Дар ҷои дигари «Сиёсатнома» Низомулмулк дар бораи вазифаҳои худи шоҳ гап мезанад, ки ӯ бояд дар кори мураттабсозии хоҷагию молии мамлакат бепарво набошад. «Шоҳ муваззаф аст, – гуфтааст ӯ,– амали волиёни вилоятро назорат ва тафтиш кунонад, дахлу харҷи мамлакатро бидонад, ба захираи маводи хӯрок ва захираи молӣ, яъне пул, барои мудофиаи Ватан ва зада гардондани ҳамлаи душман аз берун, аҳамияти ҷиддӣ равона созад. Ва дар ин кор ҳам вай тавре рафтор намояд, ки хасисӣ накунад, маводро сарфа созад, то ки халқ ӯро ифроткор нагӯяд».[3]

Низомулмулк дар эҳёи хоҷагидории ба дасти низомиён ба харобӣ расидаи навоҳии мамлакат ғамхориҳои бузург мекард, дар рушди тиҷорат мекӯшид ва бо ин мақсад андозҳои раҳбанди тиҷорат бардошта ва роҳҳо ҳамвор мешуданд.

---

[1] Дар «Сиёсатнома» («Китоб дар бораи идораи давлат», ки Низомулмулк бо супориши Маликшоҳ навиштааст, дар бораи одамони соҳибмансаб ва вазифаҳои онҳо оид ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт маслиҳат медиҳад. Мароқовар аст, ки нашри охирини ин китоб (ба ибораи Бартолд) «сарчашмаи асосии омӯзиши сохти сиёсии давлатҳои шарқи мусулмонӣ буд, ки ба сифати китоби дарсии мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар мактабҳои Теҳрон соли 1940 аз чоп баромад.

[2] «Сиёсатнома», Тегеран, 1910, саҳ. 35.

[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 297.

Пас аз эҳёи ҳаёти маданӣ Низомулмулк дар пайи кушодани мактабҳои олӣ меафтад, ки ҳатто номи онҳоро аз номи худ мегирад ва он «Мадрасаи Низомия» аст ва онҳо, чунон ки дар марказҳои бузурги маданияти тоҷику эронӣ (ба мисли Нишопур, Балх, Ҳирот, Исфаҳон), дар марказҳои арабӣ низ (ба мисли Басра, Бағдод) сохта мешуданд. Миёни онҳо «Низомияи Бағдод» шӯҳрати бавижа дошт.

Низомулмулк на танҳо ба пешрафти илм, балки барои гулгулшукуфии адабиёту шеър ҳам ғамхориҳо зоҳир мекард. Дар замони ӯ яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти тоҷику форс, шоири машҳур, риёзидон, файласуф Умари Хайём ба пеш мебарояд, ки дар боргоҳи Маликшоҳ соҳиби иззату икроми баланд буд. Корҳои фарҳангии Низомулмулк аҳамияти бавижа калон доштанд, зеро ҳангоме чунин корҳои ӯ пиёда мешуданд, вазъият ҳаргиз мувофиқи амали онҳо набуд.[1]

Дар ҳамон айём, қатори Низомулмулк ва Умари Хайём олими забардасти дигари тоҷик, шоир Носири Хусрав пеш мебарояд, ки соли 1005 дар Қубодиён, дар оилаи одами доро таваллуд ёфтааст. Омӯзиши ибтидоиро дар Қубодиён ва олиро дар Марв гирифта, он ҷо чанде ба корҳои девондорӣ машғул мегардад ва ба ҷид дар омӯзиши фалсафа ва илмҳои дигар мепардозад.

Барои такмили дониш ва шиносоӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя, Носири Хусрав дуру дароз Осиё ва Африқоро гашт, ки 7 сол давом дошт. Аз ҳама бештар ба ӯ боздиди Миср асар гузошт, ки он вақт дини расмияш исмоилия буд ва Носири Хусрав мӯътақид ва тарғибгари он шуд.

Соли 1053 Носири Хусрав ба Хуросон баргашт ва ин ҷо зидди хилофати Бағдод ва Салҷуқиён мубориза бурда, ба тарғиби ақидаҳои исмоилия медарояд.

---

[1] Дар бораи ин шароит, ки чӣ қадар сангин буд, аз рубоии зерини Умари Хайём тасаввур метавон кард:

Гар бар фалакам даст будӣ чун яздон,
Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.
В-аз нав фалаки дигар чунон сохтаме
К-озода ба коми дил расидӣ осон!

Чӣ тавре баъдтар маълум мегардад, равияи исмоилия дар асри XI чун ҳаракати демократӣ (халқӣ) ва зиддӣ феодалӣ қудрати худро аз даст дода ба силоҳи муборизаи террории деҳқонон– феодалҳои эронӣ бар зидди Давлати Салҷуқиён табдил меёбад. Вале дар баъзе навоҳии Эрон ва Осиёи Миёна, вай ҳанӯз чун парчами ҳаракати халқии зидди истисморгарон хидмат менамуд. Баъзе намояндагони исмоилия дар ин ноҳияҳо ба нафъи оммаи халқ мубориза мебурданд ва Носири Хусрав дар қатори онҳо буд.

Вай дар асарҳои худ зидди феодалҳо ва амалдорони салҷуқӣ[1] суханҳои тезу тунди сахт мегӯяд, амирону феодалҳо, судхӯрону дигар истисморгарони халқро бераҳмона фош месозад. Масалан, ӯ судхӯронро, ки хуни халқро мемакиданд, зери чунин тозиёнаи танқид мегирад:

*Рибохӯрро сабук давлат сар ояд,*
*Агар чизе кунад, не дархур ояд.*
*Махӯр нонаш, агарчӣ нафъи ҷон аст,*
*Ки гирд овардаи хуни касон аст.*
*Замину чарх бооранд аз вай,*
*Худову халқ безоранд аз вай!*[2]

Носири Хусрав ба сифати заҳмати деҳқон даромада мегӯяд, ки «зироаткорӣ аз ҳамаи ҳунарҳои ҷаҳон беҳтарин аст» ва ҳеҷ кас қатъан бе заҳмати деҳқон зиндагонӣ карда наметавонад.

*Беҳ аз саннои олам деҳқон аст,*
*Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст.*
*Ба кор андар ҳама мардони коранд,*
*Араҳ резанду қути халқ коранд.*

---

[1] Namunai adabijoti togik, Сталинобод, 1940, саҳ 54.

[2] Носири Хусрав, Девони ашъор, Душанбе, 2003, саҳ. 886. Носири Хусрав инчунин асарҳои зиёди фалсафӣ навиштааст. Ӯро китобҳое ба мисли «Сафарнома», «Саодатнома», «Рӯшноинома» ҳамчун шоир ва олими бузургтарин машҳур гардондаанд. Бузургии ӯро ин гуна шеърҳо чун оина пеши чашм намоиш медиҳанд.

*Калиди ризқу қисмат сахт дар мушт,*
*Чароғи дилфирӯзӣ дар даҳ ангушт.*
*Ба дунё оқилона тухм киштанд,*
*Ба уқбо ҷумла дар боғи биҳиштанд.*[1]

Носири Хусрав ба аҳли касбу ҳунар баҳои баланд дода ва таъкид менамояд, ки ҳунарманд будан саодатест ва ҳеҷ чизе ба мисли сохтаи дасти ҳунарманд зебову дилкаш нест:

*Беҳ аз сонеъ ба гетӣ муқбиле нест,*
*Зи касби даст беҳтар ҳосиле нест.*
*Ба рӯз андар паи сомони хеш аст,*
*Чу шаб дар хона шуд, султони хеш аст…*
*Ба бозу ҳосил орад қути фарзанд,*
*Хӯрад хуш бо аёлу хешу пайванд.*[2]

Ақидаи фалсафии Носири Хусрав, алангаи муҳаббати ӯ нисбат ба халқ, қаҳру ғазаби ӯ нисбат ба ситамгарону асоратгарон боиси таъқиботи сахти ӯ гардид. Носири Хусрави бехудо ва балвогар эълоншуда аз таъқибгарон солҳои зиёд сар ба пинҳонӣ бурда, ниҳоят дар Бадахшон паноҳ овард ва дар ҳамон ҷо соли 1088 вафот ёфт.

Сохтори танхоҳгири давлати Салҷуқиён, ки пеш аз ҳама ба манфиати ашрофони заминдор буд, манфиати зироатдорони тоҷику эрониро халали эҳсосбарангез медод. Ҳиссаи бузурги андози аз деҳқонон ситонида ба ихтиёри сулолаи ҳукмрон мегузашт. Ҳар кадоме аз онҳо ҳокими шаҳре ва ё соҳиби моликияти бузурге буданд. Ҳамон миқдор саҳм ба ҳокимони турк, сарфармондеҳони турк низ мерасид. Заминдорони эронӣ мекӯшиданд, ки ҳарчи зудтар аз ҳукмронии Салҷуқиён халос хӯранд, онҳоро аз идораҳои давлатӣ ва фармонфармоӣ танг карда бароранд.

Аммо заминдорони эронӣ худ метарсиданд, ки мардумро ба шӯриши зидди истилогарон даъват намоянд, зеро худа-

[1] Ҳамон ҷо, саҳ.888
[2] Ҳамон ҷо, с. 887.

шон аз халқ метарсиданд.Ҳамин тарс аз мардум ва кӯшиши онҳо барои халосӣ аз ҳукмронии Салҷуқиён, онҳоро маҷбур мекард даст ба усулҳои террорӣ зананд, ки дар он давра Ҳасан Саббоҳ онро сарварӣ мекард. Ҳангоми буду боши Маликшоҳ дар Исфаҳон ӯро дар боргоҳ барои кор хоста буданд, вале ба сабаби дасисаҳояш бо Низомулмулк соли 1078 аз он ҷо ронданд.

Ҳасан Саббоҳ дар мубориза ташкилоти Исмоилиро интихоб кард. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ пайравони зиёдеро гирди худ ҷамъ овард ва тадбирҳо андешида, дижи душворраси Аламутро, ки дар соҳили Хазар воқеъ буд, ба даст гирифта аз ҳамон ҷо исмоилиҳои Эронро роҳбарӣ мекард. Ӯ дар тамоми мамлакат ташкилоти хуфиёнаи исмоилиёнро паҳн намуд. Асоси ташкилӣ ва таълимоти исмоилияро барои он моҳирона ба кор мебурд, ки гаравандагон ба фармонбарии кӯр-кӯронаи сардорони худ дароянд. Ҳазорҳо фидоиёни махсус таълимдида ҳозир буданд, ки ҳар каси Ҳасан Саббоҳ нишондодаро дар ҳама ҳолат сари ханҷар кашанд.

Яке аз ҳадафҳои гурӯҳи созмондодаи террории Ҳасан Саббоҳ Низомулмулк буд. Ин арбоби барҷастаи давлатӣ бо фармоиши Ҳасан Саббоҳ 14 октябри соли 1092 ба ҳалокат расонда шуд, яке аз фидоиён ба сифати гадо ба ӯ наздик шуда, ба қатл мерасонад.

Ҷараёни замоне ки ин ҷо сухан аз он меравад, дар Мовароуннаҳру Эрон ҳамон гуна буд, ки Энгелс дуруст баҳо додааст: халқҳои дорои маданияти баланд маҷбур мешуданд ба барбарҳои бодиянишин сари итоат фуруд оваранд.

«... Дар рафти ҳар гуна истило аз ҷониби халқҳои барбар раванди рушди иқтисодӣ сахт зарар мебинад, қувваҳои бузурги истеҳсолкунанда аз байн мераванд.Вале дар аксар ҳолатҳо ғолиби вахшӣ маҷбур мешавад худро ба ҳамин ҳаводиси «вазъи иқтисодӣ»-и олӣ мутобиқ созад, ки дар мамлакати ишғолкардааш будааст: халқи мағлуб ӯро ба худ монанд (ассимилятсия) мекунад ва аксар, ҳатто маҷбур медорад, ки забони ӯро бипазирад».[1]

---

[1] Ф.Энгелс. Анти-Дюринг. Партиздат, 1936, с. 130-131.

Маданияти тоҷику эронӣ ба истилогарон ҳамин гуна асаргузор буд. Чунин таъсири баланди мадании «вазъи иқтисодӣ»-ро Мовароуннаҳру Эрон, ки зодаи Сомониён буд, низ расонид ва онҳо маҷбур шуданд худро мутобиқи он созанд. Қисми зиёди қабилаҳои турк, ки бо аҳолии зироаткори Мовароуннаҳр ҳамкорӣ доштанд, аз онҳо маданияти киштукорро меомӯхтанд ва қисме аз онҳо тарзи зиндагии бодиянишиниро ба муқиминишинӣ иваз мекарданд ва деҳқононро аз воҳаҳои зироаткорӣ танг карда мебаровар-данд ва чунин ҳол беш аз ҳама дар навоҳии шимоли Осиёи Миёна ва кишвари шарқии он сурат мегирифт. Истилоҳи «Туркистон» – яъне кишвари туркҳо, ки ҷуғрофидонҳои араб дар асри XI барои нишон додани заминҳои миёни Мовароуннаҳр ва Хитой ба кор мебурданд, дар асри XII ак-нун чун ном барои баъзе ҳудудҳои Мовароуннаҳр низ ис-тифода мегардид.

Аммо марҳалаи омезишёбии ғолибон бо аҳолии Мовароуннаҳр ва Эрон, анҷоми худро пайдо кардан натаво-нист. Ҳукумронии салҷуқиён дар Мовароуннаҳр начандон устувор ва тӯлонӣ буд. Солҳои 30-уми асри XII ба сарзами-ни Осиёи Миёна аз тариқи Чин қабилаҳои нави кӯчманчӣ ҳаракат карданд, ки бо номи қарахитойӣ маълуманд ва ба гуфтаи аксари таҳқиқгарон онҳо ба мардуми тунгус мансуб буданд.[1]

Қарахитоиҳои соҳили Ҳафтрӯд аввал ба Мовароуннаҳр тохтҳои пай дар пай доштанд. Соли 1137 дар ноҳияи Хуҷанд онҳо лашкари қарахонии ҳукмрони Мовароуннаҳрро, ки тобеи султон Санҷари ёдшуда буд, шикастанд. Соли 1141 вақте султон Санҷар ба ҳимояи вассалҳои худ омад, қарахитоиҳо ӯро низ зарбаи даҳшатноке заданд, то 30.000 сарбози туркро қир карданд. Баъд аз ин қарахитоиҳо Бухороро забт намуданд. Мовароуннаҳр ба боҷсупории қӯрхонаи қарахитоиҳо даро-мад.

Қарахитоиҳо баъд аз тасарруфи Мовароуннаҳр аз нав ба

[1] Баъзе аз тадқиқгарон онҳоро ба мардуми муғул нисбат медиҳанд.

Ҳафтрӯд ва воҳаи рӯди Чу, ки қароргоҳашон буд, бозгаштанд. Андозро аз аҳолӣ ё намояндаи қӯрхона, ки дар шаҳрҳои алоҳида гузошта буданд, ҷамъ мекард ва ё андозчинони вақт ба вақт оянда гирифта мебурданд.Андози Бухороро худи ҳукуматдорон ба қароргоҳи қӯрхона бурда медоданд. Даврае ки ин ҷо аз он сухан меравад, қариби соли 1077-ум, дар боргоҳи султони салҷуқӣ Маликшоҳ ғуломи турկзод ба номи Ануштегин пеш рафт ва ҳокими Хоразм таъин шуд, ки дар ихтиёри салҷуқиён қарор дошт.

Баъд аз вафоти ӯ ҳукумати Хоразм ба меросхӯри ӯ писари Ануштегин расид, ки унвони Хоразмшоҳро гирифт. Соли 1128 набераи Ануштегин Отсиз кӯшид, ки мустақилияти худро аз давлати салҷуқиён ба даст орад. Аммо шӯриши ӯ, ки соли 1138 бардошта буд, нобарор анҷом гирифт. Султон Санҷар, ки он вақт дар Хуросон ҳукм меронд, ӯро аз Хоразм ронд.

Аз суст шудани салҷуқиён истифода бурда, Отсизи Хоразмшоҳ дар идораи мустақилонаи кишвар беш аз пеш устуворона мекӯшид ва сиёсати худро ҷорӣ мекард. Вай махсусияти муборизаи қарахитоиён бо туркон ва низоъҳои байни ҳамдигарии қабилаҳои алоҳидаи туркиро ӯҳдабароёна истифода бурда, ба корҳои Мовароуннаҳр дахолат мекунад. Дар аҳди ҷонишини Отсиз – Текеш (1170-1200) Хоразм аз ҳукумати салҷуқиён озод ва мустақил шуд. Хоразмшоҳиён сипас (солҳои 1193-1194) ҳокими Хуросону Ироқ мешаванд. Дар аҳди писари Текеш – Муҳаммад хоразмшоҳиён чунон пурзӯр гардиданд, ки барои соҳибии Мовароуннаҳр бо қарахитоиён ба набард даромаданд.

Маркази аз ҳама пурқуввати маданиву хоҷагидории Мовароуннаҳр ҳангоми забти қарахитоиҳо низ Бухоро буд ва дар нимаи аввали асри XII сулолаи ҳукмрони рӯҳониву дунявие шакл гирифт, ки унвони «садри ҷаҳон» доштанд. Аз рӯи мавқеи худ садрҳо намояндагони олии динии мусулмонон ба шумор мерафтанд. Дар ибтидои асри XIII Бухоро зоҳиран хонигарии мустақили заминдорон ҳисоб мешуд, ки он ҷо садрҳо на танҳо чун рӯҳонӣ ҳукми худро устувор карда буданд, балки чун ҳокимони дунявӣ низ ҳукм

меронданд. Садрҳо, ки даромади ҳангуфт аз рӯҳониёну мусулмонон ва аз андози косибону тоҷирон, биноҳое, ки дар ихтиёрашон буданду барои истифодаи аҳли тиҷорат месупурданд ва аз заминҳои кушод ба хазинаашон мерехт, боигарии афсонавие зери даст доштанд. Ҳавобаландӣ ва шукӯҳу ҷалоли ба чашм хӯрандаи зиндагии онҳо нисбаташон як навъ бадбинии оммавие ба миён меовард. Сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи яке аз он садрҳо – Бурҳониддин, ки ба ҳаҷи Макка рафта будааст, хабар медиҳанд. Ӯ бо карру фари беҳисоб, даруни тахти равон нишаста роҳи сафари Маккаро пеш гирифт. Ҳамроҳи ӯ уламо[1] ва беш аз сад шутур, ки дар онҳо ғизо ва дигар чизҳои зарурати роҳ ва қароргоҳҳо бор будааст, ба роҳ меафтанд. Чунин рафтори ӯ дар Макка чунон норозигие бор овардааст, ки лақаби «садри ҷаҳон»-и ӯро, ба «садри ҷаҳаннам» тағйир доданд. Ҳамин садри Бурҳониддин, ки даромади ҳокимиро дар даст дошт, худ 600 фақеҳро хӯрондаву пӯшонда мегаштааст.

Ғановати беандозаи садрҳо, дар айни вақт истисмори бераҳмонаи мардум буд, ки аз ҳамон ҳисоб ин қадар молу амвол ғун мекарданд. Вақте ки Бухоро ба боҷсупории қарахитоиҳо шурӯъ кард, ин истисмор якбора боло хест, садрҳо аз аҳолӣ акнун ҳамон молу маблағеро низ меғундоштанд, ки мебоист худашон чун боҷу хироҷ ба ситоди қӯрхонаҳо мебурданд.

Тоҷикон намояндагони қӯрхонаҳои қарахитоиҳоро чашми дидан надоштанд, зеро онҳо қатъи назар аз рутбаҳои мансаби динашон, ҳаёти ишратпарастонае мебурданд. Ҳамин қаҳру ғазаби халқ соли 1206 дар Бухоро боиси ҳаракати оммаи васеи халқ зидди садрҳо гардид.

Дар сари шӯришгарон писари сипарфурӯш Малик Санҷар қарор дошт. Ҳарчанд шӯриш танҳо дар шаҳр хесту ба деҳоти атроф доман накушод, вай бо ғалабаи барҷастаи халқ анҷом гирифт.

---

[1] Уламо – фақеҳони мусулмон, ки дар боргоҳи давлатҳои мусулмонӣ амалдор ва қозӣ таъин мешуданд.

Сарчашмаҳои таърихӣ чӣ дар бораи рафти шӯриш ва чӣ ҳодисаҳои баъдии он маълумоти ночизе медиҳанд. Дар ин ки пас аз ғалабаи шӯришгарон Бухоро чӣ гуна идора мешуд, мо ҳеҷ чиз намедонем. Ҳамин қадараш маълум, ки Санҷар шаҳрро гирифта, одамони мӯътабар– аъёну ашрофи заминдори маҳаллии ба қарахитоиҳо фурӯхташударо пурра беилтифотона нигоҳ доштааст. Садрҳо аз шаҳр ронда шуданд, молу мулки онҳо ба дасти шӯришгарон гузашт, заминҳошон беоб монда ба шӯразор табдил ёфтанд. Ташаббускор ва такондиҳони шӯриш ҳунармандони Бухоро буданд ва тадбирҳое, ки Малик Санҷар андешид, ба суди ҳаминҳо ва бар зарари ашрофи заминдор буд.

Сарчашмаҳои таърихӣ бар ин ҳам маълумот надодаанд, ки пас аз халосӣ аз қарахитоиҳо ва садрҳо сокинони Бухоро чанд муддат аз самараи ғалабаи худ баҳравар гардиданд. Вай, ба ҳар ҳол давомдор буд, зеро дар ин давра Малик Санҷар ба сохтмони қаср шурӯъ кард ва онро сохта ба охир расонид.

Бар зидди тоҷиконе, ки ҳокимони садрро аз сар дур андохта буданд, аз ду сӯ хатар таҳдид мекард. Ба муқобили онҳо садрҳои рондашуда баъди ҳукмрониро ба даст гирифтани Малик Санҷар ба тарафи қӯрхонаҳои қарахитоиҳо фирор карда ва аз онҳо ёрӣ талабида, қувва ҷамъ мекарданд. Қӯрхона садрҳоро аз нав вазифадор карда буд, ки сарварии Бухороро ба дасти худ гиранд ва онҳо умед мебастанд, ки бо ёрии нерӯҳои мусаллаҳи қарахитоиҳо Бухороро аз нав соҳиб мешаванд.

Вале ба садрҳо муяссар нашуд, ки аз кӯмаки қӯрхонаи қарахитоиҳо истифода кунанд. Муҳаммад Хоразмшоҳ, ки борҳо аз дастгирии қарахитоиҳо бар зидди душманонаш истифода бурда буд ва худаш ҳам дар тобеияти онҳо қарор дошт, ба ҳамин хулоса омад, ки вақти ҳукмронии худро на танҳо дар Хоразм, балки дар тамоми Мовароуннаҳр барқарор сохтан расидааст. Вай лашкари зиёд ҷамъ оварда, бар зидди Бухоро ҷунбиши ҳарбӣ сар кард. Ҳунармандони Бухоро ҳеҷ чораю тадбире наандешида буданд, ки пас аз ғалабаи шӯришгарон қувваи худро бо аҳолии машғули киш-

ту кор муттаҳид намоянд, аз ин рӯ натавонистанд, ки ба Хоразмшоҳ мамониати сахте кунанд. Соли 1207 Бухоро ва дигар ноҳияҳои тоҷикнишини Мовароуннаҳр ба дасти Муҳаммади Хоразмшоҳ гузашт. Садрҳои бухороӣ, ки ба силоҳи қӯрхонаи қарахитоиҳо мубаддал шуда буданд, фармони Хоразмшоҳро бечунучаро иҷро мекарданд.

Оммаи васеи аҳолии тоҷик ба лашкари Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки қарахитоиҳоро аз Мовароуннаҳр танг карда мебаровард, муқобилият нишон надоданд. Зоҳиран чунин метобад, ки он вақт миёни тоҷикон умеде доман кушода буд, ки аз мамлакат ронда шудани қарахитоиҳо ва ба сари қудрат омадани Муҳаммади Хоразмшоҳ бандҳои «забонӣ» ва «динӣ»-и қӯрхонаи қарахитоиро аз байн мебарад ва ҳамдини мусулмони онҳо зиндагии халқро рӯ ба беҳбуд меоварад, ҳамаро аз додани боҷу хироҷи гарони истилогарони аҷнабӣ халос месозад, озодии ҷабру зулми намояндагони қӯрхонаро барҳам медиҳад. Ин хаёли пучро Муҳаммади Хоразмшоҳӣ барои амали мақсадҳояш истифода кард. Зоҳиран чунин метобад, ки лашкари ӯ ҳангоми ишғоли Бухоро барои раво надидани ҷабру зулм фармон гирифта буд, дар ин бора ба ҳар ҳол сарчашмаҳои таърихӣ низ хомӯш мондаанд. Малик Санҷарро, ки ҳатто чун сарвари шӯришгарон зидди садрҳо ва қӯрхонаи қарахитоӣ мубориза бурда буд, осебе нарасонид. Ҳарчанд муаррих Ҷувайнӣ менависад, ки «писари сипарфурӯш барои амалҳояш подош гирифт», аммо ба қатл расонда нашуд. Муҳаммад Хоразмшоҳ Малик Санҷарро ба пойтахти худ Урганҷ бибурд ва ӯ ҳамон ҷо, қатори дигар саркардагони асири Муҳаммад мезист ва ҳатто дар маъракаҳои ҷашнии дарбор иштирок менамуд.

Аҳолии Мовароуннаҳр дере нагузашта бовар ҳосил карданд, ки дар замони ҳукмронии қарахитоӣ бадкирдориҳо нисбат ба давраи зерифармонии Муҳаммади Хоразмшоҳ камтар будаанд.Масалан, дар Самарқанд ҳокимони дастнишондаи Хоразмшоҳ ва дастаҳои ҳарбии вай, чунон бераҳмона ҳукумат мекарданд, ки аҳолӣ соли 1212-ум зидди истисморгарони нави худ шӯриданд. Дар як муддати нисба-

тан кӯтоҳи ҳукмронӣ одамони Муҳаммад Хоразмшоҳ дар шаҳр чунон қаҳру ғазаби халқро барангехтанд, ки нафаре аз онҳо беҷазо намонд.

Самарқандиён ба қувваи худ зидди Муҳаммади Хоразмшоҳ бовар накарда, ба ин андеша расиданд, ки аз қарахитоиҳо кӯмак бипурсанд. Вале Муҳаммади Хоразмшоҳ бар сари шӯришгарон зудтар аз расидани ёрии қарахитоиҳо ҳамла овард. Муқобилияти самарқандиён дере нагузашта ба шикаст рӯ ба рӯ шуд. Сарбозони зархариди Хоразмшоҳ, ки аксар аз туркнаҷодон буданд, ба сари шаҳр рехтанд. Ғорати Самарқанд ва сар задани аҳолии он се рӯз давом кард.

Дар натиҷаи қатли оми ҳайвононаи лашкари хоразмшоҳӣ то 200 ҳазор одам қир карда шуда буд.[1]

Баъди ба ҳалокат расондани аҳолии шаҳри нофармонҳо Муҳаммади Хоразмшоҳ дар Самарқанд ба сохтмони масҷиди нави ҷомеъ ва қасри худаш шурӯъ кард. Самарқанд амалан ба пойтахти Хоразмшоҳ табдил ёфт.

[1] Ин рақам муболиғаи таърихнависи арабӣ Ибн-ал-Асир аст. Аз рӯи маълумоти Ҷувайнӣ миқдори ҳалокшудагон аз 10.000 зиёд набуд.

# XIV. ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ПАЙКОРИ ЗИДДИ УРДУИ ЧИНГИЗХОН. ҲАММОСАИ ҚАҲРАМОНИИ ЛАШКАРКАШИ ХУҶАНДӢ – ТЕМУРМАЛИК

Давлати хоразмшоҳон дар даҳсолаи дуюми асри XIII, ғайр аз Хоразму Мовароуннаҳр Афғонистон ва қисми зиёди Эронро дар ихтиёри худ дошт. Чун дар ҳама давлатҳои навташкили пешин ноҳияҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна низ дар он ҳайат буданд, бо ин ки вай давлати сустмарказонидае буд. Баъзе ҳокимон аз хеле озодиҳо бархӯрдор буданд, вассалҳои алоҳидаи Хоразмшоҳ ҳокимии вилоятҳо мекарданд (масалан Самарқанд). Ҳукумати Муҳаммад устувор набуд. Шоҳи мамлакат на танҳо аз ҷониби оммаи халқ ва мардуми кашандаи истисмори дуҷонибаи сангин бедастгирӣ монда буд, ҳокимони худӣ ва хоразмшоҳӣ низ рӯихуш надоштанд, ҳамчунин аъёну ашрофи ҳарбию феодалӣ ва рӯҳониёни бонуфуз нисбати ӯ, бо адовати пинҳонӣ дида медӯхтанд. Вай дар хонадони худ рақобати сахтеро аз ҷониби модараш дид, ки хонуми сиёсатмадор ва ботадбире буд. Дар чунин вазъияти барои давлат вайрон, Хоразмшоҳ такягоҳе дар ягон қишри аҳолии мамлакат пайдо карда наметавонист.

Номустаҳкамии ҳукумати давлати паҳновар дар нахустин задухӯрди Хоразмшоҳ бо иттиҳодияи азими бодиянишинон, ки ташкилкунандаи империяи бузурги муғулаш Чингизхон буд, рӯ зад.

Дар ибтидои асри XIII дар Муғулистон феодализми бодиянишинӣ батамом шакл гирифт. Машғулияти асосии кӯчманчиёни муғул чорвопарварӣ буд. Муғулҳо ғайр аз чорводорӣ машғули шикор буданд ва бо қабилаҳои худ тиҷорати молу амвол доштанд. Тоҷирони мусулмон, ки савдои Осиёи Миёна ва Муғулистонро дар даст доштанд, ҳамроҳи уйғурҳо, мушовирони асосии Чингизхон дар боби ташкил, ҷобаҷосозии идораи шаҳрвандӣ буданд.

Чингизхон, ки то шӯҳратёбӣ номи Тамучинро дошт, писари Есугей ном яке аз намояндагони ашрофи саҳронишини муғул буд.

Баъди вафоти Есугей бар сари оилаи аз ҷониби ҳамаи хешу таборон таркшудаи ӯ солҳои сахте омаданд. Ҳолатҳое ҳам рух дода, ки Тамучин ба дасти душманон асир афтода, ба хатари марговаре рӯ ба рӯ буда. Тамучин азобу машаққати зиёди қашшоқӣ ва таҳқирро паси сар карда, устуворона хешу ақрабои муғули худро гирд меорад ва қабилаҳои ҷудо-ҷудоро муттаҳид месозад, ба душманони худашу падараш (тоторҳо) зарбаҳо мезанад. Ҳукуматашро дар шимоли Муғулистон мустаҳкам карда, дар қурултойи сарфармондеҳон соли 1206-ум унвони Чингизхонро[1] мегирад, ки ин ном баъдан номи аслиашро яклухт берун мепартояд. Аз ҳамон рӯзҳо Чингизхон ва бо супориши ӯ фарзандонаш ва сарфармондеҳони лашкараш, ба сафарҳои ғоратгарона даст мезананд, ки ҳамеша ғалабаҳои ҷангӣ дар пай доштанд. Соли 1207-ум, таҳти фармондеҳии писари калони ӯ Ҷӯчӣ «мардумони ҷангалӣ»-и атрофи Енисей тобеъ шуданд. Соли 1209-ум ба Чингизхон, аз рӯи ихтиёр, уйғурҳо сари итоат фуруд оварданд. Соли 1211 лашкаркаши Чингизхон – Ҳубилай қисмати шимоли Ҳафтрӯдро ишғол кард. Он гоҳ муғулҳо таҳти роҳбарии Чингизхон ба Чин лашкар кашиданд, ки соли 1215 бо ишғоли Бейпин ( Пекин) анҷом ёфт.

Баъд аз ин лашкари муғул бо сарварии сарфармондеҳ Жаба сӯи ғарб тоб мехӯрад ва қариб бемуқобилият қаламрави қарахитоиҳо, Ҳафтрӯд ва Туркистони Шарқӣ сар мефуроранд. Акнун қаламрави Чингизхон бо давлати Муҳаммад Хоразмшоҳ ҳамсарҳад мегардад.

Дар силсилаи ҷаҳонгирон Чингиз дар яке аз ҷойҳои аввал аст. Империяе, ки ӯ ва ворисони наздикаш сохтанд, аз нигоҳи соҳат миёни империяҳои ҷаҳон бузургтарин буд.

Чингизхон пешвои халқ набуд. Дар давлати вай ҳама чиз ба услуби ҳарбие буд, ки хосияти ашрофона дошт. Чингизхон ҳангоми суханрониҳояш на ба халқ, балки ба ашрофзодагони ҳарбии феодалии атрофаш рӯ меовард.Чингизхон тамоми ғалабаҳояшро ба суди худ ва наздиконаш мекард ва

[1] Чингиз – ба муғулӣ ва туркӣ – денгиз, яъне «баҳр» аст. (Тарҷ.).

давлатро мероси аҷдодӣ меҳисобид. Мисли ҳамаи муғулон, Чингизхон бесавод буд, вале афзалияти саводро зуд дарёфт ва онро барои навиштани «Ҳикматҳо» («Билик-дониш») ва фармонҳои (яси) худ истифода мебурд, ки аз рӯи қоидаи одии муғулон чун рамз нигоҳдорӣ мешуд.

Аз он амру фармонҳое, ки Чингизхон мехост барои муғулҳо чун «қонунҳои абадӣ» ба мерос гузорад, то замони мо як қисми ночизе боқӣ мондааст.

Чингизхон то охири умраш чун пирамарди солхӯрдаи бодиянишин боқӣ монд. Дар ин бора суханони зеринаш равшан шаҳодат медиҳанд, ки чун панди ӯ дар ривоятҳои муғулон мондааст: «Дар зиндагии одӣ чун ҷувонаҳои дусола бошед, ҳангоми шикор чун шоҳин бошед, ҳангоми базму бозӣ чун тойчаҳо рафтор кунед, дар вақти ҷангу набард ба душман лочинвор ҳамла оваред, дар рӯзи рӯшан чун очагург ҳушёр бошед ва дар шаби торик чун зоғи сиёҳ эҳтиёткор бошед». Вале ин суханҳои Чингизхон ҳаргиз он бераҳмии даҳшатноки ӯро, ки хислати хоси ӯ буданд, рӯшан намекунанд. Аммо табиати ӯро гуфтаҳои дигари ӯ бисёр рӯшан мекушояд. Боре ӯро пурсиданд, ки беҳтарин ҳаловат барои инсон кадом аст? Чингизхон посух дод: «Беҳтарин шодӣ барои одам бар душмани худ ғолиб омадан, пеш-пеши худ онҳоро сурондан, ҳама чизи онҳоро азони худ кардан, рӯи азизони онҳоро ғарқи ашк дидан, аспи онҳоро савор шудан ва ба синаи худ танг фишурдани духтару занони онҳост».

Дар азияти «душман» будааст бузургтарин маънӣ ва беҳтарин шодии Чингизхон–аммо, касе ки ақаллан пишаки онҳоро пишт гӯяд, дар ғорату ҳамлаи муғулон андаке ҳам мамониат расонад, душманашон баҳисоб меомад. Ҳеҷ ҷои ҳайрат нест, ки лашкаркашии Чингизхонро ҳамзамононаш чун «ҳаводиси даҳшатбор ва бадбахтии бузургтарин донистаанд, ки мислашро дар рӯи Замин на рӯз дидаанду на шаб».

Чунон ки имрӯз украинҳову белорусҳо, халқҳои дигари Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ аввалин шуда зарбаҳои олмони фашистиро синасипарсозон пазируфтанд,

ҳамин гуна ҳафт аср пеш (дар асри XIII) аз аввалинҳое, ки бо ҳама ҳастӣ дар ҳимояи Ватан аз муғулҳои бодиянишини даҳшатноки аз Шарқ зарбазан бархостанд, халқҳои Осиёи Миёна буданд ва тамоми ҷавру зулм ва бедодгариҳои онҳоро низ ба дӯши худ гирифтанд.

Муаррихи араб Ибн-ал Асир (1160-1232) «ҳуҷуми тоторҳоро ба қаламрави исломӣ» ба тасвир гирифта, манзараҳои мудҳиши ҳуҷумҳои муғулонро нишон додааст.

«…Тоторҳо ба касе раҳм надоштанд: мекуштанд, ҳам занон, ҳам мардон ва ҳам бачаҳоро сар мезаданд. Шиками занҳои ҳомиларо чок карда, кӯдаки тавлид нашударо гирифта реза мекарданд…»

«Ҳамчун шарораҳои парони дар алангаи хашм, ҳама ҷо фарогиранда чун абри сиёҳи боронии пеш-пеши тундбод давандае, ки то он рӯз касе мислашро надида ба вилоёти Туркистон зада даромада, сари Кошғар (Ҳафтрӯди Ғарбӣ) ва Баласағун, аз он ба соҳили дигари рӯди Ому – ба Самарқанду Бухоро ва ҷоҳои дигар мардумоне чун мӯру малах рехтанд…»[1]

«Тоторҳо ба ҳеҷ шаҳре раҳм надоштанд: сари роҳ ҳамаро зеру забар ва ба ҳар ҷое пояшон расад, ғораткунон мерафтанд. Ҳар чӣ ки барояшон кор наояд, оташ мезаданд. Масалан, абрешимро тӯб мекарданд ва алоб мезаданд ва ҳамин гуна дигар молу амволро низ тӯъмаи оташ мегардониданд».[2]

Дар замони ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна давлати бузурги Муҳаммад Хоразмшоҳ нерӯи хеле беш аз қувваҳои Чингизхонро дар ихтиёр дошт. Бо такя ба он Муҳаммад худро нисбат ба Чингизхон густохона нигоҳ медошт. Соли 1218, бо супориши ӯ, дар қалъаи сарҳадии Утрори соҳили рӯди Сир корвонеро, ки Чингизхон бо тоҷирони мусулмон фиристода буд, ғорат кард, бо гумони ин ки онҳо чун ҷосус фиристода шудаанд. Дар корвони азим то 500 шутур буд, ки ҳама бори тило, нуқра, абрешими Чин, мӯина ва дигар

[1] Трудӣ по востоковедению, издаваемые Лазаревским Институтом Восточных языков. Чопи XVI, № 1-2, саҳ. 2.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 3.

чизҳои пурқимат доштанд. 450 тоҷири ҳамроҳи корвонро куштанд, молҳояшонро фурӯхта, маблағашро ба Муҳаммад доданд. Чингизхон маълумоти воқеаи дар Утрор сари тоҷирони мусулмон содиршударо ба даст оварда, аз Хоразмшоҳ талаб кард, ки волии он ҷоро ба ӯ таслим намояд ва товони зарари расидаро бипардозад. Сафири бо ин иддао фиристодаи Чингизхон низ бо фармони Хоразмшоҳ ба қатл расонда шуд ва риши ҳамроҳонашро тарошонд. Ҳамин амали густохонаи Муҳаммад Хоразмшоҳ зарурати расидани Чингизхонро ба Осиёи Миёна тезонид.

Ба лашкаркашии Осиёи Миёна Чингизхон аҳамияти ба вижа муҳиме медод ва ба он тайёрии ниҳоят ҷиддӣ медид. Пеш аз саршавии амалиёти ҳарбӣ, ҷосусони чирадасти душман, аз ҷумла тоҷирони мусулмон маълумоти саҳеҳ дода буданд. Бо ёрии онҳо Чингизхон сари вақт пояи қудрати давлати Хоразмшоҳ ва техникаи ҳарбии сарбозони душмани худро дарёфт. Вай на танҳо оид ба техникаи ҷангии душман маълумот гирифт, балки дар аснои ҳамлаи лашкар аз онҳо ба фоидаи худ хеле устокорона истифода ҳам кард. Ба ин тариқ, ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна, як амалиёти бетартибонаи, чунон ки бисёриҳо ҳамин гуна меандешанд, ногаҳонии урдуи бодиянишин набуд, балки лашкаркашии дақиқ ба ҳисоб гирифтае буд. Туҷҷорони мусулмон роҳбаладҳои Чингизхон буданд.

Муҳаммад Хоразмшоҳро ба сарфармондеҳони ҳарбии худ ва мардуми бадбини як мамлакати беҳадду канор бовар набуд ва аз муттамарказсозии сарбозонаш тарсид. Қувваҳои мусаллаҳи бузурги дасташро ба гурӯҳҳои хурд-хурд тақсим намуд. Урдуи муғул бо роҳбарии Чингизхону чаҳор писараш (Ҷӯчӣ, Чағатой, Уктой, Тулуй) ва сарфармондеҳони бузургаш лашкари парокандаи Хоразмшоҳро қисм-қисм торумор карда, дар муддати хеле кӯтоҳ Мовароуннаҳр ва тамоми Осиёи Миёнаро соҳиб шуданд.

Чингизхон наздики Утрор расида, лашкари худро ба чанд даста зад. Гурӯҳҳои калони лашкарро, таҳти роҳбарии Чағатой ва Уктой дода муҳосираи Утрорро фармуд. Дастаи дигар бо роҳбарии Ҷӯчӣ ба поёноби рӯди Сир – шаҳри Ҷанд

фиристода шуд. Як қисм муғулҳо тавассути ин рӯд ба самти болооби он, барои ишғоли Бинокат ва Хуҷанд равона шуданд. Қувваҳои асосии лашкари муғул, таҳти роҳбарии худи Чингиз ва Тулуй, барои муҳосираи Бухоро ҷудо шуда буд.

Муҳосираи Утрор чанд моҳ давом кард. Ниҳоят муғулҳо ба шаҳр зада даромаданд ва ғорат карданд. Муҳосираи қалъаи Утрор як моҳи дигар давом дошт, ниҳоят вай ҳам аз по афтод. Муғулҳо ҳеҷ кадоме аз дифоъгарони қалъаро зинда нагузоштанд.

Лашкари таҳти фармондеҳии Ҷӯчӣ ба поёноби рӯди Сир фуромада, Сиғнокро ба як зудӣ ишғол карда, сокинонашро яксара сар зада, ба куштору талаву тороҷи шаҳрҳои дигаре ба мисли Узкент, Еникент, Ашнас ва Ҷанд гузаштанд.

Дастаҳои муғулони сӯи болооби рӯди Сир рафта, шаҳри Бинокати резишгоҳи Ангренро гирифта, мудофиёни қароргоҳи онро қир карданд. Зоҳиран чунин метобад, ки барои муҳосираи Хуҷанд дастаи махсусеро фармон дода буд ва корномаҳои мудофиони он дар таърихи халқи тоҷик яке аз саҳифаҳои дурахшони қаҳрамонист.

Чингизхон, ки бо қисмҳои асосии лашкари худ соли 1220 ба Бухоро ҳамла овард, ба муқобилияти сахте рӯ ба рӯ шуд, ҳарчанд ки шумораи дифоиёни шаҳр аз муҳосирагарони бодиянишин хеле кам буд.

Дифоъгарони Бухоро пас аз се рӯзи ҷанг бо лашкари Чингизхон, ба сабаби нобоварӣ ба ҳолати худ, хостанд аз вазъи ноҳинҷор сафи лашкари бодиянишинҳоро рахна карда бароянд, зери зарбаҳои ҳалокатбори онҳо урдуи Чингиз маҷбур шуд роҳ кушояд ва як қисми дифоиёни қароргоҳи Бухоро халос хӯрда, аз тарси таъқиби муғулҳо тавонистанд аз рӯди Ому гузаранд.

Кӯчиён ба шаҳр даромаданд. Дар қалъаи Бухоро чандон аз ҷавонмардони диловаре паноҳ бурда буданд, ки ҳаргиз асирии дасти муғулҳоро намехостанд. Онҳо қаҳрамонона муқобилият нишон медоданд ва қалъа танҳо пас аз он ки тамоми роҳравҳояш бо мурдаи одаму ҳайвонот пур шуд, ба дасти душман гузашт.

Ҷазои кӯчиён сари бухориёни мағлуб бисёр бераҳмона

буд. Беш аз 30.000 одам сари шамшери ҷаллодон рафт. Ба ҷуз пирон, боқӣ ҳама ба ғуломию бардагӣ маҳкум шуданд. Баъд аз ин лашкари Чингизхон сӯи Самарқанд равона шуд.

Бо он ки Муҳаммад Хоразмшоҳ ба мудофиаи Самарқанд аҳамияти вижа дода, он ҷо лашкаргоҳи пурқудрате сохта буду аз нисф зиёди лашкараш тоҷикон буданд, қисмати Бухоро бар сари аҳолии ин шаҳр низ омад. Мисли бухороиён ҳимоягарони нотарси Самарқанд ҳам сафи лашкари душманро шабохун заданӣ шуданд, вале бебарор анҷом гирифт. Ҳазорҳо тан қаҳрамонона ҳалок гардиданд.

Баъд аз шабохуни рахнагарон вазъи Самарқанд боз ҳам бадтар гардид, сокинони шаҳр маҷбур таслим шуданд. Барбарҳои истилогар Самарқандро холӣ карданд, қисми зиёди аҳолии он (моҳи марти соли 1220) аз дами теғ гузаронида шуд.

Баъд аз Бухорову Самарқанд қисми зиёди лашкари муғул, ки дар истилои он шаҳрҳо ширкат доштанд, ба ёрии лашкари кӯчиёни иҳотагари Хуҷанд сафарбар шуд ва нерӯи урдуи ғоратгари чингизиҳо, ки даҳҳо ҳазор буданд ба сари ин шаҳри қадимии тоҷикон чун мӯру малах рехтанд. Шумораи дифоъгарони Хуҷанд аз чанд ҳазор кас зиёдтар набуд. Мудофиаи шаҳрро сарбози ҷасури тоҷик Темурмалик роҳбарӣ мекард. Дастаи ҷасурони таҳти фармондеҳии ӯ Хуҷандро вогузошт, зеро ҳимояи он бефоида буд, қарор шуд бо кӯчиён дар яке аз ҷазираҳои рӯди Сир, ки як километр дуртар аз Хуҷанд аст, набард мекунанд.

Ҷазира барои мудофиа ҷои хеле мусоид буд. Вай дур аз соҳил ҷойгир буда қароргоҳашро бо камон тирборон кардан имкон надошт. Зидди он ҳатто силоҳи сангандози онҳо ҳам қудрат надошт. Муғулҳо хостанд он ҷо сарбанде созанд ва ба тавассути он ҷазираро роҳ ёбанд. Ҳазорон асир аз кӯҳ санг кашонда ба рӯд меандохтанд.Ҷанговарони Темурмаликро завраққои рӯяшон намади тар кашида, бо лой андовида, аз тиру оташ ҳимоят мекарданд, шабҳангом ё вақти саҳар то соҳил шино карда, ба кӯчиён ҳамла оварда сарбандро хароб мекарданд.

Мардонагии як дастаи хурди тоҷикон ҳадду ҳисоб надошт. Дили шеронае дар синаи пешвои он – Темурмалик

метапид, қувваи душман назар ба нерӯи Темурмалик беҳадду ҳисоб буд, ба замми ин, захираи хӯроквории онҳо ба охир мерасид. Темурмалик бояд ҷазираро тарк мекард. Вай сарбозони худро ба киштиҳо шинонда, зери рӯшноии машъалҳо (амалиёт шабона сурат гирифта буд), ба равиши оби рӯд сӯи ҷануб ҳаракат кард. Кӯчиён чун саги гурусна аз ақиби киштиҳои Темурмалик афтода беист тирборон карда, мекӯшиданд онҳоро оташ зананд. Дастаи қаҳрамони тоҷик ҳамлаҳои душманро зада гардонда, оғуштаи хун, роҳи пурхатару маргбори худро давом медод. Барои дастгири далерон, кӯчиён хеле пеш давида, пеши дарёро бо занҷир бастанд. Темурмалик ҷавонмарде бо нерӯи баҳодурона буд. Вай бо як зарбаи табарзини худ занҷирро канда партофт.

Дар ноҳияи Ҷанд[1] Темурмалик дид, ки дастаҳои кӯчиҳо дар ду соҳили дарё саф кашидаанд. Рӯдро киштиҳои бо силоҳи сангандоз (манҷаниқ) ҷиҳозонида, мисли кӯпрук банд андохта буданд. Лозим буд ба соҳил фуромада ба набарди охирин бо душмани ҷаррор ва нерӯманду бераҳму бешумор дароянд. Дар номаи номбурдаи халқи тоҷик ба рафиқ Сталин аз ин муҳориба хотирнишон шудааст:

*Даме к-аз лашкари ҷаррори Чингиз*
*Заминҳо шуд як оташхонаи ҷанг.*
*Чу кӯҳ бархост аз ҷо мардуми мо*
*Ба ҷон номусу дар дил ғайрату нанг.*
*Аз он рӯзони дунёсӯз кам нест,*
*Ба ёди мо суруду ёдгорӣ.*
*Яке аз он ҳамин Темурмалик аст,*
*Ҷавонмарди хуҷандии ниқорӣ.*
*Ба ҷони душманон ӯ ҳавл ангехт,*
*Фурӯ кӯбид даҳшатро ба даҳшат.*
*Ҳама лашкар фурӯ хобиду ӯ лек,*
*Ба танҳоӣ ба душман зад ба нусрат.*[2]

[1] Шаҳрест дар соҳили Рӯди Сир, ки харобаҳояш дар наздики Қизил Ӯрда (Қазоқистон) воқеъ аст.
[2] Тарҷумаи Зиё Абдулло.

Дар ин ҷанги нобаробари зидди душман ҷанговарони қаҳрамони Темурмалик ҳама якҷоя ба ҳалокат расиданд. Танҳо худи Темурмалик аз сагони хунхори Чингизхон халос хӯрда то Хоразм расид ва дар он ҷо қувваҳои ҷангии зиндамондаи Хоразмшоҳро ба ҳам овард.

Вақте ки Самарқанд аз даст рафт, Муҳаммад ба соҳилҳои Ому, ки он ҷо фурсатпойӣ дошт, сӯи Эрон фирор кард ва баъд аз сарсониҳои беҳосил дар яке аз ҷазираҳои баҳри Хазар паноҳ бурд. Дере нагузашта, ҳамон ҷо ба камбағаливу хорию зорӣ вафот ёфт. Темурмалик дар Хоразм ҳамаи онҳоеро, ки ба лашкари кӯчиҳо муқобилият нишон дода метавонистанд, муттаҳид намуд ва аз нав ба мубориза бархост. Вай бар муғулони ишғолгар чанд дафъа зарбаҳои ҳалокатовар зад ва ҳатто Янгикентро[1] ба тасарруф даровард, ки он вақт маркази калони аҳолинишин ба ҳисоб мерафт.

Аммо Темурмалик имкони мувофиқи давом додани набардро надошт, зеро байни вай ва сарлашкарҳои туркнаҷоди Хоразмшоҳ алоқаи зарурӣ набуд. Вай ба Хоразм баргашт ва дере нагузашта он ҷо писарони Муҳаммад Хоразмшоҳ омаданд, аз ҷумла писари аршади ӯ Ҷалолиддин, ки валиаҳд таъин шуда буд. Ба сабаби низоъҳои хешутаборӣ ва наздик расидани лашкари муғул Ҷалолиддин маҷбур гардид ҳамроҳи Темурмалик ва сесад савораи худ аз Хоразм ба тарафи Хуросон фирор намояд.

Ҷалолиддин мекӯшид ба Ғазнӣ бирасад, ки мулки асосии ӯ он ҷо буд. Барои дастгири вай Чингизхон ба муғулҳо фармон дод, ки дар сарҳади Шимоли Хуросон дастаҳои назоратгар гузоранд. Яке аз дастаҳои 700 нафара дар атрофи шаҳри Нисо[2] қарор дошт, ки ба савораҳои Ҷалолиддин ва Темурмалик рӯ ба рӯ зад. Онҳо чунон тирвор ба ҳуҷум даромаданд, ки муғулон маҷбур шуданд силоҳ ва захираҳои хӯроки худро партофта рӯ ба фирор оваранд. Ба каме аз онҳо муяссар шуд, ки зинда бимонанд.

---

[1] Харобаҳои Янгикент (Ҷонкент) дар қисмати ҷануби Қазоқистони ҳозира воқеъ аст.

[2] Харобаҳои Нисо дар масофаи 18 километрии Ашқобод воқеъ аст.

Ҷалолиддин ба Ғазнӣ расида, ба ҷамъоварии қувваҳои зидди муғулӣ сар кард. Тайёрӣ ки ба охир расид, Ҷалолиддин бо сарбозони ҳангуфте, ки дар паҳлӯи туркнаҷодон ғуриён – тоҷикони Афғонистон ва Мовароуннаҳр низ зиёд буданд, ба пешвози муғулҳо бархоста, дар мавзеи Парвон, начандон дур аз сарчашмаи Лӯгар (шохоби Кобул) истеҳком гирифтанд. Ин ҷо ӯ ба амал дароромада қисмҳои зиёди дастаҳои муғулро, ки яке аз қалъаҳои Тахористонро ба муҳосира гирифта буданд, ба ҳалокат расонд. Он ҷо то 1000 тан аз муғулро нест ва бештар аз онро маҷбур ба гурез кард.

Ба ёрии ин гурӯҳҳои шикастхӯрда Чингизхон лашкари бениҳоят зиёд партофт, ки ба як ҳисоб 30 ҳазор ва ба дигар ҳисоб 45 ҳазор сарбоз доштааст.

Ҷанг на чандон дур аз Парвон сар шуд. Задухӯрди хунин ду рӯз давом кард. Лашкари Ҷалолиддин бо мардонагии бемисл меҷангид ва лашкари муғулро чунон танг намуд, ки сарлашкари онҳо шаби дуюми рӯзи набард аз намадҳо лӯхтакҳои зиёди савора таҳия кунонд. Бо ин найранг вай хост, ки лашкари Ҷалолиддинро фиреб диҳад ва онҳо дарвоқеъ бовар карданд, ки шаб ба нерӯи муғулҳо зам шудааст. Аммо ин ба мардонагии онҳо халал ворид накард. Бар асари рӯҳбаландии Ҷалолиддин онҳо бо қатъияти пешин чунон ба ҳуҷум гузаштанд, ки муғулҳоро яксони замин карданд.

Торумори муғулҳо дар Парвон нахустин ва аз ҳама бебарортарин ҷанги онҳо аз рӯзи лашкаркашиашон ба Осиёи Миёна буд. Танҳо каме аз кӯчиёни муғул ба назди Чингизхон баргаштанд. Аҳолии як қатор ноҳияҳо диданд, ки урдуи мағлубнопазири Чингизхон ҳам дучори талафоти калон ва мағлубияти сахт мешудааст, ба шӯриш бархоста, лашкаргоҳҳои муғулро пахш ва ҳокимони онҳоро қир мекарданд.

Вале Ҷалолиддин аз натиҷаҳои ғалабааш истифода бурда натавонист,зеро сарони лашкараш барои ғанимати ҷанг низоъ барангехта, ӯро тарк карданд. Вақте муғулҳо бо сарварии Ҷингизхон нерӯи асосии худро зидди ӯ пеш кашид,

Ҷалолиддин ҷангидан нахоста, то соҳилҳои Ҳинд ақиб нишаст ва он ҷо охири моҳи ноябри соли 1221 ҷанги ҳалкунанда шуд. Таърихнавис Насавӣ ҳикоят мекунад, ки нерӯҳои марказии Ҷалолиддин, бевосита таҳти роҳбарии ӯ, муғулҳоро маҷақ кард, ки ниҳоят онҳо рӯ ба фирор оварданд. Оқибати ҷангро дастаи даҳҳазорнафараи Чингиз ҳал намуд, ки дар камингоҳ қарор дошт. Лашкари Ҷалолиддинро шикастанд. Ва ӯ худашро ба оби пуртуғёни рӯди Ҳинд андохта ҳамроҳи аспаш ба соҳил баромад. Рӯди тезоб ҳамаи аҳли оилаи ӯро нобуд кард, ба истисное писари ҳафтсолааш, ки муғулҳо асир гирифта ба қатл расониданд.Ҳамроҳи Ҷалолиддин қариб 4000 сарбоз ба он сӯи соҳил гузашт. Баъд аз чанд рӯз ба онҳо боз 300 савора ҳамроҳ шуд, ки оби рӯд онҳоро бисёр дур бурда буд. Дар сафи ҷанговарони аз ҳалокат раҳо ёфтаи Ҷалолиддин қаҳрамони номдори мудофиаи Хуҷанд– Темурмалик низ буд, ки то охири ҳаёти Ҷалолиддин ҳамқисматаш буд.

Барои таъқиби зуди Ҷалолиддин Чингизхон ҷуръати аз рӯди Ҳинд гузаштан накард. Барои мубориза бо ӯ танҳо соли дигар лашкари 20.000 нафараи муғулиро фиристод, ки аз ӯҳдаи вазифаашон набаромада баргаштанд.

Дар замони истилои муғул Муҳаммад Хоразмшоҳ чунон нақши ночиз бозид, ки истилогарон ӯро ба зудӣ фаромӯш карданд, ҳатто асри XIII дар қиссаҳои муғулии лашкаркашии Чингизхон ба Осиёи Миёна номи вайро ба забон нагирифтанд. Муғулҳои ҳозирзамон, таҳти парчами Чингизхон саф кашида танҳо Ҷалолиддинро ҳангоми шукрона аз Худоҳои худ барои кӯмаки онҳо дар шикасти Ҷалолиддин ном мебаранд.

Номи Муҳаммад Хоразмшоҳро туркманҳову ӯзбекҳои замони мо ҳам фаромӯш кардаанд, ки дар рагҳояшон хуни ҷанговарони туркӣ бо роҳбарии Ҷалолиддини барои истиқлолияти ватанашон ҷангида метапад, фақат номи Ҷалолиддинро то имрӯз дар хотир нигоҳ медоранд, айнан мисли ин ки тоҷикон номи қаҳрамони миллии худ Темурмалики паҳлавони хуҷандиро ҳамеша бо ифтихор ба ёд меоваранд.

Барои он ки истилои муғулҳо Осиёи Миёнаро рӯшантар ба назар ояд, зарур аст, мухтасар, амалиёти ҳарбии муғулҳоро дар рафти воқеаҳои болоӣ ёдрас шавем.

Муғулҳо пас аз шикасти Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд, чанде дар биёбони Қаршӣ буду бош карда, ба Тирмиз ҳамлавар шуданд. Шаҳрро тамом ба хок зада, аҳолиро куштанд. Сипас, дар замоне ки Чингизхон рӯди Омуро гузашта, ба хоки Афғонистони имрӯза даромад, писаронаш Чағатой, Уктой ва Ҷӯҷӣ бо лашкари садҳазорнафара Урганҷи пойтахти Хоразмро муҳосира карданд. Ҳимоятгарони Урганҷ бар зидди муғулҳо давоми шаш моҳ қаҳрамонона ҷангиданд. Вақте ки муҳосирагарон ба шаҳр зада даромаданд, онҳоро лозим омад, ки барои ҳар як маҳалла, ҳар кӯча, ҳар хонавода ба набард дароянд. Баъди ба дастории шаҳр, аҳолии асирафтодаро ба истиснои ҳунармандон, бачаҳо ва занон, ғуломвор ба савдо мезаданд ва мекуштанд. Муғулҳо ба сабаби талафоти зиёд то ҷое ба қаҳру ғазаб омада буданд, ки барқасди ба тамом аз рӯи замин рӯфта партофтани шаҳр шуданд. Онҳо ҳатто сарбанди Омуро хароб ва Урганҷро зери об ғарқ карданд.

Дар аввалҳои соли дигар писари Чингизхон – Тулуй шаҳрҳои Хуросонро ишғол карда, бахусус шаҳри Марвро, ки маркази маданияти тоҷику эронӣ буд, аз бунёд хароб гардонид. Аз лату кӯби ҳамагонии бераҳмона фақат чандсад ҳунарманд, ки ба ғуломӣ маҳкум шуда буданд, раҳиданду халос.

Ба сари халқи тоҷик, ба сари ҳамаи халқҳои дигари Осиёи Миёна, ки беҳтарин фарзандонашон дар ҷангҳои сахт бо урдуи Чингизхон талаф гардиданд, рӯзҳои сиёҳе оғоз гардид, ки поёнаш пайдо набуд.

# XV. МУБОРИЗАИ ХАЛҚИ ТОҶИК ЗИДДИ МУҒУЛҲО. ШӮРИШИ МАҲМУДИ ТОРОБӢ

Ҳанӯз дар зиндагии Чингизхон тамоми империяи бузурги ӯ байни писаронаш тақсим ва ҳатто писари сеюмаш Уктой валиаҳд таъин шуда буд.

Писари аршадаш Ҷӯчӣ ҳанӯз соли 1207 аз падари худ ба ном «халқҳои ҷангалӣ»-ро гирифта буд, ки аз поёноби Селенга то ба Иртиш мерасид; ӯрдуи асосии ӯ дар соҳили Иртиш қарор дошт. Соли вафоти Чингизхон (1227) ба ҳайати улуси Ҷӯчӣ қисмати шимоли Ҳафтрӯд, тамоми саҳроҳои имрӯзаи Қирғизистон, Хоразм ва ҳатто Мозандарон дохил мегардид. Улуси Чағатой аз Уйғур то Самарқанду Бухоро ва аз Олтойи Ҷанубӣ то рӯди Ому давом дошт. Урдуи асосии Уктой дар Тарбагатойи соҳилҳои Эмил ва Кобук буд. Тулуйи писари хурдӣ аз рӯи қоидаи саҳроиён бояд лашкар ва қаламрави улуси падарро ба мерос мегирифт. Ҳамин гуна, ноҳияҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна ба тобеияти улуси Чағатой гузашта буд.

Осиёи Миёна пас аз истилои муғул рӯзҳои сахтро аз сар мегузаронид. На танҳо қишлоқҳо, ҳатто бисёре аз шаҳрҳо аз одам холӣ монда буданд. Олимон ва касони босавод кушта шуда, илму адаб рӯ ба инқироз оварда буд. Бо ин ки дар чунон замоне ба майдони адаб намояндагони барҷастаи адабиёти бадеии тоҷику эронӣ, монанди Саъдӣ[1] фаъолият мебурданд, дараҷаи умумии он нисбат ба асри пешин ба якбор пойин рафта буд.

Даҳшатҳои ҳуҷуми муғул, набудани роҳи воқеии халосӣ аз вазъи ноҳинҷор дар адабиёти бадеӣ боиси пайдо шудани оҳангҳои динӣ ва тасаввуфӣ (чун дар асрҳои аввали исломӣ аз ҷоҳилияти араб – тарҷ.) гардиданд. Дар ин давра ҷараёни сӯфияи динию фалсафӣ шӯҳрати бузург меёбад, ки ғаразаш тарғибу ташвиқи гӯшанишиниву одамгурезӣ, ба умеди

[1] Саъдӣ умри зиёд дида, сафарҳо карда, лаззати ҳаётро кам чашида, дар пиронсолӣ аз олам чашм пӯшид ва аз худ 4 девони ашъор ва асарҳои бисёр машҳури «Гулистон» ва «Бӯстон»-ро боқӣ гузошт.

ҳузуру ҳаловати самовӣ тарки ҳаловати нозу неъматҳои заминӣ кардан буд.

«Ӯро ки аз чизе тарсу бим нашояд ва дареғ аз чизе наояд, ҳатто қарахитоиву тоторҳо ҳам барояш хатар назояд»– навишта буд Саъдӣ, ки даҳшатҳои истилои муғулро дида буд.[1]

Муғулҳои дар зинаи бисёр пасти пешрафти маданият қарордошта, ҳатто наметавонистанд, давлатро бо неруи худ дар вилоятҳои ишғолиашон ташкил намоянд.

Дар натиҷа, муғулҳо баробари ишғоли Осиёи Миёна, барои идораи мамлакат ба ёрии намояндагони мусулмони савдову судхӯрони пул, ки машҳуртаринашон Маҳмуди Ялавоҷ буд, умед бастанд ва ӯ барои идораи вилоятҳои мадании кишвар, махсус аз худи хони бузург Уктой ваколатнома (ярлиқ) гирифт. Ин намояндаи ваҳшӣ ва баднафси истилогарон дар Хуҷанд зиста, бо кӯмаки аъёну ашрофи маҳаллӣ, аз аҳолии вилоятҳои тоҷикнишин ва ғайра гуна-гуна андоз ва боҷу хироҷ меситонид.

Дар шаҳру деҳоти Осиёи Миёна дастаҳои ҳарбии истилогаронро мегузоштанд, ки дар ихтиёри андозситонҳо буданд ва онҳоро босқоқ[2] меномиданд. Босқоқ дар тарҷумаи русӣ «давитель» гуфтан аст. Маънои бевоситаи он бештар аз ҳама тасаввуроти рӯшан медиҳад, ки ишғолгарон ба ӯҳдаи онҳо чӣ вазифае гузоштаанд, «босқоқҳо»-и бевоситаи Маҳмуди Ялавоч мебоист аз аҳолӣ охирин ширaи баданашро фишурда бигиранд: онҳо бояд ҳам иштиҳои ваҳшиёнаи ишғолгаронро қонеъ мегардониданд, ҳам Маҳмуди Ялавоч ва дастаҳои ҳарбӣ ва ҳам галаи зиёди босқоқи ғоратгарро. Он вақт дар Мовароуннаҳр танҳо фиғон монда буд. Дар гурез аз ҷаври золимон мардум ҳатто дари хонаҳои худро девор зада аз сӯрохии бом ба маскан медаромаданд. Он гоҳ босқоқҳо хонуми бақияи андоз надодаро дастгир намуда, аз кояш меовехтанд ва то мурданаш ва ё то бақияро овардани

---

[1] Саъдӣ. Персидские касиды. Нигаред, Труды по востоковедению, издаваемые Лазаревским Институтом Восточных языков. Выпуск XVI, ч. III. № 1-2, саҳ. 486.

[2] Босқоқ–сухани туркӣ. Ба русӣ «давитель», ба тоҷикӣ фишоровару пахшкунанда, гунаҳкорсоз, ҷабру зулмкунанда. (Тарҷ.).

бақиядор мезаданд.Аз даҳшатафканиҳои он замон амалҳои хунхоронаи Чингизи замон – Ҳитлери яғмогари одамхор метавонад таассуроте бахшад, ки дар мамолики ишғолиаш аз Чингизхон ва ворисони ӯ ҳам гузаронд.

Аммо зӯроварии девсириштона, исканҷаву куштори ситамгаронаи босқоқҳои хонигарӣ, истисмори ҳайвононаи зироаткорону ҳунармандони тоҷик азму иродаи онҳоро дар талоши истиқлолияти ватани худ шикаста натавонист. Аз ҷабру зулми беандозаи истилогарони аҷнабӣ шарҳа-шарҳа шуда, мардонагии бузурги худро аз даст надодани халқ дар шеъри маҳз дар ҳамон рӯзҳои сиёҳи мардум гуфтаи Саъдӣ чӣ зебо акс ёфтааст:

*Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,*
*Он манам к-андар миёни хоку хун бинӣ саре.*
*Он ки ҷанг орад, ба хуни хеш бозӣ мекунад,*
*Рӯзи майдон, в-он ки бигрезад ба хуни лашкаре.*

Мисоли рӯшантарини муборизаи тоҷикон бар зидди ғуломсозони муғул шӯриши Бухоро бо сардории Махмуди Торобӣ дар соли 1236 метавонад бошад. Ин шӯриш дар таърих аз бузургтарин ҷунбишҳои демократии маълуми Осиёи Миёнаи рӯзгори истилои муғул ба шумор меравад, ки аз доираи эътирози одии зидди андозситонӣ ва ӯҳдадориҳои миёншикани ба сари аҳолии заҳматкаш бор-шуда берун рафта буд.Вай на танҳо зидди ҳукмронҳои муғул ва аъёну ашрофи заминдори тарафи истилогарон гузаштаи Бухоро буд, балки бар сари тамоми тартиботи ҷории замони шуми феодалӣ низ рехт.

Маҳмуди Торобӣ бофандаи чит буд ва дар деҳаи Тороб зиндагӣ дошт, ки аз Бухоро чанд фарсанг дуртар воқеъ аст. Таърих дар бораи шӯриш, Маҳмуди Торобӣ ва роҳбарии ӯ танҳо аз рӯи шаҳодати воқеие, ки ба равияи демократии шӯриш назари бадбинона доштанд, маводи дақиқеро нигоҳ доштааст.

Маҳмуди Торобӣ инсони далер, мардона ва соҳиби ақли рӯшане буд. Вай дар мубориза барои ҳимояи манфиати халқ

аз истисмори сахт ягон мақсади дигар надошт. Суханони шоири бузург ва инсондӯст Саъдӣ ба вижа хос бар ӯст на ба каси дигаре:

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.*

Ба ҷумла кӯшишҳои Ҷувайнӣ – муаллифи ҳикоятҳо дар бораи Шӯриши Маҳмуди Торобӣ – дар сиёҳ кардани ӯ, бо вуҷуди каси нимдевонаву мутаассиб ва гӯё ба корбари ҳама гуна усули пасте барои ҷалби омма тасвир карданҳояш, – Маҳмуди Торобӣ чун як симои қаҳрамон ва чеҳраи ҷавонмардона дар таърихи халқи тоҷик рӯ мезанад. Дуруст аст, ки шӯриши Маҳмуди Торобӣ дар замони ҳукмронии арабҳо дар Осиёи Миёна, ҳамчун ҳаракати пурқуввати зидди феодалӣ ҷомаи динӣ пӯшида буд.[1] Аммо ин моҳияти масъаларо дигар намесозад. Оммаи халқ ваъзҳои тарғибгаронаю пурсӯзи Маҳмуди Торобиро мешунид, ӯ сарватмандонро шарманда мекард, ки хасисанд, ҳақимардумхӯранд, талаб менамуд, ки молу амволи онҳо байни бенавоёну ҷабрдидагон тақсим шавад, халқро бар зидди ғоратгарони аҷнабии истисморгар бармехезонд. Халоиқ фидокорона, таҳти роҳбарии ӯ ба мубориза бархоста, ба ишғолгарони аҷнабӣ зарбаҳои марговар мезаданд.

Мо ҳоло гуфтем, ки на Чингизхон, на ворисони ӯ метавонистанд, дар мамлакати ишғолиашон мустақилона ҳукмронӣ намоянд, бахусус дар навоҳии атрофи Бухоро, ки ҳаёти иҷтимоию сиёсии он махсусан мураккаб буд. Дар асл ҳукмронҳои Бухоро намояндагони аъёну ашрофи он (амиру садрҳо) буданд, ки ҷабру зулми инҳо барои меҳнаткашони

---

[1] Дар асрҳои миёна хуруҷи ҳамаи ҷараёнҳои мухолиф дар шакли динӣ сурат мегирифт ва дар шакли «бидъат» давом мекард. Дар он вақт «калисо баландтарин дараҷаи умумиятсоз ва ҷазодеҳ ба шумор мерафт» : (Энгелс «Крестянская война в Германии». Нашри с. 1932, саҳ. 22).

Бухоро баробар бо ситами асоратгарон буд. Ҳеҷ ҷои ҳайрат нест, ки душмани аввали бо ҳаракати Маҳмуди Торобӣ рӯ ба рӯшуда амирон ва садрҳои Бухоро буданд. Дар марҳилае, ки аъёну ашрофи феодалӣ барои пахши ҳаракат чора меҷустанд, домани шӯриш чунон кушод шуд, ки барои пахши ошкоро дигар нерӯяшон намерасид. Бинобар ин намояндагони ҳукумат мекӯшиданд, ки сарвари шӯришгаронро аз байн бардоранд ва бо фиреб Маҳмудро аз деҳкадаи Торобе, ки он ҷо мезист, ба Бухоро даъват мекунанд, то дар роҳ аз гӯшае бикушандаш.

Маҳмуди Торобӣ мақсади душманонашро пай бурд. Ӯ ба сӯи Бухоро бо теъдоди зиёди фидоиёни худ ба роҳ баромад ва он хатар худ аз худ бартараф шуд.

Амирону садрҳо ҳилаҳои нав ба нав меандешиданд, ки сари Маҳмудро аз тан ҷудо созанд. Дар ҷавоби чунин кӯшишҳои онҳо Маҳмуди Торобӣ пинҳонӣ аз шаҳр баромада, фидоиёни худро дар яке аз тепаҳои наздики шаҳри Бухоро ҷамъ мекунад. Вай бо нутқи оташине даъват намуд, ки ҳар кас бо ҳар чӣ метавонад мусаллаҳ бишавад, силоҳ, асбобу ускуна, асо, чӯбдаст; талаб намуд, ки дар ин кор набояд таъхир кард ва оламро аз хасу хошок бояд тоза сохт ва касони савори дӯши заҳматкашонро ба замин зад.

Ҳосили хитобаҳои Маҳмуди Торобӣ беҳамто буд. Тамоми аҳолии маҳаллоти атроф ба ӯ ҳамроҳ шуда, вазъи аъёну ашрофи Бухороро танг карданд. Маҳмуди Торобӣ бо истифода аз ин садрҳо ва рӯҳониёну пешвоёни диниву дунявии ҳукумати Бухороро талаб намуд, ки ӯро халифа эълон доранд.

Дар ҳимояи Маҳмуди Торобӣ халқи мусаллаҳ қарор дошт ва ба ҳамла омода буд. Садрҳо танҳо ба босқоқҳо ва сарбозони ҳарбии нисбат ба шӯришгарон бисёр ками онҳо умед баста метавонистанд. Сардори садрҳо, намояндаи олимақоми ҳокимияти динӣ, дандон хоида, ваколати халифагии Маҳмуди Торобиро медиҳад. Маҳмуди Торобӣ эътибори худро назди мардуми Бухоро ҳамин гуна мустаҳкам гардонид ва дар пайи амали даъватҳои худ шуд.

Таърихшинос Ҷувайнӣ аҳамияти синфии ҳаракатро

пинҳон дошта, таҳқиромез навишта буд, ки «вай бисёре аз аъёну ашроф ва касони номдорро таҳқиру бешараф кард, қисми дигари онҳо рӯ ба фирор оварданд».

Вақте мо чунин ҷумлаи ҳамин муаллифро мехонем, равияи синфии шӯриш боз рӯшантар ба чашм меояд: «Баракс ӯ, Маҳмуди Торобӣ ба мардуми одӣ ва оворагард майлу рағбат нишон дод... Вай одамонашро ба хонаҳои сарватмандон фиристод, ки онҳо хаймаву чодар ва гилемҳоро берун оваранд ва истеҳкомҳои ҳарбӣ созанд».

Ин омодагӣ ба марҳилаи дуюми мубориза Маҳмуди Торобиро чун сиёсатмадори доно муаррифӣ мекунад, на чун каси нимдевонаи мутаассиб, чунон ки Ҷувайнии муаррихи бадбини ҳаракати умумихалқӣ тасвир кардан мехост ва рӯшан мефаҳмид, ки атрофи Бухоро бо такя ба истилогарони аҷнабӣ раҳбарии баландиҳои аз даст додаро зада мегиранд. Тадбирҳои дар ин роҳ андешидаи аъёну ашрофи Бухоро ӯро ғофилгир накарданд.

Садрҳо ва босқоқҳо нерӯҳои худро ба муқобили Маҳмуди Торобӣ ғундошта, дар шаҳри Кармина барои худ қароргоҳ (ситод) сохтанд. Тамоми дастаҳои ҳарбии такяи босқоқҳо ба он сӯ кашида ва тамоми қувваҳои такяи садрҳо ба он ҷо оварда шуданд. Ҳамаи онҳо ба муқобили Бухорои дар айни замон ба дасти шӯришгарон қарордошта равона шуда буданд. Аммо Маҳмуди Торобӣ аллакай тамоми мардумро мусаллаҳ гардонида буд. Вақте лашкари муғулҳо ва аъёну ашроф ба Бухоро наздик шуданд, оташи ҷанги сахт даргирифт. Шӯришгарон бо маҳорати комил бо рӯҳи зинда ва мардона меҷангиданд. Маҳмуди Торобӣ пеш-пеши шӯришгарон мерафт. Набард бо ҳалокати пурраи душманони халқ тамом шуд. Аҳолии деҳоти атроф низ ба шӯришгарон пайвастанд. Онҳо дар даст белу каланд, табару чӯбдаст гирифта бо одамони Маҳмуди Торобӣ асиргарони ғоратгари худро бераҳмона нобуд мекарданд. Ҳамаи касони шомили сафи чингизиён– босқоқҳои худозада, ашрофи малъуни маҳаллиро бераҳмона яксони замин мекарданд. Шӯришгарон душманро пешандоз ва қатлкунон то Кармина расиданд.Ба шаҳодати таърихнавис то 10 ҳазор нафарро ба ҳалокат расониданд.

«Вусъати азими шӯриш, Бухороро ба даст овардани шӯришгарон, ба ҳалокат расондани артиши мусаллаҳи бисёрҳазора, мардонавор ва моҳирона роҳбарӣ кардани Маҳмуди Торобӣ ба шӯришгарон, ки беҳтарин сифатҳои халқи тоҷикро дар худ муҷассам сохтаанд, бозгӯи ҷасорат, ақлу хирад, қатъият ва қобилияти барҷастаи ташкиливу сиёсии хоси тоҷикон аст», – гуфта шуда буд дар суханронии рафиқ Сталин соли 1925 дар бюрои ташкили Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикон – ҳамаи ин барои ҳаракат заминаҳои мустаҳкам ба вуҷуд оварданд. Мамлакати тоҷикон ҳамеша нисбати истилогарони баднафс ва бераҳм пур-пури нафрат буд. Халқ ба бовари нерӯи худ, омодаи то ба охир ҷангидан шуд.

Вале шӯриш шикаст хӯрд. Яке аз сабабҳои асоситарини ин шикаст фавти инсони дӯстдоштаи халқ, пешвои ҷасур ва моҳири шӯриш Маҳмуди Торобӣ буд. Ғолибият дар Кармина бо қимати ҳалокати ӯ муяссар гардид. Дар он набард инчунин Шамсуддин Маҳбуб – яке аз наздиктарин ҳамсафони Маҳмуди Торобӣ, ки метавонист пас аз сари ӯ ба шӯриш раҳбарӣ намояд, ба ҳалокат расид. Ӯ метавонист аз бародарони Маҳмуди Торобӣ, ки ба ҷои ӯ нишаста буданд, беҳтар раҳбарӣ намояд. Додарони Маҳмуди Торобӣ кори бародари худро давом доданд. Душмани синфии Маҳмуди Торобӣ таърихнавис Ҷувайнӣ ин бародаронро «бидъаткор» номида, бо нафрат иброз доштааст, ки аз ақиби онҳо, мисли пештара, «халқи одӣ ва оворагард ба мубориза медаромаданд». Ин муаррих ба нафрат навиштааст, ки шӯриш, баъди ғолибият яку якбора «ба ғорат ва хонахароб кардани мардум пардохт», яъне, ба тарзи дигар бигӯем, тадбирҳои зӯроварии Маҳмуди Торобиро, ки бар зидди душманони халқ истифода мешуд, давом медоданд. Аммо барои комёбии ҷунбиш ин тадбирҳо ҳанӯз кифоят намекард.

Баъди Бухороро ба даст овардани шӯришгарон, баъди торумори дастаҳои калони ҳарбии барои пахши шӯриш фиристода, баъди андешидани тадбири зӯроварии бераҳмона шӯришгарон зидди нерӯҳои ҳамдасти ситамгарони худию аҷнабӣ, кӯшиши ҳуҷуми нави онҳоро мебоист интизор ме-

буданд. Пешвоёни ҳаракат дар дидани чораҳое вазифадор буданд, ки домани шӯришро кушодтар кунанд, барои ҷалби бештари деҳқонон – зироатгарон ба шӯриш мекӯшиданд. Ин корҳо ба иҷро нарасида буд. Садрҳои Бухоро ва босқоқҳои муғул ба муқобили шӯришгарони Бухоро қувваи зиёде ҷамъ карданд (бештар аз 20 ҳазор нафар). Заҳматкашони Бухоро, ки мусаллаҳи нағз набуданду таҷрибаи ҷангие надоштанд, шикаст хӯрданд. Иштирокдорони шӯришро бераҳмона ҷазо медоданд.

Симои Маҳмуди Торобӣ, ки дар худ мардонагию ҷасорат, ватандӯстии баланд ва истеъдоди тарғибгарӣ ва созмондеҳи муттаҳидии бузурги оммаҳои халқро муҷассам мекард, дар ёди халқи тоҷик ҷовидона хоҳад монд.

# XVI. ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТИ БУЗУРГИ ТЕМУР. САРБАДОРОНИ САМАРҚАНД ВА ДИФОИ ҚАҲРАМОНОНАИ ОНҲО САМАРҚАНДРО АЗ ҲУҶУМИ МУҒУЛ

Давлати бузурге, ки Чингизхон ташкил дода буд, пас аз вафоти ӯ зуд ба парокандагӣ кашид. Низоъҳои наздиктарин меросхӯрони вай ба он овард, ки ҳукумати хони бузург, сарвари кулли империяи беруни Чин, Ҳинду Чин ва Муғулистон, ҳанӯз вақти зиндагии ӯ ба номи наберааш Ҳубилай хутба хонд. Охири асри XIII империяи муғул ба якчанд хонигарии худмухтор тақсим гардид: Чин, Осиёи Миёна, Эрон ва Олтин Ӯрда. Дар Чин ва Эрон авлоди Тулуй, дар Осиёи Миёна – авлоди Чағатой, дар Олтин Ӯрда – авлоди Ҷӯҷӣ ҳукмронӣ мекарданд.

Ҳар қадар ки авлоди чингизиён зиёдтар мешуданд, тақсими мулки онҳо низ ҳамон андоза меафзуд. Яке аз мулкҳои камтар тамаркузёфтаи давлати муғул заминҳои Осиёи Миёна ба шумор мерафт, ки ҳукмронаш Чағатой – писари дуюми Чингизхон буд. Аллакай асри XIV Осиёи Миёна ба таври зайл тақсим шуда буд: Муғулистон, ки дар ҳайъаташ Ҳафтрӯд, Туркистони Шарқӣ ва Мовароуннаҳр дохил буд. Аз солҳои 60-уми асри XIV дар поёноби рӯди Ому сарзамини мустақили Хоразм бо пойтахташ Урганҷ шакл гирифт. Дар ин давра муборизаи заминдорони Мовароуннаҳр ва хонҳои чағатоии Муғулистон, ки бодиянишинони муғул маскунаш буданд, аҳамияти махсус пайдо кард.

Муборизаи хунин барои ҳукмронии Мовароуннаҳр байни аҷдоди чингизӣ бо ҷараёни тадриҷии ба муқиминишинӣ гузаштани муғулҳо ва ҳаракати баъзе хонҳои муғул барои гузаштан аз баҳри анъанаҳои бодиянишинӣ, боиси озмоишҳои наве барои тоҷикон гардид, ки ин аз азобу шиканҷаи замони ибтидои ба мамлакаташон зада даромадани муғулҳо камтар набуд.

Марҳалаи ба зиндагонии муқимӣ гузаштани муғулҳо аз ишғоли беҳтарин заминҳои кишт, танг карда баровардани

тоҷикон аз чунин заминҳо ва ба ҷойҳои киштукораш нобоб рондани тоҷикон шурӯъ мегардид. Чингизхон дар асоси заминдории Осиёи Миёна, мисли ҳамаи империяи худ, иқтоъ (танхоҳ)-ро гузошта буд, яъне барои гирифтани замини муайяне ҳамроҳи сокинонаш ҳуқуқ дошт, ки аз аъёну ашрофи муғулҳо, сарфармондеҳон ва хешу ақрабои худи Чингизхон бошад. Дорандаи иқтоъ вазифадор буд ҳар лаҳзае, ки хон хоҳад, бо дастаи сарбозоне, ки таъминоти онҳоро ба зимма дошт, ба ихтиёри ӯ ҳозир шавад. Тамоми хароҷоти худро ӯ бо роҳи истисмори бераҳмонаи аҳолӣ ҷуброн мекард.

Муборизаи муғулҳо миёни ҳамдигар бо хонабардӯшсозиҳои нав ба нав дар мулки тоҷикон анҷом мегирифт. Махсусан дар он давра мардуми Бухоро аз ҳад зиёд хонахароб гардид, «солҳои 70-уми асри XIII солҳои аз ҳама фалокатбори хокуторобсозӣ дар тамоми таърихи он шаҳр ба ҳисоб мерафтааст».[1] Соли 1273 шаҳрро муғулони муқими Эрон омада бисёр ғорат карданд. Баъд аз се сол аз балвову ситами ҳокимони маҳаллӣ харобу валангор гардид ва сипас ба муддати ҳафт сол тамом тиҳӣ бимонд. Оммаи зиёди меҳнаткашон на танҳо дар замони низову зулми заминдорони нобакор, балки дар замони осоишта ҳам сахт азоб мекашиданд. Мовароуннаҳру Эрон аз бетартибиҳову дурӯғу қонуншиканиҳо моломол буд, ки дар эҷодиёти шоири бузург ва ҳаҷвнигори бемисли тоҷику форс Убайди Зоконӣ (1280-1380) рӯшан таҷассум ёфтаанд. Вай дар луғатномаи «Даҳ фасл»-и ҳаҷвии машҳури худ ҳастию башараи ҳақиқии ҳокимон ва ҷиноятҳои онҳоро алайҳи халқи бегуноҳ фошофош ба қалам додааст.Дар он луғатнома «гург» ба маънои сипоҳӣ-амалдор, «қозӣ»– лаънаткардаи ҳама, «чашми қозӣ» – зарфест, ки ғайри хоки гӯр дигар чизе пураш накунад, «саги бузург»–миршаб, вожаи «ришва»-корсози бечорагон, «гуруснагӣ» – натиҷаи амали ҳокимон тафсир меёбад. Дар луғатномаи Убайди Зоконӣ «олим»-бенаво, «ҷоҳил» – сарватманд тафсир мешаванд. Порае аз шеърҳояш аз ҳоли забуни илми он давра мегӯяд:

---

[1] Бартолд. История Туркестана. Тошкент, 1922, саҳ. 28.

*Рав масхарагӣ пеша куну мутрибӣ омӯз,*
*То доди худ аз кеҳтару меҳтар биситонӣ.*

Дар нимаи аввали асри XIV, махсусан дар улуси Чағатой, зиддияту муборизаҳо миёни хонҳои муғул ва авлоди туркшудаи вижаи муғул тезутунд гардид, ки натиҷаи он пурра ба фоидаи мулкдорони муғулҳои туркшуда ва бар зарари хонҳои муғул анҷом гирифт. Дар ин давраи пур аз шӯру ошӯб, дар миёнаҳои асри XIV ба майдони муборизаҳои сиёсӣ Темур омад, ки Маркс ӯро «чун сардори кондотерҳо[1] баҳо медиҳад, ки дар хизмати ҳокимони гуногун будаанд».[2]

Темур соли 1336 дар ноҳияи Кеши (Шаҳрисабз) воқеъ дар ҷануби Самарқанд ба дунё омад. Падари ӯ амир Тарағай аз зоти муғулони туркшудаи барлос аст, ки дар ҳавзаи Қашқадарё ҳокимият доштанд. Баъд аз вафоти амир Тарағай заминҳои вай ба ихтиёри Темур нагузашт: ӯро амакаш Ҳоҷӣ Барлос танг карда баровард.

Темур бори аввал дар арсаи таърих соли 1360 қадам монд ва дар муддати 10 сол яклухт машғули корҳои ҳарбӣ шуд, ҳар тараф ки ба ӯ бештар ҳақ диҳад, ба нафъи ҳамон ҳоким меҷангид ва дар як вақт барлосҳоро муттаҳид ва дар атрофи худ ҷамъ меовард. Таърихи махсусе, ки баъдан бо фармоиши Темур мураттаб гардид, оид ба амалиёти вай то солҳои 1360-ум қатъан хомӯш аст. Ин барои тахмине далел медиҳад, ки Темур он вақт ба ҳайси сардори дастаи зархарид ба ғоратгарӣ ва тохтутози атроф машғул будааст.

Соли 1361 Туғлуқ-Темур ном хони Муғулистон Самарқанд ва зодгоҳи Темур – Кешро ишғол кард. Вай бо ишғолгарон гапро як карда, ба хизмати Туғлуқ-Темур мегузарад ва бо ёрии ӯ дар Шаҳрисабз ва Қаршӣ ҳоким эълон мешавад. Темур дар хизмати Туғлуқ қарор гирифт, вале на дер. Вай бо душмани Туғлук Темур – ҳокими Балх – амир

[1] Кондотер – ҷанговари зархарид, ки барои пули зиёд ба ҳар гуна набард медарояд.
[2] Архиви Маркс ва Энгелс, ҷ.6. саҳ. 184.

Ҳусейн забон як карда, сирру асрори ҳомии худро ошкор сохта, зидди ӯ ба набард даромехт, акнун вазири дасти рости Ҳусейн ба шумор мерафт.

Дар ибтидои муборизаҳо бо Туғлуқ-Темур Ҳусейн ва Темур ба нокомиҳо дучор мешуданд. Онҳо маҷбур Осиёи Миёнаро тарк ва ба Сиистон фирор карданд ва Темур дар яке аз ин задухӯрдҳо аз пои росташ сахт маҷрӯҳ гардид ва барои боқии умр ланг шуда лақаби Темурланг, дақиқтараш ба тоҷикӣ «Ланги оҳанин»-ро гирифт.

Соли 1364 ба Ҳусейн ва Темур муяссар шуд, ки Мовароуннаҳрро аз дасти хони Муғулистон зада гиранд. Аммо соли 1365 Ҳусейн ва Темур дар Чирчиқ, дар бархӯрд бо муғулони аз Шарқ даромада шикаст мехӯранд ва Самарқандро беҳимоят гузошта, ба соҳили дигари Ому фирор мекунанд. Баъд аз чанде вазъият дубора тағйир ёфт, Ҳусейн ва Темур ҳукмрони Мовароуннаҳр шуданд. Соли 1370 Темур, пас аз солҳои зиёди бо Ҳусейн якҷоя будан, бо иттифоқчии собиқи худ аҳдшиканона муносибатро канд, ӯро ба ҳалокат расонда, ҳокимияти Мовароуннаҳрро пурра ба даст гирифт. Аз ҳамон давра ҳукмронии 35-солаи яклухти Темур, на танҳо дар Мовароуннаҳр, балки дур аз он ҳам оғоз ёфт.

Темур, пеш аз ҳама, ҳокимияти худро дар поёноби рӯди Сир мустаҳкам намуд, ки он вақт он ҷо ба ном «Урдуи сафед» вуҷуд дошт. Темур бо низои байни оилавии «Урдуи сафед» дахолат мекунад ва Тӯхтамишро ёрӣ медиҳад, ки хони он шавад. Соли 1372 Темур баъди панҷ бор лашкаркашӣ Хоразмро ба қаламрави худ ҳамроҳ кард. Охирин ҳамлааш соли 1388 буд, ки оқибати ҳалокатбор дошт. Темур фармуд, ки шаҳри Урганҷро ба хок яксон кунанд, ба ҷояш ҷав коранд. Танҳо соли 1391 Темур иҷозати барқарорсозии шаҳрро дод.

Соли 1388 бо Тӯхтамиш ҷангҳои сахт ва дуру дароз анҷом дод ва дар ҳамин давра вай ба Қафқоз лашкар кашид ва (с.1392) бо оташу шамшер Арманистон, Озарбойҷон ва Гурҷистонро ба хок зад. Темур соли 1395 дар Терек Тӯхтамишро зарбаи ҳалокатбор зада, ӯро таъқибкунон ба

даштҳои ҷануби Рус даромад. Маркази Ӯрдаи Тилоӣ – шаҳри Саройро ба даст оварда, дар соҳилҳои Волга ба Ӯрдаи Тилоӣ зарбаи ҳалокатбор зад.

Дар натиҷаи ҳамлаҳои пай дар пай ба Эрон Темур онро устувор ба қаламрави худ даровард. Соли 1398 вай ба Ҳинд ҳамлаи ғоратгарона овард. Пас аз соле Темур тасмими ҳуҷуми охирин ба Ғарбро гирифт ва дар ин лашкаркашӣ вай ба султони Миср дар Сурия зарба ворид кард. Соли 1402 дар ҷанги зидди Анқара Темур зарбаи марговар зада, султони Туркия Боязидро асир гирифт.

Вай аз ин сафар ба Самарқанд баргашт ва танҳо соли 1404 Темур ба лашкаркашии бузурги сӯи Чин ба омодагии дақиқ даромад, вале муяссараш нагардид. Дар асnои омодагӣ ногаҳон дар Утрор вафот кард, ки ин ибтидои соли 1405-ум буд.

Дар натиҷаи ин лашкаркашиҳои беҳисоб ба Темур даст дод давлати бузурге ташкил диҳад, ки ба таркиби он Мовароуннаҳр, Хоразм, ноҳияҳои соҳили Баҳри Хазар, Афғонистон, Эрон, Месопотамия (Курдистон) ва қисман ҷануби Гурҷистон шомил мешуданд.

Ин ҳама иқдоми ҳарбии Темурро таҳлил намуда, бо эътимоди қавӣ метавон гуфт, ки онҳо ҳама хусусияти ошкорои истилогарона (ғосибона) доштанд. Мартабааш аз ғорату тороҷи[1] деҳоту шаҳрҳои Мовароуннаҳр шурӯъ гардидааст.

Баъдан низ ҳамаи лашкаркашиҳои ҳарбии ӯ дар тамоми тӯли умраш ғасбу ғорат будааст. Танҳо ҳудудҳояшон иваз мешуданд. Темур аз ҳудуди Осиёи Миёна берун рафта, на деҳоту шаҳрҳои алоҳида, балки яклухт мамлакатҳо ва халқҳоро ғорат мекард.

Сафарҳои ғосибонаи Темур дар пай харобиҳои даҳшатбор ва қатлу ғорат ба сари мардум меовард. Ҳамин тавр буд ҳангоми задухӯрди ӯ бо Тӯхтамиш дар Поволже,

[1] Ин далелҳоро ҳатто таърихнигории воқеии рӯзгори Темур пинҳон намедорад. Аз ваҳшонияти ӯ масалан, мадҳу саногӯи корҳои Темур Шарофиддин Алии Яздӣ дар «Зафарнома», ки ба зудӣ пас аз вафоти Темур ба навиштанаш оғозид, далелҳои дар ин боб овардаро бозгӯӣ мекунад.

баъд аз муҳорибаи ӯ шаҳр чунон ғорат шуда буд, ки нархи як сар гӯсфанд он ҷо ба 100 динор[1] расид. Ҳинд низ ба чунин тахрибкории ваҳшиёна гирифтор шуд. Урдуҳои ғоратгари Темур аз он ҷо боигарии беҳадду ҳисоб бо худ бурданд, пас аз онҳо пуштаи вайронаҳои сӯхтаву дудбасаре холӣ аз одам, вабову гуруснагӣ боқӣ монду халос.

Ваҳшигариҳои Темур на танҳо бо бузургии худ тафовут дошт, балки бо мукаммалии худ низ фарқ мекард. Вай соли 1387 Исфаҳон (Эрон)-ро ғасб карда, фармон дод, ки он ҷо 70 ҳазор сокини шаҳрро сар зананд ва аз ин сарҳои бурида манора бисозанд. Темур худро мусулмон мешумурд. Аммо ҳангоми пахши шӯриш дар Бағдод (соли 1401) дар рӯзи барои мусулмонон ҷашни муқаддастарин, яъне Иди Қурбон, ба сарбозонаш фармуд, ки ба зудӣ 90.000 сари бурида биёранд ва аз онҳо 120 манора (барои ҳар манора 750 сари одам) бисозанд. Ин кори бас душворе буд ва барои иҷрои фармон, на танҳо мардҳоро сар аз тан ҷудо мекарданд, балки занони тамоман бегуноҳ, ҳамчунин асирони бо худ аз Сурия овардаро сар мезаданд.Дар бисёре аз ҷойҳои дигари империяи Темур манораҳо аз сари одам ба по шуда буданд.

Дар аснои лашкаркашӣ ба Ҳинд Темур ва сарбозони ӯ асирони ниҳоят бисёр ба даст оварда буданд.Ҳангоми наздикшавии лашкар ба шаҳри Деҳлии пойтахти Ҳинд теъдоди асиронаш ба 100 ҳазор расид. Бо ин миқдор асир шурӯъи ишғоли шаҳри Деҳлӣ хатари ниҳоят азим дошт: онҳо омода буданд, ки қувваи худро бо нерӯи муҳосирашудагони шаҳр бипайванданд. Аз ин рӯ, Темур фармон дод, ки зуд онҳоро сар зананд. 100 ҳазор одам дар як рӯз қир ва хуни онон ҷӯйборон шуд, вале касеро сазовори раҳм надиданд.

Темур соли 1383 ҳангоми пахши шӯриши Сабзавор, ки мардум зидди ҳукумати хунхор бархоста буданд, бераҳмии махсусе нишон дод. Бо фармони ӯ одамони зиндаро дар қабати деворҳои хиштӣ гузошта, аз болояш гаҷ мерехтанд ва

[1] Динор – 1. Пули нуқраву тилои Рими Қадим. 2.Воҳиди пули Эрон, Ироқ, Югославия. 3. Пули тилои баъзе мамлакатҳои Шарқи Қадим. (Тарҷ.)

бо ҳамин усул чандин девори баланд бардоштанд. Шудааст, ки асирони ба дасти сарбозони Темур афтодаро даҳнафарӣ, зинда зери хок кунанд. Як дафъа бо ҳамин усули марги сангин 4000 нафарро зинда дар гӯр заданд. «Сиёсати Темур,– навишта буд Маркс,– ин буд, ки одамонро ҳазор-ҳазор азобу шиканҷа диҳад, сар бурад, занону кӯдакону мардҳоро қир кунад ва бо ҳамин усул чашми ҳамаро битарсонад».[1]

Сарчашмаҳои таърихӣ ҳикоят кардаанд, ки Темур такрори сухани шоиреро хуш доштааст: «Чунон ки дар осмон як Худост, дар замин низ бояд як шоҳ бошад. Ҳамаи заминҳои аҳолинишини ҷаҳон арзиши ғайри як шоҳро надоранд». Воқеан ҳам, баробари ғорату истисмори мардуми мамлакатҳои ишғолиаш, Темур лашкаркашиҳои худро ба мақсади ҳукмронии ҷаҳон анҷом медод. Ҳукуматталабии беандоза яке аз хислатҳои хоси ӯ будааст.

Темур дар пайи амали сиёсати ҷаҳонгирии худ мекӯшид, империяи аз даст рафтаи муғулро тарзе барқарор созад, ки дар он унсурҳои маданияти мусулмонон бо унсурҳои давлатдории турку муғул ва бо сохти ҳарбии турку муғул омезиш ёфта бошад. Ба ин маънӣ Темурро метавон ҷамъоварандаи устухонҳои империяи барбодрафтаи Чингиз номид. Аммо бояд гуфт, ки Темур ин вазифаро ба иҷро расонда натавонист. Вай ҳатто натавонист идораи якранги давлатдории мамлакатҳои ба ин зудӣ зери даст овардаашро таъмин созад. Вай, ки воқеан ташкилотчии боистеъдоди ҳарбӣ, сарфармондеҳи мазаи мағлубиятро начашидаву тарзу усули ҷанги муғулро такмил дода буд, дар сохтори давлатӣ танҳо таҷрибаи то замони худаш – тақсими заминҳо ва аҳолиро ба танхоҳон вусъат бахшида тавонисту халос. Ҳамаи фармондеҳони ҳарбии Темур ва хешу ақрабои ӯ заминҳои кушодро бо ҳуқуқи бамеросгузорӣ ва идорӣ аз худ карда буданд. Албатта, дар ин замина таъмини на танҳо ҳукмронии ҷаҳонро наметавонист, ҳатто барои як муддати дароз умр дидани давлати калонтари марказонидае ҳам имкон намешуд.

---

[1] Бойгонии Маркс ва Энгелс, ҷ. VI. саҳ. 185

Худ аз худ пайдост, ки мамлакатҳои ободу зебои маданӣ ва гул-гулшукуфонро бо урдуи ғоратгари худ ба «бодия» табдил дода, Темур барои ободии вилоятҳое эътибор медод, ки такягоҳи бузургии нерӯи ӯ бошанд. Ҳамин тавр, бо супориши ӯ барои обёрии саҳрои Муғон (Қафқоз), ҷӯйборҳои ҳавзаи Кобулу Хуросон ва як қатор вилоятҳо, беҳсозии роҳу кӯпрукҳо корҳое пиёда шуданд. Дар ин бобат Мовароуннаҳр вазъи хосае дошт. Темурланг тамоми Ӯлҷа – дороиҳои ситондаи ҳарбиашро ба ҳамин сӯ интиқол медод. Аз Месопотамия, Осиёи Хурд, Эрон, Ҳинд ба тарафи Мовароуннаҳр гурӯҳҳои асирони ҳунармандро мефиристод, ки аз бофандагон, сангтарошон, бинокорон, заргарон иборат буданд. Махсусан ба Самарқанд ҳунармандони зиёд пешандоз шуда буданд, ки оқибат ба маркази асосии силоҳсозӣ ва чизҳои дигари зарури лашкаркашиҳои ӯ табдил ёфт.

Темур ба сохтмони Самарқанд эътибори калон медод. Аммо биноҳои сохта – қасрҳо, масҷиду корвонсаройҳо, мақбараҳои пурнақшу нигоре буданд, ки наздиктарин хешовандонаш дафн мешуданд. Дар байни ин сохтмонҳо машҳуртаринаш масҷиди Бибихонум ва гӯрхонаи «Шоҳи Зинда» ҳисоб мешавад, ки беҳтарин ҳунармандон сохтаву оро додаанд.

Ба Самарқанд – пойтахти бошукӯҳи Темур аз тамоми гӯшаю канори ҷаҳони ислом олимону шоирон, адибону рассомон меомаданд. Самарқанд дар аҳди Темур ба яке аз ғанитарин шаҳрҳои ҷаҳон мубаддал гардида буд. Ин ҷо бо ҳусну зебоии баландаш анъанаи бисёрасраи маданияти тоҷику эронии Осиёи Миёна аз нав чеҳра мекушод. Гаштаю баргашта ҳикояти ғановати беҳисоби шаҳру навоҳии Мовароуннаҳр дар ҷаҳон паҳн мегардид. Дар ғарби Эрон, мисол, вақте таъкиди махсуси қимати ин ё он ашё лозим ояд, одамон мегуфтанд, ки «омодаам ба ивази он Самарқанду Бухороро бидиҳам».[1]

[1] Дар замони Темур бузургтарин шоири классики назми тоҷику форс Ҳофиз зиндагӣ ба сар мебурд. Ӯ ғазали беҳамтое дорад, ки бо шоҳбайти зайл шурӯъ мешавад:

Темур инчунин барои танзиму ривоҷи тиҷорат дар Самарқанд ва дигар навоҳии Мовароуннаҳр тадбирҳо меандешид. Сафири Кастил – Клавихо, ки солҳои 1403-1406 ба саёҳати Самарқанд омада, боргоҳи Темурро дида буд, дар дафтари хотираи худ навиштааст: «... дар Са марқанд, ки барои фурӯши бенизом ҷои кушод набуд, Темур фармуд, ки аз миёни шаҳр роҳе гузаронанд ва дар ду тарафи он дӯкону чодарҳои фурӯши мол бисозанд».[1]

Ин корро Темур бо усули ба худаш хос анҷом дода буд. Бо амри амалдорон ҳамаи хонаҳои дар лоиҳаи роҳ рост омадаро, новобаста ба кӣ тааллуқ доштанаш, мешикастанд. Соҳибони он хонаю дарҳо аз тарси худсариҳои амалдорони Темур ҳар ҷо ки рост ояд, мегурехтанд. «Роҳи калоне, гузаронда,– менависад Клавиҳо,– дар ҳар ду тарафаш хайма заданд; назди ҳар хайма курсиҳои баланде нишонда, атрофашро санги сафед чиданд... Аз боло тамоми кӯча бо равоқҳои сангии равзандоре пӯшонда шуда буданд, ки аз онҳо равшанӣ медаромад. Ҳамин ки кор дар хаймаҳо ба охир мерасид, дар онҳо фурӯшандаҳоро ҷо медоданд ва онҳо ба фурӯши чизҳои гуногун машғул мешуданд».[2]

Дар замони Темур барои барқарорсозии хоҷагиҳои зироаткори Мовароуннаҳр, ки дар давраи муғулҳо харобу валангор гардида буданд, тадбирҳои ҷиддӣ андешида мешуданд. Инчунин тадбирҳое низ диданд, ки деҳқонони ба сабаби ҷабри кӯчиён ҳар тараф гурехта ба Мовароуннаҳр бозгардон, ҷӯйбору сохтмони сарбандҳои батамом вайроншудаи

---

Агар он турки Шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.

Ривояте ҳам мавҷуд аст, ки инро шунида Темур фармон медиҳад шоири маҳбубро ба боргоҳаш оваранд. Темур Ҳофизро дар либоси одии қаландарона дида, бо дабдаба мегӯяд: Ман кишварҳоро барои он зери даст меорам, ки Самарқанду Бухороро шӯҳраи ҷаҳон гардонам, ту бо чӣ ғайрат ба кадом холе онҳоро мебахшӣ? Ҳофиз таъзим ба ҷо оварда мегӯяд: «Аё шоҳаншоҳ, оё дарнамеёбӣ, ки маҳз ин беҳудабахшии ман маро ба ҳоли дарвешӣ расонда!»

[1] Рюи Гонзалес де Клавихо. Дневник путешествия ко двору Тимура в Самарканде в 1403-1406 г.г. СПБ, 1881, стр. 316.

[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 317.

об барқарор ва сарбандҳои нав сохта шаванд. Албатта, ҳамаи инҳо бо нерӯи корӣ ва воситаҳои истеҳсолии худи мардуми заминкор пиёда мешуданд. Ҳамаи ин тадбирҳо имкон медоданд, дар Мовароуннаҳр ки зироаткорӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат дар замони Темур ба таври бояду шояд боло раванд. Вале тамоми фоидаи ин тадбирҳо ба дасти тоҷирон ва аъёну ашроф медаромад, ки зироаткорон ва ҳунармандонро бераҳмона истисмор мекарданд ва онҳоро ба заҳмати ғуломона вомедоштанд.Темур Мовароуннаҳрро танҳо барои манфиатҳои шахсии худ, ба нафъи хешу табор ва фармондеҳони ҳарбияш идора мекард. Манфиати оммаи меҳнаткаши тоҷикони сокини шаҳру навоҳии Мовароуннаҳр барои вай тамоман бетафовут буд; онҳо дар назари ӯ чун як воситаи истисмор, силоҳе барои сиёсати ҷаҳонгирияш метофт. Ин паҳлӯи чеҳраи Темурро воқеаи соли 1365-ум дар Самарқанд рухдода рӯшан мекунад.

Соли 1365 Ҳусейн ва Темур, ки дар муҳориба бо кӯчиёни Муғулистон шикаст хӯрда буданд, саросема ақибнишинӣ карданд, вале на ба Самарқанд, балки ба ҷануб, ба он сӯи Ому – ба Балх. Аҳолии Самарқанд тамом беҳомӣ монда, ба дасти тақдир ҳавола шуд.

Вақте лашкари муғул сӯи Самарқанд ҳаракат кард, аҳолиро воҳима гирифт, зеро онҳо рӯ ба рӯи душмани қаттол тамоман беҳимоя монда буданд. Неруҳои ҳарбии Самарқанд, ки таъминоташон аз ҳисоби андози сарикасӣ ва замин буд, бо Ҳусейн ва Темур ба сӯи Балх, он сӯи Ому гурехтанд. Дар чунин вазъияти ноҳинҷор дар масҷиди ҷомеи Самарқанд, ки ҳам аъёну ашроф ва ҳам аҳолии одӣ ҷамъ омада буданд, талабаи мадраса – Мавлонзода рӯи минбар омад. Вай шамшер дар миён дошт, баъди саломалайк изҳор кард:

– Тӯдаҳои беҳадду ҳисоби муғул ба шаҳр наздик мешаванд, ки хонаҳои моро ғорат намоянд. Ҳокими андозситони сарикасӣ ва замини мо, ки онро ба хоҳиши дили худ сарф мекард, баробари тофтани гӯши душмани мо мусулмононро партофта, пеши кофирон фирор овард. Сокинони Самарқандро бо ҷумлаи гараву тӯҳфа роҳи халосӣ нест. Кӣ

метавонад ҳимояту масъулиятро дар ҳузури аъёну ашроф ва фуқаро ба зиммаи худ бигирад? Мо дар пои ӯ сар мениҳем ва ба иҷрои амру фармонаш шурӯъ мекунем!»[1]

Аз ин суханони ба мерос гузоштаи таърихнависи бовафои Темур Абдураззоқи ҳамеша таърифу тавсифгари ӯ ҳама чизи рӯнамои хислатҳои бадаш ҷабида партофта шудааст. Аммо аз ин порчаи овардаи ӯ маълум, ки самарқандиён аз фирори батарси Ҳусейну Темур онҳоро чун хиёнаткорони манфиатҳои шаҳре ҳисобиданд, ки мебоист ҳангоми хатар ҳифозаташ мекарданд, зеро масъала – масъалаи зинда мондан ё намондан буд. Аммо тақдири шаҳр ва аҳолии он барои он ду амир камтар аз ҳама аҳамият доштанд.

Мавлонзода шаҳриёнро ба ташкили рӯбарӯйӣ зидди муғулҳо даъват менамуд, вале касе аз аъёну ашрофи Самарқанд нахост, ки раҳбариро зидди таҷовузгарони наздикраси шаҳр ба зимма бигирад: «Гурӯҳи ашрофони Самарқанд хомӯшӣ ихтиёр кард ва касе сухане нагуфт. Он гоҳ Мавлонзода гуфт: «Чун касе масъулиятро ба гардан намегиред, пас оё шумо кӯмакам мекунед онро ман ба зиммаи худ бигирам?»[2]

Бо ризояти ҳамаи ҷамъомадагон дар лаҳзаҳои хатари маргбор Мавлонзода сарварии мубориזони Самарқандро ба зимма мегирад ва бо хулосаи «аз он ки шаҳрро ба ғорат диҳем, беҳтар ки бимирем!»[3]

Ғайр аз Мавлонзода, дар ташкили мудофиаи шаҳр «камонвар ва марди ҷасур» – Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва ҳаллоҷ Абӯбакри Калавӣ иштироки фаъол доштанд. Онҳо сари дарвозаҳои шаҳр посбон гузошта, дар кӯчаҳо ба истеҳкомсозӣ машғул мешаванд, то ҳадде ба ҳаракати саворaҳои муғул мамониат расонанд. Болои «сангар»-ҳо барои ҷанговарон тим (роҳравҳо) сохта, қад-қади кӯчаҳо нишонзанҳои моҳире гузошта буданд. Фармон шуда буд, ки

---

[1] Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлауссаадайн в-ал наҷмал-баҳрайн… Фонди дастхатҳои китобхонаи РСС Тоҷикистон, Тулӯъгоҳи ду ситораи бахт ва баҳамоии ду баҳр. № 878, с. 195.

[2] Абдураззоқи Самарқандӣ. Истинод ба дастнавис, саҳ. 196.

[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 196.

шабона ягон нафар ба хонааш наравад, бояд вазъи ҳоли мавқеашро бодиққат назора намояд. Онҳо барои даромадан ба даруни шаҳр танҳо як раҳравро холӣ гузошта буданд. Мавлонзода қувваи зиёдро барои камини шаҳр ҷудо карда, худ бо чандсад тан камонвари пиёда дар охирин нуқтаи роҳрав ҷой гирифт.

Дастаҳои пештози муғулҳо ба беҳимоятии Самарқанд бовар карда, берун аз эҳтиёт ба шаҳр даромаданд ва камингоҳро гузашта, ба дастаҳои камонварони Мавлонзода рӯ ба рӯ заданд. Дар ин лаҳза ишора барои ҳуҷум дода шуд. Ба сари муғулон сангборон рехт. Сангро тавассути камон ва ғӯлакамонҳо (фалахмонҳо) бар сари душман мезаданд,– тиру камон ва шашпарҳо ба кор даромаданд. Муғулҳо маҷбур ақиб нишастанд, аммо талафоти зиёд доданд, хеле аз сарбозонашон кушта ва маҷрӯҳ гардиданд. Сад тан аз онҳо асир афтод.

Рӯзи дигар муғулҳо саф ороста, хеле эҳтиёткорона амал карда, дубора ба Самарқанд ҳамлавар шуданд. Қатъи назар аз истифодаи фиребу найранги кӯчиёна – рӯ ба гурези дурӯғин овардану боз ногаҳон ба ҳуҷум гузаштанҳои худ, кӯчиён ба чизе муваффақ нашуданд ва дар канори шаҳр ба муддати зиёд камин гирифтанд. Вале ин ҳам натиҷае надод, зеро мудофиаи шаҳрро дуруст ба роҳ монда, мардона ҳимояташ мекарданд.

Баъди чанде дар лашкаргоҳи кӯчиён касалии сирояткунандае байни аспҳо паҳн гардид ва муғулҳо ба таъбири таърихнавис «дандони ҳирс хоида» маҷбур ба ақибнишинӣ шуданд ва бо ғорати гирду гӯшаҳои шаҳр иктифо намуданд.

Темур зуд хабар ёфт, ки муғулҳо аз муҳосираи Самарқанд даст кашидаанд, дар ин бора фавран амир Ҳусайнро огоҳ кард.Ба тарафи вай чопари «зудрастар аз шамол» фиристод. Ҳусейн ва Темур бошитоб вохӯрӣ ва гуфтушунид анҷом дода, барои зимистонгузаронӣ тарафҳои гуногун рафтанд. Онҳо ба ишғоли шаҳр шитоб накарданд. Зеро зоҳиран шубҳае надоштанд, ки дастаҳои сарбозони онҳоро низ дар Самарқанд, чунон «мепазиранд», ки муғулҳои кӯчии ҳамин ҳоло тарки атроф гуфтаро.

Мувофиқи маълумоти таърихнавис Ҳусайн ва Темур ба мудофиаи қаҳрамононаи Самарқанд шубҳаомез назар карда, нахостанд, ки ошкоро бо онҳо ба ҷанг дароянд ва тасмим гирифтанд, ки онҳоро «ба доми фиреб биафкананд».[1] Самарқандиёнро ба ғафлат гузошта, назди сарвари онҳо ниҳонӣ намояндагони «ба гуфтан далеру тавоное»-ро бо фармоне дар бораи ҳукмронии Самарқанд, ҳамчунин «Қасамнома»-е бо ваъдаи беҷазоӣ ва бехатарӣ, бо либосҳои фохира[2] ҳар гуна тӯҳфаҳо мефиристанд. Тӯҳфаҳо ба дасти намояндаҳои махсуси амирҳо низ фиристода мешаванд, ки барои ишғоли шаҳр замина ба вуҷуд оранд.

Ҳаракати халқии Самарқанд, ки мо хотирнишон кардем, дар сарчашмаҳои таърихӣ чун ҳаракати «сарбадорон» машҳур аст. Пайдоиши ин истилоҳ ба солҳои 1336-1337 рост меояд, ки ин вақт дар ҳавзаи Сабзавори Эрон зидди хонҳои муғул ва аъёну ашрофи заминдори эронӣ шӯриш сар зада буд. Ба яке аз роҳбари сарбадорони Хуросон чунин хитоба нисбат дода шудааст:

«Беҳтар ки сар ба дор диҳем, аз ин ки номардона сар ба зери ор ниҳем!»[3] Вожаҳои тоҷикии sar ba dor истилоҳӣ «сарбадор»-ро сохтаанд, ки ба русӣ, одатан, «высельник» тарҷума мекунанд, ки ин маъниро пурра намедиҳад ва намедиҳад маънои ҷунбиши зиндаи дарунии шиори шӯришро, ки солҳои 1336-1337 дар Хуросон ва соли 1365 дар Самарқанд рух дод, ки «Сар ба дор беҳтар, ки озод дар дасти муғул!» буд.

Истилоҳи «сарбадор» нисбат ба роҳбарони ҳаракати соли 1365-и Самарқанд аз ҷониби муаррихони аҳди Темур истифода мешавад, гӯё онҳо балвогар ва дигаргуна ба ларза оварандаи асосҳои ҳукумати «қонунӣ» бошанд. Ҳамин тавр, яке аз он муаррихон (Мирхонд) сарбадоронро одамони шубҳанок ҳисобида мегӯяд, ки «Онҳо дорои қаҳру ғазаби

---

[1] Абдурразоқи Самарқандӣ, саҳ. 197.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 97.
[3] Ин ҷо шарҳи калима ба калимаи «сарбадор» ба русӣ оварда шудааст, ки мо қатъи назар кардем.(Тарҷ.)

беандозаанд, қадами худро дониста намемонанд, ҳукуматро ба даст оварда, зӯроварӣ ба кор бурдан шиорашон аст».[1] Дар ҷои дигар ҳамин муаррих дар бораи рафтори «қабеҳ»-и сарбадорон (ҳол он ки дар бораи чӣ будани қабеҳиҳо» ҳарфе назадааст), бисёр ботаассуф ҳарф мезанад, ҳамон «рафторҳои қабеҳ» Ҳусейн ва Темурро во доштанд, ки «нест кардани онҳо (сарбадорон) яке аз вазифаҳои динии эшон ба шумор меравад ва амали зудаш воҷиб аст».[2]

Мо дар бораи чӣ будани «рафтори қабеҳ»-и сарбадорони Самарқанд аз навиштаҷоти Хондамири таърихнависи дигар чунин андешаҳоро пайдо мекунем. «Вақте ки сарбадорони Самарқанд,– маълумот медиҳад ӯ,– аз ӯҳдаи он кори бас мушкил бомуваффақият баромаданд (зада гардондани ҳамлаҳои муғулҳо дар назар аст) онҳо ба қаҳру ғазаб омада, ба молу амвои фуқарои худ ғосибона рафтор карданд». Муаррих Шарофуддин Алии Яздӣ Сарбадорони Самарқандро чунин тавзеҳ додааст: «Сари гурӯҳе аз аҳолӣ ғуруре дамид ва онҳо ҷасоратро дар қаламрави худ бо по берун заданд, дасти бадёр, зӯрӣ ва хунрезӣ худро кушоданд».[3] Мо тавзеҳотеро меорем, ки бо забони шеър баён шудааст:

*Ё раб, мабод, ин ки гадо мӯътабар шавад,*
*Гар мӯътабар шавад, зи Худо бехабар шавад,–*

ва вазъи иҷтимоию равияи синфии сарбадоронро рӯшан кушода аст. Сарбадорон манфиатҳои ҳунармандон ва бенавоёни шаҳрро ҳимоя мекарданд, тадбирҳои андешидаи онҳо бар зарари аъёну ашрофи Самарқанд буд.

Бар асари корҳои фасодангези ҷосусони Ҳусейн ва Темур, андешидани тадбирҳои норасо, чорабиниҳои ноҷасуронаи сарбадорон дар ҷалби оммаи васеи халқ ба сӯи худ, инчунин дурӯягии баъзе аз ашхоси дохили худашон ва

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ.14
[2] Хондамир–«Ҳабибуссияр», ҷ.III, саҳ.9. Бомбай, с. 1857.
[3] Шарофуддин Алӣ Яздӣ. Зафарнома, (Книга побед). Рукописный фонд гос. публ. Библиотеки Тадж. ССР. № 1271. Переписана в 1236 г. Переписчик Каляндор бин Бобосалим Марғелоний.

омода будани ин қабил ашхос барои ҳамзабонӣ бо Ҳусейн ва Темур имкон дод, ки Ҳусейн ва Темур ба осонӣ ноили мақсадашон гарданд. Аввалҳои баҳори соли 1366 Ҳусейн ва Темур бо лашкари худ ба ҳудуди Самарқанд расиданд. Онҳо ба сарбадорон нома фиристоданд, ки дар он аз ҷумла гуфта шуда буд: «Мо ба шумо пурра бовар дорем ва шуморо аз дигар ҳокимон беҳ меҳисобем». Аз рӯи бовар ба ин таърифи ҳилагарона сарбадорон ба қароргоҳи Ҳусейн ва Темур рафтанд, ки ҳамон ҷо онҳоро дастгир ва қатл карданд. Танҳо Мавлонзода, бо дархости Темур маоф шуд.

Ҳамин тавр сарбадорони Самарқанд бесар гардонида шуданд ва Самарқанд аз нав ба дасти Ҳусейн (то соли 1370) ва баъд ба дасти Темур гузашт.

Ҳаракати солҳои 1365-1366, зоҳиран, на танҳо Самарқанд, балки ноҳияҳову деҳоти атрофашро ҳам фаро гирифта буд. Вале дар ин бора сарчашмаҳо хеле маълумоти кам додаанд. Танҳо Хондамир гуфтааст, ки баъд аз Самарқандро ба даст овардани Ҳусейн «ҳавзаҳои дигар низ худсариро бас ва барои таслим шитобида, гуноҳи худро шустанӣ шуданд».

Темур агарчи сарварони сарбадоронро маҳв кард, вале рӯҳи озодихоҳонаи аҳолии Самарқандро, ки аз қаъри асрҳо давом дошт, ҳаргиз шикаста натавонист.

Муаррих Ибни Арабшоҳ, ки аз қароргоҳи зидди Темур баромада буду аксар ҷиҳатҳои ниҳону торики ҳукмронии ӯро рӯшан мекард ва баъдан, ҳангоме ҳукмронӣ пурра ба дасти Темур гузашт, мегӯяд, «дар шаҳри Самарқанд одамони норизои ӯ зиёд буданд». Дар ин бораҳо таърихнависони дарбори худаш, албатта, хомӯш буданд. Ибни Арабшоҳ ин норизоёнро «доғгарон» меномад – истилоҳест тахминан ба ҳамон маънои сарбадорон наздик. «Онҳо,– менависад Ибни Арабшоҳ,– исёнгар, ҷангара (арбадаҷӯ), тахрибкорони нотарсе буданд… Онҳо зидди Темур буданд, ба вай бо назари душманона менигаристанд. Бо ҳама бузургӣ Темур аз онҳо метарсид. Агар Темур ба ҷое рафтанӣ шавад, ба ҷои худ касеро таъин мекард. Ҳамин ки Темур аз шаҳр дур мешуд, доғгарон дастнишондаи ӯро сарнагун мекарданд ва ё бо ӯ

якҷоя зидди Темур мебаромаданд. Темур баъди бозгашт медид, ки ҳамаи корҳо аз низом баромадаанд, харобиҳо рух додаанд, бо табъи хира, аз нав ба ислоҳи харобкориҳо мепардохт, баъзеҳоро ба куштан мефармуд, баъзеҳоро бахшиш (тӯҳфа) медод. Баъд аз ин боз ба сафар, барои вусъати домони давлаташ мерафт. Баробари рафтани ӯ доғгарон боз ба доғгузории худ мепардохтанд. Ин амал нӯҳ бор такрор шуд». Таърихнавис нақлашро давом дода мегӯяд, ки Темур фиребу найранги зиёд ба кор бурда, доғгаронро дастгир кард ва ҳамаашонро «ба асфаласофилин фиристод».

Аз иқтибоси боло маълум мегардад, ки аҳолии Самарқанд ҳатто дар даврахои шӯҳрати баланди пурдаҳшати Темури соҳибқирон ҳам, ба тарзи ҳукмронии мустабидонаи ӯ оштинопазир буд ва ба ӯ солҳои дароз лозим омад, ки барои пешгирии бетартибиҳои пойтахташ чораю тадбирҳои ҷасуронае биандешад.

# XVII. ХАЛҚИ ТОҶИК ЗЕРИ ЗУЛМИ АМОРАТИ БУХОРО

Давлати Темур бо сохтори усули мулкдории худ ҳеҷ вақт андаке ҳам давлати мустақилу мустаҳкам набуд ва шуда ҳам наметавонист. Мовароуннаҳр пас аз вафоти ӯ (с. 1405) зуд ба майдони муборизаҳои сулолавии авлоди наздиктарини ӯ мубаддал гардид.

Ба Шоҳрух, ки тахти Темурро соли 1409-ум соҳиб гардид, пас аз чанд соли мубориза бо набераи Темур – Халил Султон, ки Самарқандро дар ихтиёр дошт, муяссар шуд муддати зиёд давлатро аз суқут боздорад. Вале ба зудӣ пас аз вафоти Темур, дар вилоятҳои қисмати ғарбии империяи ӯ усмониҳо, ҷалоириҳо, туркманҳо ба бозгардонии заминҳои аз даст додаашон шуданд. Аммо пас аз вафоти Шоҳрух (с.1447) устухонҳои империяи бузурги Темур рехта, ба пораҳои хурд-хурд тақсим шуд ва дар бисёр ҳолатҳо он қадар хурд буданд, ки ба дасти баъзе аз темуриён, танҳо ду-се шаҳр ва навоҳии тобеи он боқӣ монду халос.

Истилогарони муғул, ки назар ба сокинони эронии Мовароуннаҳру Форс дар зинаи хеле пасти пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ қарор доштанд, бо мурури вақт таъсирпазири маданияти нисбатан баланде гардиданд.

Сарчашмаҳо аллакай қайд кардаанд, ки дар Мовароуннаҳр ҳангоми ҳукмронии муғулҳо «ягон хел анъана рӯи кор наомад, на дар соҳаи илми дунявӣ ва на дар соҳаи санъат». (Бартолд, «Улуғбек ва замони ӯ», 1918, с.6) Эҳтимол меравад, вобастагии сахти Темур ва ворисонаш ба тамаддуни эронӣ аз ин ҷо бошад. Темур қонунҳои шариатро аз ҳама воло, ҷомеаи дарвешону қориёни Қуръонро беҳтар аз ҳама мешумурд ва онҳо пеши ӯ обрӯи калон доштанд. Шоҳрух дар Ҳирот китобхонаи азиме кушод. Писари вай Улуғбек, ки Самарқандро идора мекард, аз нигоҳи дараҷаи маданият аз ҳамаи дигар темуриён ба куллӣ тафовут дошт ва чун ҳомии илму адаб шӯҳрат ёфта буд, ба ибораи Мирхонди муаррих «илми Афлотуну шукӯҳи Фаридунро ба ҳам оварда буд».

Улуғбек на танҳо ҳомии олимон, балки худ ҳам олими бузурги риёзидон ва муаллифи ҷадвали ҳайат (ситорашиносӣ) буд.

Расадхонаи астрономии ӯ, ки солҳои 20-уми асри XV дар Самарқанд сохта шуд, бо пешқадамтарин дастгоҳи замонааш муҷаҳҳаз буд ва аз бузургтарин марказҳои илми ситорашиносии Шарқ ҳисоб мешуд. Ҳатто баъд аз ним аср бузургтарин навовари илм дар Аврупо Коперник бо дастгоҳҳое кор мекард, ки назар ба асбоби расадхонаи Улуғбек дар Самарқанд, содатар буданд. Ҷадвалҳои астрономие, ки барои мураттабсозии онҳо Улуғбек солҳои зиёд ҳамроҳи ситорашиносони машҳури эронӣ заҳмат кашидааст, аввал ба забони тоҷикӣ иншо ва баъдан ба арабӣ баргардон шуда, ҳолати дақиқи беш аз ҳазор ситораи ба чашм намоён сабташон буд. Вазъи бисёре аз ҷирмҳои осмонӣ тавассути расадхонаи Улуғбек муайян шуда буданд. Он ҷадвалҳо, ки суханони охирини илми нуҷуми асрҳои миёна ба шумор мерафтанд ва муддатҳо чун дастури асосии омӯзиши ситораҳо дар Шарқ хизмат кардаанд, чун манбаи ягонаи шинохтани ҳолати ҷирмҳои осмонӣ дар асри xv аҳамияти ҷаҳонӣ доранд.

Улуғбек на танҳо илми нуҷумро фаро гирифта буд. Вай адабиёти тоҷику форсро ба хубӣ медонист, дар боргоҳи ӯ чандин шоир эҷод мекард, ки фарзонаашон тоҷики помирӣ – Камоли Бадахшӣ ҳисоб мешуд. Худи Улуғбек ҳам ба забони тоҷикӣ шеър менавишт ва аввалин кӯшишҳои шеъргӯӣ ба забони туркӣ низ ба замони ӯ тааллуқ мегирад, ки дар тақлиди шеъри тоҷику форс буд.

Аммо таъсири маданияти эронӣ, дар навбати аввал, ба доираи аъёну ашрофи ҳукмрони давлати темуриён буд. Оммаи васеи кӯчиён ва касони зоидаи анъанаҳои кӯчӣ ба маданияти мардуми таҳҷоии Мовароуннаҳр бисёр ба сустӣ мутобиқ мешуданд ва онҳо ба Улуғбек такя буда наметавонистанд. Баръакс, миёни онҳо таъсири рӯҳониёни харобкори мусулмон бештар нуфуз пайдо менамуд, ки ҳам ба сӯи Улуғбек ва ҳам ба чорабиниҳои ӯ нигоҳи душманона доштанд.

Соли 1449 Улуғбек бо иғвои писараш Абдулатиф, ки гирифтори васвасаи бадастории тахту тоҷи Темур буд, кушта шуд.Баъд аз чанд рӯзи ҳалокати падараш Абдулатиф бародарашро ҳам ба қатл расонд, ки вазъи худро мустаҳкам кунад. Абдулатифи падаркушу бародаркуш ба ҳамдастии рӯҳониёни мутаассиби харобгар амал мекард, ки фаъолияти илмии Улуғбекро чашми дидан надоштанд. Дар шароити болоравии ҷаҳолатпарастии динӣ баробари кушта шудани Улуғбек фаъолияти расадхонаи ӯ ҳам қатъ гардид.

Ба Абдулатиф муяссар нашуд, ки самараи ҷиноятҳояшро бичашад. Баъди ним сол бо сӯиқасди ҳарбиён худаш ҳам кушта гардид. Дере нагузашта, миёни низоъҳои байнисулолавии темуриён сари тақсими мероси Улуғбек ӯзбекҳои кӯчӣ бо сардории хон Абдулхайр сар мехалонад. Бо кӯмаки бевоситаи ӯзбекҳо ба Абӯсаиди темурӣ муяссар шуд, ки соли 1451 Абдуллоро бишканад. Абдуллои ҷияни Улуғбек пас аз кушта шудани Абулатиф ба сари қудрат омада, ихтиёри Самарқандро дар даст дошт. Абӯсаид Самарқандро соҳиб шуд. Сари қудрат омадани Абӯсаид ҳукмронии чиҳилсолаи Улуғбек – «олими сари тахт!»-ро ба ҳукмронии қариб чиҳилсолаи эшони ҷаҳолатпарасти ҷоҳил Ҳоҷӣ Аброр – бадал кард, ки дар замони ҳукмронии Абӯсаид ва ворисони ӯ таъсири беҳудуде дар давлати темуриёни Самарқанд дошт.

Фишору зӯроварии аҳли дину мазҳаб нақши Самарқанду Бухороро чун пурқувваттарин марказҳои тамаддуни тоҷику форс[1] якбора поин бурд. Маркази ҳаёти маданӣ дар ин рӯзгор Ҳирот мешавад. Ба он ҷо, ба боргоҳи Султон Ҳусайн Бойқарои темурӣ, ки соли 1469 ҳокимаш гардида буд, аз тамоми ҷаҳони эронизабонҳо шоирон, олимон, рассомон, меъморон ва мутрибони яккачин мерехтанд. Дар ҳамин ҷо

[1] Ин ҷо дар ҳамин марҳала чун мушаххассози поинравии ҳаёти маданӣ дар Бухоро чанд мисраъ аз ашъори шоир ва хаттоти машҳури Ҳирот Миралӣ Маҷнунро меорем, ки вай аз фитнаву балвои Хуросониён гурехта ба Бухоро омада буд ва ин чо ҳам ғунҷоиш наёфта, аз тақдири бадаш менолиду мегуфт, ки «Маро ҳамаи шоҳони олам ба дарбори худ хостанд, акнун ҳатто дар Бухоро ҳам ҷигархуни ҷустуҷӯи ғизояму дарунам аз ғам оташ гирифтааст».

бо такя ба комёбиҳои адабиёти оламгири тоҷику форс бузургтарин асосгузори адабиёт ва забони адабии ӯзбек – Алишер Навоӣ домани эҷодиёти худро мекушояд.

Шоири донишманди бисёрҷабҳа ва соҳибистеъдод Алишер Навоӣ аз худ мероси ғании фавқулоддае гузоштааст. Бештар аз 30 асари манзуму мансури Алишер Навоӣ маълуманд. Ҳамзамонҳо ва ҳолшиносони ӯ ба «Хамса»-и шоир ва 4 девони ашъораш баҳои баланд додаанд. Дар бораи бузургии асари ӯ устодаш, яке аз бузургтарин намояндаи адабиёти тоҷику форс Ҷомӣ баҳои бениҳоят баланд додааст. Ҳидмати бузурги шоир дар навиштани рисолаи илмии «Муҳокиматуллуғатайн» аст, ки дар он шеъргӯӣ ба забони ӯзбекиро сахт дастгирӣ мекунад, дар ҳоле ки он замон навиштан ба забони ғайритоҷикиро беадабӣ медонистанд.

Дар иттиҳодияҳои ӯзбекон, ки Абдулхайр сарвараш буд, касони аз сиёсати ӯ норизо низ вуҷуд доштанд. Як қисми зиёди кӯчиёни аз Абдулхайр норизо солҳои 1465-1466 аз вай ҷудо шуда, сӯи водии соҳили рӯди Чу ва ҷануби ҳамвории Ҳафтрӯд кӯч бастанд.

«Дертар,– навиштааст муаллифи нимаи аввали асри XVI Муҳаммад Ҳайдар,– миёни онҳо ҳар гуна касони норизо ва бехонаҳо роҳ меёфтанд. Ин вазъият ба пурқудратшавии доҳиёни (султонони) кӯчиён овард. «Чун худи султонҳо,– давом медиҳад суханашро Муҳаммад Ҳайдар, – ва қисми зиёди одамони атрофи онҳо гурезагони хонаю ҷои худро партофта, бе хонаву дар саргардон буданд, онҳоро қазоқ ё ӯзбек – қазоқ меномиданд».

Аз вафоти Абдулхайр чанде гузашт ва дар аҳди набераи ӯ – Шайбонихон иқтидори ӯзбекҳо хеле баланд рафт. Шайбонихон дорои қобилияти баланди ташкили нерӯҳои ҷангӣ буд, вай гурӯҳҳои ба худаш содиқро сарварӣ карда ба сафарҳои ишғолгаронаи Хоразм, Мовароуннаҳр ва Ҳирот мебарояд, ки ин ҷоҳо дар дасти темуриён қарор доштанд. Шайбонихон қабилаҳои ӯзбекро атрофи худ ҷамъ карда, низоъҳои байни сулолавии темуриёро истифода бурда, онҳоро дар Осиёи Миёна барчид ва мавқеи таъсири ӯзбекҳоро дар Мовароуннаҳр бештар устувор сохт.

Шайбонихон соли 1510 дар задухӯрди наздики Марв, бо асосгузори сулолаи сафавиёни Эрон Шоҳ Исмоил ба ҳалокат расид. Ин вазъият танҳо барои чанд вақт қабилаҳои ӯзбеки кӯчиро аз устуворсозии ҳокимият дар Осиёи Миёна боздошт ва ин устуворӣ дар замони ҷияни Шайбонӣ – Убайдуллохон пайдо шуд.

Дар Осиёи Миёна ду давлати ӯзбекӣ ташкил ёфта аз рӯи сохтори мулкӣ тақсим шуда буд – яке дар Мовароуннаҳр – пойтахташ Самарқанд, дигаре дар Хоразм – пойтахташ Урганҷ (Кӯҳна Урганҷ).

Баъзе пешрафтҳои маданию фарҳангии баъди истилои муғул ба вуҷуд омада ва дар замони Улуғбек ба дараҷаи баландаш расидаро, ки мо аз ин пешрафтҳо дар боло гуфта будем, муборизаи хонҳои ӯзбек барои мустаҳкамшавии ҳукмронӣ дар Осиёи Миёна, якбора барбод дод. Хонҳои ӯзбек ё ба ҳуҷумҳои ғоратгаронаи мамлакатҳои ҳамсоя, ё ба муборизаи байни худ барои кашида гирифтану кушодани заминҳои мулкии худашон машғул буданд. Онҳо миёни оммаи кӯчиён нисбати зироаткорон ва заҳмати деҳқонӣ тухми бадбинӣ мекоштанд. Ба мардуми кӯчӣ рӯҳониён – мусулмонони мутаассиби харобкор таъсири бештаре доштанд, ки дар онҳо рӯҳи хурофоти беҳад дағалу мавҳумотпарастро парвариш дода, зидди саҳлтарин озодии андеша бармеангехтанд ва ба душмании оштинопазир тарғиб мекарданд. Дар чунин шароит ва вобаста ба баъзе ҳолатҳои дигар, марказҳои мадании машҳури Шарқу Ғарби Мовароуннаҳр батадриҷ ба манбаи маърифатбезорӣ ва ваҳшоният табдил ёфта, воҳаҳои зироаткори тоҷикнишин аз нав рӯ ба таназзул меоварданд, аҳолии тоҷикзабонро дар баъзе маҳалҳо танг карда ба ноҳияҳои кӯҳистон меронданд, ки низ яке аз сабабҳои поинравии маданият буд. Танҳо як нафар аз Шайбониён Абдуллохон (1583 – 1598) чун ҳокими ғамхору мураттабсози хоҷагиҳои зироаткории мамлакат машҳур шуд.

Абдуллохон дар Мовароуннаҳр хонҳои ӯзбекро муттаҳид намуда, ба ҳукми худ даровард ва Хоразму Хуросонро ишғол кард. Ӯ барои ривоҷи зироаткорӣ, ҳунармандӣ ва

савдо чораҳо меандешид. Як қатор иншооти обу обёрӣ ва биноҳои меъморӣ вобастаи номи ӯянд. Биноҳои сохтааш бештар сифати динӣ доштанд.

Таҳти таъсири адабиёти тоҷику форс дар замони ҳукумати Абдуллохон марҳалаи ташаккули адабиёти бадеии ӯзбек пурзӯр мегардад. Бо таъсири мутаассибони дин дар аҳди Абдуллохон, насри фақеҳона ҳамаро фаро гирифт. Абдуллохон ба адабиёти таърихӣ эътибори вижае медод. Таърихнависони дарбор ба навиштани лашкаркашиҳои ӯ машғул буданд; яке аз ҳамон навъ асарҳо баробари таълиф шуданаш якҷоя бо сари буридаи яке аз душманонаш махсус ба пойтахт фиристода шуд. Аз шоирони фарзонаи замони ӯ – Мулло Мушфиқӣ эътибори бисёр баландро соҳиб буд, ки то ҳол чун «Хоҷа Насриддини тоҷик» маълуму машҳур аст.

Аз вафоти Абдуллохон дере нагузашта ва пас аз ҳукмронии кӯтоҳмуддати писари ӯ (с.1599) сулолаи мардинаи Шайбониён қатъ мегардад. Аз ҷониби аъёну ашрофи ӯзбек яке аз авлоди Чингизхон, ки дар Аштархон то Аштархонро ба даст овардани Ивани 4 ҳукмронӣ мекард, ба тахт бароварда шуд. Баъд аз ин Аштархониён[1] ба Бухоро кӯч бастанд. Ҳамин тавр дар Бухоро сулолаи аштархонӣ (асрҳои XVII – XVIII ) ба сари қудрат омад.

Ҳанӯз солҳои аввали ҳукмронии Аштархониён дар хонигарии Бухоро (дар аҳди Шайбонихон Мовароуннаҳр ҳамин гуна номида мешуд ва сабабаш ин буд, ки пойтахти мамлакатро хонҳои ӯзбек ба Бухоро кӯчониданд) таназзули давлати сохтаи Абдуллохон ба назар меояд. Хонҳои Аштархонӣ дар асри XVII танҳо қаламрави Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Бадахшон ва Балхро идора мекарданд. Давраи ҳукмронии хонҳои Аштархонӣ бо ин хотирмон аст, ки муборизаҳои байни авлоди хон ва намояндагони ашрофзодаи ҳарбӣ як тараф ва хонигарии ҳамсояашон Хева – туркманҳову қазоқҳо ва Эрон аз тарафи дигар ҳеҷ бас намешуд.

Хонигарии Бухоро дар асри XVII, чун дар замони Шай-

---

[1] Ин истилоҳ аз калимаи вайроншудаи «Астрахан» баромадааст.

бонихон, аз як қатор иттиҳодияҳои мулкии миёнаву хурд иборат буд, ки дар дасти аъёну ашрофи ӯзбек қарор дошт. Боигарии заминҳои зиёди зери дасташон, ба рушди заминдорӣ мусоидат кард. Аҳолии тоҷику ӯзбек ва туркмани хонигарии Бухоро, ки таҳти тасарруфи ашрофзодагони ӯзбек қарор доштанд, андозҳои зиёд мепардохтанд. Деҳқонон аз даҳ як ҳиссаи ҳосили заминро месупурданд, кӯчиёни ӯзбеку туркман барои хон ва артиши ӯ молу чорво медоданд. Бо гирифтани андози доимӣ қаноат накарда, хонҳои Бухоро, ҳар сари чанд вақт ва аксар пеш аз шурӯи лашкаркашиҳои онон, аз тобеони худ андози иловагӣ талаб мекарданд ва пулу моли калон мерӯёнданд.

Кашмакашҳои заминдорон хусусияти шадиде доштанд. Аҳолии зироаткори мамлакат дар шароити бад зиндагӣ мекард, ӯро заминдорон аз чаҳор сӯ истисмор менамуданд. Махсусан тамоми хароҷоти лашкаркашӣ аз ҳисоби захираи аз зироаткорон ситонида буд. Аксари задухӯрдҳои онҳо бо Хоразм дар ҳудудҳои хонигарии Бухоро ба вуқӯъ мепайваст, ки дар натиҷа аҳолии осоишта қурбони ғоратгариву куштор ва холӣ мондани заминҳои зироатӣ мегардид. Дараҷаи бадии аҳволи зироаткорону ҳунармандони тоҷикро дар он давра аз рӯи асарҳои яке аз беҳтарин шоирони тоҷик – Сайидои Насафӣ қазоват метавон кард, ки ӯ дар замони Абдулазизхон (миёнаҳои асри XVII) зиндагӣ кардааст.

Пайдои маълумот аст, ки Сайидои Насафӣ чанд гоҳ дар боргоҳи Абдулазиз шоири дарбор будааст. Ҳарчанд Абулазиз назмро дӯст медошт, вале шоҳи бераҳму дурӯя ва мутаассибе буд. Сайидои Насафӣ, чунон ки худаш тасдиқ менамояд, на барои «молғундорӣ ва шӯҳрат» менавишт, вай халқи худро дӯст медошт ва душманони ӯро бад медид. Сайидои Насафӣ аз ифтихори шоири дарбории Абдулазиз даст кашид. Вай мехост ба халқи тоҷик хидмат намояд, ки аз ҷавру зулми беҳисоби иҷтимоӣ беҳад азоб мекашид. Ҳамин ки аз хидмати дарбор берун рафту худро шоири озод эҳсос намуд, дигар ӯ аз васфи амир, аҳли дарбор дур шуда ба тараннуми халқ, заҳмати ҳунармандон ва зироаткорон даромад. Вай Бухороро васф мекард, ба мавзӯоти «қиматию

қаҳтӣ», «сармои қаҳратун», дар сифати хизмати харротону оҳангарон асар меофарид. Танҳо унвонҳои осораш ҳам аз махсусиятҳои ашъораш ҳикояти зиёд мекунанд.[1] Асари калони тамсилии машҳураш, ки қаҳрамонони он ҳайвонотанд, зинаҳои гуногуни тартибот ва мансабу мартабаи давраи феодалиро рӯнамо дорад. Дар баҳси ин ки кадоме аз ҳайвонот зӯртар аст, шер мегӯяд:

*Аҷдоди ман ба шери Худо даст додаанд,*
*Аз чанги ман вагарна кӣ меёфтӣ амон.*
*Ҳаргиз шикори дигареро нахӯрдаам,*
*Як раҳ ба хуни мурда наолудаам даҳон.*
*Дар бешае, ки мераваму мекунам қарор,*
*Берун зи каҳтсол шаванд аҳли он макон.*
*Бо ҳар кӣ бингарам ҷигараш об мешавад,*
*Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон!*

Сухани аз ҳама волоро, ба ҳар ҳол, ғолиби баҳс – мӯрча, ки симои мардуми заҳматкаш аст, ба забон меорад:

*Дар фикри дона мӯрчае буд дар гузар,*
*Омад ба шеру гуфт, ки «Эй Рустами замон!*
*Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар?*
*Варна чаро ҳақир шуморию нотавон?*
*Хӯроки аҳли байти ман аст аз нитоҷи ту,*
*Доим пур аст хонаам аз шербаччагон.*
*Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,*
*Хешони нотавони мананд аз ту комрон.*

Баъзе аз шеърҳои ӯ, ки тасвири лавҳаҳои харобсозии бераҳмона ва валангории мулканд ва аз ин аҳолии шаҳру деҳоти тоҷикони он давра азоб мекашиданд, ба кас таассуроти сахт мегузоранд. Дар яке аз шеърҳо омада, ки тамоми олам дар назари Насафӣ деҳаи харобу валангореро мемонад,

[1] Фонди дастхатҳои Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон, дастхати № 1201, саҳ.405-457.

боғеро мемонад, ки лолааш ранги хун дораду шохҳои дарахтонаш дасту панҷаҳои буридаро мемонанд.

Фалак ба қомати пири хамида мемонад, Ҷаҳон ба деҳаи тороҷдида мемонад.

*Зи бас ки аҳли ҷаҳон хуни якдигар хӯрданд,*
*Сари сипеҳр ба нори макида мемонад.*
*Даруни ҷомаи рангини хеш дунёдор,*
*Ба кирмҳои бирешимтанида мемонад.*

Ба ҷумла ҷангҳои ишғолгарона бо ҳамсояҳои худ хонҳои Бухоро натавонистанд, ки бехатарию якпорчагии мамлакати худро таъмин намоянд. Дар нимаи асри XVIII, вақте ки қабилаҳои афғон бо сардории Аҳмадхон ба хоки хонигарии Бухоро зада даромаданд, ба онҳо ягон хел зарбаи кории ҳарбӣ дода натавонистанд. Соли 1752 Аҳмадхон вилоятҳои ҷанубӣ ва ҷанубу ғарбии рӯди Омуро ишғол кард. Дертар ин вилоятҳо барои чанд вақт баргардонда шуданд, вале баъдан ҳамон гуна дар ҳайати Афғонистон монданд. Ин вилоятҳо, аз ҷумла Балх, ки қадимтарин маркази тамаддуни тоҷику форс ба шумор меравад, ҳамчунин Андхой, Маймана, Шибирғон, Сари Пул, Хулм, Бомиён, ки бештари аҳолиашон тоҷиконанд,[1] акнун аз навоҳии тоҷикнишини таҳти ҳукмронии Аштархониён – Бухоро, Самарқанд, Кеш, Ҳисор, Ғарм, Кӯлоб, Тирмиз, Ӯротепа, Исфара, Хуҷанд ва якчанд ноҳияи водии Фарғона дур монданд.

Дар нимаи аввали асри XVIII низову хархашаи мулкдорони Аштархонӣ тезутундӣ гирифт. Дар ин марҳала хусусан задухӯрди байнихудии баъзе қавмҳои ӯзбек бисёр шадид

[1] На танҳо дар ин навоҳии Афғонистон, балки дар Ҳирот, Ғазнӣ,Туркистони Афғонистон низ қисми зиёди аҳолиро тоҷикон ташкил мекунанд. Аз рӯи ҳисоби оморӣ (статистика) шумораи умумии тоҷикон дар Афғонистон дар айни замон қариб ба як миллион мерасад. Ин адад хеле кам нишон дода шудааст. Аз рӯи ақидаи М.С. Андреев (ниг. ба мақолаи ӯ «По этнографии таджиков» дар маҷмӯаи «Таджикистан», Тошкент, 1925, саҳ. 152, тавзеҳи аввал) шумораи умумии тоҷикон дар Афғонистон ба ду миллион мерасад.

шуд. Ҷангҳои сахт байни қавми манғит дар Қаршӣ, Кенагас ва дар Шаҳрисабз мерафт. Нагуфта намонад, ки дар ҷангҳои Бухоро аз як сӯ, Ҳисору Шаҳрисабз аз дигар сӯ, ки садсолаҳо давом доштанд, зоҳиран нақши асосиро рӯбарӯистии дарунии гурӯҳҳои заминдоре мебозиданд, ки барои тақсими замин мубориза мебурданд. Аъёну ашрофи маҳаллӣ тавассути сарбозони зархарид имкони набардро бо душманони худ надоштанд, чунон ки масалан, деҳқонони асримиёнагии Аврупо ин тавр карданд, инон маҷбур буданд ба лашкари халқӣ-деҳқонон такя оваранд ва натиҷаи мубориза вобастаи ин буд, ки онҳо то куҷо ҷангро тезу тунд мегиранд. Ба ин тариқ, оммаи деҳқонон низ ба набардҳои байниқабилавӣ кашида мешуданд, ки он пеш аз ҳама барои мардуми зироаткори хонигарӣ, ки қисми зиёди онҳо тоҷикон буданд, ҳалокатбор мегардид. Сустшавии ҳокимияти марказ, ки натиҷаи низоъҳои дохилӣ буд, боиси ба шаҳру ноҳияҳои зироаткории хонигарии Бухоро зада даромадани кӯчиён мешуд ва он зулму ғоратгарии нав ба навро бар сари деҳқонон–зироаткорон ва аҳолии шаҳрҳо меовард. Аз ин ҷанҷолҳо Самарқанд махсусан зарари зиёд дид. Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки солҳои 20-уми асри XVIII ин шаҳри қадимтарин маркази маданияти Байнаннаҳрайни осиёмиёнагӣ тамоман холӣ шуд. Дар шаҳр ҳеч одам намонд. Ҳамин гуна соли 1740 танҳо дар аркҳои он қариб ҳазор оила истиқомат мекард.

Дар ин давра вазъияти Фарғона тамоман ранги дигар гирифта буд. Он ҷо дар натиҷаи муборизаҳои дохилии охири асри XVIII ҳукмронӣ барои як муддати кӯтоҳ ба дасти хоҷагон-авлоди сохтаи Муҳаммад-пайғамбар гузашт, ки қарибиҳои соли 1710 аз ҷониби Шоҳрухбийи сардори қавми ӯзбекони Мин сарнагун шуда буд. Аз ҳамон айём дар Фарғона ва дар яке аз қадимтарин маркази зироаткории тоҷикон – Хуҷанд унсурҳои болоравии хоҷагидорӣ ба мушоҳида мерасид, ки дар натиҷаи ин Фарғона зуд ба яке аз навоҳии аз нигоҳи иқтисодиёт пурқуввати Осиёи Миёна мубаддал гардид. Дар асри XVIII, баъд аз гузаштани муддати зиёд, дар он ҷо махсусан пиллапарварӣ бо суръат ривоҷ ёфт. Шоҳрухбий

шаҳри «Хӯқанд»-ро дар ҷои деҳаи «Хӯқанд»-и қадимии асрҳои миёна сохта ва асосгузори сулолаи хонҳои Ҳӯқанд гардид. Вазифаҳои давлатии хонигарии Хӯқанд дар ибтидои асри XIX вақте ки ба қаламрави вай бекигариҳои алоҳидаи Фарғона шомил гашту сарҳадҳои ин хонигарӣ то ба Тошкенту Чимкенту Ӯротепа пеш рафт, пурра муайян шуд.

Дар нимаҳои асри XVIII дар Бухорои аштархонӣ қавмҳои манғите, ки дар боло ном бурдем, муҳимияти махсус пайдо карданд. Яке аз намояндагони он қавм – Муҳаммад Раҳим Атолиқ соли 1756 хон эълон гардид. Ҳамин тавр дар Бухоро ба пайдоиши охирин ҳокимони сулолавии манғитиён ибтидо гузошта шуд.

Ҳангоми азбайнравии сулолаи Аштархониён натиҷаи ҷойивазкунии роҳҳои тиҷоратӣ возеҳу рӯшан рӯ намуд, ки замоне ба тавассути Осиёи Миёна мегузашт. Дар гузашта агар дар Балх, Самарқанд ва дигар марказҳои Байнаннаҳри осиёимиёнагӣ маданияти мамолики Ғарб, Ҳинд ва Чин ба ҳам омезиш меёфтанд, акнун онҳоро даштҳои бепоёни бо сокинони қабилаҳои ҷангара аз ҳамагуна таъсири маданӣ ҷудо мекарданд. Дар айни замон задухӯрдҳои байниқабилавии хонҳои ӯзбек бо якдигар ва бо мамлакатҳои ҳамсоя, сабаби то рафт нуфуз пайдо кардани мутаассибони дини ислом шуд, ки онҳо на танҳо рушди минбаъдаи маданияту фарҳангро таъмин намекарданд, балки ҳамон имкониятҳои истифодаи мероси ғании маданиро, ки Мовароуннаҳр аз қадим нигоҳ медошт, якбора сахт маҳдуд мегардониданд.

Сиёсати дар боло ишорашудаи сарони хонигарии Бухоро гузаштани аҳолии кӯчии ӯзбекро ба зиндагонии муқимии доимӣ мушкил мегардонид ва ба якҷоя пеш бурдани муносибатҳои маданию фарҳангӣ байни ӯзбекҳои чорводор ва зироаткорони тоҷик ва туркони пеш аз кӯчиёни ӯзбек ба Осиёи Миёна омада, тарки унсурҳои ирқии кӯчии молдорӣ карда, ба зиндагии хоҷагидории заминкори таҳҷоӣ хӯгирифта сангинӣ мекард[1].

[1] Муқимӣ шудани унсурҳои туркӣ дар Мовароуннаҳр, тавре ки хотир-

Дар аҳди манғитҳо таассуби динию чаҳолатпарастӣ дар хонигарии Бухоро бо қувваи ваҳшиёнаи махсус рӯ задан мегирад. Роҳбарони воломақоми хонигарӣ таҳти ниқоби олиҳиматӣ, риёкорӣ ва рафтору гуноҳҳои аз ҳад зиёд фосиқонаю ҷиноятҳои сахтро пинҳон медоштанд. Яке аз аввалин хонҳои манғит Шоҳмурод (1785-1800) барои омадани бетартибона ба масҷид, бори аввал пеши чашми мардум ҷазои ҷисмонӣ медод ва агар такрор шавад, ба қатл мерасонид. Ҳамин қисмат насиби носкашу масруфиёни шароб низ мегардид. Шоҳмурод ҷангҳои ғоратгаронае бо Эрон мебурд, ки он вақт Хуросон низ тобеи Эрон буд. Вай дар аснои яке аз лашкаркашиҳои ғоратгаронааш Марвро ба замин яксон кард ва сарбанди обро дар мавзеи Мурғоб, ки ҳавзаи Марви гул-гулшукуфонро бо об таъмин менамуд, барҳам зад. Баъд аз ҳамин он мавзеъ ба шӯразори суп-сурх табдил ёфт. Барои худи Бухоро замони ҳукмронии Шоҳмурод ҳамчун давраи хотимаёбии ҷангҳои қабилавӣ ҳисоб мешавад, ки он ба як навъ зиндашавии хоҷагидорӣ сабаб шуд.

Бо фосиқӣ, бераҳмию девсириштӣ ва таассуби динӣ набераи Шоҳмурод – амир Насрулло (1827-1860) махсусан шӯҳрат пайдо карда буд. Ӯ бародарони худро қир карда сари тахт омад. Давраи ҳукмронии ӯ бо ҷангҳои паёпайи зидди ӯзбекҳои Шаҳрисабз, хонигарии Хӯқанд, Хива Афғонистон ва равобинии ҷабру зулми беандоза ба мардуми тоҷику ӯзбеки қаламрави худаш гузаштааст.

Дар замони ҷангҳояш бо хонигарии Хӯқанд шаҳри Ӯротепа ваҳшиёна харобу валангор гардонда шуда буд. Шаҳр ду дафъа аз даст ба даст гузашт. Ғолибият, аммо, насиби Насрулло шуд. Вақте ки вай, баъд аз се моҳи муҳосира Ӯротепаро аз нав ба даст даровард, ҳам ба сари ӯзбекҳои гарнизони Хӯқанд, ки шаҳрро ҳимоя мекарданд, ҳам ба сари тоҷикони он шаҳр, ки зиндагии оромона доштанд, бераҳмона зулм кард. Ҷазодиҳии сахт ба сокинони Ӯротепа нишон дод, ки бо чӣ душмани қаттоле сарукор доранд. Насрулло ҳанӯз бо лашкари худ ба Самарқанд нарасида, мар-

---

нишон кардем, кайҳо, дар замони қарахониҳо сурат гирифта буд.

думи Ӯротепа ӯзбекҳои Хӯқандро ба ёрӣ даъват карда, ба гарнизоне, ки Насрулло он ҷо гузошта буд, ҳамла оварда ҳамаи сарбозонашро куштанд. Оташи ҷанг байни Бухорову Хӯқанд аз нав аланга гирифт. Шаҳри Ӯротепа боз ба муҳосира афтод, пас аз ишғоли он Насрулло аз нав шаҳрро ваҳшиёна ба хоку хун оғушта кард. Дар натиҷаи ин набард бо Хӯқанд, Насрулло дигар шаҳрҳои тоҷикнишин, аз ҷумла Хуҷанд ва як қатор ноҳияҳои дигари тобеи хонигарии Хӯқандро низ ба даст даровард.

Замони ҳукмронии Насрулло хонигариҳои Осиёи Миёна ба доираи манофеи сиёсии Англия ва Россия табдил ёфт. Ҳукмрони золиму мустабид Насрулло, ки ба аҳолии мамлакати худ он ҳама ҷабру ситам раво медид, дидаю дониста кӯшиш дошт, ки чун девори Чин худро аз ҳуҷуми мамлакати дигаре ҳимоят намояд, бо дигарон дар тамос нашавад ва бо намояндагони дипломатии Англияву Россия душманона муносибат мекард. Полковник Стоддарт, ки соли 1833 ба ҳайси дипломат бо супориш аз Англия омада буд, баъд аз ду рӯзи қабули расмии амир дастгир ва ба маҳбас андохта шуд. Вай дар он ҷо бо қабоҳати гӯшношунид бозпурс гардид ва пас аз чаҳор соли азобу шиканҷа якҷоя бо инглиси дигар Конелли ба қатл расонда шуд.Аз рӯи гуфтаҳои Вамбери[1] кӯшишҳои ҳукумати Англия, султони турк ва машҳуртарин намояндагони ҷаҳони ислом дар Макка, шоҳи Эрон ва сафири Россия барои раҳоии Стоддарт ва Конелли суде надод. Ин мустабиди худбовару золими Шарқ дарку эҳсос карда натавонист, ки бо ин сиёсати нафратангез ва ба ақли солим рост намеомада мулки зери ғазаби ӯ нолонаш боиси ҳамлаи ногузири хориҷиён қарор мегирад.

Тоҷу тахтро писари Насрулло Музаффар мерос гирифт, ки соли 1860 ба тахт нишаст. Соли 1866 ба Хонигарии Бухоро Россияи подшоҳӣ ҳамла овард. Маҳз ақибмондагии мамлакат, чӣ аз нигоҳи ҳарбию сиёсӣ ва чӣ хоҷагӣ, бекора будани амир Музаффар чун сарфармондеҳи лашкар дар

[1] Г. Вамбери. История Бухары или Трансоксании. Тарҷумаи русии Павловский, СПБ, с. 1873, саҳ. 59.

ҳамин муҳориба маълум шуд, бартарию афзалияти артиши Россия бо силоҳу ташкилӣ музаффарияти онро таъмин намуд ва тақдири ҷангро ҳал кард. Пас аз чандин бор шикасти сахт хӯрдан, амир Музаффар соли 1868 бо Россияи подшоҳӣ шартнома имзо ва тобеияти вассалии ҳукумати подшоҳиро қабул кард. Ҳамин гуна муносибат бо хонигарии Хӯқанд низ сурат гирифт. Шаҳрҳои Ӯротепа, Ҷизах (Дизак), Ҳавзаи Зарафшон бо шаҳрҳои Самарқанд, Каттақурғон ба ҳайати Россия ҳамроҳ шуданд. Аз ҳисоби заминҳои ба Россия додаи хонигарии Бухоро, вилояти Самарқанд ташкил шуд. Дар охири кор кентҳои (волостҳои) Панҷакент, Киштут, Офтоббаро, Моғиёну Фороб, Масчоҳ, Фалғар ва Искандаркӯл, ки он замон дар ҳайати Самарқанд қарор доштанд, ба ҳайати Тоҷикистон даромаданд.

Ҳамон вақт ба ҳайати вилояти Самарқанд инчунин тамоми музофоти Хуҷанд, ки аз вилояти пештар ташкилёфтаи Сирдарё ҷудо шуда буд, дохил гардид. Қисми зиёди заминҳои маскунии тоҷикон дар ҳайати хонигарии Бухоро боқӣ монда буд. Қаламрави бештари аҳолияш тоҷики Помир дар ҳайати Афғонистон қарор дошт. Соли 1895 Россия ва Англия байни худ шартнома ба имзо расонда, сарҳадҳои Афғонистону Россияро дар Помир аз ҳам ҷудо карданд. Мувофиқи он шартнома ноҳияҳои маскунии тоҷикони қаламрави Бухороро, ки дар соҳили чапи Панҷ воқеъ буданд, ба ихтиёри Афғонистон гузоштанд, ҷои онҳо навоҳии Рӯшону Шуғнону як қисми Вахон, ки қаблан дар ҳайати Афғонистон қарор доштанд, ба ҳайати Бухоро ҳамроҳ карда шуданд. Қисмати боқимондаи Вахон, ки дар болооби рӯди Помир ва Панҷ воқеанд (Вахонрӯд) дар хоки Афғонистон бимонд.

Осиёи Миёна ба мавзеи мустамликаву истисмори ҳукумати подшоҳии Россия мубаддал гардид. Торумори хонигарии Хива ва аморати Бухоро кофӣ буд, ки ҳукумати подшоҳии Рус тамоми хоки ин хонигариҳоро пурра ба тасарруфи худ дарорад. Агар ин корро накард, ба хотири муносибатҳои байналхалқии ҳукумати подшоҳӣ буд. Ҳукумати подшоҳӣ ҷиҳати пардапӯшии сиёсати истилога-

ронаи худ дар Осиёи Миёна эълон намуд, ки дар хонигарии Бухоро ва муносибат бо ҳокимияти давлатӣ ҳеҷ гуна дигаргуние ба амал наомадааст ва амири Бухоро ҳанӯз ҳам мисли пештара ҳукмрони олии мамлакат аст.

Ҳукумати Русия амирро ба тобеияти (вассалии) худ дароварда, ҳатто сарҳадҳои хонигариро васеъ гардонид, ин аз ҳисоби бекигариҳое буд, ки то ишғоли ҳукумати подшоҳӣ Осиёи Миёнаро аз тобеияти аморати Бухоро тамоман озод буданд.

Бекигариҳои шарқӣ аз қисмати ҳамвориҳои хонигарии Бухоро, бо кӯҳҳои сарбафалак ҷудо гардида буданд. Набудани роҳҳои дурусти равуо, убур аз кӯҳу ағбаҳои касногузар, ки монеаҳои табиӣ ҳисоб мешуданд ва ҳисси озодипарастии тоҷикони кӯҳистон, ба он оварда буданд, ки тамоми саъю ҳаракати ба тасарруфдарории аморати Бухоро бе натиҷа мемонд. Яке аз пураҳамияттарин марказҳои чунин мардонагиҳои тоҷикони кӯҳистон алайҳи хонигарии Бухоро бекигарии Ҳисор ба шумор мерафт, ки қаламрави он имрӯз пурра ба тобеияти Тоҷикистон гузаштааст.

Агарчӣ таслимсозии бекигариҳои кӯҳистон барои ҳокимони аморати Бухоро муяссар намегардид, вале барои дастаҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ вазифаи начандон мушкил буд. Моҳи августи соли 1870 қисмҳои ҳарбӣ таҳти фармондеҳии генерал Абрамов шаҳрҳои Китоб, Шаҳрисабз ва Қарширо ишғол намуд ва эълом ҳам дошт, ки ин шаҳрҳо ба ихтиёри амири Бухоро вогузор мешаванд. Ҳамон гуна бо фармони ҳукумати подшоҳӣ тавассути дастаҳои лашкари амири Бухоро, каме пештар аз он Ҳисору Кӯлоб, ҳамчунин Қаротегин, ки як вақт дар ҳайати хонигарии Хӯқанд қарор дошт, забт ва ба ихтиёри Бухоро дода шуда буданд.

Ҳукумати аморати Бухоро дар вилоятҳои навтобеъ зуд тартиботи худро ҷорӣ кардан гирифт. Сарбозони амалдорони амир сӯи Бухорои Шарқӣ рехтанд, аввалин коре, ки анҷом доданд, ҷамъоварии андоз, боҷу хироҷ ва бар сари мардум воридсозии ҳаргуна зӯрӣ ва зулму тааддӣ буд.

Мавҷи норизогиҳои мардум ҷавоб ба тадбирҳои андешидаи аморати Бухоро ҳисоб мешуд. Тоҷикон гоҳ ин ҷо, гоҳе

ҷои дигар ба шӯриш бархоста, ба амалдорони амиру андозситонҳо (амлокдорон) дармеафтоданд.

Ҳукумати аморат бо такя ба лашкари ҳукумати подшоҳӣ ба ҷазодиҳии оммавии шӯришгарон даст зад ва сарварони шӯришро маҳкум ба қатл кард. Ҳеҷ гуна террору куштор иродаи озодипарасти тоҷикони кӯҳистонро шикаста наметавонист ва ҳукумати амир даҳсолаҳо бодиққат дар кӯшиши орому осудасозии онҳо буд.

# XVIII.ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСОРАТИ ДУТАРАФАИ АМОРАТ ВА ПОДШОҲИ РУС. ШӮРИШИ ВОСЕЪ

Хонигарии Бухорои тобеи Ҳукумати подшоҳӣ мамалакате буд, ки дар он муносибатҳои феодалӣ ҳукм меронд. Муносибати асосии истеҳсолии ин хонигарӣ – заҳмати зироаткорӣ, чорводорӣ ва майдаҳунармандӣ буд, ки аз ҷониби аъёну ашроф ва заминдорон бо такя ба рӯҳониёни олии исломӣ, истисмор мешуд.

Аҳолии бештари хонигариро деҳқонон ташкил медоданд. Онҳо дар асл крепостнойҳои амиру амалдорони вай ва заминдорони калоне буданд, ки қариб тамоми заминҳои хонигарӣ дар ихтиёри онҳо қарор дошт.

Заминҳои хонигарии Бухоро ба се навъи асосӣ тақсим мешуданд: давлатӣ, шахсӣ ва вақф, ки охиринаш ба ихтиёри муассисоти динӣ тааллуқ мегирифт.

Қисми зиёди заминҳои давлатӣ дар дасти деҳқонон қарор дошт ва чунон буд, ки гӯё қариб ба истифодаи якумрии онҳо иҷора дода шудаанд. Деҳқонон ба давлат аз рӯи фоида (рента) андоз месупурданд, ки аз 6 як ҳиссаи ҳосили бадастомадаро ташкил медод.

Заминҳои давлатӣ сарчашмаи асосие буданд, ки аз ҳисоби он захираи заминҳои заминдорони хусусӣ, ки мулк ё амлок меномиданд, заминҳои шахсии аъёну ашроф ва қисман қишри дигари аҳолии миёнаҳоли маҳаллӣ пур карда мешуд.

Заминҳои амлокӣ чун инъоми хон ба пайдо омаданд. Амлоки аз ин ҳисоб гирифта пурра ба моликияти шахсии дорандаи он мубаддал мегардид.

Байни унсурҳои истисмории хонигарӣ, ғайр аз худи амир ва ашрофони заминдор ҷои намоёнро рӯҳониёни мутаассиб соҳиб буданд, ки ба нафъи онҳо аз истифодаи заминҳои ба ном вақф(масҷидҳо), биноҳои тиҷоратӣ, ҳаммом, корвонсаройҳо, бозорҳо ва ғайра ба сифати иҷорапулӣ медаромаданд.

Заминҳои вақф аз рӯи соҳат ҷои дуюмро мегирифтанд. Аз киштукори чунин замин деҳқонҳо аз 5 ду ҳиссаи ҳосилро

мегирифтанд. Заминҳои мулкии шахсӣ дар муқоиса бо захираи заминҳои амиру рӯҳониён, ҳамагӣ 15-20 фоизро ташкил медоданд. Қисми хеле ночизи ин заминҳои мулкии хусусӣ дар ихтиёри деҳқонон буду халос. Тафовути миёни деҳқони мулкӣ ё замини хусусӣ, ки як порча замин дошт ва деҳқонҳои иҷоракор, бояд гуфт ки, тамоман рамзӣ буд. Қисми зиёди даромади ҳам ину ҳам они деҳқонони заҳматкаш, асосан ба пардохти даҳҳо навъи андоз, ки аморати Бухоро дошт, сарф мегардид. Ба замми ин рӯи андозситонҳо ҳеҷ гуна назорат вуҷуд надошт, ягон хел ҳисобу китоби пардохт бурда намешуд. Бекҳо ва дигар амалдорон як қисми андозро ба хазина супурда, дигар ҳама гуна андозро аз деҳқонон ба нафъи худ мерӯёнданд. Азбаски меъёри андозҳо беҳад духӯра буданду мардум пурра дар ихтиёри амалдорони амир қарор доштанд, чунин тартибот ҷавру зулм ва сӯистифодаю ҷиноят тавлид менамуд. Вай барои аз аҳолӣ ду-се баробар зиёд ситондани андози ба хазинаи амир дароянда, роҳ мекушод. Дар ноҳияҳои шарқии хонигарии Бухоро, ки оммаи зиёди аҳолиро тоҷикон ташкил медоданд, истисмори деҳқонон махсусияти бисёр вазнин гирифта буд.

Дар хонигарӣ бандагии аз ҳад зиёд асоратовар ҷой дошт. Дар китобҳои махсус ин ҳама асирон, қарздорони беинтизом, ҳамчунин бақиядорон ном ба ном сабт мешуданд. Ин гуна «гуноҳкорон» боз ҳам бештар буданд. Деҳқони номаш дар китоби асирон сабтшуда ҳамаи ҳуқуқҳояшро аз даст медод, ҳатто ҳуқуқи озодона аз ҷое ба ҷое рафтанро ҳам гум мекард. Номи ӯ махсус тавассути ҷорчиён дар бозорҳо эълон мешуд. Баъд аз он ҳар касе метавонист ҳуқуқ дошта бошад, ки қарзи дар китоб сабт шудаи ӯро бипардозад ва ё ба ӯҳда бигирад, ки онро кам-кам мепардозад ва чунин кас соҳиби ӯ мегардид.

Дар банди чунин асорат афтодан зиндагии пурдаҳшатест. Онҳо вазифадор буданд кори аз ҳама вазнинро иҷро кунанд. Гоҳе онҳоро ба ҷои барзагов ба кашидани сипор, ё ароба маҷбур менамуданд. Чунин банда дар баҳои хизмати пурмашаққаташ як пора зағора (нони орди маккаӣ) ва анда-

ке шуллаи ҷуворӣ мегирифт ва дар оғили ҳайвоноти хонагӣ ё дар ҳавои сарди тоқатшикани берун хуфтухез мекард.

Соҳиби чунин деҳқони банда метавонист ӯро ҳар гуна ҷазо бидиҳад. Барои нуқсони коре ё ки гоҳе бо хоҳиши худ хӯҷаин, бе ҳеҷ гуна баҳона ӯро то мурданаш лату кӯб мекард, ки анҷоми аксараш марг буд. Ба пои чунин бандагон кунда баста, занҷир мезаданд.

Дар Бухоро ғайр аз чунин асорат, қоидаву қонуни (институти) бандадорие вуҷуд дошт. Одатан инсонҳои дар набард асир афтодаро ба бандагӣ маҳкум мекарданд, аз ин рӯ теъдоди бандагон аз ҳисоби асирони ҳарбӣ хеле зиёд буданд, бахусус дар аснои зада даромадани қабилаҳои гуногун ба вилоятҳои ҳамсояи Эрон. То замони Осиёи Миёнаро забт кардани Россия байни ғуломон русҳо низ хеле зиёд буданд. [1]

Ҳарчанд ки амирони Бухоро аз деҳқонон андози зиёд меғундоштанд, вале чораю тадбире ҷиҳати пешбурди хоҷагиҳои зироаткорӣ намеандешиданд. Бухоро мамлакати киштукораш обӣ ба шумор мерафт, хурсандии зироаткорон аксар вобастаи диққати ҷиддӣ додани давлат ба сохтмони иншооти обёрӣ буд. Гуфтаҳои К.Маркс ба Бухоро ҳам пурра рост меояд, ки оид ба зироаткорӣ дар мамлакатҳои Осиёӣ баҳс мекунад: «Ҳосил вобастаи ҳукуматдорони оқил ва ё нодон аст, чунон ки дар Аврупо ба обу ҳавои хубу бад».[2]

Дар хонигарии Бухоро ҳокимоне, ки воқеан ғами иншооти обиро бихӯранд, хеле кам буданд. Аз рӯзи Бухороро ба тасарруф даровардани ҳукумати подшоҳӣ амирон ба ин соҳаи хоҷагидории мардум тамоман аҳамият намедоданд.

Хонигарии Бухоро ба як ҳокимияти мустабиде мубаддал гардид, амир ҳуқуқи ҳамин гуна ҷабру зулмро ба ҳамаи бекҳои ба вилоятҳои алоҳидаи таъин кардааш низ дода буд. Бек метавонист ҳар фуқарои хонигарии Бухороро бо амру фармони худ барои як умр маҳбус намояд. Ба маҳбусон дар

---

[1] Аз миёнаҳои асри 16 то Осиёи Миёнаро ишғол кардани Ҳукумати Россия, яке аз вазифаҳои асосии сафирони рус дар Бухорову Хива ҳамоно озод намудани асирони рус ҳисоб мешуд.

[2] К. Маркс. Избранные произведения. ҷ.2, 1940, саҳ.520

он ҷо ҳеҷ хӯроке дода намешуд, аз ҳисоби хайри одамон ва қути лоямути овардаи хешовандон рӯз ба сар мебурданд.

Шароити даҳшатбори маҳбасҳои Бухоро қаҳру ғазаби тамоми олами мутамаддинро барангехта буд. Яке аз тадқиқотчиёни руси хонигариҳои Бухоро дар вақташ навишта буд, ҳар касе агар ягон вақт аҳволи маҳбасҳои Бухороро дида бошад, онро бидуни тарсу ларз ба ёд оварда наметавонад. «Рӯшанӣ тамоман вуҷуд надорад, ҳавояш бӯгин, ҳашароти беҳисоби зараррасон, аз хусусияти хоси маҳбасҳо ба шумор меравад ва агар ба ин илова карда шавад, ки ба пои маҳбус кундаи чӯбини вазнине мебанданд ва зиёда аз инҳо ба гарданаш завлона(занҷир) андохта дар танаи девор баста мемонанд, даҳшат барои ҳама фаҳмо мегардад, ки намуди маҳбас дар ниҳоди ҳар аврупоӣ чӣ даҳшате бедор месозад.

Рӯзҳои бозор дар хонигарии Бухоро ҷазодиҳии умумии «ҷинояткорон» сурат мегирифт, ки онҳоро дар пеши назари мардуми бозор чӯб мезаданд. Ҳамон рӯз дар майдонҳо касони ба марг маҳкумшударо қатл мекарданд. Қатл тавассути доркашӣ анҷом мегирифт, вале маҳкумшударо пеш аз он ки ба дор бикашанд, хекиртакашро мебуриданду баъд ба дор мекашиданд». Лавҳаи ин гуна қатли ҳайвонвори инсон таассуроти даҳшатборе мебахшад.

Бухоро яке аз мамлакатҳои аз ҳама ақибмондаи Шарқи мусулмонӣ буд. Барои мисол, тарзи табобат дар Бухорои асри XIX ба тарзу дастури табобати асри XI давом мекард. «Бо равияи маҳдуди дур аз таҷрибаи зиндагӣ илм дар Бухоро бо усули мутаассибонаи дини мусулмонӣ –дар як дастури ба аморати Бухоро бахшида мехонем – ҳама барҳам зада шуд, мактабҳои олӣ (мадраса)-ро ба муассисае табдил доданд, ки оҳиста-оҳиста аз илми ҳақиқӣ алоқаи худро канданд ва ҳар гуна алоқаи ба илми ҳақиқии Аврупои Ғарбӣ доштаро инкор намуданд.»[1] Мадрасаҳо танҳо дар Бухорои пойтахти хонигарӣ ва дар шаҳрҳои Қаршӣ, Ҳисор ва Шаҳрисабз фаъол буданд.

---

[1] Ҳамон ҷо.

Дар мадрасаҳо Қуръон, тафсирҳояш ва қонуне (шариат), ки он ҳам дар асоси Қуръон сурат мегирифт, дарс дода мешуд. Онҳо ба талабаҳо бо маълумоти кайҳо кӯҳнашудаи бо ҳаёт ва ҳастӣ номувофиқ ва нолозим аз илми тиб, ҷуғрофия ва таърих дарс медоданд. Дар он мактабҳо, ки замоне ҳазорҳо хонанда (муҳассилин) доштанд, акнун тахмин сад талаба таҳсил мекард. Аз солҳои 50-уми асри XIX сар карда, шумори хонандаҳои мактабҳои ибтидоӣ низ тамом кам гардид. Он ҷо низ ҳамон Қуръони ба забони ғайр навишта яъне, арабии ба мардум номафҳум, дарс дода мешуд. Ҳукумати Бухоро барои соҳаи маорифи халқ як танга ҳам пул сарф намекард. Муассисаҳои мактабӣ ва музди таҳсил аз ҳисоби хайру эҳсони хусусӣ таъмин мегардид. Теъдоди муҳассилин дар мактабҳо нисбати теъдоди аҳолии мамлакат хеле кам, он ҳам аз ҳисоби аъёну ашроф, хизматчиён ва одамони сарватманд буданд, аксарияти мардуми қаламрави Бухоро қариб, ки бесавод буд.[1] Вазъи тоҷикон, ки дар хонигарии Бухоро бисёр вазнин буд, роҳ ёфтан ба даргоҳи ин ё он мактаб, ғайри имкон буд ва чи тавре ки манбаи номбурдаи боло гувоҳӣ медиҳад, «байни онҳо касе, ки хонда тавонад, ба назар намерасид, бошад ҳам хеле кам».[2]

Ҳукумати подшоҳӣ таъсири худро дар хонигарии Бухоро устувор намуда, ба тартиботе ки он ҷо вуҷуд дошт, хеле кам аҳамият медод. Вай танҳо манфиатдор буд, ки чи гуна аз ҳисоби меҳнати пуразоби тоҷикон, ӯзбекҳо, туркманҳо ва дигар зореон, чорводорон, ҳунармандон, даромади аз ҳад зиёди тоҷирон, хӯҷаинони корхонаҳои саноатии Россияро таъмин намояд. Ҳукумати Россия хонигарии Бухороро ба бозори худ табдил дода, онро ба бозори ҷаҳонии мубодилаи молу ашё мекашид, вале чораю тадбире намеандешид, ки истисморро камтар ё ақаллан шакли истисмори феодалиро маҳдудтар созад. Ҳукумати подшоҳӣ талаб ва тақозо дошт, ки усули ғуломдориро бекор созад, фурӯши ғуломон, бахусус усулҳои ваҳшиёнаи куштори ҷинояткоронро бас карда,

[1] Лагофет, «Страна бесправия», саҳ. 91.

[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 92.

ақаллан, дар маҳбас нигоҳ доштани онҳоро ҷорӣ намояд. Аммо барои амали чораю тадбирҳо кореро анҷом намедод. Хонигарии Бухоро, мисли пештара, чун манбаи ваҳшоният ва ҷаҳолати асримиёнагӣ боқӣ мемонд. Ва ҳол он ки одамони пешқадами Россияи онвақта ба муқобили тартиботи ҳукмфармои хонигарии Бухоро бо эътироз баромад мекарданд.

Дар хонигарии Бухоро шакли вазнинтарини истисмор ҳукмрон буд, зеро зироаткорон ва ҳунармандони ин ҷо бояд бо заҳмати вазнини худ на танҳо барои аҳли савдо ва корхонаҳои саноати Россия маҳсулоти фаровон ва фоидаи зиёд меоварданд, балки боз барои амир, аъёну ашрофи хонигарӣ, барои амалдорон – заминдорони калон, судхӯрҳо ва дигар аҳли дину тақвои беҳисоби мусулмон нозу неъмат, ҳосили фаровон мерӯёниданд.

Истисмори дутарафаи шоҳи Рус ва амир дар хонигарии Бухоро ба дӯши на танҳо тоҷикон, балки ба дӯши ӯзбекони заҳматкаш низ бори вазнине буд. Қисми зиёди ӯзбекҳои қабилаҳои кӯчии маскуншудаи пеш паҳлӯи тоҷикон заҳмат кашида, малакаи маданияти кишти замину заҳмати ҳосилрӯёниро омӯхта буданд. Онҳо ҳам бо тоҷикон зироаткорӣ карда, якҷоя истисмори сахти феодалонро аз сар мегузарониданд. Мубориза якҷояи зидди зулму истисмор дар давоми асрҳо ин ду халқро бо ҳам дӯст ва бародар мегардонид, ки ин дӯстию бародарӣ пас аз ғалабаи Инқилоби Кабири Сӯсиёлистии Октябр боз ҳам қавӣ шуд ва гул-гул шукуфт. Аз ин муборизаи якҷояи зироаткорони тоҷику ӯзбек зидди зулми иҷтимоию миллии вазнин, ки дӯстии анъанавии онҳоро қавӣ мегардонд, чандин шӯриши нимаи дуюми асри XIX дар ҳудудҳои Осиёи Миёна далолат мекунанд.

Мисол гирем, моҳи майи соли 1875 ҳаракати ҷиддие дар Ӯротепа рӯй дод. Ҳазорҳо тоҷикон аз супурдани андози вазнини барояшон боршуда рӯ тофта, намояндагони молиётғундорро ба зада нест кардан даромаданд. Ин шӯриш,ки қисми аҳолии ӯзбекзабони Ӯротепа низ дар он ширкат варзиданд, бераҳмона пахш карда шуд.

Яке аз роҳбарони шӯриши Ӯротепа Тӯхтамишбек аз таъқибот гурехта, бо дастаи начандон калони шӯришгарон, сарҳади хонигарии Хӯқандро убур кард. Дар деҳаи Андорак тоҷикони аз сарҳад гузаштаро ӯзбекҳои Хӯқанд дастгирӣ мекарданд. Нерӯи шӯришгарон ҳамарӯза афзун мегардид. Вассали ҳукумати подшоҳӣ – хони Хӯқанд Худоёр ба зудӣ тадбире андешид, ки шӯришро пахш намояд ва дар нимаҳои моҳи июни соли 1875 вай бо нерӯи чандин баробар зиёд шӯришгаронро торумор кард.

Шӯриши ҳамон сол дар Хӯқанд аз ҷониби деҳқонони ӯзбек сар задаро, ки Мулло Исҳоқ бо номи Пӯлодхон ва Абдураҳмони Офтобачӣ раҳбарӣ мекарданд, дар навбати худ тоҷикони Хуҷанд дастгирӣ намуданд. Дар ин шӯриш якҷоя бо ӯзбекҳо деҳқонони тоҷики тамоми қишлоқҳои атрофи Хуҷанд иштирок доштанд. Шаҳрро аз чаҳор тараф шӯришгарон печида буданд ва танҳо нерӯи азими барои пахши шӯриш фиристодаи подшоҳи рус лашкаргоҳи Хуҷандро аз ҳалокати ногузир раҳо дод.

Шӯриши солҳои 1875-1876 Хӯқанд миёни тоҷикони сокини ноҳияҳои кӯҳистони хонигарии Бухоро ҳамовозии оммавӣ ёфта буд. Бевосита баъди шӯриши Хӯқанд, ҳаракатҳо дар Ҳисор, Қаротегин, Кӯлоб, Дарвоз бо хусусиятҳои ҳаяҷоновари худ фарқ мекарданд. Бетартибиҳое, ки соли 1877 дар бекигарии Дарвоз рух доду ба он ҷо бисёре аз иштирокдорони шӯриши Хӯқанд роҳ ёфтанд, хосияти барҷастаи исроркорона дошт ва он танҳо баъд аз як сол (1878), пас аз қатлиоми сахти аҳолии маҳаллӣ аз тарафи амири Бухоро пахш карда шуд.

Вазъи дар боло ба қалам додаи зулми тоқатфарсои иҷтимоӣ, ки ба дӯши меҳнаткашони хонигарии Бухоро бори гароне буд, дар байни мардум норозигии тунду тезе ба амал овард. Дар эҷоди шифоҳии мардуми тоҷик сурудаҳои ғамангези зиёде ҳастанд, ки қаҳру ғазаби оммаро нисбати истисмори душманони синфии худ фош менамоянд:

*Аз хона баромадам бозӣ-бозӣ,*
*Баста бурданд маро сагони қозӣ.*

*Рӯған боша пилтакамоне созӣ,*
*Бар синаи душманони худ андозӣ.*

Шароити номусоиду муттасил деҳқонони тоҷикро ба шӯришҳои нав ба нави зидди истисморгарон даъват мекард. Дар байни он шӯришҳо барҷастатаринаш шӯриши соли 1885 дар бекигарии Балҷувони хонигарии Бухоро буд.

Восеи сарвари ин шӯриш аз оилаи деҳқонони ноҳияи Ховалинг буд ва дам ба дам бо аҳолии навоҳии ҳамсоя рӯ ба рӯ мешуд. Ҷувозгаре буд хушахлоқу ҳамомезу меҳрубон, ҳамдарди бечораю ғарибон, ки дар шаҳру деҳоти хонигарӣ зиёд буданд. Аз ин рӯ одамон, бахусус деҳқонони атроф, дӯсташ медоштанд.

Вале Восеъ на танҳо ғамхори дардмандон буд, балки нисбати истисморгарони халқи тоҷик қаҳру ғазаби беандоза дошт. Вай дар дил орзуе мепарварид, ки мардумро зидди истисморгарон ба по хезонад ва онҳоро аз рӯи замин чун хасу хошок рӯфта партояд.

Соли 1885-ум дар навоҳии Балҷувону Кӯлоб ҳосил фаровон шуда буд. Аммо як сол пеш ҳосил чунон кам буд, ки ҳатто амалдорони амир ҳарчанд хостанд, аз мардум чизе ҷамъ оварда наметавонистанд. Аз ин рӯ, соли 1885 вақте ки ҳосили заминро мебардоштанд, онҳо аз мардум талаб карданд, ки андозро барои соли гузашта низ бипардозанд. Ин маънои онро дошт, ки деҳқонон бояд тамоми ҳосили ба даст овардаи худро ба амиру амалдорони амир бидиҳанд. Бо закотгирон – андозчинон бархӯрдҳо сар задан гирифт. Дар ана ҳамин шароити тезутунд ба ҳимояи деҳқонон, ки одамони амир ба танг оварда будандашон, Восеъ сар бардошт.

Бо роҳбарии ӯ деҳқонон ба амлокдори Ховалинг ҳамла оварданд, онҳо бойҳои калон ва намояндагони рӯҳониёнро дошта кӯфтанд, молу мулкашонро кашида гирифтанд ва байни мардум тақсим намуданд. Шӯришгарон Ховалингро ба даст гирифта, амалдорони амирро аз он ҷо пеш карданд. Восеъ даъват меандозад, ки дар деҳоти Балҷувону бекии Кӯлоб зидди ҷавру зулми думравони амир, дар ҳама ҷо ба по хезанд. Суруди халқӣ дар бораи Восеъ гуфта мешуд:

*Восеъ рафт сӯи Даштак,*
*Бар фақирон дод калтак,*
*Ҷамъ шудан пеши Талхак.*
*Восеъ рафт Торикдара,*
*Мекунад мира пора,*
*Мир тарсид, задаш наъра.*

Таҳти роҳбарии Восеъ садҳо ва ҳазорҳо деҳқонон дар қалъаи беки Балҷувон гирд омаданд. Деҳқонон ба умеди костани андози вазнин ва барои бо роҳи осоишта фаҳмондани он одамони худро ба ҳузури бек равон карданд.

Фиристодагони халқ ба қалъа даромаданд. Аз ақиби онҳо дарвозаи қалъа шароққос пӯшида шуд. Баъди чанде дарвоза аз нав боз гардид, аммо аз он ҷо намояндагон не, балки муллоҳо берун омаданд, ки онҳоро бек фиристода буд, то ба деҳқонони рӯзи чоршанбе башӯромада муроҷиат намуда, онҳоро аз роҳи пеш гирифтаашон бозгардонанд. Онҳо насиҳатҳо гуфта, ба адолати бек халқро сари бовар кашида шуда хоҳиш намуданд, ки пароканда шаванд, хона ба хона бираванд. Деҳқонон ба умед интизорӣ мекашиданд, ки намояндаҳошон бозмегарданд, вале беҳуда. Аз ин рӯ, инҳо низ пас нагаштанд, баръакс то рафт ба дарвоза наздиктар ҷамъ шудан гирифтанд. Аз дарун ногаҳон сарбозони бек ба ҳуҷум гузаштанд.

Беки Балҷувон бо ҳамин мехост, ки шӯришгаронро якбора тарсонда, корро анҷом диҳад. Вале ӯ дар тахминаш хато карда буд. Деҳқонон бо фармоиши Восеъ дар як дам сарбозони бекро торумор карда, ба қалъа зада даромаданд. Қалъаро муҳосира намуданд. Ва бек ба зӯр ҷон ба халосӣ бурд.

Шӯришгарон қалъаро ба даст гирифта, намояндаҳои худро, ки баъди латукӯб ба зиндон андохта будандашон, озод намуданд. Онҳо тамоми силоҳи қалъаро гирифта, байни худ тақсим карданд.

Хабари ғалабаи шӯришгарон дар тамоми деҳаҳои Балҷувон паҳн гардид. Деҳқонон ба зудӣ сари ҷазои амалдорони амиру бойҳо нишастанд.

Восеъ қалъаи беки Балҷувонро ишғол кард, вале барои вусъати домони ноҳияҳои шӯришгарон амале анҷом надод. Бахусус вай метавонист бар зидди ҷабру зулми амир мардуми бекигарии ҳамсоя – Ҳисорро ба по хезонад. Айни вақт беки Балҷувон гурехта ба Кангурт, ки ҳамагӣ 20 км. масофа буд, расида, зуд ба бекигариҳои Ҳисору Кӯлоб савораҳои худро фиристод ва кӯмак хост. Боз, дар атрофи худ ҳар қадар қуввае, ки метавонист такяаш бошад, ҷамъ овард, ки зидди деҳқонони шӯришгар ба кор андозад: сарбозони ҳамроҳи худаш гурехта, амалдорони маҳаллӣ, аҳли савдо, аҳли дин ва ҳатто ҷинояткоронро, ки ба сифати дастаҳои босмачӣ дар қаламрави хонигарии Кӯлоб ва атрофаш ғоратгарӣ доштанд, ғун оварда Восеъро аз диж берун партофт. Восеъ аз ноҳияи Балҷувон тарафи Кангурт рафт ва дар он ҷо қарор гирифт. Вай бо деҳқонони гирди ӯ ҷамъшудаи Кангурт ва Қизил Мазор, ба задухӯрди нав омодагӣ гирифт.

Дар мубориза бо беки Балҷувон, ки нерӯи мусаллаҳи зиёд ғун карда буд, Восеъ бори дигар ғалабаи ҷиддие ба даст оварда, Балҷувонро мегирад. Бек дубора маҷбур шуд, ки саросема фирор намояд, аммо ин дафъа ба сӯи кӯҳистони Қизил-Мазор. Шӯришгарон ғайр аз Балҷувон дар дасти худ Кангурту Ховалингро нигоҳ медоштанд, онҳоро деҳқонони Тутқавул ва Қизил-Мазор дастгирӣ мекарданд.

Ин вақт ба ёрии беки Балҷувон сарбозон аз Ҳисор расиданд. Нерӯҳои Ҳисору Балҷувон ба муқобили шӯришгарон дар атрофи Кангурт ҷамъ омаданд. Восеъ маҷбур аз Кангурту Балҷувон баромад ва дар деҳаи баландкӯҳи Сари Пул, ки дар шимолу шарқи Ховалинг воқеъ аст, омодаи зарба ба душманаш шуд. Марҳалаи ҳамлаи сахт ба шӯришгарон ва пахши бераҳмонаи онҳо фаро мерасад.

Восеи дар кӯҳҳо паноҳида боз чандин бор ба сарбозон, амалдорон ва беки Балҷувон, ки барои ба даст овардани сардори қаҳрамони шӯришгарон аз ҳеҷ гуна воситаи мавҷуда рӯ наметофт, ҳамла мекунад. Дӯстон, ҳамнабардони Восеъ яке паси дигар ба дасти душманони малъуни шӯришгарон афтоданд. Дар ҳар қадам хатари марг ба худи Восеъ таҳдид мекард. Ӯ муддати зиёде тавонист

паноҳ бубарад, вале танҳо ба сабаби хиёнат беки Балҷувон қаҳрамони халқро дастгир кард.

Пеш аз он ки ба қатлаш супоранд, ӯро бо дасти бастаю занҷир бар гардан, деҳа ба деҳа бурда, ба мардум намоиш медоданд. Ӯро ба бозорҳои Душанбе ва Ҳисор андохтанд, то деҳқонон фаҳманд ва ба сарварашон ҳаргиз умед набанданд. Восеъро дар хонигарии Бухоро бо ҳамон усули ваҳшиёнаи одӣ ба қатл расониданд. Ӯро ба Бухоро бурданд, дар ҳузури амир ба гулӯи ӯ ханҷар зада, баъд ҷасадашро ба дор овехтанд.

Ҳалокати сарвари шӯриш азму иродаи деҳқонони тоҷикро нашикаст. Ишғоли Қалъаи Балҷувон дар соли 1885-ум онҳоро бовар бахшид, ки муборизa бар зидди зулму истисмори амир ноумедкунанда нест. Соли дигараш (1886) дар Балҷувон боз мардум шӯриш кард. Барои пахши ин даргирӣ ҳам қувваи зиёд ба кор бурданд. Баъди пахши шӯриш якчанд деҳаро оташ заданд. Сардорони шӯришро даст гирифта, мисли Восеъ ба Бухоро, барои ҷазодиҳии амир фиристоданд. Ҳамаи онҳо ба қатл расонда шуданд.

Ҷунбишҳои нави халқӣ дар бекигариҳои Балҷувону Кӯлоб солҳои 1887-1888 боз ҳам васеътар доман кушод. Маводи агенти сиёсии Россия дар Бухоро дар хусуси шӯриши Восеъ ҳикоят мекунанд, ки тирамоҳи соли 1888-ум миёни ҳукумати ҳарбии амирӣ дар Ховалинг ва аҳолии мусаллаҳи ноҳияи Кӯлоб «даргирии сахте» шуд. Аз ҳар ду ҷониб ҳалокшудагон ва маҷрӯҳон бисёр буданд.[1]

Шӯриши соли 1888-уми Ховалинг дар зодгоҳи Восеъ, сеюмин ҳаракати сахти деҳқонон дар як муддати на чандон дарози таърихӣ дар он ноҳия буд. Пас аз шикасти шӯриши соли 1885 меҳнаткашони хонигарии Балҷувону Кӯлоб дам

[1] Дар ин бора нигаред ба мақолаи Д.Фанян ва Н. Прохоров. «Документы восстание Восе». Ком.Таджикистана, аз 15 марти с.1941, № 112. Вай аввалин маълумоте буд дар бораи шӯриши соли 1885, ки тавассути ахбори ҷосусони ҳукумати подшоҳӣ оид ба рафтори аҳолӣ ва вазъи мубориза ва феълу атвори онҳо дар қаламрави хонигарии Бухоро, ҳамчунин номаи фиристода ба губернатори Фарғона, аз 4 октябри с. 1888 ба роҳбарони олимақом, рӯшан шудааст.

ба дам барои ниқоргирӣ аз душманону золимон даст ба мубориза мезаданд.

Аз рӯзгори шӯриши Восеъ моро даҳсолаҳо ҷудо месозанд, вале симои қаҳрамони асосии он дар хотири тоҷикон нақш бастааст ва дар суруду таронаҳои зиёди халқӣ тараннум гардидааст. Ин сурудаҳо аз таронаҳои дӯстдоштаи халқи тоҷик ҳисоб мешаванд, ки кӯшиши зиндагии озоду беҳтару беҳтари осоишта дар хунашон ҳаргиз пас наменишаст.

Ин орзуву омол, махсусан беҳтарин сурудаҳо дар бораи шоҳини озод, ки бо дигар сурудҳои дар драмаи мусиқии бахшида ба Восеъ ба оҳанг даромадааст, бисёр рӯшан акс ёфта:

*Исён кун имрӯз, эй марди деҳқон,*
*Зидди асорат, зидди амирон!*
*Дар ҷӯш о чун баҳри кабире,*
*Шӯрида бархез монанди тӯфон!*
*То кай машаққат дар қисмати мост?*
*То чанд роҳат дар коми боён?*
*Бадтар зи марг аст ин зиндагонӣ,*
*Дунё ба моён – гӯр асту зиндон!*
*Ин гӯру зиндон вайрон намоем,*
*То рӯз бинем монанди инсон!*[1]

Ин гуна ҳаракатҳо дар Ҳисор ва дигар бекигариҳо минбаъд ҳам, то солҳои 90-уми асри XIX, ҳукумати Бухороро бисёр ноором месохтанд. «Бедодгариҳои идороти ҳукуматӣ ҳадду канор надоштанд, аз ин сабаб, даргириҳо ба таври доимӣ сар мезаданд»[2], ки аксар танҳо ба ҳамдастии ҳукумати подшоҳии рус ва қувваҳои ҳарбии он пахш карда мешуданд.

Соли 1901 дар бекии Қӯрғонтепа шӯрише ба амал омад.

---

[1] Аз М. Турсунзода. Куллиёт, ҷ.2. нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1971, с.250 оварда шуд (тарҷ.).

[2] Д. Н. Лагофет. Бухарское ханство под русским протекторатом. саҳ. 262.

Воқеаҳои соли 1905-и Россия «чун хамиртурш батадриҷ аҳолиро ба шӯр меоварад» қайд меёбад аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ соли 1907.

«Аҳолии ҳамеша мутеъ ва ҷабру зулмдида, ким-чи хел сарам – дилам, амру фармони вазифадорони Бухороро иҷро мекарданд, аммо ҳодисаҳои хурд-хурди дарафтодан ба андозчинон қариб ки хусусияти силсилавӣ гирифта буданд».[1] Д.Н.Лагофет хислату хӯи деҳқонони онрӯзаро чунин тасвир мекунад. «Тахминҳо оид ба сар задани даргириҳо гӯё дар ҳаво овезон буданд, овозаҳо аз ким-куҷоҳо ба худ бӯи номуайянӣ гирифта мерасиданд: «Инро ба мо хабар медоданд,– мегуфт сарчашмае – аз бисёр одамон ҳар гуна ахбори тозае мешунавем, ки дар Бекии Ҳисор бетартибӣ шудааст, гӯё он ҷо амалдореро задаанду кӯфтаанд ва боз аз куҷое хабар меоварданд, ки дар Деҳнав закотчиро шапида куштаанд. Норизоии хомӯшона аз бекҳо ва амалдорони онҳо, бо арзи шикояти беҳисоб мерехтанд ва ниҳоят ба хулоса меомаданд, эҳтимоли сар задани шӯриш дар фалон вақт, дар фалон хонигариро ба забон меоварданд».

Ҳангоми ҷашнгирии Наврӯзи соли нав бесарусомониҳо дар як қатор деҳаҳои хонигарии Ҳисору Кӯлоб, инчунин бо ташаббуси муҳассилини мадрасаҳо дар шаҳрҳои Кӯлоб, Қаршӣ ва Шаҳрисабз аланга заданд. Таҳсилгарони мадрасаҳо дар даст калтак ба кӯчаҳо мебаромаданд ва мардуми зиёд ба онҳо ҳамраъй мешуданд. Дар Кӯлоб бек аз ӯҳдаи пахши даргирии муҳассилин набаромада, дар қалъа пинҳон шуд. Кӯшиши бо ёрии сарбоз онҳоро пахш кардан ҳосиле набахшид. Худи ҳамон рӯзҳо дар як қатор деҳаҳои тоҷикнишини бекии гуногун амалдорони Бухороро кӯфтанд, ки барои ҷамъоварии андоз ва боҷу хироҷ омада буданд. Қаҳру ғазаби аҳолӣ ба дараҷае боло хест, ки беки Кӯлоб маҷбур шуд, барои кӯмак ба фармондеҳи қисмҳои ҳарбии сарҳадбонони дахлдори Русия мурочиат намояд. Мавҷи ҷунбишҳо вақте ором шуд, ки овозаи ба ёрии бек омадани қисмҳои ҳарбии сарҳадбон паҳн гардид.

---

[1] Ниг. Лагофет, ҳамон ҷо, с. 264.

Ҳамаи ин шӯриши номуташаккилонаи тасодуфан сарзанандаи тоҷикон зидди зулми амирон тақдири муштараке доштанд – шикаст, зеро онҳо шӯришҳои деҳқононе ба шумор мерафтанд, ки аз роҳбарии пролетарӣ бебаҳра буданд. «Шӯришҳои деҳқонон,– таълим медод рафиқ Сталин,– фақат дар ҳамон ҳолат ба комёбӣ мерасонад, ки бо ҳаракатҳои коргарон омезиш пайдо намояд ва коргарон ба рафти шӯриш роҳбарӣ кунанд. Танҳо шӯришҳои якҷоя таҳти роҳбарии синфи коргар ба мақсад мерасонад».[1]

Вале чунин шароит дар аморати Бухорои тасвиршудаи онрӯза, вуҷуд надошт.

---

[1] Сталин. Сӯҳбат бо нависандаи немис Эмил Людвич. «Партиздат», 1933, саҳ. 9.

# XIX ТАЛОШ БАРОИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҷанге ки ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ба роҳ андохт, ҷанги ғайриодилона ва ишғолгарона буд. Вай ба сари халқҳои ин мамлакати кушод, аз ҷумла барои халқи тоҷик, ки баҳри озодӣ ва истиқлолияти худ мардонавор мубориза мебурд, ҷабру ҷафоҳои зиёд овард. Россияи асри XIX, зотан, мамлакате буд, ки акнун ба роҳи капиталистӣ дохил мегардид, аммо дар ин марҳила хонигариҳои Осиёи Миёна «дар зинаҳои аз ҳама поини ваҳшиёнаи феодалӣ қарор доштанд».[1] Россия нисбат ба мамлакатҳои пешрафтаи Аврупо дар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангӣ ва хоҷагӣ хеле қафо монда буд, вале назар ба аморати Бухоро, ба дараҷаи нисбатан хеле баланди маданию хоҷагӣ қарор дошт.

Ба ин тариқ, аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ғасб гардидани Осиёи Миёна на танҳо маънои зӯран ба ҳайати империяи подшоҳӣ чун мустамлика ҳамроҳ карданро дошт, балки маънои ба маданияти хеле пешқадами «миллати бузурги рус, миллати Плеханов ва Ленин, Белинский ва Чернышевский, Пушкин ва Толстой, Глинка ва Чайковский, Горкий ва Чехов, Сеченов ва Павлов, Репин ва Суриков, Суворов ва Кутузов пайвастанро низ дошт». [2]

Ба Россия ҳамроҳ шудани хонигариҳои Осиёи Миёна аз ҷаҳони берун кандашавии якасраи онҳоро аз байн бурд. Агар то ишғоли хонигарии Осиёи Миёна аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ ин мамлакат кам дастрас бошад, пас аз ишғол қолаб тамоман ба сурати дигар даромад. Агар солҳои 1881-1888 нахустин роҳи оҳан аз соҳили Каспий то Самарқанд оварда шуд,давомаш соли 1899 то ба Тошкент

---

[1] Инро Карл Маркс (ниг. ба К. Маркс ва Ф. Энгелс. Сочинения, IX с. 374) нисбати Туркияи Султонии асри XIX, муайян кардааст, ки бо асоси якранги худ метавонад ба Осиёи Миёнаи асри XIX, низ нисбат дода шавад.

[2] И.Сталин. О Великой Отечественной войне Советского Союза», Москва, 1943, саҳ. 34.

расид. Оид ба аҳамияти ин роҳ барои ҳукумати подшоҳӣ В.И.Ленин гуфтааст: «Роҳи оҳани соҳилҳои Каспий барои капитали Осиёи Миёна кушода шуд».[1] Бо сохтани роҳи оҳани Тошкент (1900-1905) расидан аз Петербург то Тошкент акнун ҳамагӣ 4 ½ шабонарӯз буд. Роҳи оҳан баъдан то Бухоро давом ёфт. Роҳҳои оҳан хароҷоти сармоядорони русро барои интиқоли маводи хом ва молу ашёи тайёр хеле кам кард, пешрафти пахтакориро тезонид ва бозорҳои Осиёи Миёнаро барои сармоядорони Россия васеъ гардонид.

Беҳтарин одамони хонигарии Бухоро мекӯшиданд аз имкониятҳои навпиёда ҳарҷониба истифода баранд, ки ба он барқароршавии алоқа бо Россия роҳ кушод. Аз ишғоли Россия Осиёи Миёнаро дере нагузашта нависандаи маъруфи асри XIX-и тоҷик Аҳмади Калла, ки яке аз бузургтарин хирадмандони Бухоро дар се асри охир буд ва ба таъбири устод С. Айнӣ чун ситораи саҳарӣ дар осмони тираи Бухоро тобид, аз сафари Петербург бо орзуе баргашт, ки дар пойтахти хонигарӣ ҳам театр кушода шавад, бехастагӣ тарғиб мекард, ки забони русӣ ва дигар забонҳои хориҷиро омӯзанд. Нависандаи дигари тоҷики асри XIX Сайид Аҳмади Аҷзӣ, бо вуҷуди зиддиятҳои диндорони иртиҷоӣ, дар як қатор асарҳои худ ва фаъолияти омӯзгорияш ғояҳои демократиро тарғиб мекард, ки ин баъд аз сафарҳояш ба Россия ва омӯзиши классикони рус ҳосил шуда буд. Ӯ забони русиро хуб медонист, хеле хуб тарғиб менамуд, ки тоҷикон ба осори гаронбаҳои халқи бузурги рус ва маданияти хеле пешрафтаи он роҳ пайдо намоянд. Зеро дар он вақт мактабҳои русӣ, қатъи назар аз бисёр камбудиҳояш, назар ба мактабҳои кӯҳнаи хонигарии Бухоро, ки моҳиятан тухми ҷаҳолатпарастӣ мекошт, ба дараҷаи хеле баланди таълиму тарбия расида буд. Сайид Аҳмади Аҷзӣ тарғиб менамуд, ки мусулмонони моро лозим аст, то дар мактабҳои русӣ таълим бигиранд.

Бо чандин сабаб пешрафти сохти сармоядорӣ дар Осиёи Миёна баъди ишғоли Россия ба худ як шакли шармоваре

---

[1] Ленин, асарҳо, ҷ.IV, саҳ. 165.

мегирифт. Вале бо ин ҳама вай зуҳур карда буд. Масалан, дар хонигарии Бухоро заводи тозагари пахта пайдо шуд,ки боиси ба вуҷуд омадани саноати маҳаллӣ гардид. Ин дар навбати худ боиси пайдоиши нахустин кадрҳои пролетари тоҷику ӯзбек ҳам шуд. Таъсири русҳо дар пешрафти хоҷагии деҳот низ эҳсос мешуд. Масалан, танҳо зери таъсири русҳо дар мо кишти картошка ба роҳ монда шуд. Дар замони русҳо истифодаи подос варивоҷи парвариши гӯсфандони маҳинпашми аз Қафқози шимолӣ ба Осиёи Миёна оварда, ба роҳ афтод. Чунин метобад, ки танҳо дар замони русҳо гӯсфандпарварӣ домони калон кушод.

Ба Россия ҳамроҳ карда шудани хонигариҳои Осиёи Миёнаро чун воқеаи дорои аҳамияти мусбат бояд ба ҳисоб гирифт, махсусан дар бобати ба нестӣ расондани муносибатҳои нохуши феодалӣ ва ҷангҳои беҳисобе, ки хонҳо байни худашон доштанд. Аз он ҳама тохтутозҳо танҳо зироаткор – аҳолии одӣ азият мекашид, ҳангоми ҷангу ҷидолҳо тамоми хароҷот ба дӯши деҳқонон меафтод.

Далели мусбати дигари ба Россия ҳамроҳ шудани Осиё Миёна барҳамхӯрии ғуломдорӣ дар шаҳру навоҳии тобеи бевоситаи генерал губернатори Туркистон буд.

Дар қаламраве, ки Генерал – губернатори Туркистон бевосита раҳбарӣ мекард, вазниниҳои сангини ба дӯши мардумони навоҳии Осиёи Миёна гузоштаро кам карда нишон додан ғалати нораво мебуд. Онҳо ҳам аз ҷониби мустамликадорон ва ҳам аз ҷониби феодалҳо-заминдорони калон бераҳмона истисмор мешуданд. Дар Генерал-губернатории Туркистон усулҳои истисмор бо тамоми рангу тобишҳояш вуҷуд дошт: муносибати ҳайвонтабиатонаи амалдорон нисбат ба меҳнаткашон, аз ҳад гузаштани ришвахӯрӣ, дар баъзе мавридҳо талаву тороҷи молу мулки фуқаро, замин ва чарогоҳҳои онҳоро кашида гирифтани мустамликадорон, нафрат доштану бовар накардан ба онҳо[1] аз ҷумлаи инҳо

[1] Нигаред ба нутқи узви Думаи давлатӣ Мансуров дар маҷлиси дарҳои пӯшидаи Думаи давлатӣ аз 15 декабри соли 1916 роҷеъ ба масъалаҳои бетартибӣ дар Туркистон.

буданд. Вале бо боварии комил таъкид намудан лозим аст, ки барои меҳнаткашони хонигарии Бухоро тобеи Ҳукумати подшоҳӣ будан камтар фалокатбор буд, ки зери зулми амири Бухоро. Мисоли барҷастаи онро дар Помир баъди ба хонигарии Бухоро ҳамроҳ карда шуданаш мебинем.

Ба ҳайати аморат дохил шудани ин вилоятҳо барои ду мақсад буд: а) зуд маъмурони аморатро ба ҷамъоварии андоз фиристодан, б) тоҷикони Помирро ба тартиботе омезиш додан, ки дар ҳамаи бекигариҳои дигари хонигарии Бухоро ҷорӣ буд. Дар деҳаи Зинг (Вахон) амалдорони аз амир расида (воқеа соли 1903 рӯй дода буд) ғайр аз пардохтани андозе, ки дертар амалдорони ҳукумати подшоҳӣ онро барои мардум миёншикан ва иҷронашаванда шумурданд, боз аз мардум талаб мекардаанд, ки барои кайфу сафояшон духтару писари зебо ҳозир намоянд. Аҳолии ба хашм омадаи деҳа муттафиқона ба хулосае омадаанд, ки намояндагони амирро мекушанд ва худ ба Афғонистон фирор мекунанд. Дар задухӯрди байни андозчинон ва мардуми деҳаи Зинг сарҳадбонҳои ҳарбии руси Лангар маҷбур ба дахолат мешаванд. Тафтишоти баъдтар гузарондаи амалдори дипломатии генерал губернатори Туркистон чунин вазъи аҷибро ошкор намудааст.

Пеш аз хама, амалдори дипломатии номбурда, ки начандон дилсӯзӣ ба мардуми Вахон дошт, воқеаи деҳаи Зингро «чун таркишу хашми халқӣ бар зидди усулҳои амали аморати Бухоро» арзёбӣ карда буд. Вай закоти ҷамъ овардаи намояндагони аморатро «ғайриодилона» шумурда илова намуд: «дар мавриди дашноми одоби халқӣ бояд гуфт, ки созиш миёни одати решадори амалдорони Бухоро, ки беҷазо дар гӯшаҳои боқимондаи хонигарӣ таҷриба мешавад ва мафкураи тоҷикони кӯҳистони тарзи зиндагии рӯзгори падаршоҳиро нигоҳдоранда ва ба фосиқии ҷинсӣ бо танаффури сахт назоратгар ба душворӣ метавон чашмдор буд.

Амалдори дипломатии Генарал-губернатори Туркистон ҳамчунин иттилоъ медиҳад, ки тоҷикони Вахон муддати 8 соли охир ҳамасола ба сардори дастаҳои Помир ва сардори дидбонии Лангар муроҷиат мекунанд, ки онҳоро ба Россия

ҳамроҳ созанд. «Агар талаби мо қонеъ гардонда нашавад, акнун ба ҷид изҳор мекунанд онҳо, мо ба Вахони Афғонистон кӯч мебандем». Қарорашон чунон қатъӣ буда, ки то аз боло омадани амалдори дипломатии Генерал губернатори Туркистон онҳо байни буттазорон пинҳон шуданд ва қисме аз онҳо дар соҳили афғон зиндагӣ карданд.

«Ман бовари комил дорам ки, – мегӯяд амалдори муҳаққиқ, – агар вахониҳо ба ихтиёри ҳукумати Бухоро вогузор шаванд, яксара кӯч мебананд… Вале, ғайр аз ин, мутаассифона, барои ин андеша асоси пурра ҳаст, ки қисми ҷануби Шуғнон низ аз ақиби Вахон ба по мехезад ва муайян кардан душвор,ки дар кадом вусъати ҷуғрофӣ он миқдор аҳолии тоҷик зиндагӣ ихтиёр хоҳад кард? Вақте ман ба Хоруғ расидам, назди ман издиҳоме бештар аз 200 тан ҳозир шуданд, ки аксарияти онҳо сокинони Шохдараву Ғунд буданд ва дар аризаашон омада, ки онҳо мехоҳанд ба Россия ҳамроҳ шаванд ва бухороиёнро чашми дидан надоранд».[1]

Шароити миёнаи асри XIX –и Осиёи Миёнаро арзёбӣ карда, ниҳоят он вазъиятро низ ба ҳисоб бояд гирифт, ки ин мамлакати домонаш васеъ на танҳо барангезандаи шавқи ишғолгарии Россияи подшоҳӣ буд, балки давлатҳои дигари империалистиро низ чашми тамаъ кушода шуд. Даромадан ба ҳайати ҳар кадоме аз онҳо дар оянда имконияти муттаҳидии меҳнаткашони Тоҷикистонро бо кӯшишҳои халқи бузурги рус бар зидди ҳокимияти подшоҳӣ, бар зидди зулми иҷтимоӣ ва миллӣ аз байн мебурд. Дар ин ҳолат барои онҳо имконнопазир мегардид, ки аз дастовардҳои Инқилоби Кабири Сусиёлистии Октябр ва аз кӯмакҳои халқи бузурги рус истифода бурда, марҳалаи пуразоби рушди сармоядориро истисно карда, ба сотсиализм қадам бимонанд.

Яке аз бузургтарин дастовардҳои Инқилоби Бузурги Сусёлистии Октябр он буд, ки вай «бо як зарба занҷирҳои ис-

[1] ЦАУ, д. Политического Агенства в Бухаре, арх. № 309, варақҳои 193-197.

тисмори миллиро барканд, муносибатҳои кӯҳнаи байни халқҳоро чапа кард, адовати қаблии миллиро гусехт, заминаи ҳамкории халқҳоро озода кард ва барои бенавоёни (пролетариати) рус бовари дигар миллатҳои бародарро ба даст овард».[1]

Ба хотири мустаҳкамии сохти шӯравӣ аз ҷониби Комиссари Халқ оид ба миллатҳо рафиқ Сталин навишта шудани «Декларатсияи ҳуқуқи халқҳои Россия», ки 15 ноябри соли 1917 бо имзоҳои Ленин ва Сталин ба чоп расид, нақши бениҳоят муҳим бозид. Вай бо рӯшанбаёнӣ ва дақиқии барҷаста қоидаҳои асосии сиёсати миллии болшевиконаро эълом дошт: баробарӣ ва мустақилияти халқҳои Россия; ҳуқуқи халқҳои Россия барои худмуайянсозии озодона, ҳатто ки то ба ҷудошавӣ ва ташкили давлати мустақил; бекор кардани ҳама гуна имтиёз ва маҳдудияти миллию рӯҳонӣ;ривоҷи озодонаи миллият ва гурӯҳҳои қавмӣ, ки маскуни Россияанд. Моҳи январи соли 1918 дар «Декларатсияи ҳуқуқи меҳнаткашон ва халқи истисморшаванда»-и Анҷумани сеюми Умумироссиягии Шӯроҳо қабулкарда ва қарори махсуси Анҷуман аз рӯи маърӯзаи рафиқ Сталин «Дар бораи идораҳои федералии Ҷумҳурияти Россия» асосҳоиояндаи Конститутсияи Иттифоқии Давлати Шӯравӣ – иттифоқи бародаронаи дар асоси федералӣ озодона мутаҳидшавандаи ҷумҳуриҳои шӯравии Россияро гузоштанд. Ҳардуи ин ҳуҷҷат ташкил ёфтани Ҷумҳурии Россияро дар асоси иттиҳоди озодона ва иттифоқи ихтиёрии халқҳои Россия, чун федератсияи ҷумҳуриҳои миллии шӯравӣ, эълом доштанд. «Мо на ба тарзи ҷудоиандозии қонуни бераҳмонаи Рими Қадим, балки бо роҳи муттаҳидсозии тамоми халқҳо бо занҷирҳои гусехтанашавандаи манофеи зиндаву тафаккури синфӣ ҳукмронӣ мекунем»[2] – гуфт Ленин дар Анҷумани III Шӯроҳо.

Бо ёрии халқи бузурги рус, бо кӯмаки Артиши Сурхи

---

[1] Сталин. Марксизм и национално – колониалний вопрос. Москва, 1934, саҳ. 105.

[2] Ленин. Асарҳо, ҷилди XXII саҳ. 224.

Коргару Деҳқон меҳнаткашони вилоятҳои дурдасти собиқ империяи подшоҳӣ ҳукуматро ба дасти худ даровмарданд. Соли 1918 бо пешниҳоди Ленин ва Сталин, Туркистон ҳам Ҷумҳурии Соҳибихтиёри Шӯравии Сотсиалистӣ эълом гардид ва ба ҳайати РСФСР[3] дохил карда шуд. Қатори РСФСР ҷумҳуриҳои Украина, Белорус, Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон ташкил ёфтанд.

Барқарории Ҳокимияти Шӯравӣ дар ҳудудҳои тобеи ҳукумати подшоҳии рус ва ташкили Ҷумҳурии соҳибихтиёри Шӯравии Сотсиалистиро ҳукумати амири Бухоро тамоман душманона истиқбол намуд. Бо Ҳокимияти Шӯравӣ ба таври рӯякӣ муносибат карда, худро чун риоядори қонун нишон дода Сайид амир Олимхон – охирин амири Бухоро – рӯз то рӯз бештар ба ҳама душманони шӯравӣ меҳмондориро ривоҷу равнақ медод. Бухоро маркази унсурҳои бегонае шуд, ки дар он нақшаҳои ҳама гуна иғвогариҳои зидди шӯравӣ матраҳ мегардид. Соли 1918 пӯлиси амир ҳамаи онҳоеро, ки нисбати болшевикон андаке ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд, дастгир ва ба обхонаву зиндонҳои зеризаминии даҳшатбори амири Бухоро андохтанд, болои ин зиндонҳо тавилаи аспҳои амир буд ва тамоми ифлосиҳояш ба сари зиндониён мерехт.

Ҷаллодони амири Бухоро ҳамчунон зиёд ба хунрезӣ машғул буданд, ки ҳатто асабҳои одатиашон тоб оварда наметавонистанд. «Шариатпаноҳони олиҳиммат»-и донотарош маҷбур буданд, ки усулҳои нави қатлро фикр карда бароянд: акнун одамони дастгиршудаи амирро ба таври пеш хекиртакбурӣ намекарданд. Ба тирезаи баланди регхона – яке аз маҳбасҳои Бухоро ғарғарае сохта буданд. Одами «ба қатли олӣ» маҳкумшударо (аз рӯи шариати нав онҳоро чунин меномиданд) бо фармони амир ба ҳамон зиндон меандохтанд ва ба гарданаш ресмони рӯғанзада андохта, як нӯги онро аз ғарғара гузаронда, нӯги дигарашро ба берун мепар-

---

[3] Ҷумҳурии соҳибихтиёри Шӯравии сотсиалистии Туркистон аз вилоёти Сирдарё, Самарқанд, Фарғона, Ҳафтрӯд, назди Каспий ва Амударё ташкил ёфта буд.

тофтанд. Ҷаллодон аз як нӯги ресмон дошта мекашиданд. Маълум мешавад, ки хуни фавворазадаи мақтул дигар ба виҷдони ҷаллодон асар намекунад ва ниҳоят мақтул башараи ҷаллодро надида ҷон медодааст… «Дар ин рӯзҳо мегӯяд С.Айнӣ, ки он вақт «Дохунда»-и худро менавишт, «обхона» мисли пештара зиндони якумраи маҳбусон набуд; баръакс, ҳар касе ки рӯзона он ҷо меафтод, бегоҳӣ, аллакай, ба регхонааш мебурданд ва арғамчин ба гарданаш меандохтанду буғӣ мекарданд. Кам касоне буданд, ки он ҷо ду-се рӯз зинда нигоҳ дошта шаванд». [1]

Мувофиқи фармони махсуси амир, каси ба болшевикон ҳусни таваҷҷӯҳ доштаро ҳатто як тика нон надода, ба ҷазоҳои сахтарини ҷисмонӣ ва шиканҷаи ҳайвонона месупурданд. Бо ин усул, қариб якуним ҳазор одами гумонӣ ва воқеан зидди амир барчида шуд. Ғайр аз ин, чунонки дар шаҳрҳо шакл ёфта буд, дар тамоми хоки хонигарӣ низ 1600 гаравандаи дини дигар ба ҳалокат расонда шуд.

Қатлу куштори зидди тарафдорони болшевиконро давом дода, ҳукумати амирӣ бошитоб ба мубориза ҳарбии зидди Ҳокимияти Шӯравӣ омодагӣ мегирифт, сафи артишро нав мекард, аз хориҷи мамлакат силоҳ мехарид, сарбозони синну солашон калонро ҷавоб дода, сафҳои лашкарашро аз ҳисоби сарбозони ҷавон пур месохт.

Соли 1919 дар натиҷаи аз байн бурдани ҷабҳаи Оренбург ва муттаҳидсозии Осиёи Миёна бо Федерасюни Россия мувофиқи тадбирҳои муҳиму муносиби Ленин ва Сталин, минбаъд устуворсозии Ҳукумати Шӯравӣ дар Осиёи Миёна ба амал меояд. Аз Москва ба Тошкент ҳайати махсусе оид ба корҳои Туркистон омад. Ҳамсафони вафодори Ленин ва Сталин – М.В.Фрунзе, В.В. Куйбишев, Л.М. Каганович дар Осиёи Миёна дар пайи иҷрои вазифаҳои Ленин ба ҳайати оид ба корҳои Туркистон супурда ба шиддат кор бурданд. Он вазифаҳоро Ленин чунин мушаххас нишон дода буд: «Худмуайянсозии халқҳои Туркистон ва барҳамзании харгуна нобаробарии миллӣ ва имтиёзи як гурӯҳи миллӣ аз

---

[1] С.Айнӣ. Дохунда. Москва-Тошкент, 1933, с.138.

ҳисоби гурӯҳи дигар – асоси тамоми сиёсати Ҳукумати Шӯравии Россияро ташкил мекунад ва чун роҳнамои роҳбарии тамоми сохтори идории он хизмат хоҳад кард ва танҳо бо чунин фаъолият аз сари ҳокимияти сангини давоми бисёрсолаҳо сохтаи ҳукумати подшоҳӣ ва нобоварии оммаи заҳматкаши маҳаллии Туркистон ба коргару деҳқони Россия метавон гузашт».[1]

Мустаҳкамсозии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Осиёи Миёна унсурҳои ҳанӯз саркӯб нашудаи зидди инқилобро ба қаҳру ғазаби девонаворе меовард. Амир ба сӯи Россияи Шӯравӣ то рафт бештар густохона менигарист. Сарҳадшиканӣ ва ҳуҷум ба хизматчиёни Шӯравӣ ба мушоҳида мерасид, зидди тадбири шӯроҳо ҷиҳати барпоии доду гирифти молу ашё байни Бухоро ва Ҷумҳурии Шӯравӣ коршиканиҳо халал ворид мешуд. Тобистони соли 1920-ум амир лашкаре иборат аз 8-10 ҳазор сарбози бо силоҳи замонавӣ як андоза мусаллаҳ ва омодаро ташкил дод. Ғайр аз ин, ӯ чандин даҳҳазора дар дастаҳои бекҳо – лашкари халқии гирдомада дошт, ки ҳарчанд бо силоҳҳои нав мусаллаҳ буданд, вале таълими ҳарбӣ надида буданд. Ҳамин тавр, амир қувваи зиёде барои мубориза муқобили Ҷумҳурии Шӯравӣ ҷамъ овард.

Аммо, на танҳо қувваҳои зидди инқилоб меафзуданд. Ягон навъи ҷазо пеши роҳи рушди завқи инқилобиро дар Бухорои амирӣ гирифта натавонист, зеро тоқатнопазирии ҳолат ва истифодаи ваҳшиёнаи деҳқонон солҳои 1918 – 1919 махсусан ба авҷи аъло расид ва аз як сӯ тадбирҳои ҷангии амир, аз сӯи дигар дар Бухорои амирӣ тадбирҳои фаъолонаи Ҳукумати Шуравӣ, ки манфиатҳои оммаи васеи Осиёи Миёнаро тарафдор буд, сабаб мешуд. Ин дигаргунӣ дар мафкураи меҳнаткашон бо заҳмати коммунистони Бухоро даст дода буд. Соли 1918 бисёр одамон аз зулми амир ва ба дор кашида шуданашон тарсида, дар Самарқанд, Тошкент ва Бухоро рӯ ба гурез оварданд. Дарёфта буданд, ки танҳо ҳизби коммунист халқро ба ғалаба оварда аз ҷавру

[1] Ленин, Сочинение, ҷ. XXIV, саҳ. 811.

зулми амири Бухоро халос карда метавонад, бисёрии онҳо ба сафи ҳизб шомил шуда, Ҳизби Коммунистии Бухороро ташкил доданд. Коммунистон ташкилоти худро дар Самарқанд, Когон, Чорҷӯй ташкил дода, ба Бухоро омаданд. Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Бухоро таҳти роҳнамоии Ҳизби Коммунисти (болшевикон)-и Россия ба ҳаракатҳои инқилобии зидди амир роҳбарӣ намуда, ҳамаи онҳоеро, ки аз зулми амир норозӣ буданд, зидди зулму асорати амир бархезониданд. Ва агар дар аввали моҳи августи соли 1920 фаъолияти амири Бухоро ва қувваҳои ҷамъ овардаи ӯ аз ҳисоби нерӯҳои тундравони хориҷӣ ба дараҷаи аз ҳама баландаш расида буд, дар ин вақт ташкилотҳои ҷавони инқилобии Бухоро ҳам бекор нанишастанд. Ҳизби коммунист миёни оммаи меҳнаткашон ва сарбозони амир тарғиботи пурзӯре мебурданд.

5 августи соли 1920-ум намояндагони босмачиён ва рӯҳониёни Фарғона бо мақсади ҳушёр кардани амир ба Бухоро омаданд, ки муборизаро зидди Россияи Шӯравӣ, баҳри «ҳифзи ислом» ҳарчӣ зудтар сар кунад. Амири Бухоро бо майли тамом босмачиёни Фарғонаро тарафдорӣ кард. Барои омодабош зидди Шӯроҳо бархоста ба рӯҳониёни ислом дастур дод, ки байни аҳолӣ тарғиботи пурзӯр бурда, ҳамаро ба «ғазо»-и зидди «куффор» барангезанд.

Ташкилотҳои коммунистии хонигарии Бухоро, ки корманди корозмудаи махфии болшевикон, ташкилотчии бомаҳорат М.В.Фрунзе идора мекард, пешакӣ аз ҳаракати зиддиинқилобии амир болоро огоҳ месозад. 16 августи соли 1920-ум дар Чорҷӯй Анҷумани (қурултойи) Ҳизби коммунистии Бухоро даъват мешавад, ки вай оид ба шурӯи шӯриши инқилобии меҳнаткашони хонигарии Бухоро бар зидди бедодгариҳои амир занги ҳушёрӣ мезанад. Охири августи соли 1920, дар ҷавоби даъвати Анҷуман оид ба шурӯи муборизаи яроқнок бо амир, меҳнаткашони Бухоро муттафиқона парчами шӯришро баланд мебардоранд. Ҳаракат хусусияти дӯстона ва муташаккилона дошт. Кумитаи инқилобии дар рафти шӯриш ташкилёфта, ба мубориза қуваҳои нав ба навро ҷалб менамуд, аз байни деҳқонони

заҳматкаш иттифоқчиён пайдо мекард. Шӯришгарон аз номи халқи Бухоро ба пролетариати рус ва Артиши Сурх муроҷиат ва хоҳиш менамоянд, ки дар муборизаи онҳо барои барҳам задани ҳукумати амирӣ кӯмак расонанд.

Пролетариати рус ва Артиши Сурх ба халқи ситамкашида дасти дӯстӣ дароз карданд. М.В. Фрунзе дар фармони худ ба лашкари ҷабҳаи Туркистон менависад:

«Дар баъзе ҷойҳои Бухоро ҳаракати инкилобӣ сар зад. Соати набарди ҳалкунандаи омаҳои меҳнаткашони ҷабрдида ва ба бандагӣ маҳкумшудаи Бухоро бо ҳукумати хунхори амиру бекҳо фаро расид. Полки навзоди Артиши Сурхи Бухоро барои ёрии халқи худ ба роҳ баромад. Полкҳои сурхи коргару деҳқони Россия вазифадоранд дар паҳлӯи онҳо бошанд. Ба ҳамаи қувваҳои мусаллаҳи мо фармон медиҳам, ки дар ин соатҳои ҳалкунанда ба ёрии халқи Бухоро бишитобанд.

Сарбозони Артиши сурх, фармондеҳон, комиссарҳо, чашми тамоми Россияи Шӯравӣ ба шумо дӯхта ва аз ҳар кадоми шумо интизор аст, ки вазифаи инқилобии худро адо намоед. Барои манофеи меҳнаткашони Бухоро ва Россия ба пеш! Зинда бод халқи бедоршудаи Бухоро ва Ҷумҳурии навзоди Бухорои Шӯравӣ».[1]

Вазифаи аз ҳама муҳим ишғоли Бухорои Кӯҳна – қароргоҳи амир ба ҳисоб мерафт, ки инон қисмҳои асосии ҳарбии худро ҳамон ҷо бурданд. Ба иҷрои ин вазифа сарбозони қисмҳои туркистонӣ бо сарварии роҳбари варзида М.В.Фрунзе камар бастанд. Амалиёти ҷангӣ зидди қалъа 30 август шурӯъ гардид.

Озмоишҳои аввали ба даст овардани деворҳои похсагини қалъа бефоида анҷом гирифтанд. Танҳо вақте тири тӯпҳои вазнин аз масофаи наздик ба кор дароварда шуданд, сӯрохсозии вурудгоҳи дарвозаи Қаршии Бухоро даст дод. Аскари сурх муқобилияти сахти лашкари амирро фурӯ нишонда, ба шаҳр даромад ва бо кӯмаки шӯришгарони шаҳр

[1] М.В.Фрунзе. На фронтах гражданской войны. Сборник документов. Москва, 1941, саҳ. 325-326.

ва деҳаҳои атроф артиши боқимондаи амирро аз Бухоро ронданд.

2 сентябри соли 1920 сарфармондеҳи лашкари ҷабҳаи Туркистон рафиқ Фрунзе дар барқияи худ ба номи В.И.Ленин навишт:

«Қалъаи қадими Бухоро имрӯз бо ҳуҷум ва амали якҷояи бухориёни сурх ва қисмҳои мо ба даст омад. Охирин такягоҳи Бухорои ҷаҳолатпараст ва иртиҷоихоҳ фурӯ рафт. Байрақи сурхи ғалаба дар Регистон парафшонӣ дорад...»[1]

Меҳнаткашони хонигарии Бухоро бо рӯҳияи баланд хабари аз байн рафтани ҳукумати амириро истиқбол намуданд. 14 сентябри соли 1920 якумин Анҷумани Умумибухороӣ барпо гардид, ки вай ташкили Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухороро эълом дошт ва органҳои қонунгузор ва иҷроия – Кумитаи иҷроия ва Шӯрои Нозирони Халқи онро таъсис дод.

Эълони Ҷумҳурии Халқӣ, на сотсиалистӣ, вобастаи шароите буд, ки Бухоро бояд марҳилаи зарурии рушди дохилиро дар раҳи сотсиализм тай мекард.[2]

Ҳукумати Бухорои Шӯравии дар натиҷаи табаддулот ташкил шуда, баробарҳуқуқии пурраи миллатҳоро эълом дошт ва ба дигаргунсозиҳои инқилобии зарурӣ даст зад. Вай андозу боҷу хироҷи беҳисобро, ки хонигарии аморати Бухоро ва дастаи амалдори он ғундошта мегирифтанд, бекор кард, ҳамчунин декрет оид ба замин ва мардумро ба чоп

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 330.

[2] Дар Анҷумани X Шӯрои умумироссиявии Шӯроҳо 26 декабри с. 1922 доир ба масъалаи муттаҳидсозии ҷумҳуриҳои сотсиалистӣ рафиқ Сталин гуфт: «Чаҳор ҷумҳурӣ муттаҳид мешаванд: РСФСР ҳамчун ташкилёфтаи федералии том, ҷумҳурии назди Қафқоз низ ҳамчун ташкилёфтаи том, Украина ва Белорус. Ду ҷумҳурии соҳибихтиёри Шӯравӣ – Хоразм ва Бухоро, ки сотсиалистӣ нестанд, вале республикаи халқии Шӯравианд, муваққатан берун аз чорчӯбаи ин иттиҳодия қарор доранд, танҳо сирф барои он ки ин ҷумҳуриҳо ҳоло сотсиалистӣ нестанд. Рафиқон, ман бовар дорам ва шумо ҳам бовар доред, ки ин ҷумҳуриҳо бо пешрафти дохилии худ ба сӯи сотсиализм, ҳамчунин ба сафи ҷумҳуриҳои давлати сотсиалистии акнун ташкилшаванда, медароянд». (Сталин. Марксизм и национально-колониальный вопрос. Политиздат, 1934, саҳ. 93).

дод. Мувофиқи ин декрет тамоми замин, об, бешазорон ва боигариҳои табиӣ чун боигарии мардумӣ эълон шуд.

Меҳнаткашони Бухоро соли 1920 ҳокимияти хонигарии Бухороро барҳам зада, бар сари истисморгарони худ ғалабаи барҷаста ба даст овარданд. Вале ин ғалаба ҳанӯз ғалабаи пурра набуд.

Як рӯз пеш аз таслими Бухорои Кӯҳна амир Сайид Олимхон ба тарафи Қаршӣ фирор кард. Як қисми Аскари Сурх ӯро таъқиб намуда, ба лашкари амир чандин зарба зад. Ҳаракатҳои дастаҳои якчандҳазораи амир барои гирифтани пеши роҳи таъқибгарон бефоида буданд. Дар мураккабтарин шароит, ҳатто вақте аскарони сурх дар иҳотаи дастаҳои аз ҷиҳати адад бисёр калон ҳам ки афтоданд, аз вазъият роҳи раҳо ёфта, ба душман зарбаҳои ҳалокатбор заданд. Амири Бухоро ба умеди халосӣ аз зарбаҳо то рафт ба дарунтари Бухорои Шарқӣ мегурехт. Амир Олимхон ба хулосае омад, ки дар водии Ҳисор қувваҳои мусаллаҳашро ҷамъ ва ба Аскари Сурхи таъқибгар ҳамла намояд, аз ин рӯ, деҳаи Душанберо, ки баъдан пойтахти Тоҷикистон гардид, қароргоҳ интихоб кард.

Дар ин вақт як қисми Аскари Сурх аз ақибгоҳи худ канда шуда, маҷбури ба таъхирандозии таъқиботи Сайид Олимхон гардид. Бо истифода аз ин амир дар Душанбе мақом зада, зуд аз пайи зидди Артиши Сурх ба ҷамъоварии лашкар ва ташкили қӯшунҳои мусаллаҳе шуд. Бо ин мақсад вай бо сардорони дастаҳои босмачии Бухорои Шарқӣ ба гуфтугӯ даромад. Вай сардори яке аз калонтарин дастаҳои босмачиён – аспдузд ва каллабур Иброҳимбекро «сарфармондеҳи лашкари ислом» таъин ва тамоми гуноҳҳои пешинаи ӯро афв намуд. Дар Бухорои Шарқӣ байни мардуми тоҷик тарғиботи белаҷомонаи думравони амир бар зидди Ҳукумати Шӯравӣ ва болшевикон авҷ гирифт. Аммо наздикрасии қисмҳои Артиши Сурх амирро маҷбур кард, ки ба тарафи Кӯлоб гурезад ва баъдан маҷбури тамоман тарки хоки Тоҷикистонро гуфтану фирор ба хориҷ гардид.

Аз он сӯи сарҳад Олимхон мекӯшид ба ҳаракати дастаҳои босмачиён роҳбарӣ намояд. Чанде ҳамчун даст-

нишондаи наздики ӯ Бухорои Шарқиро Иброҳимбеки номбурда, идора мекард. Вале дере нагузашта, дар Бухорои Шарқӣ авантуристи гузарои байналхалқӣ, собиқ сарфармондеҳи Артиши Туркия дар замони ҷанги империалистӣ Анварпошшо шахсияти марказии босмачиёни он марзу бум шуд.

Анварпошшо бо чанде аз гурӯҳҳои интервентҳо, махсусан бо империалистони Олмон алоқа карда, ба силоҳи итоаткори онҳо мубаддал шуд ва баҳори соли 1921 ба Бухоро роҳ ёфта ба ҳамзабонӣ бо унсурҳои маҳаллии зиддиинқилобию миллатгароёни буржуазӣ – ҳизби ҷавонбухориён – ҷадидҳо даромад. Ин душманони ашаддии халқ он вақт либоси шӯравӣ пӯшида, худро тарафдорони тадбирҳои андешидаи Ҳизби Коммунист дар Осиёи Миёна вонамуда, ба сафи Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Бухоро шомил шуда буданд. Бо сӯистифода аз мансабҳои худ, ба Анварпошшо бисёр кӯмак мекарданд. Бо кӯмаки онҳо Анварпошшо ба Бухорои Шарқӣ роҳ ёфт ва бо амир Сайид Олимхони дар Афғонистон қароргоҳзада алоқа барқарор намуд. Амир ӯро сарвари кулли дастаҳои босмачиёни ҷаррори Бухорои Шарқӣ таъин намуд.

Анварпошшо дар Бухорои Шарқӣ ба шиддат кор мебурд. Дастаҳои ифроткору ғоратгари ӯ он ҷо қароргоҳ доштанд ва онҳо ҷасурона ҳуҷуми иҳотагаронро зада гардонида, худ Душанберо ба иҳота мегиранд, ки як қисми хурди Артиши Сурх, муваққатан маҷбури тарки шаҳр шуда, ифротиёнро шикофида тарафи Бойсун мефароянд.

Дастаҳои босмачиён дар Бухорои Шарқӣ баъзе музаффарият ҳам доштанд, вале ин устувор набуд. Артиши Сурх аз нав сафҳои худро мустаҳкам намуда, ба сафҳои босмачиён зарбаҳои марговар мезад. Моҳи августи соли 1922 таҳти дастгирии фаъолонаи меҳнаткашони Бухорои Шарқӣ Артиши Сурх лашкари беҳисоби дастаҳои ғоратгари босмачиёнро, ки дар Ҳисор, Балҷувон ва Кӯлоб қароргоҳ доштанд, аз байн бурд ва сардорони онҳо аз ҷумла Иброҳимбекро якҷоя бо наздиконаш маҷбури гурез ба сӯи кӯҳистон кард. Аммо тақдири Анварпошшо – ин ҷосуси гузарои империализми

олмониро яке аз дастаҳои таъқибгари Артиши Сурх аз байн бурд.

Моҳи сентябри соли 1924 нахустин Анҷумани Шӯроии Бухорои Шарқиро дар рӯзи чаҳорсолагии барҳамхӯрии аморати Бухоро кушоданд.

Вай эълон кард, ки вазифаи асосии Артиши Сурх ва ҳамаи мардуми тоҷик пурра нобудсозии боқимондаҳои ҳанӯз яроқ аз даст нагузоштаи босмачиён аст. Анҷуман бо рӯҳбаландии бузург гузашта, вазифаҳои асосии Ҳукумати Шӯравии Тоҷикистонро қайд кард. Он эълон намуд: вазифаи марказии Анҷуман гувоҳӣ медиҳад, ки Артиши Сурхи коргару деҳқон бо дастаҳои ихтиёрии мардуми тоҷику ӯзбек ба ҳам омада, аз ӯҳдаи иҷрои «нақши ҳимоятгари Ҳукумати халқии Шӯроии Бухоро пурра баромада тавонистанд» ва дар кори барқарорсозии хоҷагиҳои деҳқонӣ ёрию кӯмаки зиёд карданд. Анҷуман ба Шӯрои ҳарбии Инқилобии ҷабҳаи Туркистон ва дар симои он ба иттифоқчии бовафо ва ёрдамчии халқи тоҷик – Артиши Сурх табрикнома фиристода гуфт, ки ба сабаби мубориза ва ғалабаҳои ӯ халқи тоҷик ҳам, мисли ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, озодии худро ба даст овард, имконият пайдо намуд, ки хоҷагиҳо ва сохтмонҳои дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ хароб гардидаро барқарор намояд ва ҳокимияти пурра халқиро мустаҳкам созанд.[1]

Дар ин муддат меҳнаткашони Ҷумҳурии Шӯравии Халқии Бухоро дар ҷангҳои сахт барои мустаҳкамсозии ҳокимияти Шӯравӣ як марҳилаи пешрафти худро ба сӯи сотсиализм тай кард ва Ҷумҳурии Шӯравии Халқии Бухоро ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ мубаддал гардид. Ин марҳалаи барои меҳнаткашони Бухоро бисёр муҳим, дар рӯзгоре рост омад, ки Ҳизби Коммунист оид ба сарҳадмуайянсозии давлатҳои Осиёи Миёна тадбирҳо пиёда мекард.

Мувофиқи қарорҳои ҳизбӣ, Кумитаи марказии иҷроияи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ чунин қарор

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 58.

кард: Ҷумҳурии Соҳибихтиёри Шӯравии Сотсиалистии Туркистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон табдил дода шавад ва дар таркибаш ӯзбекҳои Туркистон, Бухоро ва Хоразм дароянд; Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Туркманистон ташкил шуда дар таркибаш туркманҳои Хоразм, Бухоро ва Туркистон дароянд; Вилояти Соҳибихтиёри Қирғизистон ташкил шуда дар таркибаш қирғизҳои Ҳафтрӯд ва вилояти Фарғона дароянд. Ба ҳайати Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки дар ҳайати Ҷумҳурии РСС Ӯзбекистон қарор дошт, дар аснои тақсимбандии миллию давлатии Осиёи Миёна тоҷикони Бухорои Шарқӣ, як қисми вилоятҳои Фарғонаву Самарқанд, ҳамчунин аҳолии Помир, дохил шуда буданд.[1]

Ба муносибати ташкил ёфтани Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 15 марти соли 1925-ум рафиқ Сталин, ки тақсимбандии миллию давлатии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна бевосита таҳти раҳбарии ӯ сурат гирифт, ба халқи тоҷик бо чунин табрикот муроҷиат намуда буд:

**«Салом ба Тоҷикистон – Ҷумҳурии нави Шӯравии меҳнаткашон дар дарвозаи Ҳиндустон! Дар кори ба ҷумҳурии намунавӣ табдил додани ҷумҳурияшон миёни мамлакатҳои Шарқ ба ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикистон муваффақиятҳои баланду беназир хоҳонам.**

**Тоҷикон таърихи ғанӣ доранд; истеъдоди ташкилӣ ва сиёсии онҳо дар гузашта барои ҳеҷ кас пӯшида нест.**

**Заҳматкашони Тоҷикистон! Фарҳанги мамлакати хешро боло баред, хоҷагиҳои онро рушд диҳед, барои рӯзгордории заҳматкашони шаҳру деҳот кӯмак расонед, беҳтарин фарзандони ватани худро гирди худ муттаҳид**

[1] Соли 1929, мувофиқи қарори Анҷумани 11 Шӯроҳои Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 1929 ва Президиуми Кумитаи иҷроияи Шӯроҳои Ҷумҳурии РСС Ӯзбекистон аз 25 майи соли 1929 аз ҳайати РСС Ӯзбекистон ҳавзаи Хуҷанд ҷудо ва ба ҳайати Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон хамроҳ гардонда шуд.

**созед ва ба тамоми Шарқ нишон диҳед, ки Шумо сазовортарин авлоди гузаштагони худ ҳастед, ки дирафши озодиро дар даст сахт доштаанд.**

**Зинда бод Тоҷикистони Шӯравӣ!»**

Тақсимбандии миллию давлатии Осиёи Миёна, ташкил ёфтани Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳаёти халқи тоҷик воқеаи муҳими таърихӣ буд. Тоҷикон дар тӯли таърихи бисёрасра ва пурғановати худ, ба истисноп аҳди Сомониён, мавқеи мутеона доштае дар ҳайати миллатҳо ва давлатдориҳои ба худашон тамом бегона буданд.

Тақсимбандии миллию давлатии аз ҷониби Ҳукумати Шӯравӣ ва ҳизби болшевикон дар Осиёи Миёна гузаронида, барои нахустин бор дар тӯли таърихи дуру дарози халқи тоҷик шароити аз ҳама мусоид ба вуҷуд овард, ки фарҳанг ва хоҷагидории худро дар доираи миллию баробарии Давлати Шӯравии Сотсиалистӣ, бо истифода аз кӯмакҳои халқи кабири рус ва дигар халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ пеш бубарад.

# XX. ТАЛОШИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАСТОВАРДҲОИ СОХТМОНИ СОТСИАЛИСТӢ

Баъд аз воқеаҳои болоӣ, дар давраи тайёрии заҳматкашони Тоҷикистон ба Анҷумани якуми Муассисони Умумитоҷикии Шӯроҳо дар хоҷагидорӣ ва барқарорсозии харобиҳои босмачиён ба муваффақиятҳои бузурги ҳаётӣ комёб шуданд ва бо кӯмаки Артиши Сурх дар нест кардани босмачиёни боқимонда муборизаи қатъӣ оғоз намуданд.

Босмачиён ба хоҷагии халқи Тоҷикистон зарари хеле ҷиддӣ расонда буданд. Рафтору кирдорҳои нисбати халқ раводидаи қӯрбошиву босмачиёнро бо сухан гуфтан амри муҳол аст. Онҳо чӣ қадар бераҳмона молу амвол, хӯрокворӣ, ҳайвоноти хурду калон, пулу маблағи деҳқононро ба зӯрӣ кашида мегирифтанд ва ҳамаи онҳоро барои харидани аслиҳа аз хориҷа ва таъмини аҳли дарбори амир сарф мекарданд.

Давоми солҳои 1922 – 1924 танҳо дар тумани (уезди) Балҷувон аз ҷониби босмачиён 4 ҳазор асп, қариб 15 ҳазор сар гов, қариб 75 ҳазор сар бузу гӯсфанди халқ ба ғорат бурда шуданд. Дар тумани Балҷувон босмачиён беш аз 1900 одами бегуноҳро ба қатл расонида, 1013 танро маҷрӯҳ гардонида буданд, ки 698 нафари онҳо маъюб монданд. Босмачиён 1894 хонаро вайрон карда оташ заданд.

Оқибатҳои ғоратгарии босмачиён дар Қалъаи Лабиоб, Обигарм, Ҷиргатол, Ҳоит, Тавилдара ва дигар туманҳо низ дар ҳамин поя буд. Босмачиён аз Қалъаи Лабиоб 770 асп, 2000 моли резаро ба ғорат бурда, 779 касро ба ҳалокат расонда буданд.

Ин рақамҳо ҳанӯз тасаввури пурраи талафоти азимеро, ки босмачиён дар Тоҷикистон ворид намуданд, намедиҳанд. Аввали соли 1925 майдони заминҳои лалмӣ назар ба солҳои ҷанги ҷаҳонии якум ба андозаи 72,1 фоиз кам шуд, майдони умумии кишт – 73 фоиз; саршумори ҳайвоноти гуногун – 60,3 фоиз, саршумори аспҳо – 78 фоиз коста гашт.[1] Кишти пунбадона 80% кам гардид.

[1] Д. Фанян. «К истории Советского строительства в Таджикистане», саҳ. 18-19.

Оммаи заҳматкаши Тоҷикистон фаҳмиданд, ки босмачиёни зидди инқилоб чӣ ниятҳои разилона доранд, акнун фаъолона ба Артиши Сурх кӯмак мекарданд, ки боқимондаҳои дастаҳои босмачиро то охир барҳам зананд.

«Деҳқонон таҳти роҳбарии ҳизб ва давлат,– навишта аст дар бораи он марҳила С. Айнӣ,– бо ёрии Аскарони Сурх кӯҳҳо, водиҳо ва ҳамвориҳоро ишғол карданд. Оммаи ба ғазаб омада аз Шолипоя то Файзобод, аз Ҳисор то Ромит ва аз Деҳнав то Шеробод босмачиёнро мекофтанд».[2] Ба босмачиён чунон зарбаҳо заданд, ки онҳо дигар ҳеҷ гоҳ сар бардошта натавонистанд.

Бо мубориза фидокоронаи худ зидди босмачиён Армияи Сурх барои оядаи пурсаодати халқи тоҷик ба миннатдорӣ ва муҳаббати бепоёни меҳнаткашони Тоҷикистон сазовор гардид, ки дар ин бора мурочиатномаи вай аз номи халқи тоҷик ба Корпуси тирандози рақами 13-и рухсатирав аз 4 октябри соли 1925 далолати рӯшан медиҳад:

«Акнун, ки шумо тарки мамлакати қадам ба қадам гашта, озодӣ овардаро мекунед, – гуфта шуда буд дар мурочиатнома, – метавонед аз он ҳама дастовардҳои бузургатон сарбаланд бошед. Шумо ин ҷо аз худ деҳаҳои эҳёшуда, киштзорҳои сабзу хуррам, аҳолии рӯҳан қудратёфтаро монда меравед. Шумо ба вай имкони аз нав ба киштукори худ машғул шудан ва бо ин гулшукуфти дӯстии онҳоро бо халқҳои дигари Иттифоқ додед».

Нахустин Анҷумани Муассисони Шӯроҳои Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аввали моҳи декабри соли 1926 кушода шуд. Дар он баёноти (декларатсия) ташкил ёфтани Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва дохил шудани он аз тариқи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон ба Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ бо рӯҳбаландии бузург қабул гардид. Анҷуман миллӣ шудани замин, об, ғановати қишри замин ва ҷангалоти Тоҷикистонро эълон намуда, қарорҳоро дар бораи хизмати ҳатмии ҳарбӣ дар сафи Арти-

---

[2] С.Айнӣ. Дохунда, саҳ. 255.

ши Сурх, таълими умумии ҳамагониро барои ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистӣ тасдиқ кард. Анҷуман дар бораи озодии занон баёнот қабул намуд ва ба ҳукумати навинтихоб супориш дод, ки лоиҳаи Сарқонуни (Конститутсияи) Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистиро мураттаб созад.

Ин тадбирҳо ва даъвати рафиқ Сталин оид ба боло бурдани фарҳанги мамлакат ва пешбурди хоҷагиҳояш, халқи тоҷикро ба меҳнати фидокорона ва шифобахшии дарду доғҳои аз босмачиён расида рӯҳбаланд кард.

Меҳнаткашони Тоҷикистон усули пурмашаққати пешрафти сармоядориро як сӯ гузошта, бо ёрии ҳарҷонибаи халқи бузурги рус, таҳти роҳбарии ҳизби Ленину Сталин зуд дар ҳамаи соҳаи ҳаёти сиёсӣ, маданӣ ва хоҷагӣ муваффақиятҳои калон ба даст овард. Соли 1929 Тоҷикистони Шӯравӣ якҷоя бо дигар ҷумҳуриҳо ба корҳои таҷҳизонидани хоҷагии қишлоқи сотсиалистӣ ва аз байн бурдани муштзӯрон чун синф гузашт ва усули кори дастҷамъиро пурра қабул кард.

Ин тадбирҳо рӯҳбаландии бузург ба халқ оварда, ҳамаи душманони халқи тоҷикро ба қаҳру ғазаби девонавор кашида буд. Унсурҳои зидди инқилобии берун аз хоки мамлакат қарор доштаву атрофи собиқ амири Бухоро Сайид Олимхон гирд омада, кӯшиши ба даст овардани мавқеи пештараи аз даст додаашон ва бо ин ният ҳаракати дубора зиндасозии босмачигарӣ мекунанд.

Аввалҳои соли 1929 дар он сӯи сарҳад якчанд даста ташкил шуд, ки аз рӯи нақшаҳои Сайид Олимхон ин дастаҳо барои ба роҳ андохтани мавҷи нави ҳаракати марказонидаи босмачигарӣ ба Тоҷикистон меомаданд. Моҳи феврали ҳамон сол аз ҷониби собиқ амир маҷлиси машваратии сарони гурӯҳҳои босмачиёни хориҷа даъват карда шуд, ки он ҷо нақшаи ҳамлаи мусаллаҳонаро ба хоки Шӯравӣ кашиданд ва муроҷиатномаи махсус барои аҳолии Тоҷикистон қабул намуданд. Дар муроҷиатнома мақсад ва барномаи иғвоандозии нави босмачиён сабт шуда буд. Дар он гуфта мешуд, ки коммунистон ва кормандони Шӯравиро яксара

нест карда, заминҳои аз унсурҳои истисморгарон гирифтаро ба соҳибони пештараашон бар мегардонанд, занонро каниз месозанд, мактабҳои навро баста, муаллимонро ба ҳалокат мерасонанд, сохти Шӯравиро барҳам дода, аморатро барпо мекунанд.

Дастаҳои босмачӣ, ки сари онҳо беки собиқи Қаротегин Фузайл Махсум қарор дошт, моҳи апрели соли 1929 ба Дарвоз, ба ноҳияи Ванҷ, ба соҳили чапи Вахш зада даромаданд. Қисмҳои Аскари Сурх хабардор шуда, худи ҳамон соат онҳоро дар соҳили чапи Вахш ва Ванҷ торумор гардониданд, зиндамондаи даста ба хориҷа фирор кард. Танҳо дастаи худи Фузайл Махсумро муяссар шуд, ки ба ноҳияи Ғарм дарояд.

11 апрел босмачиёни Фузайл Махсум ба Қалъаи Хумб расида, ба шаҳр ҳамла оварда, бар сари одамони шӯравӣ чун даранда дарафтоданд. Мардумро ба вартаи рӯди Панҷ фуроварда, лучу урён гардонда, бо шамшер зада ба рӯд мепартофтанд. Авбошон бинои кумитаи иҷроия ва мактабро ба даст оварда, ҳамаи ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои шӯравӣ ва ҳизбиро оташ заданд. 16 апрел Фузайл Махсум Тавилдараро ба даст оварда, духтаракони шӯравии фаранҷӣ партофтаро дор кашид, 29 апрел дастаҳои Фузайл Махсум ба Ҳоит роҳ ёфта аз он ҷо ба тарафи Ғарм ҳаракат кард.

Фузайл Махсум ва хӯҷаинонаш аз он сӯи сарҳад умед баста буданд, ки баробари дар ҳудудҳои Тоҷикистон даромадани дастаҳои фиристодаашон, сафи онҳо аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ пур мегардад. Аммо ҳақиқати зиндагӣ он душманони решагиро хеле ноумед ва ғазаболуд кард.

Аҳолии ноҳияҳое, ки Фузайл Махсум даромада буд, ҳамроҳӣ ба босмачиёни ӯро тамом рад карданд ва агар чанде зиёд шуд, билкулл аз ҳисоби унсурҳои бой буду бас. Ҳукумати Шӯравӣ барои халқи Тоҷикистони азиз дӯсту бародар ва халқии худӣ шуда буд. Худи ҳамин боиси бешарафона несту нобудшавии дастаҳои моҷароҷӯи Фузайл Махсум гардид.

Дастаҳои Фузайл Махсум то даме пешравӣ дошт, ки ба мардуми бечораю бесилоҳ дармеафтод ва онҳо наметавони-

станд ба садҳо каллабури саропо мусаллаҳ бо мубориза ҷавоб диҳанд. Ва инак, дар яке аз дараҳои сари роҳ ба гурӯҳи одамони мусаллаҳи шӯравӣ дарафтоданд, ки ба муқобили яғмогарон аз Ғарм фиристода шуда буданд: се корманди НКВД, се корманди шӯро ва 12 муаллим.

Инҳо ҳамагӣ 18 тан, вале ҳар яки онҳо қаҳрамон буданд. Давоми як шабонарӯз онҳо рӯ ба рӯи марг бо дастаҳои чандин карат аз худашон зиёди босмачӣ ҷангиданд. Ҳамаи онҳо дар ин ҷанг қаҳрамонона ҳалок шуданд, вале то аз Сталинобод расидани як гурӯҳи қувваҳои мусаллаҳи ҳавоӣ ва ду гурӯҳи аскарони савора ҳаракати душманро боздоштанд. Дар сафи душман то 700 нафар босмачӣ буд, аммо теъдоди сарбозони шӯравӣ ба садупанҷоҳ тан ҳам намерасид. Бо вуҷуди ин босмачиёнро аз Ғарм дур андохтанд. Онҳо кӯшиши зарбазанӣ ба сарбозони шӯравиро дар ноҳияи Қалъаи Лабиоб карданд. Ҳарду тараф ҷангкунон, аммо 60 танро талаф дода, ба сарҳад наздик мешуданд. Аз рӯд танҳо 12 танро муяссар шуд, ки гузарад ва Фузайл Махсум ҳам дар он саф қарор дошт.

Пешрафти босуръати хоҷагиву мадании халқи тоҷик, муваффақиятҳои қотеона дар роҳи мустаҳкамиву ривоҷи давлатдории миллию шӯравӣ дере нагузашта имконият ба вуҷуд оварданд, ки Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистӣ ба Ҷумҳурии Иттифоқӣ мубаддал гардад. Дар ин бора Қарори дахлдори Президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 12 июни соли 1929 баровар-да шуд.

16 октябри соли 1929 дар Душанбе Анҷумани III-и Фавқулоддаи Умумитоҷикии Шӯроҳо бо рӯҳбаландии бузург дар бораи ташкили Ҷумҳурии Иттифоқии Шӯравии Сотсиалистӣ баёнот (декларатсия) қабул намуд.

Анҷумани III-и Фавқулоддаи Умумитоҷикии Шӯроҳо дар қарорҳояш тадбирҳои амалии пешрафти минбаъдаи хоҷагӣ ва мадании Тоҷикистонро муайян сохт. Аз рӯи пешниҳоди меҳнаткашон қарор қабул карданд, ки номи шаҳри Душанбе ба номи Сталин– Сталинобод гардонида шавад. Анҷуман дар барқияи якдилона ба номи рафиқ Сталин қабулшуда аз

номи тамоми халқи тоҷик дӯсти бениҳоят арҷманди худ, муаллим ва доҳии Ҳизби Коммунисти Умумииттифоқро, ки таҳти раҳбарии вай оммаи меҳнаткаши Тоҷикистон дар ҷангҳои сахт ба муқобили аксулинқилобиён ғалаба ба даст оварда, дар гӯшаи дури Шарқи Иттиҳоди Шӯравӣ бомуваффақият ба сохтмони хочагидории сотсиалистӣ пардохта буд, гарму ҷӯшон табрик намуд.

«Барои дастбурдҳоямон,– таъкид шуда буд дар барқия,– мо пеш аз ҳама аз Ҳизби Коммунист миннатдорем. Маҳз вай, Ҳизби инқилобии Ленин, ба мо имконият фароҳам овард, ки имрӯз дар Анҷумани худ оид ба дигаргунсозиҳои Тоҷикистон дар ҳайати Иттифоқи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ қарорҳои муҳими таърихӣ қабул намоем.

Мо ҳушёрона ва бо итминони комил ба марҳилаи нави сохтмони сотсиалистӣ дохил мешавем, зеро медонем, ки Ҳизби Коммунист дар оянда низ муваффақиятҳои кушоиши роҳи моро таъмин намуда, ба сӯи ғалабаи қатъии коммунизм мебарад».[1]

Анҷуман рафиқ Сталинро бовар мекунонд, ки меҳнаткашони Тоҷикистон минбаъд ҳам ливои Ленину Сталинро маҳкам дар даст нигоҳ дошта, Тоҷикистонро ба такягоҳи вайроннашавандаи сотсиализм дар сарҳадҳои Шарқии Иттиҳоди Шӯравӣ табдил медиҳанд.

Меҳнаткашони Тоҷикистон душманони халқро фош ва бераҳмона решакан карда, таҳти роҳбарии Ҳизби Коммунист ва доҳии он рафиқ Сталин, баъди Анҷумани III Фавқулоддаи Умумитоҷикии Шӯроҳо барои комёбиҳои нав ба нав дар ҳамаи ҷабҳаҳои сохтмони сотсиалистӣ муборизаи қотеона мебаранд.

Ҳуҷуми оғозидаи сотсиализм дар тамоми ҷабҳа, тадбирҳои чун синф барҳам додани муштзӯрон, дар асоси муттаҳидсозии саросарӣ дар Тоҷикистон, талоши якҷоя ба муқобили боқимондаҳои синфи истисморгар идома ёфт. Сайид Олимхон ва саркардагони дастаҳои босмачии атрофи

---

[1] Д.Фанян. К истории советского строительства в Таджикистане. саҳ. 148.

ӯ гирд омада, бо миллатгароёни буржуазӣ ва душманони халқ тамос гирифта, вазифаю мансабҳои намоёнро дар дастгоҳҳои шӯравию ҳизбии Тоҷикистон соҳиб шуда, қарор медиҳанд, ки аз нав ба ҳудудҳои Тоҷикистон зада дароянд. Аввалҳои соли 1931 ҳамаи унсурони аксулинқилоб, ки дар он сӯи сарҳад лона гузошта буданд, барои ба роҳ андохтани моҷарои пурхатари босмачигарӣ сафарбар гардиданд. Сардори таъсисдиҳандагони дастаҳои нави босмачиён душмани ашаддии Ҳукумати Шӯравӣ ва меҳнаткашони Тоҷикистон – ин бор Иброҳимбек буд. Рӯзҳои аввали моҳи апрели соли 1931 дастаҳои босмачиён бо сардории ӯ иборат аз 2000 харобкор сарҳадро гузашта, ба хоки Тоҷикистон даромаданд. Мақсаду вазифаҳои моҷароҷӯёнаи дастаҳои босмачӣ ин дафъа хеле кушод буд. Баъди убури сарҳад Иброҳимбек дар яке аз машваратҳои хосаи худаш ба сардорони дастаҳои ғоратгараш нақшае пешниҳод кард, ки дар он на танҳо ишғоли ноҳияҳои Ҷануби Тоҷикистон, ҳатто ҳавзаҳои Сурхондарё ва Қашқадарёи Ӯзбекистон пешбинӣ шуда буд. Дар нақшаи Иброҳимбек ҳатто ишғоли Бухоро шомил буд. Аммо ҳамаи ин нақшаҳо, нақшаҳои рӯи рег кашидае буданд. Инро нахустбархӯрди нерӯҳои дастаҳои дорои на кам аз 600 нафараи босмачиён, бо гурӯҳи тӯпчиён, ки ҷамъ аз 50 сарбоз ва пулемёт иборат буданд, нишон дод. Сарбозони Шӯравиро босмачиён аз чаҳор сӯ печонда гирифтанд. Онҳо мардонавор меҷангиданд ва барояшон муяссар шуд, ки ҳалқаи босмачиёнро рахна карда, бо талафи ҳамагӣ 8 сарбоз аз муҳосираи душман бароянд. Иброҳимбек баъди бархӯрд бо қисмҳои Армияи Сурхи аз ҷониби сарфармондеҳон вазифадор шуда, ки дастаҳои босмачиёнро муҳосира ва нобуд созанд, маҷбур қароргоҳи амалиёти худро дар навоҳии Кӯлоб-Кангурт-Тутқавул гузаронд. Вале ин роҳ аз ҷониби Артиши Сурх тамом бурида шуда буд. Иброҳимбек аз зарбаҳои Артиши Сурх тарсида ба водии лақай рӯ меоварад ва умед мебандад, ки дар байни аҳолии маҳаллии он ҷо такягоҳе пайдо мекунад. Аммо ин умедаш ҳам барбод рафт. Деҳқонон на танҳо ба дастаҳои вай ҳамроҳ нашуданд, балки худашон фаъолона ба ёрии Артиши Сурх бархостанд. Ар-

тиши Сурх ба ҳимояи ҳукумати Шӯравии азиз синасипаркунон истод. Дар ҳар ҷое хатари пайдоиши дастаи босмачӣ ба вуҷуд меомад, деҳқонони бо гурӯҳҳои «калтакдорони сурх»-и таҳти роҳбарии ташкилотҳои ҳизбӣ ташкилёфта силоҳ дар даст, дастовардҳои Давлати Шӯравӣ – дастовардҳои худро ҳимоят мекарданд.

Иброҳимбек дид, ки зери пояш оташ сар додаанд, сӯи кӯҳҳои Боботов бо хаёле рӯ овард, ки он ҷо худро нисбатан озод ҳис мекунад. Воқеан, шумораи сарбозони қисмҳои Артиши Сурх, ки аз байн бурдани дастаҳои Иброҳимбекро ба ӯҳда доштанд, чандон зиёд набуданд, бинобар ин онҳо кулли роҳҳои ҳаракати ӯро то ағба зери назорати худ гирифта наметавонистанд. Вале дар он ҷо ҳам Иброҳимбекро ноумедии бениҳоят сахт интизор буд. Ба ёрии Артиши Сурх теъдоди зиёди калтакдорони сурх омаданд, ки сарбозони шӯравӣ тамоми масоҳати Боботовро таҳти назорати худ гиранд. Иброҳимбек чун дарандаи ба таъқиб афтода, акнун аз як навоҳии кӯҳистон ба дигараш гурехта, дар ягон ҷо роҳи халосӣ пайдо карда натавонист.

Дастаҳои ӯ, ки байни Кӯлобу Қӯрғонтепа ва Кӯлобу Боботов амал мекарданд, пароканда гардида, асир меафтоданд ва худаш бо йигитҳои иборат аз чанд даҳнафара, ҳаракати дубораи он сӯи сарҳадгузарӣ дошт. Ҳангоми аз рӯди Кофарниҳон гузаштани ӯ дастаи калтакдорони сурх бо сардории колхозчӣ Муқим Султон ӯро дастгир намуд.

Ҷамъбасти мубориза бо дастаҳои Иброҳимбек моҳи июли соли 1931 дар Иҷлосияи (Сессияи) Кумитаи иҷроияи марказии РСС Тоҷикистон ба охир расид. Иҷлосия ба номи рафиқ Ворошилов барқия қабул кард, ки дар он гуфта мешуд:

«Иҷлосия қайд мекунад, ки Артиши Сурх ва қисмҳои ҷавони миллии вай, якҷоя бо тамоми меҳнаткашони Тоҷикистон фидокорона ба муқобили дастаҳои босмачӣ мубориза бурда, зуд ва тамоман нест кардани дастаҳои зиддиинқилобиро таъмин намуд.

Мо шуморо бовар мекунонем, ки бо роҳбарии ҳизб минбаъд ҳам барои дастовардҳои сохтмони сотсиалистӣ, ки гарави беҳтарини қудрати мудофиавии Иттиҳоди Шӯравӣ ба

ҳисоб мераванд, нерӯҳои Артиши Сурху қисмҳои миллии онро мустаҳкам месозем, ҳамеша барои зарбаи марговар задан ба душман омода мешавем, сарҳади Иттифоқи Шӯравиро дар Шарқ ҳушёрона посбонӣ мекунем».[1]

Торумори дастаҳои Иброҳимбек шаҳодати он буд, ки босмачигарӣ дар Тоҷикистон хотима ёфт. Дар моҳҳои апрел-июни соли 1931-ум ба вай чунон зарбаҳо заданд, ки дигар ҳеҷ гоҳ ба худ омаданаш имкон надошт. Гурезаҳои зиддиинқилобӣ дар хориҷа дигар ба Тоҷикистон умед намебастанд, зеро аз байн бурдани синфи истисморгар ва комёбиҳои рӯзафзуни сохтмони сотсиалистӣ теша ба решаҳои иҷтимоии ҳаракати босмачигарӣ зада буд.

Дар як муддати нисбатан кӯтоҳи панҷсолаҳои Сталинӣ дар ҷумҳурӣ як қатор корхонаҳои саноатӣ сохта шуданд, аз ҷумла чунин корхонаҳои бузурги Комбинати шоҳибофии Ленинобод, фабрикаи пилакашии Сталинобод, комбинати консерва, комбинати гӯшт, заводи механикии нон, комбинати пахтаву коғаз, заводи чӯбу тахтаи Гулписта, заводи семент. Дар Тоҷикистон саноати коркарди пахта ба роҳ монда шуда, даҳҳо корхонаҳои саноати хӯроки умумӣ ба кор даромад. Дар мамлакате, ки то дирӯз ҳатто равғани лампа (карасин) зеби хонадон ба ҳисоб мерафту танҳо хонаҳои сарватмандонро рӯшан мекард, даҳҳо истгоҳи барқӣ ба кор даровара шуданд, ки соле садҳо ҳазор киловат-соат нерӯи барқ ҳосил мекарданд.

Солҳои ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон саноати нафт бо номи («Нефтобод»), кони ангишти «Шӯроб» ба кор даромаданду рӯзафзун нафту ангишт медоданд. Корҳои зиёд оид ба кофта баровардани бойтарин маъдани кӯҳии ҷумҳурӣ сар шуд. Дар асоси чунин пешравиҳои бузурги саноатӣ кадрҳои миллии пролетарӣ ба суръати баланд меафзуданд. Соли 1914-ум дар соҳати Тоҷикистони ҳозира ҳамааш шуда 200 коргар буд. Ҳоло дар корхонаҳои саноатии Тоҷикистон теъдоди коргарон ба даҳҳо ҳазор расидаанд. Ҳамин тавр Тоҷикистони пешини мулки мероси калони

[1] «Коммунист Таджикистана», 1931, № 172, аз 31 июл.

(вотчинаи) амири Бухоро ва мамлакати зердасти ҳукумати подшоҳии рус дар муддати кӯтоҳ ба мамлакати соҳиби саноати пешқадам мубаддал гардид.

Таҳти кӯмакҳои бародаронаи халқи бузурги рус Тоҷикистон барои бартарафсозии ақибмондагии соҳаи зироаткории асилаш қадамҳои баҳодурона гузошт. Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар соҳаи зироати Тоҷикистон сохти дастаҷамъӣ (колхоз) ба вуҷуд омад, ки дар он қариб ҳамаи деҳқонони гирду пеш шомил мешуданд ва якҷоя (дар хоҷагиҳои давлатӣ) қариб 100 фоизи тамоми заминҳои корамро дар ихтиёри худ доштанд. Дар ин муддат соҳаи зироаткории Тоҷикистон бо техникаи навтарин ҷиҳозонида шуда буд. Ҳазорҳо трактор дар пайи шудгори заминҳои хоҷагиҳо буданд; дар саҳроҳои зироаткорӣ комбайнҳо, мошинҳои хирманкӯбии мураккаб ва дигар навъи мошинҳои хоҷагии деҳот пайдо шуданд. Бо усули бобоӣ якҷоя бо меҳнаткашони Ӯзбекистон ҳамчунин иншооти мустаҳками обёрӣ сохта мешуданд, ба мисли Канали калони Фарғонаи ба номи Сталин, канали калони Ҳисори ба номи Молотов, ки сохтмони онҳо дар солҳои ҷанг ба анҷом расиданд.

Дар Тоҷикистон ба хусус хоҷагиҳои пахтакорӣ ривоҷ ёфт, ки асоси хубии зиндагонии колхозчиён шуд. Соли 1941 дар ноҳияҳои пешқадами ҷумҳурӣ аксарияти колхозҳо миллионер буданд. Майдонҳои пахта сол то сол пайваста кушод ва сол то сол миқдори пахтаи тайёри Тоҷикистон зиёдтар мегардид. Тоҷикистон дар Иттифоқ аз ҷиҳати ҳосили баланд ва миқдори пахтаи навъҳои мисрӣ ба ҷои аввал баромада буд. Хоҷагиҳои ғаллакори мамлакат ба комёбиҳои барҷаста ноил мешуданд. Ҳатто дар Помир, ки ҳамеша норасоии нонро эҳсос мекард ва мардум қисми зиёди солро ба ҳосили тут ва мавизи он мегузаронданд, солҳои Хокимияти Шӯравӣ, бо вуҷуди шароит ва иқлими номусоидаш, базаи махсуси хӯроквории худашон ташкил дода шуд, ки то андозае талаботи мардуми Вилояти Худмухтори Кӯҳистони Бадахшонро бо маҳсулоти соҳаи зироат таъмин менамуд. Ҳамин тавр дар Тоҷикистоне, ки замоне истисмори сангини

бою феодалӣ ҳукмронаш буд, акнун соҳаи зироаткории сотсиалистии бехабари истисмори одам аз тарафи одам, устувор мешуд.

Солҳои ҳокимияти Шӯравӣ роҳҳои бисёре сохта ба истифода дода шуданд, ба мисли роҳи бузурги Помир – Ӯш – Хоруғ, роҳи калони Помир ба номи Сталин, ки 557 километр тӯл дошт ва дар бисёре аз навоҳию деҳоти душворрас ба бероҳагӣ хотима бахшид. Соли 1941 дар муддати чоруним моҳ роҳи Сталинобод – Ӯротепа сохта шуд, ки дар сохтмони он 24000 кас иштирок дошт. Акнун нақши бузургро роҳҳои ҳавоӣ мебозиданд. Хатти ҳаракати ҳавопаймойи Тоҷикистон аз нигоҳи шумора дар Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз ҷойҳои аввалро мегирад ва Сталинободро бо дуртарин ноҳияҳо мепайвандад.

Муваффақиятҳои Тоҷикистон махсусан дар соҳаи маданияти шаклан милливу мазмунан сотсиалистӣ хеле мароқоваранд. Дар солҳои Хоқимияти Шӯравӣ қисми зиёди аҳолии Тоҷикистон саводнок гардид. Дар мактабҳои ибтидоӣ, миёнаи нопурра ва миёнаи РСС Тоҷикистон бештар аз 300 ҳазор фарзанди халқ мехонанд, дар 6 мактаби олӣ ва техникуми он – 3,755 нафар донишҷӯ таҳсилро давом медиҳанд.Адади нашри ҳамарӯзаи рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятию ноҳиявӣ садҳо ҳазор нусхаро ташкил медиҳанд, асарҳои Марксу Энгелс, Ленину Сталин ба забони тоҷикӣ тарҷума ва чоп мешаванд. Бисёр асарҳои Л.Толстой, Пушкин, Гогол, Лермонтов, Горкий ва дигар классикони русу аврупои ғарбӣ ба забони тоҷикӣ гардонидаву чоп шудаанд. Нашриёти давлатии Тоҷикистон мактабу маорифи халқро ҳар сол торафт бештар ба забони тоҷикӣ таъмини китобу дастурҳои таълимӣ мекунад. Даҳаи адабиёт ва санъате, ки моҳи апрели соли 1941 дар Москва баргузор шуд, нишон дод, ки меҳнаткашони Тоҷикистон солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ба чӣ комёбиҳои барҷастае ноил гардидаанд, махсусан дар соҳаи адабиёт ва санъат. Ҳамон сол дар шаҳри Сталинобод дари бинои аз ҷиҳати сохт беҳамтои Опера ва балети Тоҷикистон кушода шуд.

Ин комёбиҳои беназири халқи тоҷик дар соҳаи

хоҷагидорӣ ва маданияти сохтмон, пеш аз ҳама натиҷаи дӯстии сталинии халқҳост, ки асоси онҳо рӯзҳои даргири Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр, рӯзҳои Инқилоби Шӯравӣ дар Бухоро ва рӯзҳое, ки меҳнаткашони Тоҷикистон бо ёрии Артиши Сурхи қаҳрамон босмачиёну қӯрбошиёнро торумор мекарданд, гузошта шуда буданд. Инҳо натиҷаи ёрии бародарона ба халқи тоҷик аз ҷониби халқи рус, аз ҷониби халқҳои дигари Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ, натиҷаи ғамхориву ёрии ҳамарӯзаи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Умумииттифоқ, Ҳукумати Шӯравӣ ва рафиқ Сталин ба халқи тоҷик буд.

# XXI. ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНИИ ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ. ЗАҲМАТ ДАР АҚИБГОҲ

Халқи тоҷик пеш аз инқилоб дар вазъи сахти истисмори миллии мустамликавӣ қарор дошт ва хатари воқеии батамом маҳв гардиданаш рӯ ба рӯ буд. Ҳамаи ин таҳдидро Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр аз байн бурд.

Тоҷикон бори нахуст дар оилаи халқҳои бародари Умумиттифоқ, дар тӯли таърихи бисёрасраи худ, ки пур аз муборизаҳои шадид бо истилогарони аҷнабию асоратгар аст, барои ҳаёти босаодату хушнудона ҳуқуқи комил пайдо намуданд ва аз нури офтоби Конститутсияи Сталинӣ имкон ёфтанд, ки хоҷагидорию маданияти худро дар чаҳорчӯбаи истиқлолият, иҷтимоию якрангии давлати сотсиалистӣ тараққӣ диҳанд. Халқи тоҷик бо кӯмаки ҳамарӯзаи ҷониби халқи бузурги рус ва дигар халқҳои умумиттифоқ, дар як муддати кӯтоҳ ба он қадар комёбиҳо дар соҳаҳои давлатӣ, хоҷагидорӣ ва маданӣ расид, ки дар боло бисёр мухтасар таснифаш намудем.

Душмани қаттол ва маккори саросар мусаллаҳ – душмани тамоми инсонияти озодихоҳи олам – Гитлер мехост, ки оилаи бародаронаи халқҳои Иттиҳоди Шӯравиеро барбод диҳад, ки дар қатори онҳо халқи тоҷик ҳам бахту саодати худро дарёфта буд, тамоми дастовардҳои беназирашро, ки халқи Тоҷикистон ба шарофати инқилоб ва муборизаҳои минбаъдааш баҳри комёбиҳои сохтмони сотсиализм рӯёнда буд, зери хатар гузорад.

**«Душман қаттол ва бераҳм аст, – гуфт рафиқ Сталин,– вай назди худ мақсад гузоштааст, ки замини моро гирифта, ҳосили бо арақи ҷабин рӯёндаи ғаллаи мо, нафти бо меҳнати пурмашаққат ба даст овардаи моро ғасб намояд. Вай назди худ мақсад гузоштааст, ки ҳукмронии заминдоронро барқарор созад, эҳёи ҳукумати подшоҳӣ, нест кардани маданияти миллӣ ва давлатдории миллии рус, латиш, эстонӣ, ӯзбек, тотор, молдован, гурҷистонӣ, арману озар ва дигар халқҳои Иттиҳоди**

**Шӯравиро хароб созад, ҳамаро олмонӣ гардонад, онҳоро ба ғуломи князҳову баронҳои немисӣ мубаддал гардонад. Ба ин тариқ, сухан дар бораи зиндагӣ ва марг, ҳастӣ ё нестии Давлати Шӯравӣ, ҳаёт ва мамоти халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ меравад, дар бораи он меравад, ки халқи Шӯравӣ озод бошад ё набошад ва ба ғуломони онҳо мубаддал шавад ё нашавад. Зарур аст, ки халқи Шӯравӣ инро бифаҳмад ва ҳаргиз бепарво набошад, тамоми қудраташро равонаи он созад, ки худро бозсозӣ кунад ва ба услуби ҳарбӣ дароварад ва ба душман ҳеҷ амон надиҳад».**[1]

Дар ҷавоби даъвати доҳӣ бо рӯҳбаландии бузурги ватанпарварона фарзандони озодихоҳи халқи тоҷик– набераҳои Кова, авлодони Спитамон, Муқаннаъ, Темурмалик, Маҳмуди Торобӣ – сарбадорони Самарқанд, ба сафҳои Артиши Сурх рафтанд, ки силоҳ дар даст зидди урдуи Гитлер ба ҷанг дароянд, озодӣ ва истиқлолияти Ватани худро ҳимоя намоянд.

Коргарон, колхозчиён ва зиёиёни Тоҷикистон ба даъвати рафиқ Сталин бо рӯҳбаландии бузурги ватандӯстона ҷавоб доданд, тамоми фаъолияташонро ба корҳои ҳарбӣ мувофиқ карда қарор доданд, ба душмани ғаддор зарбаҳо зада, дастовардҳои инқилобро муҳофиза намоянд. Бо рӯҳияи баланди ватанхоҳӣ корҳоро дар хоҷагиҳо, хоҷагиҳои давлатӣ, дар заводу фабрика ҳамаро ба нафъи ҷабҳаву вазифаҳои ташкили шикасти душмани қаттол мувофиқ бигардонанд.

Коргарони Тоҷикистон барои ҳарчӣ бештар ба ҷабҳа фиристодани маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ мекӯшиданд, баробари эълони ҷанг зуд, тамоми вазифаҳоро ба вазъи ҷабҳа мувофиқ гардонида, кори муттафиқонаро тезониданд. Саноати ҷумҳурӣ ва дорои аҳамияти иттифоқӣ дар нимаи дуюми соли 1941, бо вуҷуди душвориҳои вобастаи шароити замони ҷанг, истеҳсоли маҳсулотро хеле афзун гардонид ва нақшаҳои соли 1941 барзиёд иҷро шуд ва он назар ба соли

[1] Сталин. О Великой отечественной войне Советского Союза. Изд. 3-е, Москва, с. 12-13.

1940-ум 14 фоиз зиёдтар буд. Баъзе соҳаҳои саноат аз 30 то 50 фоиз бештар маҳсулот доданд. Соли 1941-ум саноати истеҳсолии тобеи маҳаллии ноҳиявию вилоятӣ қадами бузург ба пеш партофт.

Барои ба халқ ва ҷабҳа маҳсулоти бештари зироат додан соли 1941 колхозчиёни Тоҷикистон бо рӯҳбаландии барҷаста сари кор гирифта ба пешравиҳои басо муфиди истеҳсолӣ ноил гардиданд, назар ба як соли пеш – 33 рӯз пештар нақшаи ба давлат супурдани пахтаро иҷро карда, ба давлат 1000 тонна пахтаи маҳиннахи навъи мисрӣ ва амрикоиро изофа ба нақша доданд. Садҳо бригада ва гурӯҳҳои (звеноҳо) колхозчиён барои ҳосили соли ҳарбии маҳсулот мубориза ро авҷ дода, ӯҳдадориҳои худро низ бомуваффақият иҷро намуданд. Колхозчиёни вилояти Ленинобод ҳосилнокии пахтаро ба андозаи 23 фоиз боло бурданд. Ҳосили ҳар гектари пахтаи навъи амрикоиро колхозчиёни вилояти Сталинобод ба як сентнер боло бурданд.

Соли 1941 меҳнаткашони Тоҷикистон дар бобати пешрафти чорводорӣ ба муваффақияти калон ноил шуданд. Барои он ки ба ҷабҳа бештар маҳсулоти чорво бифиристанд, хоҷагиҳо нақшаи афзоиши чорворо аз рӯи ҳайвоноти калони шохдор 108,3 фоиз, аз ҷумла модгов 137,3 фоиз, барзагов ба 143,2 фоиз ба иҷро расонданд. Онҳо дар бобати парвариши моли хурд – бузу гӯсфанд ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд, ки нақша 104,7 фоиз иҷро шуд. Дар натиҷаи муборизаи фидокоронаи колхозчиёни Тоҷикистон саршумори гӯсфанду буз соли 1941 хеле афзуд; саршумори гов – 21,4 фоиз, асп – 5 фоиз, гӯсфанду буз–25,4 фоиз, хук – 30 фоиз зиёд гардид.

Дар ҷамъбасти соли 1941 кишоварзони Тоҷикистон маҳсулоти давлатиро ба ҷабҳа ва мамлакат аз нигоҳи ғалла, гӯшт ва ғайра, ҳамчунин маҳсулоти саноатӣ, назар ба соли 1940-ум хеле зиёд супурданд.

Колхозчиёни РСС Тоҷикистон, баробари анҷоми корҳои зироату чорводорӣ як қатор корҳои сохтмониро низ ба поён бурданд, ки дорои аҳамияти калону бас муҳими халқиву хоҷагидорӣ буданд – ин ҷо қисмати тоҷикистонии Канали

калони Ҳисор, роҳи Сталинобод-Ӯротепа ва ғайра дар назар аст. Дар ин сохтмонҳо 55 ҳазор кас иштирок доштанд.

Мамлакати Шӯравӣ соли нави 1942-юмро дар вазъияте истиқбол кард, ки Артиши Сурхи ба сабаби ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт ба хоки мо зада даромадани фашистони олмонӣ моҳҳои аввали ҷанг ба ақибнишинӣ маҷбур шуда, акнун худаш дар қисмҳои асосии ҷабҳаи азим ба ҳуҷум даромада буд.

Қувваҳои нави ҳаётӣ изофа шуда, бо одаму техника таъмин гардида, ба ихтиёри худ артиши дивизияҳои захиравии навро гирифта, вай дар як муддати кӯтоҳ ба фашистони олмонӣ паси ҳам дар Ростови Лаби Дон ва Тихвин, дар Қрим ва Москва зарбаҳои марговар мезад.

Дар он рӯзҳо рафиқ Сталин мегуфт, ки бо муваффақиятҳои ба даст оварда хотирҷамъ шудан кӯтоҳандешии нобахшиданист ва таъкид менамуд, ки дар пеш мушкилот зиёданд, зеро душман ҳанӯз маҳв нашудааст, зиёда аз он, торумор нашудааст, мӯҳри ғалабаро бикӯбанд. Зарур аст, ки саноати мо, бахусус саноати ҳарбӣ, бо нерӯи дучанд кор бикунад. Зарур аст, ки ҳар рӯз ҷабҳаи мо«Аз ин рӯ,– тақозо мекард рафиқ Сталин,– зарур аст, ки дар мамлакати мо ягон дақиқа ҳам таҳияи захираро суст накарда, ба ҷабҳа кӯмак бирасонем. Зарур аст, ки қисмҳои нав ба нави ҳарбӣ сафарбари ҷабҳа шаванд ва ба пешонаи душмани ваҳшӣ мӯҳри ғалабаро бикӯбанд. Зарур аст, ки саноати мо, бахусус саноати ҳарбӣ, бо нерӯи дучанд кор бикунад. Зарӯр аст, ки ҳар рӯз ҷабҳаи мо бештару бештар танк, ҳавопаймо, тӯп, миномёт, пулемёт, милтиқ, автомат ва тир ба даст орад».[1]

**«Дастовардҳо хотирҷамъатон накунад, майдонҳои киштро васеъ намоед, заминҳои нави бекорхобидаро кушоед, то дар соли 1942 боз ҳам бештар пахта, ғалла, сабзавот бикоред,– менавиштанд дар навбати худ ҷанговарон аз ҷабҳа ба меҳнаткашони Тоҷикистон.- – Дар хоҷагиҳотон саршумори чорворо афзун гардонед,**

[1] И. Сталин. О великой отечественной войне Советского Союза, с. 51.

**ҳазор сар аспи зотиро барои Артиши Сурх тайёр намоед, миқдори канданиҳои фоиданоки камёби қӯрғошим, сурб, нафт, ангиштро, ки барои саноати ҳарбии мо заруранд, афзун созед, бештар пойафзол бароред, либос дӯзед, консерв истеҳсол бикунед. Барои Артиши Сурх захираҳои нав таҳия созед. Дарсҳои ҳарбиро устувор омӯзед».**

Дар ҷавоб ба талаботи ҷабҳа коргарон, колхозчиён, намояндагони зиёии Тоҷикистони Шӯравӣ бо ҷидду ҷаҳди тамом корро тарзе ба роҳ монда буданд, ки ӯҳдадориҳоро на танҳо иҷро, балки барзиёд иҷро намоянд.

Колхозчиёни Тоҷикистон соли 1942 бо рӯҳияи ниҳоят баланд ба киштукори баҳорӣ шурӯъ карданд. Онҳо барои ба мамлакат бештар расондани нон ба кишти ғалла ва ҳосили баланди дархости Сталинӣ камар бастанд.

Соли 1942 ҳисоби миёнаи ғалладона дар ҷумҳурӣ ба 1,3 сентнерӣ аз ҳар гектар афзуд ва миқдори умумии ғаллаи ба даст оварда 1.344.000 сентнерро ташкил дод. Назар ба соли пештара ҷумҳурӣ нақшаи кишти тирамоҳиро барзиёд иҷро карда буд. Охири декабри соли 1942 кишти тирамоҳӣ назар ба соли 1941-ум 12 фоиз афзун гардид.

16 декабри соли 1942 дар натиҷаи меҳнати фидокоронаи колхозчиён, Тоҷикистон назар ба соли гузашта 20 рӯз пештар нақшаи кишти тирамоҳиро анҷом дод ва назар ба тирамоҳи соли 1941-ум 107.000 гектар зиёдтар ғалла кишт.

Колхозҳои Тоҷикистон соли 1942 барои афзудани саршумори чорво ғамхории махсус зоҳир намуданд, дар афзоиши вазни чорвои ҷамъиятӣ ба муваффақиятҳои беназир ноил шуданд. Соли 1939 танҳо 62 фоизи хоҷагиҳои Тоҷикистон фермаҳои чорвопарварӣ доштанд. Соли 1942 аксарияти колхозҳои ҷумҳурӣ фермаҳои чорводорӣ ташкил дода, онҳоро то ҳадди ақал таъмини чорво намуданд.

Аввали моҳи октябри соли 1942 садҳо хоҷагӣ аз ӯҳдаи иҷрои нақшаи афзоиши чорвои ҷамъиятӣ баромаданд ва ҷиҳати зимистонгузаронии он омодагии хуб гирифтанд.

Дар ҷумҳурӣ то 1 декабри соли 1942 нақшаи афзоиши саршумори чорво яклухт ба иҷро расид, аз ҷумла чорвои

калони шохдор 106,3 фоиз, гӯсфанду буз – 106,4 фоиз, асп – 108,3 фоиз шуд.

Иҷрои пеш аз мӯҳлати ӯҳдадориҳои давлатӣ дар рӯзҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ барои аксари колхозҳо ва колхозчиёни Тоҷикистон қонуни таъхирнопазир шуда буд. Онҳо ҷиҳати тезонидани торумори душман ҷидду ҷаҳд намуда, нақшаи ба давлат супурдани ғалларо назар ба соли 1941 22 рӯз пештар иҷро намуданд. Нақшаи ба давлат супурдани гӯшт ва дигар ӯҳдадориҳо назар ба солҳои пеш 55 рӯз пештар ба иҷро расонда шуд.

Барои он ки ҳар чӣ бештар абрешим тайёр карда ба парашютчиёну ҳавопаймоёни Армияи Сурхи Ватан фиристанд, соли 1942 даҳҳо ва садҳо пиллапарварони Тоҷикистон ҳосили рекордӣ ба даст оварданд. Нақшаи пилласупориро ҷумҳурӣ ба 102 фоиз расонид.

Бо афзоиши ҳосили зироат ва саршумори чорво соли 1942 назар ба соли 1941 даромади колхозҳо ва колхозчиён низ афзун гардид. Онҳо соли 1942-ум танҳо аз ҳисоби пиллапарварӣ 16 миллион сӯм даромад ба даст оварданд.

Соли 1942 ғалабаи калон дар ҷабҳаи заҳмати ақибгоҳ низ даст дод ва он пурра ба анҷом расидани Канали Калони Ҳисор буд, ки меҳнаткашони Тоҷикистон 12 сентябри ҳамон сол ҷашнаш гирифтанд.

Аҳамияти барҷастаи Канали Калони Ҳисорро барои меҳнаткашони Тоҷикистону Ӯзбекистон танҳо ҳамин далелу рақамҳо кифояти сидқ мекунанд, ки вай дар водии Ҳисори Тоҷикистон 12000 гектар ва дар водии Сурхондарёи Ӯзбекистон – 25.000 гектар заминро обёр месозад. Тӯли умумии канал 49 километр, ҳаҷми корҳои дар канал анҷом ёфта 2.140 ҳазор метри мукааб буд. Сар-сари роҳи оби канал 30 иншооти гидротехникӣ – дарвозаҳои банду басти об, ғулбаҳо (акведук), кӯпрукҳо, дюкерҳо ва дарвозаи асосии обгирӣ аз рӯди Душанбе сохта шуда буданд. Ғайр аз ин 6.828 метри мукааб бетонкорӣ, 2.315 метри мукааб оҳану бетон ва 20.000 метри мукааб сангчид анҷом дода шуда буданд.

Дар сохтмони канал то 30.000 колхозчиёни вилояти Ста-

линобод иштирок доштанд. Онҳо шабу рӯз нагуфта, бо ҳама ҳастӣ меҳнат мекарданд, супоришҳояшонро ду-се баробар зиёд ба иҷро мерасонданд.

Ин сохтмони нави азими халқӣ натиҷаи заҳмати меҳнаткашони ду ҷумҳурии бародар – Тоҷикистону Ӯзбекистон маҳсуб мешуд. Дар рафти каналкобии якҷояву фидокорона дӯстии анъанавии ду халқи бародар боз ҳам бештар мустаҳкам ва қавӣ гардид.

Соли 1942 барои он ки торумори тӯдаҳои ваҳшии гитлерӣ зудтар анҷом гирад, коргарони муассисаҳои саноатии Тоҷикистон қувваю ғайрати худро дареғ надошта, устуворона меҳнат мекарданд. Аксарияти корхонаҳои ҷумҳурӣ ҳамаи корҳоро мувофиқи замони ҷанг ба роҳ монда, супоришҳои истеҳсолиро барзиёд иҷро мекарданд, истеҳсоли маҳсулот хеле зиёд гардид. Кормандони маъдани Мосриф нақшаи солонаи худро ду моҳ пеш ба иҷро расонда буд. Заводи консерваи Қистакӯз 1 декабр нақшаи солонаашро 129 фоиз иҷро намуд, заводи кашкоббарории Сталинобод нақшаашро 174 фоиз иҷро кард. Комбинати консерви Ленинобод, Комбинати пахтаву коғази Сталинобод, Комбинати гӯшти Сталинобод ва дигар корхонаҳо нақшаҳои солонаро бомуваффақият иҷро карданд. То 10 декабри соли 1942-юм 18 муассисаҳои Иттифоқию ҷумҳурӣ нақшаҳои солонаи худро барзиёд иҷро намуданд, ба давлат ва ба ҷабҳа ба маблағи бештар аз 4,5 миллион сӯм маҳсулоти иловагӣ фиристоданд.

Давраи ҷанг дар корхонаҳои ҷумҳурӣ теъдоди занон хеле зиёд шуданд. Занон, модарон ва хоҳарони мардҳое, ки ба ҷабҳа рафта буданд, касбҳои мураккабро бомуваффақият азхуд намуда, тамоми қуввату ғайратро ба кор мебурданд, ки ба ҷабҳа ва Артиши Сурх ёрӣ расонанд, то ҳарчи зудтар душмани ғаддорро торумор созанд. Дар фабрикаҳои дӯзандагӣ ва шоҳибофӣ, дар заводҳои чарм ва пахтатозакунӣ, дар роҳҳои оҳану МТС-ҳо, дар ҳама ҷо занон касбҳои мардҳоро азхуд мекарданд: механикҳо, ронандагони трактор, кафшергарони барқ, устоҳои мотор, рехтагарону ронандагони локомотивҳо занон буданд.

**Соли 1942 меҳнаткашони Тоҷикистон ҳамаи супоришҳои замонiҷангии ҳизбро бомуваффақият иҷро карданд. Ин гуна супоришҳо дар миқёси умумииттифоқ иборат буданд: «гузаронидани корхонаҳои саноатии ҳам ҳарбӣ ва ҳам гражданӣ ба ҷойҳои дигар, ба навоҳии Шарқии мамлакати мо кӯчондани мутахассисон ва таҷҳизоти корхонаҳо, таъмини коргарон бо ҷойҳои нав ва кушодани заминҳои кишт ва афзунсозии майдонҳои кишти тирамоҳӣ дар Шарқ, ниҳоят, куллан беҳтарсозии кору фаъолияти корхонаҳои мо, ки барои ҷабҳа кор мекунанд ва мустаҳкамсозии интизоми меҳнат дар ақибгоҳ, чӣ дар заводҳо ва чӣ дар колхозу совхозҳо».[1]**

Ҳамин тавр, супоришҳои ҳизбро меҳнаткашони Тоҷикистон соли 1942-ум ҳам устуворона иҷро карданд, вале тобистони ҳамон сол вазъи ҷабҳа ба сӯи бад тағйироти ҷиддӣ дид. Аз кушода нашудани ҷабҳаи дувум дар Аврупо немисҳо ва тарафдорони онҳо сӯистифода карда тамоми нерӯҳои захиравии худро ҷамъ намуда, ба ҷабҳаи Украинии мо партофтанд ва онро рахна карданд, агарчи талафоти зиёд доданд, вале тавонистанд, ки ба сӯи ҷануб пеш раванд ва Сталинград, Черноморск, соҳилҳои Грозный ва сарҳадҳои Қафқозро зери хатар қарор диҳанд.

Коргарону колхозчиён, зиёиёни Шӯравии Тоҷикистон мефаҳмиданд, ки рафти ҷанг қисмати Давлати Шӯравиро ҳал хоҳад кард, аз ин рӯ тамоми мушкилоти мавҷударо сарбаландона бартараф мекарданд. Мушкилот дар он буд, ки қувваи коргарӣ коста, деҳқонони саҳроҳо низ аксар ба ҷабҳа рафта буданд. Воситаҳои ҷуфтронӣ намерасиданд, миқдори мошину дигар воситаҳои нақлиёт рӯ ба коҳиш оварда буданд.

Соли 1943 чӣ дар соҳаи зироат ва чӣ дар соҳаи саноат боз соли пешравию комёбиҳо гардид.

Соли 1943 масъалаи ҷумҳуриро бо нони худ таъмин намудан ҳал шуд. Дар нимсолаи аввал, аллакай ҷумҳурӣ нақшаҳои ривоҷи соҳаи чорвои ҷамъиятиро барзиёд иҷро кард.

---

[1] И.Сталин. О великой отечественной войне Советского Союза, с. 72.

Чорвои калони шохдор – 102.9 фоиз, бузу гӯсфанд – 111 фоиз, хук–105 фоиз афзуданд. Нақшаҳои нимсолаи расондани гӯшт дар соли 1943 пеш аз мӯҳлат – 117 фоиз, супурдани гӯшт ба захираи Аскари Сурх – 123 фоиз иҷро гардиданд.

Барои иҷрои нақшаҳои истеҳсолии соли 1943 коргарони саноати давлатии ҷумҳуриявӣ бо рағбати зиёду меҳнати фидокорона мубориза бурданд. Корхонаҳои зерин нақшаҳои солонаи истеҳсолиро пеш аз мӯҳлат ба 102,2 фоиз расонданд: «Наркомпишепром», «Наркоммяссомолпром» (101.1 фоиз), «Наркомлегпром (101,7 фоиз), Наркомместпром ( 104,4 фоиз) «Тоҷикпромсовет» (107.8 фоиз), «Тоҷикоопинсоюз» (140,0 фоиз). Соли 1943 саноати ангишту нафт низ нақшаҳои истеҳсолии солонаро иҷро кард. Нақшаи саноати тобеи ноҳиявию вилоятӣ 112 фоиз пеш аз мӯҳлат (то 1 декабр) иҷро гардид.

Соли 1943 кормандони саноати хӯрокворӣ бо рӯҳбаландии махсуси ватанпарварона кор карданд. Солҳои 1942-1943 се заводи равған – дар Кировобод, Шаҳритус ва Фархор ба кор дароварда шуданд. Заводҳои нав, ки ба кор даромаданд, миқдори пунбадонаи коркардиро то ба 20.000 тонна дар як сол афзуданд. Дар ин муддат корхонаҳои (цеххҳои) нави консерву шарбати помидор (томат) дар заводи консервии шаҳри Конибодом, томат – дар шаҳри Исфара ба кор андохта шуданд. Инчунин сохтмони банду басти асосии заводи кишмиш дар шаҳри Ӯротепа омода гардид. Сехи шишабарории назди Комбинати консерви Ленинобод ба кор даромад, ки дар натиҷа саноати консервбарории Тоҷикистон то як андоза бо зарфҳои шишагини худӣ таъмин гардид. Умуман, иқтидори саноати консерв ба 3.2 миллион банкаи шартӣ ва 500 тонна шарбати помидор афзуд. Истеҳсоли консервҳои гӯшт ва гӯшту сабзавот назар ба соли 1941-ум 2 баробар афзуд.

Баъзе корхонаҳои Тоҷикистон намунаҳои беҳтарини роҳи ҳалли болшевиконаи вазифаҳои дар пешистодаи худро пешниҳод карданд. Кормандони Кони Чоруқдарони кӯҳи Қара Мазор, ба мусобиқаи сотсиалистии Умумииттифоқӣ ҳамроҳ шуда, миқдори истеҳсоли фулузотро рӯз то рӯз, моҳ

то моҳ меафзуданд. Коргарони кони Чоруқдарон назар ба соли 1943 истеҳсоли контсентратро дар моҳи июн – 4.5 баробар, моҳи июл – 6 баробар зиёд намуданд ва дар мусобиқаи сотсиалистии Умумииттифоқӣ ҷои сеюмро гирифтанд. Истеҳсоли консентрат назар ба моҳи январ моҳҳои август ва сентябр – 10 баробар зиёд шуд. Барои нишондодҳои олиашон дар моҳи август Байрақи Сурхи Сайёри ВЦСПС ва «Кони беҳтарини фулузоти рангаи СССР», («Наркомсветметал») супурда шуд. Ба корхона мукофоти дараҷаи аввалро доданд. Ҷомеаи коргарони кон ба мусобиқаи пеш аз октябрӣ ҳамроҳ шуда, ӯҳдадор гардиданд, ки нақшаи солонаи истеҳсоли фулузотро дар арафаи ҷашни XXVI-солагии Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ба иҷро расонанд.

Аз ҷониби ВЦСПС ва «Наркомат»-и Иттифоқ барои муваффақиятҳои барҷастаи истеҳсолиашон дигар корхонаҳои Тоҷикистон низ қадр карда шуданд. Муддати чандин моҳи солҳои 1942 ва 1943-юм Комбинати гӯшти Сталинобод дар қатори ғолибони Мусобиқаи сотсиалистии Умумииттифоқӣ буд ва чандин бор мукофоти дуюмро ба даст овард. Солҳои 1942-1943 барои комёбиҳои меҳнатӣ як қатор коргарони соҳаи саноати хӯрокворин Тоҷикистон низ бо ордену медалҳо тақдир шуданд. Даҳҳо пешқадами истеҳсолоти РСС Тоҷикистон Нишони аълочии Наркомати Иттифоқ гирифтанд.

Меҳнаткашони Тоҷикистон, ки бо дастони мӯъҷизаофари худ Канали Калони Фарғона, Канали Калони Ҳисор, Роҳи Калони Помир, даҳҳо ҷӯйбору роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллиро сохта буданд, соли 1943 бо ташаббуси нави ватанпарварона пеш баромаданд. Онҳо сохтмони боз як роҳи дорои аҳамияти муҳими хоҷагии халқро шурӯъ ва қисми зиёди онро ба иҷро расонданд.

Ҳамчунин соли 1943 бо қувваи колхозчиён ва дигар меҳнаткашони атрофи пойтахти ҷумҳурӣ сохтмони нерӯгоҳи барқию обии Варзоби пойин шурӯъ шуд, ки барои қонеъсозии талаботи рӯзафзуни халқу хоҷагиҳои пойтахт бисёр зарур буд.

Меҳру муҳаббати беандозаи халқи тоҷик ба мамлакати сотсиалистии худ, қаҳру ғазаби беандоза нисбат ба фашистони олмонии истилогар, аз аввалин рӯзҳои сар задани ҷанг таҷассуми худро дар тадбирҳои гуногуни ҳаматарафа кӯмак расонидан ба ҷабҳа пайдо мекарданд. Инак, чанд далелу бурҳон, ки он ҳам соҳат ва ҳам шароити кори ватандӯстонаи беназир ва рӯҳбаландии заҳматкашонро нишон медиҳад.

Аз рӯзҳои аввали Ҷанги бузурги Ватанӣ коргарон, колхозчиён ва зиёиёни Тоҷикистони Шӯравӣ ҳар чӣ метавонистанд барои таъмини либоси гарми қаҳрамонони майдони ҷанг ва сарбозони Артиши Сурх мекӯшиданд. Аз рӯи далелҳои моҳи январи соли 1944 меҳнаткашони Тоҷикистон барои Аскарони Сурх садҳо ҳазор либоси гарми гуногун фиристоданд, аз ҷумла 11.533 ҷуфт мӯзаи намадӣ (валенка), 7.350 пӯстинча, 3.512 камзӯлчаҳои пашмин, 47.486 телпаки гӯшакдор, 15.525 шими пахтагин, 152.478 ҷуфт ҷӯроби пашмини кӯтоҳу дароз, 19.160 гуппичаи пахтагини ғафс ва ғайра. Барои ҷанговарон, боз ҳазорҳо ҷуфт либоси тагпӯши пахтагин, 122.869 адад пӯсти ошдодаи гӯсфанд, бисёр пашму дигар матоъҳои зарурӣ фиристоданд. Аз ин маводи барои ҷабҳа ҷамъоварда микдори зиёди пӯстинча, камзӯлчаи пашмин, дастпӯшак, телпак, мӯзаи намадӣ, ҷӯроби пашмию дастпӯшаки бепанҷа (рукавитс) таҳия мекарданд.

Аз рӯзҳои аввали Ҷанги Ватанӣ коргарон, колхозчиён, зиёиёни Шӯравии Тоҷикистон ба даъвати созмон додани ҷабҳаи умумихалқии мудофиаи Ватан ҳамовозӣ намуданд. Аз рӯи далелу рақамҳои моҳи сентябри соли 1943 ба захираи мудофиа аз саршавии ҷанг 30.496 ҳазор сӯм пули накд ва ба маблағи 42.450 ҳазор сӯм пули вомбарг дохил гардид. Меҳнаткашони Тоҷикистон ба захираи мудофиа инчунин 6.929 сентнер ғалладона ҷудо карда боз дигар маводи хоми хӯрданиву истеъмоли умум фиристоданд.

Аз ҳисоби нахустин лотореяи пулию молӣ маблағҳои зиёд ба захираи мудофиа дохил гардиданд, ки моҳи декабри соли 1941 бароварда шуда буд. Вай ба бештар аз 12 миллион сӯм фурӯхта шуд ва қисми асосии лотерея дар зарфи 3-4

рӯз ба фурӯш рафт. Обунаи лотореяи дуюм, ки моҳи июли соли 1942-юм бароварда шуд, беҳтар аз пештара пазиро гардид. Агар обунаи ду рӯзи аввали лотереяи соли 1941-ум дар ҷумҳурӣ 2.608 ҳазор сӯм ҷамъ карда бошад, дар ҳамин муддат обунаи лотореяи дуюм 16.448 ҳазор сӯм пул овард. Пули лотореяи пулию молӣ аз вақти муайяншуда ҳам пештар ва хеле барзиёд, дар рӯзи сеюм ҷамъоварӣ гардид. Рӯзи чоруми обунаи ин лоторея дар ҷумҳурӣ 21.942 ҳазор сӯм ба даст омад, аз ҷумла коргарону хизматчиён ба маблағи 4.709 ҳазор сӯм, аҳолии деҳот ба маблағи 17.233 ҳазор сӯм обуна шуданд.

Дӯстдорони ҷонфидои Ватан – колхозчиён ва колхозчизанони Тоҷикистон, пеш аз мӯҳлат обунаро ба лоторея анҷом дода, дар чаҳор рӯзи аввал барои лоторея 5.364 ҳазор сӯм ба хазинаи мудофиа супурданд. То 1 октябри соли 1942 ба лотореяи пулию молии дувум, бо пули накд 82.5 фоиз обуна шуданд.

Ҳамчунин дар ҷумҳурӣ бо рӯҳбаландии бузург, ба савияи баланди сиёсӣ обуна ба Вомбарги давлатии ҳарбии соли 1942 гузашт. Вай 14 апрел шурӯъ шуд. Маблағи обунаи он дар давоми 2-3 рӯз аз муқаррароти будҷавӣ бештар гардид, бо ин ки маблағи муқаррароти будҷавӣ нисбат ба вомбаргҳои Панҷсолаи сеюм (барориши соли чаҳорум) хеле баланд буд. То 20 апрел Вомбарг дар байни аҳолии шаҳру деҳот ба маблағи 105.940 ҳазор сӯм ба фурӯш расонда шуд, ки аз зиёдтарин ҳадди Вомбарги давлатии сеюми паҳншуда (барориши соли чаҳорум) ба андозаи 36.392 ҳазор сӯм бештар буд.Коргарону хизматчиён бештар аз 11.229 ҳазор сӯм нисбат ба соли 1941-ум зиёдтар ба давлат қарз доданд, колхозчиён – 25.163 ҳазор сӯм бештар супурданд. Дар ин вақт обунаи Вомбарги фоиздори ҳарбӣ миёни идораи колхозҳо, артелҳои ҳунармандиву маҷрӯҳон 37.850 ҳазор сӯмро ташкил мекард.

Аз рӯзҳои аввали обунаи Вомбарги ҳарбӣ пардохти пеш аз мӯҳлати он шурӯъ шуда буд. Аллакай то 20 апрел аз ҳисоби умумии обуна, ки 143.790 ҳазор сӯм буд, 10 миллион сӯми накд ба даст оварда шуд.

Барои торумори ҳарчи зудтари душман, аксарияти колхозчиён дар ду-се моҳи аввал маблағи обунаи Вомбаргро пурра ба давлат пардохтанд.

Меҳнаткашони Тоҷикистон барои нирӯбахшии иқтидори молии давлат тамоми андозашонро бо муташаккилии махсус пардохтанд. Дар семоҳаи севуми ҳамон сол нақшаи пардохтҳо аз рӯи ҳамаи навъҳои андоз 102,4 фоиз ба иҷро расид ва аз рӯи иҷрои ин нақша Тоҷикистон дар соли 1942 ҷои аввалро дар Иттифоқ гирифт. Меҳнаткашони Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва пардохти андози ҳақи аъзогиро соли 1943 низ пеш аз мӯҳлат иҷро карда буданд.

Халқи Тоҷикистон инчунин ба даъвати ёрирасонӣ ба шаҳру навоҳии аз ҳуҷуми ишғолгарони олмонӣ харобида гарму ҷӯшон ҳамроҳ шуданд. Барои онҳо колхозҳову деҳқонон миқдори зиёди ҳайвоноти калони шохдор, гӯсфанду буз, гӯшт, ғалла ва садҳо ҳазор сӯм пул фиристоданд. Барои захираи мудофиа ва ёрӣ ба колхозу колхозчиёни ноҳияҳои аз ҳамлаҳои немисҳои истилогар харобу валангор, солҳои 1942 ва 1943-юм дар ҳазорҳо гектар замини мо зироатҳои гуногун кишта буданд.

Ташкилотҳои Ҳукумати Шӯроҳо ва меҳнаткашони Тоҷикистон нисбати маъюбони Ҷанги Ватанӣ, оилаҳои ҷанговарон ва ба ҷойҳои дигар кӯчондани онҳо ғамхориҳои самимона зоҳир мекарданд.

Махсусан ғамхорӣ ба сарбозон – дифоъгарони Ватан аз ҷониби коргарон, колхозчиён ва зиёиёни Тоҷикистон фиристодани тӯҳфаҳо (посилка) ба ҷабҳа бисёр ҷолиб ба роҳ монда шуда, ҷамъоварии он ҳам аҷаб ватанпарварона буд. Дар арафаи соли нави 1942 ба ҷабҳа қариб 5 ҳазор посилкаи бо меҳр таҳия кардаи ватанпарварони шӯравии Тоҷикистон фиристода шуд, ки аз маводи гуногуни зарури ҷанговарони майдони ҷанг иборат буданд. Ҳаҷми умумии тӯҳфаҳои солинавии аз Тоҷикистон фиристода 116 ҳазор килограммро ташкил медод.

Бахшида ба 24-солагии Артиши Сурх чандин вагон тӯҳфа фиристоданд. Вазни он тӯҳфаҳо 20.790 килограмм буд. Тӯҳфаҳоро ба мавқеи ишғолии ду карат ордендори қисмҳои

ҳарбии саворaҳои машҳур бо намояндагони меҳнаткашони Тоҷикистон фиристода буданд, ки ба сарбозони дар ҷангҳо корнома нишондода супурданд.

Тӯҳфаи ба муносибати 1-уми Майи соли 1942 меҳнаткашони Тоҷикистон барои ҷанговарон ҷамъоварда 1.379.577 сӯм (аз ҷумла аз ҷониби меҳнаткашони вилояти Сталинобод 1.190 ҳазор сӯм)-ро ташкил дод ва дар он маводи гуногун, аз ҷумла бештар аз 1.780 килограмм биринҷ, 94 сар ҳайвонот, меваҳои хушк, сабзаводи хушконида, ҳар гуна шириниҳо буданд. Аз вилояти Ленинобод ба ҷабҳаи Ҷанубу Ғарбӣ 14 вагон фиристода шуд, ки пур-пури ғӯлинг, баргаки зардолу, қайсӣ, чормағз, мавиз, ширинӣ, май ва дигар хӯрданиҳо доштанд.

Меҳнаткашони Тоҷикистон бо рӯҳбаландии тамом ва фаъолона ба ҷамъоварии тӯҳфаҳо барои ҷанговарони Флоти Балтик, коргарону хизматчиёни Ленинград ба шарафи Рӯзи Флоти Ҳарбию Баҳрӣ икдом намуданд. Тӯҳфаҳо тавассути 50 вагон – 31 вагон аз Сталинобод ва 19 вагон аз Ленинобод фиристода шуданд. Намояндаҳоро барои бурда расондани тӯҳфаҳо аз зумраи беҳтарин стахановчиёни майдонҳои пахта, бо сардории Раиси Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон рафиқ Шогадоев интихоб карда буданд.

Намояндаҳо шаш рӯзро дар Ленинград ба сар бурданд. Онҳо аз заводҳои киштисозии ба номи Марти, ба номи Фрунзе, инчунин ба номи Киров, ки дар канори шаҳр чанд километр дуртар аз хатти ҷабҳа ҷой гирифта буданд, дидан карданд. Заводи ба номи Киров, бо ин ки душман бо тири тӯпҳои дурзан ба нишонаш мегирифт, дақиқу муттасил ба тармими танку тӯпҳо машғул буд ва аз корхона рост ба майдонҳои нави муҳориба мефиристод. Намояндаҳо дар киштии калони ҳарбии «Инқилоби Октябр», дар киштии тезгарди ҳарбии «Киров» ва баъзе қитъаҳои ҷабҳа рафта, ошноӣ пайдо карданд. Дар ҳама ҷо, коргарону баҳрнавардони киштиҳои ҳарбӣ, ҷанговарони қаҳрамон, сарфармондеҳон ва кормандони сиёсии сафҳои пеши ҷабҳаҳои Ленинград намояндаҳои Тоҷикистонро бо рӯҳияи баланд истиқбол менамуданд.

Намояндаҳо аз номи халқи тоҷик ба баҳрнавардони Байрақи Сурхдори Балтика, ба ҳама сарбозон, фармондеҳону роҳбарони сиёсии ҷабҳаи Ленинград, ҳамчунин ба тамоми дифоъгарони он шаҳр ваъдаҳо медоданд, ки минбаъд ҳам ҳаракати стахановчиёну мусобиқаи сотсиалистиро равнақ бахшида, барои ҷабҳа кӯмакро дучанд меафзоянд, ки дастаҳои гитлерӣ ҳарчӣ зудтар торумор карда шаванд.

Меҳнаткашони Тоҷикистон ба шарафи 25-солагии Октябр махсусан нисбати сарбозони қаҳрамони Аскари Сурх, ба ҳимоягарони сангарҳои соҳили Волга – Сталинград ва сарбозони ҷабҳаи Марказӣ бо меҳру муҳаббати зиёд тӯҳфаҳо таҳия намуда буданд.

Нахустин қатора бо тӯҳфаҳо барои дифоъгарони Сталинград аз Сталинобод ба роҳ даромада, қатораи дуюми тӯҳфаҳо барои Ҷабҳаи Марказӣ дар Ленинобод омода шуд. Вазни умумии тӯҳфаҳои ба шарафи 25-солагии Октябр ба ҷабҳаҳо фиристода 288 ҳазор килограммро ташкил дод.

Миқдори умумии тӯҳфаҳои ба ҷабҳаҳо фиристодаи меҳнаткашони Тоҷикистон дар солҳои 1941 – 1942 108 вагон буд. Ғайр аз ин миқдори зиёди тӯҳфаҳо барои маъюбони Армияи Сурх дар ҳамин солҳо ҷамъоварӣ ва фиристода шуданд.

Алангаи меҳру муҳаббат ба Ватан ва ҳимоятгарони он дар деҳот ташаббуси оличанобӣ колхозчиёнро ба вуҷуд овард. Охири соли 1942 колхозчиён ва колхозчизанони Тамбов давоми ду ҳафта 40 миллион сӯм ҷамъ оварда, барои сохтани қатори танкҳои «Колхозчии Тамбов» супурданд. Бо ин рафтори олиҳимматона колхозчиёни Тамбов хоҳишу рағбати миллионҳо колхозчиёнро ба зуҳур дода буданд. Ташаббуси онҳо ба зудӣ аз ҷониби ҳамаи ноҳияҳои мамлакат дастгирӣ ёфт. Ташаббуси тамбовиёнро колхозчиёни Тоҷикистон низ дастгирӣ карданд. Бисёре аз онҳо барои сознон додани қатори танкҳои «Колхозчии Тоҷикистон» аз пасандозҳои шахсӣ даҳҳо ҳазор сӯм ҷудо намуданд, раиси хоҷагии ба номи Кагановичи ноҳияи Кӯктош Раҳмонқул Ҷобиров 140 ҳазор сӯм супурд.

**«Колхозчиён ва колхозчизанони Тоҷикистон, аз нутқи таърихии Шумо ба 25-солагии Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр илҳом гирифта,– дар охири декабри соли 1942 ба рафиқ Сталин иттилоъ дода буд котиби ҳизби Коммунистӣ(б) Тоҷикистон рафиқ Д.З.Протопопов, – ҳамчун тамбовчиён ба шӯъбаи бонки давлатӣ, барои қатори танкҳои «Колхозчии Тоҷикистон» 61 миллион сӯм супурданд…**

**Ғайр аз ин колхозҳо ва колхозчиён ӯҳдадориҳои худро пеш аз мӯҳлат иҷро карда, аз тариқи кооперативҳо ба давлат 207 ҳазор пуд ғаллаи истеъмолӣ фурӯхтанд.**

**Деҳқонони колхозҳои Тоҷикистон дар оилаи тифоқи халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҳарвақта ҳам бештар атрофи ҳизб ва ҳукумати Шӯравӣ муттаҳид шуда, муҳаббати бепоёну садоқати худро нисбат ба ҳизби болшевикӣ, ба Артиши Сурх ва Сталин намоиш доданд. Дар рӯзҳои сахти Ҷанги Бузурги Ватанӣ ғамхориро нисбат ба Артиши Сурхи ҷоноҷонамон дареғ намедошт, халқи тоҷик дар оянда ҳам тамоми нерӯю дороии хешро ҷиҳати торумори яксараи яғмогарони фашистӣ пешкаш мекунанд».**[1]

Дар ҷавоб аз рафиқ Сталин ба номи котиби КМ ҲК(б)-и Тоҷикистон рафиқ Прототопов барқияи зерин расида буд:

**«Ба колхозчиён ва колхозчизанони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон барои 61 миллион сӯмро ба сохтани қатораи танкҳои «Колхозчии Тоҷикистон» ва бо нархи давлатӣ додани 207 ҳазор пуд ғаллаи истеъмолӣ, ки пас аз иҷрои ӯҳдадорӣ ҷамъ овардаанд, саломи бародаронаи ман ва ташаккури Артиши Сурхро бирасонед. И.Сталин».**

Саломи доҳии маҳбуб ва ташаккуроти Артиши Сурх дар кори умумихалқӣ мукофоти арзандатарине барои саҳми колхозчиёни Тоҷикистон буд ва дар колхозу шаҳрҳои ҷумҳурӣ ташаббуси навро авҷ гиронд ва шохобҳои наверо ҷиҳати ҷамъоварии маблағ барои ташкили қаторҳои нави танк ҷорӣ

[1] Нигаред «Коммунист Таджикистана», аз 29 /XII, соли 1942.

гардонид. 21 январи соли 1943 бо имзои Котиби КМ ҲК (б) Тоҷикистон рафиқ Д.З.Протопопов ва Раиси Шӯрои Комиссарони Халқи РСС Тоҷикистон рафиқ М. Қурбонов ба рафиқ Сталин боз як барқия фиристода шуда буд:

**«Иосиф Виссарионовичи азиз!**

**Саломи Шумо ва ташаккуроти Артиши Сурх барои 61 миллион сӯм ҷиҳати сохтани қатори танкҳои «Колхозчии Тоҷикистон» ва 207 ҳазор пуд ғаллаи истеъмолӣ дар тамоми ҷумҳурӣ рӯҳбаландии барҷастаи сиёсӣ ва устувории ватанхоҳии шӯравӣ ба вуҷуд овард. Намоишҳои шодбоши беҳисоби меҳнаткашон, аз ҷавоби Шумо, ки мавриди шодмониву муҳокима қарор гирифтанд, ба алангаи изҳори муҳаббати бепоёни халқ ва садоқати ӯ ба Аскари Сурхи азиз ва Шумо гардиданд, рафиқ Сталин. Меҳнаткашони Тоҷикистон омодаанд бо тамоми нерӯ ҳуҷумҳои бомуваффақияти лашкари моро дар ҷабҳаҳои ҷанги ҷаҳонӣ дастгирӣ кунанд ва рӯзи ғалабаву торумори пурраи ғоратгарони гитлериро наздик созанд.**

**То 17 январи соли 1943, ғайр аз он 61 миллион сӯми супурдаи колхозчиён, комсомолону ҷавонон 6 миллион сӯм, меҳнаткашони ҷумҳурӣ боз 14 миллион сӯм барои сохтори қатори танкҳои «Колхозчии Тоҷикистон» ҷамъоварӣ намуданд. Илова бар ин, колхозчиён ба нархи давлатӣ барои захираи мудофиаи Ватан 62 ҳазор пуд ғаллаи истеъмолӣ, 13,053 пуд гӯшт, ҳамчунин барои таъминоти аҳолии шаҳрҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби колхозҳо ва колхозчиён 123 ҳазор пуд картошкаву сабзавот ва 23 ҳазор пуд меваҷот ба фурӯш баровარданд. Бигузор, танкҳои мо фашистони малъунро бераҳмона аз байн бубаранд».**[1]

Дар нимаи дуюми моҳи марти с. 1943 маҷмӯи маблағи барои харидории танкҳо фиристодаи Тоҷикистон аз 85 миллион сӯм бештар шуд ва миқдори маводи хӯрокии ба нархи устувори давлатӣ супурда – 300 ҳазор пудро ташкил кард.

[1] «Коммунист Таджикистана», аз 21 январи с. 1943, № 17.

Миёни меҳнаткашони Тоҷикистон обунаи Вомбарги давлатии соли 1943, ки хабараш 4 июни с. 1943 эълон гардида буд, бо муваффақиятҳои барҷаста анҷом гирифт. Охирҳои рӯзи 5-ӯми июн, яъне дар як шабонарӯз коргарон, колхозчиёну зиёиёни шӯравии РСС Тоҷикистон, ки ба Вомбарги дуюми давлатӣ ба маблағи 168 миллион сӯм обуна шуданд, 34 миллион сӯми нақд оварданд. Ба таври дигар гӯем, танҳо обунаи якрӯзаи Вомбарги дуюми давлатӣ қариб ба 28 миллион сӯм беш аз ҷамъулҷамъи Вомбарги давлатии соли 1942 бароварда шуд. Маблағи обуна дар рӯзи нӯҳум аллакай аз 192 миллион сӯм болиғтар буд, ки аз он 44.344.000 сӯмаш ба пули нақд гузаронда шуд.

Ҷамъбасти умумии обунаи Вомбарги дуюми давлатии ҳарбӣ дар ҷумҳурӣ 197.979 ҳазор сӯмро ташкил дода буд.

Ба дастгирии ташаббуси наҷибонаи он даҳҳо ва садҳо ватанпарварони Шӯравии Тоҷикистон, ки барои сохтани техникаи ҷангии Аскарони Сурх маблағҳои калон ҷудо карда буданд, бисёр колхозчиён ба Вомбарги ҳарбӣ бо маблағҳои калон обуна шуданд.

Аввали соли 1944 меҳнаткашони Тоҷикистон барои сохтани эскадрилияи (ҳавопаймоҳои бомбаандоз)-и «Тоҷикистони Шӯравӣ» 20 миллион сӯм ҷамъ оварданд.

Ба анъанаи «вақте Ватан зери хатар аст, аз чизе дареғ мадор», устувор монда колхозчиён, коргарон, хизматчиён ва тамоми зиёиёни шӯравии Тоҷикистон баъд ҳам рӯҳияи худро поин набурданд ва барои дифои Ватан, барои таъмини мамлакат ва ҷабҳа ҳар он чӣ доштанд, ҳатто маблағҳои пасандози худ ва он чӣ дар бисоташон буд, барои торумори душмани ғаддор ҳеҷ дареғ намедоштанд, ҳар чӣ зарур бошад, медоданд.

# XXII. ТОҶИКОН ДАР МАЙДОНҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Халқи тоҷик бо истилогарони аҷнабӣ ва асоратгарон, ҳатто ҳамон вақтҳо ҳам, ки Ватанаш барои худаш модари ҳақиқӣ набуд, балки ба модарандари бадхашме мубаддал гардида буд, ҳатто вақте ҳам ки бори сангини зулму истисмори иҷтимоиро бар дӯши худ дошт, мардонавор меҷангид. Ба мардонагӣ ва матонати боз ҳам қавитар вай барои муваффақияти инқилоб дар Бухоро соли 1920 ва марҳалаҳои минбаъда бар зидди босмачиёни Бухорои Шарқӣ, ки сохти амириро аз нав барқарор кардан мехостанду Бухороро ба мустамликаи империалистони хориҷӣ табдил доданӣ буданд, меҷангид. Фарзандони фарзонаву бовафои ин халқ бо қаҳру ғазаби бепоён бар зидди душманон – фашистони олмон ба мубориза бархоста, дар сафҳои Артиши Сурх дохил шуданд, ки дар даст силоҳ, озодӣ ва истиқлолияти Ватанро ҳимоя намоянд.

Дар рӯзҳои аввали Ҷанги бузурги Ватанӣ ба Комиссариатҳои ҳарбии ҷумҳурӣ ҳазорҳо ариза аз номи ихтиёриён мерехтанд, ки онҳоро ба сафи Артиши амалкунанда ном нависанд.

Узви комсомол – сержант Раҳмат Назаров бо хоҳиши шомил шудан ба сафи артиш ариза навишта гуфта буд:

**«Ташкилоти комсомолӣ маро омӯзонда аст, ки то ба охир ба Ватан садоқат дошта бошам, барои хушбахтии халқу Ватан ҳарчӣ ки дорам, ҳатто ҷонамро нисор созам.**

**Ман омодаам қарзамро адо намоям: маро озмоишҳо тарсонда наметавонанд. Ман ҷавонам, зиндагиро дӯст медорам. Бисёр мехоҳам, ки халқамро хушбахт бинам. Ман мехоҳам дар Ватани худ кору зиндагӣ намоям, ки ҳамеша аз офатҳои сиёҳпӯши ногаҳонӣ озод бошад. Вале агар ҳам барои озодии Ватан дар майдони ҷанг ҳалок шавам, чунин ҳисоб мекунам, ки ман ҳар чӣ карда метавонистам, кардам ва ман аз ин фикрам хурсандам».**

Ҳазорҳо чунин нома шаҳодат медоданд, ки

меҳнаткашони Тоҷикистон ба Ватани сотсиалистии худ, ба кори ҳизби Ленину Сталин ҳамеша содиқ буданд ва содиқ мемонанд.

Аз рӯзҳои аввали сар задани ҷанг кор сари тайёрсозии ҷанговароне, ки дар сафҳои Артиши Сурх мардонавор душмани ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам танку ҳавопаймояш афзалро зада гардонда тавонанд, дар Тоҷикистон ҷӯш мезад. Барои қисмҳои дар Тоҷикистон мураттаб гардидаи Артиши Сурх ифтихоре муяссар шуд, ки онҳо ба ҳимояи дили Ватани Шӯравӣ – шаҳри Москва бипардозанд, дар сангарҳои шаҳри бузурги Сталинград, дар сафи лашкари ҳимоягари Ленинград иштирок намоянд, дар Қриму Украина, дар сарзамини Белорус ба муқобили фашистон биҷанганд ва супоришҳои муҳими Сарфармондеҳи Олӣ рафиқ Сталинро ба иҷро расонанд. Барои иҷрои он супоришҳо тоҷикон ҳам дар сафи Артиши Сурх баробари русҳо, украинҳо, белорусҳо, гурҷистониён, ӯзбекҳо, қазоқҳо китф ба китф истода, бо мардонагии беҳамто зидди гитлерчиёни ғаддор меҷангиданд.

Дар ҷангҳои зидди истилогарони олмони фашистӣ– Армияи 20-уми дорандаи Байраҷи Сурху ордени Ленин корномаҳои бемисл нишон медод, дивизияи саворае, ки мутасаддии Тоҷикистон буд ва парчамаш дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар кӯҳу водиҳо парафшонӣ мекард, корномаҳои бемисл нишон медод. Полкҳои қаҳрамононаи вай он вақт ғоратгарони хориҷӣ ва дастаҳои босмачиёнро қир кард. Дивизияе, ки ба сафаш коргарон, колхозчиён, намояндагони зиёии шӯравии тоҷик шомил буданд, ғоратгарони олмони фашистиро мардонавор мекӯфтанд. Инак, яке аз қаҳрамониҳои ҷовидонаи сарбозон, фармондеҳону кормандони сиёсии ин лашкарро мисол меоварем.

Бо супориши ҳарбии Сарфармондеҳ барои ба даст овардани мавқеи истифодагари сахти наздики деҳаи Б. як гурӯҳ ҷанговарону фармондеҳон ва фармондеҳони сиёсӣ, бо сардории майор р.Чекулин, майор р.Бросалов ва бо сардории роҳбари калони сиёсӣ р.Зубков шабона роҳи зиёде тай карда, ба ақибгоҳи душман гузаштанд ва аз байни заминканҳо ҷангкунон мавзеи ғарбии деҳаро ишғол карданд. Ҷанги сах-

ти кӯчагӣ ба амал омад. Бо истодагарии сахт душман қувваҳои захиравияшро ба кор андохт, ки ба миқдор аз ҷанговарони шӯравӣ чанд баробар зиёд буд. Қаҳрамонон мавқеи канори деҳаро дере аз даст надоданд. Он гоҳ фашистон танкҳоро ба кор андохтанд. Танкҳо ба хонаю саройҳое, ки ҷанговарони шуҷои шӯравӣ камин гирифта буданд, хеле наздик омаданд. Сарбозҳои шӯравӣ аз снарядҳои оташандоз истифода бурданд. Ин ҷанги нобаробар дергоҳ давом ёфт, вале қаҳрамонон як қадам ҳам ақиб нанишастанд. Душманро бо талафоти зиёд маҷбур дошта, ҳамроҳи қумондонҳои худ мардонавор ҳалок шуданд. Дар хона-саройи оташгирифтае, ки дари баромади онро танке зич пӯшонда буд, онҳо пеш аз ҳалокати худ «Интернатсионал»-ро сурударид.

Дар ҷангҳо бо истилогарони олмонӣ, шахсони бори дувум ҷароҳат бардоштаю боз ба майдон даромадаи шӯравӣ – майор р. Сапунов, комиссари баталиён р. Агуреев, лейтенант р. Кузнетсов, лейтенант р. Ткаченко, роҳбари сиёсӣ р. Саидов, капитан р. Тарасов, раҳбари калони сиёсӣ р. Молчанов, капитан р. Журавов, аскарони сурх – алоқачиён р.р. Коргин, Якуба, сержант р. Минин, сарбози қаторӣ р. Науменко, сержантҳо р.р. Ершов, Серкин, Селезнев ва бисёр дигар сарбозон, фармондеҳон ва раҳбарони сиёсӣ қаҳрамониҳои бемисл нишон медоданд.

Садҳо ҷанговарон, фармондеҳон ва раҳбарони сиёсии дивизия барои иҷрои намунавии супоришҳои ҷангии Сарфармондеҳон дар ҷабҳа ва корномаю қаҳрамонӣ ба муқобили ишғолгарони немис ба мукофотҳои давлатӣ сазовор мешуданд. Миёни дорандагони мукофот як қатор сарбозон ва фармондеҳони тоҷик низ буданд : фармондеҳи дастаи (взводи) хадамоти тиббӣ-санитарӣ старшина р. Абдураҳимов Бӯрӣ – аз ноҳияи Душанбеи шаҳри Сталинобод, фармондеҳи гурӯҳ (отделения) пулемётчӣ р. Шахсонов – аз ноҳияи Куйбишев, сарбоз р. Пиров Абдураҳмон – колхозчӣ аз артели Хоҷагии ба номи Лоҳутии ноҳияи Роҳи Оҳани ш. Сталинобод аз ин ҷумлаанд.

Дар аснои ҳуҷумҳои тобистонаи соли 1943 дивизия бо қаҳрамониҳои нав худро боз машҳуртар гардонид.

7 сентябри соли 1943 корпуси дуюми Гвардияи савора ва дивизияи 20-и дорандаи Байрақи Сурху ордени Ленин, ки ба сафи он дохил мешуд, бевосита аз худи Сарфармондеҳи Олӣ маршали Иттиҳоди Шӯравӣ рафиқ Сталин ва Шӯрои Ҳарбии Ҷабҳаи Брянск супориши ҷангӣ гирифт, ки хатти мудофиаи душманро рахна карда, ба ақибгоҳи душман бидароянд ва бо ҳамлаи нотарсонаи саворахо аз рӯди Десна бигзаранд, дар соҳили ғарбии он истеҳком бигиранд ва роҳи оҳани Брянск-Рославлро ишғол намоянд.

Иҷрои супориш бо ин мақсад буд, ки истеҳкомҳои алоқавии Брянскии гурӯҳи лашкари фашистони немисро бибуранд ва бо юриши ҳарбӣ ба ҳудудҳои ишғолӣ зада даромада, рӯди Деснаро зери даст бигиранд.

Корпус хатти мудофиавии душманро рахна карда, ба ақиби душман гузашт. Вақти ҳаракат лашкари савора борҳо ба ҳамлаи якҷояи ҳавоии душман дучор омад. Дар асnoи бомбаборони душман моҳирона чапғалат дода, батареяи душман ва қувваи пиёдаи ӯро шикаст дода, як қисми дивизия бомуваффақият ба пеш ҳаракат ва фармони мазкури рафиқ Сталинро иҷро намуд.

Убури рӯди Десна як қатор мушкилот ва монеаҳои сангин дошт. Рӯд ҳеҷ гуна кӯпрук ё гузаргоҳе надошт. Ягон хел воситаи гузарондани лашкар ҳам набуд. Тамоми роҳу пайроҳаҳои наздикшавӣ ба соҳили рӯд ботлоқзор ва буттазори кӯр буд. Вале лашкари савораи қаҳрамон бо ҷоннисории беназиру ҷасорати беҳамто 11 сентябр Деснаро убур карда, ба соҳили ғарбии он баромад.

Убур аз рӯду баромадан ба соҳил дар шароите рост омад, ки аз назари тактика тамоман номувофиқ буд. Мавқеи соҳили ғарби рӯди Десна як баландии возу бедолу дарахте буд, ки дивизияе онро фармонравой мекард. Вале душман ба ғафлат монд. Лашкари савора бо қатъият ба ҳуҷум гузашта душманро аз чандин маскангоҳи аҳолӣ зада баровард, немисҳо танҳо аз аскару афсар ду ҳазору сад кушта ба ҷой гузоштанд..

Қисмҳои дивизия супориши ҷангии Сарфармондеҳи Олиро иҷро намуда, то расидани лашкари пиёда мавқеи ишғолиро нигоҳ дошт.

Сарбозони лашкар мавқеи ишғолиро то 15 сентябр устувор нигоҳ доштанд, ҳамон рӯз лашкари пиёда расида, душмани буридаи роҳи алоқаи дивизияро зада, алоқаро барқарор намуд ва ба сӯи комёбиҳои нав пеш рафт.

Хизматҳои дивизия дар гузаронидани ин амалиёти ҷангӣ аз ҷониби Сарфармондеҳи Олӣ Маршали Иттиҳоди Шӯравӣ рафиқ Сталин бо фармоне баланд қадр карда шуд, ки 18 сентябри соли 1943 ба имзо расид. Ба ин муносибат генерал –майори гвардия раф. Курсаков ва полковники гвардия раф. Алексеевский дар рапорти ҳарбии дивизия ба номи Котиби КМ ҲК(б) Тоҷикистон р. Протопопов, раиси Комиссарони халқи РСС Тоҷикистон р. Қурбонов, раиси Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон р. Шогадоев навишта буданд:

**«Хуш ҳастем аз иттилоъ ба Шумо ва дар симои Шумо ба тамоми халқи тоҷик, ки бо фармони Сарфармондеҳи Олӣ Маршали Иттиҳоди Шӯравӣ рафиқ Сталин аз 18 сентябри соли 1943, барои бо ҳамлаҳои қаҳрамононааш дар ақибгоҳи душман, гузаштани рӯди Десна, ишғоли мавқеъ ва дар даст нигоҳ доштани соҳили ғарбии рӯд, дивизияи мо Дивизияи 17-уми савораи дорандаи Байрақи Сурху ордени Ленин ном гирифт.**

**Шуморо бовар мекунонем, ки дивизияи ҷоноҷони мо таҳти парчами гвардиявии худ душманро боз ҳам сахттар кӯбида, анъанаҳои ҷангии боифтихори дивизияи тоҷикиро афзун месозад. Зери зарбаҳои сарнагунсози Артиши Сурхи далер душман ба ғарб фирор мекунад. Мо бовар дорем, дур нест он рӯз, ки халқи шӯравӣ ишғолгаронро саркӯб карда, таҳти нури офтоби Конститутсияи Сталинӣ ҳаёти хушу осуда ба сар мебарад.**

**Марг ба истилогарони немис!»**

Дар мактубҳои худ ба сарбозони тоҷик меҳнаткашони Тоҷикистон ба фарзандон, шавҳарон ва бародаронашон, ки дар ҷабҳа меҷангиданд, менавиштанд:

**«Ҷанговарони далеру шуҷои мо! Шарафи бузургест, ки шумо дар ҷанги муқобили душмани ғаддори инсоният – фашистҳо иштирок доред! Бо шумо фарзандон ва наберaҳои мо ифтихор хоҳанд кард. Қаҳрамониҳои шу-**

**моро халқи мо бо эҳтирому самимияти тамом ёд хоҳанд кард. Ҳамин гуна ҷасурона пеш равед, фарзандони дӯстдоштаи Тоҷикистон, шағолони малъуни гитлерии ифлосгари замини моро аз Ватан ронед, одамхӯрони Гитлерро нест кунед, ҳамаи дастаҳои фашистиро чун сагони девона биронед!»**[1]

Ин мактуб ҷанговарони Дивизияи 17-уми гвардияи савораи дорои Байрақи Сурх ва Ордени Ленинро ба корномаҳои наву пуршараф даъват менамуд. Дивизия дар Полеся бо душманони ғаддор ҷангкунон дар нимаи дуюми моҳи октябри соли 1943 бомуваффақият аз рӯди Днепр гузашт, ки натиҷааш дар соҳили рости он сохтани истеҳкомҳои мустаҳкам шуд.

Дар иҷрои ин вазифа сарбозон, сержантҳо ва афсарони қисмҳои дивизия як олам мардонагӣ, ҷасорат ва қаҳрамонӣ нишон доданд. Сардори эскадрон лейтенанти калон р. Лисенко фармон гирифт, ки мавқеи ишғолияшро сахт мустаҳкам созад. Вале афсари пуртаҷриба ба комёбии худ қонеъ нашуд. Ӯ бо ҷосусии душман эскадронро пеш бурд ва бо ҳамлаи қатъӣ такягоҳи мавқеи асосии мудофиаи немисро ба даст даровард.

Лейтенанти гвардия Корочкин, баъд аз ҳалоки фармондеҳи эскадрон сарвариро далерона ба дӯши худ гирифт. Вай бо ташаббуси шахсии ҷасурона эскадронро ба низом даровarda ҳуҷуми сахти душманро зада гардонд ва бо ин ки ба сар тири вазнин хӯрда буд, то дами зада гардонданни ҳуҷуми ҷавобии душман эскадронашро тарк накард.

Дивизия вазифаи дигари бас муҳимро ҳам бомуваффақият анҷом дод. Лозим буд ба ақибгоҳи душмани саросема паснишини сӯи ҷануби ғарбӣ гузашта мавзеи муҳими алоқаи душман дар Речитса–Овручро бигирад.

Барои иҷрои ин вазифа ба қисмҳои хурду калони дивизия лозим шуд, ки роҳи душвортаринро тай кунад. Ҳаракат ба мавқеи гирдояндаи қисмҳои зарбазани душмани ақибрав аз тариқи роҳҳои душворгузар рост омад, ки саросар ҷангал ва

---

[1] «Правда», 26 марти соли 1943.

ботлоқзор буд. Барои гузаштан аз ботлоқ усули истифодаи роҳи чиғдеворро ба кор андохтанд, ки 800 метр тӯл дошт. Масолеҳи ҷангиро (тӯпу минемёт ва ғайра) гвардиячиён рӯи даст гирифта мебурданд. Роҳҳои нисбатан осонгузарро душман мина шинонда будааст. Ҳамаи ин душвориҳоро паси сар карда аскарони савораи гвардия беист пеш мерафтанд.

Қисмҳои дивизия монеаҳои душманро зудуда, супоришро бомуваффақият анҷом дода, шоҳроҳи сангфаршеро гирифтанд, ки нақши муҳим дар алоқаи душман мебозид. Сипас, ногаҳон зарбаи шикананда заданд. Дар шоҳроҳ немис танҳо аз сарбозу афсараш то 500 кушта ба ҷо гузошт.

Дар натиҷаи ба кор бурдани як ҳилаи барқосо аз тарафи қисмҳои дивизияи мо дар самти ғарбӣ беш аз 30.000 шаҳрванди шӯравӣ озод карда шуд, ки ваҳшиёни фашистӣ онҳоро барои ғуломӣ меронданд.

Аҳолии маҳаллӣ, ки аксарашон аз тарс дар беша паноҳ бурда буданд, ҷанговаронро бо чашмони пурашки шодӣ, ҳамчун озодгарони худ истиқбол карданд.

Гвардиячиёни Дивизияи савораи 17-уми Байрақи Сурх ва Ордени Лениндор соли нави 1944-ро дар сафари нави сӯи ақибгоҳи дурдасти душман истиқбол карда, роҳашонро давом медоданд, ки душманро бикӯбанд ва мавзеъҳои Мозир ва Калинковичро бигиранд. Гвардияи савора аз бероҳаҳо, аз даруни бешаю ботлоқзорҳои бисёрасра гузашта, зери барфу бӯронҳо дар 30 соат 100 километр масофаро тай карданд. Як қисми Дивизия бо адои вазифаи пешорӯ ба зарбаҳои марговари мавқеи душмани пинҳондори масолеҳи алоқа сар карда, роҳи оҳани Калинкович-Пинскро бурида, онро аз се ҷо тарконда, пеши роҳи ҳаракати қатораҳои душманро гирифтанд.

Дар натиҷаи амалиёти қатъии гвардиячиёни савора аз ақибгоҳ ва бо ҷангҳои сахт қисмҳои пиёдагарди ҷабҳа Мозир ва Калинкович ба даст дароварда шуданд.

**Барои бо ҳаракати зудрас гирифтани маркази вилояти Полеск – Мозир ва истгоҳи калони роҳи оҳани Калинкович бо фармони Сарфармондеҳ, Маршали**

**Иттиҳоди Шӯравӣ рафиқ Сталин аз 14 январи соли 1944 ба дивизия ва тамоми ҳайати он ташаккурнома эълон карда, бо фармони рафиқ Сталин аз 15 январи соли 1944 ба гвардияи Дивизияи 17-ум унвони Мозирӣ дода шуд.**

Рӯзҳои ҷанг дар хоки Тоҷикистон дивизияи савораи Н. ташкил шуда буд. Дар кӯҳсори Сванети, дар ҳамвории кушоди Қафқози Шимолӣ, вай бисёр корномаҳо нишон дод, дар мубориза бо истилогарони ғоратгари олмонӣ, номаш ҳамеша чун беҳтарини беҳтаринҳо ба забон гирифта мешуд. Дар ҷангҳои шадидтарин бо душмани ваҳшишуда сарбозон ва қумондонҳои дивизия дар ибтидои соли 1943 ҳазорҳо сарбозу афсарони немис, бештар аз 100 танк, миқдори зиёди тӯпу пулемёт ва дигар техникаи ҷангии душманро зада нест намуд.

Фарзандони вафодори халқи тоҷики дар таркиби дивизия дасти ба даст бо русҳо, украинҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо, қазоқу қиргизҳо амалгар дар қатори худ қаҳрамонону диловарони зиёдро шӯҳравар гардониданд, ки ватанпарварони ҳақиқии Шӯравӣ буданд. Дар бораи бисёре аз онҳое ки норинҷак дар даст, чун соиқа сари паноҳгоҳҳо (блиндаж), «дзот»-ҳои душман мепариданд ва хокистари онҳоро ҳамроҳи лашкаргоҳашон ба бод медоданд, фармондеҳон ва кормандони сиёсӣ бо ифтихор қиссаҳо мекарданд. Беҳтарине аз онҳо рафиқон Сайдулло Гулов, Хушвақтов, Қазоқов, Раҳимзоев, Мустафин, Зубайр Каримов, Холиқ Носиров, Асадулло Гулов барои хизматҳояшон дар назди Ватан бо ордену нишонҳо мукофотонида шуда буданд.

Барои фарзандони ҳақиқии халқи тоҷик, ки пахтакори соҳилҳои Вахши пуртуғён ва водии Ҳисор, боғу токпарварони Ленинободу чорводорони Помир, аспсаворони ҷасури Ғарми дурдаст буданд, бахти бузурги дар сафи лашкари ҳимоягари Сталинград ҷангидан насиб афтод. Ҳамаи онҳо далеронаву устуворона ва шарафмандона бо душман ҷанг мекарданд. Онҳо чун сталинградиҳои ҳақиқӣ фашистони немиси ишғолгарро мекӯфтанд.

Дар шароитҳои вазнин, аксар дар ақибгоҳи дури душман, дур аз қисмҳои асосии худ, дар шабҳои аёс ва бӯрону барф

дастаҳои савора километрҳои зиёдро тай мезаданд. Онҳо бебоконаву ҷасурона ба қисмҳои ақибгоҳи лашкари душман ҳуҷум оварда, қувваҳои техникиву неруи зиндаашонро нест мекарданд.

Аскари сурх р. Раҷаб Аноров аз Исфара се афсари душманро аз дами шамшер гузаронда, дар рафти ҷанги сахт ҷонишини фармондеҳи қисми сиёсиро, ки маҷрӯҳ шуда буд, аз майдони ҷанг берун бурд. Ҷанговар р. Баротбой Қурбонов бо силоҳи танкзани худ як тӯпу се пулемёти душманро зада нест кард. Сержант р. Каримҷон Каримов бо оташи миномёт якчанд нуқтаи оташфишонро хомӯш намуд, даҳҳо сарбози руминиро нобуд кард. Аскари сурх р. Раҳим Рӯзаев дар ҷанги танбатан бо асп бод барин парида 13 немисро ба замин яксон кард. Аскари сурх – узви комсомол р. Асрор Содиқов 5 фашистро бикушт. Вай маҷрӯҳ шуда буд, вале майдони ҷангро тарк накард, бо дандонаш қуланги (затвори) милтиқашро кушода, душманро ба нишон мегирифт. Аскари сурх р. Нор Меликови колхозчӣ аз колхози Карл Маркси ноҳияи Варзоб, ки дар майдони ҷанг бо пулемёти оташфишон ҳаракати аспсаворонро дастгирӣ мекард, 10 сарбози руминиро аз байн бурд. Мувофиқи фармондеҳи эскадрон оид ба қисми сиёсӣ р.Кулешов, агарчӣ аз досташ тир хӯрда буд, бо дандон пулемёти дастиро ба кор дароварда, сӯи душмани Ватан тир мекушуд.

Садҳо сарбоз ва фармондеҳони ин қисми ҳарбӣ барои корномаҳои ҷангиашон мукофотонида ва ба ордену медалҳои Иттиҳоди Шӯравӣ пешниҳод гардида буданд.

Дар яке аз қисмҳо, ки барои хизматҳояш дар ҷангҳои ҳуҷуми зимистони соли 1942-1943 унвони «гвардиячӣ» дода шуд, бисёре аз фарзандони вафодори халқи тоҷик далерию қаҳрамониҳо нишон медоданд. Дар он қисм барои қаҳрамонию мардонагӣ сарбози тоҷик Одинабой Холматов бо ордени Ленин, Тӯрабой Ҷӯраев, Атоҳоҷӣ Эшматов, Асо Устоев ва Мелик Бобоқулов– бо ордени «Ситораи Сурх» мукофотонида шуданд. Инчунин Сафар Амиршоев, Тағоӣ Алихонов, Раҳим Каримов, Шариф Каримов, Давлат Саидов ва боз чандин сарбоз бо нишонҳои «Барои шуҷоат» ва «Ба-

рои хидматҳои ҷангӣ» қадр гардиданд. Даҳҳо ҷанговарон маҳорат ва дониши аълои ҷангӣ зоҳир менамуданд, ки барои ин аз ҷониби фармондеҳашон борҳо ифтихорнома гирифтаанд.

**«Мо минбаъд ҳам душманро бераҳмона мекӯбем, ки тамоман нобуд шавад, – навишта буданд ҷанговарони тоҷик дар мактуби худ ба номи котиби КМҲК (б) Тоҷикистон раф. Протопопов ва раиси Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон раф. Шогадоев.- – Мо ба ғалаба бовар дорем, мо ба нерӯи Артиши Сурх, ба ҳақиқати муборизаи худамон бовар дорем. Намегузорем, ки ба душман нӯшидани оби Сир, Вахш, Кофарниҳон ва Душанберӯд муяссар шавад. Мо қувваю нерӯ ва агар лозимояд, ҷони худро барои ҳимояи Ватан дареғ намедорем!»**

Бо корномаҳо бисёр фарзандони дигари халқи тоҷик низ худро дар майдонҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ машҳур гардонидаанд. Ҷасорати ҷанговари далери тоҷик – коргари заводи шаробсозии Ӯротепа Муҳаммад Иброҳимов ба тамоми мамлакат овоза шуд. Корномаи ӯро яке аз ҳамсангарҳояш, ҳангоми ҷанг дар шеъре чунин тараннум кардааст:

*...Абри сияҳу равона хун чун дарё,*
*Аз тасф шуда сафед оҳан ҳама ҷо.*
*Сарнайзаи шӯравӣ занад чархи ба чарх,*
*Дар синашакист душмани бархи ба барх.*
*То зону хуну по сари мурдаи худ,*
*Душман биравад зи нав чу ҷархӯрдаи худ.*
*Душман бизанад Муҳаммаду бонги тӯп,*
*Миранд яки ба як азизон дами кӯб...*[1]

Аммо ҳалокати ҳамаи сарбозони ҳамсангари Муҳаммад Иброҳимов ҷасорати ӯро нашикаст. Вай ба хулосае омад, ки ё мемирад ё дами қатори танки душманро, ки ба ҳуҷум гузашта буд, зада мегардонад. Давоми чаҳор соат вай бо тири

[1] Тарҷумаи Зиё Абдулло.

тӯпи худ шаш танки душманро бизад, 16 автомобил ва даҳҳо сарбози душманро нобуд сохт. Вай вақте сангари худро танҳо бозгузошт, ки қувваи нав расида ӯро иваз кард. Барои ин қаҳрамонии бузургаш Муҳаммад Иброҳимов бо ордени Ленини сазовори хизматаш мукофотонида шуд.

Намунаи баланди мардонагӣ ва қатъиятро дар ҷанги душман Шарофуддин Хушвақтов нишон дод, ки худ аробакаши колхозчии хоҷагии «Политотдел»-и ноҳияи Қӯрғонтепа буд.

Сари роҳи Маздок эскадроне, ки ӯ ҳам дар сафи он буд, дар иҳотаи душман афтод. Алоқа бо сарфармондеҳон канда шуда буд. Лозим буд, ки алоқа барқарор шавад. Ҳафт километр масофаро зери тирборони муттасили душман гузашт. Барои барқарории алоқа гурӯҳи алоқачиён сафарбар шуда буданд. Байни онҳо Шарофуддин Хушвақтов низ буд, ки дар қисм бо ҳунари гаваккашии тез машҳур буд. Аз ҳамаи фиристодагон танҳо Хушвақтов ҷои исти майёрро пайдо карда, хабари фармондеҳи эскадронро расонд.

Хушвақтов ба эскадрон бозгашт, ки дубора зарурати тамос бо ситоди майор афтод. Хушвақтов ихтиёрӣ боз аз байни тиру борони снарядҳо гузашта, бо ахбори эскадрон ба мавқеи фармондеҳ равон шуд.

Ба ҷои зарурӣ расида Хушвақтов ситодро он ҷо надид, вай ба ҷои дигар кӯчонда шуда буд. Хушвақтов пайи ситодро гирифта мерафт, ки ногоҳ ба заминкани немисҳо рӯ ба рӯ шуд. Се фашисти каминро як-як паронда чаҳорумашро (лейтенанти немис) асир гирифт ва ҷои нави ситодро ёфта хабарро муваффақона расонид.

Рӯзи дигар Хушвақтов боз як супориши ҷангии басо масъулиятнок гирифт: вай бо роҳҳои озмудаи худ тамоми қисми ҳарбии ба муҳосира афтодаро аз иҳотаи душман баровард. Барои қаҳрамонӣ ва мардонагияш дар ҷангҳо Хушвақтов сазовори орден гардид.

**Бо истилогарони фашистии олмонӣ, душманони ваҳшишудаи Ватани мо мергани моҳир сержант р. Раҷаб Маматов низ қаҳрамонона ҷангидааст, ки колхозчии колхозартели ба номи Коминтерни ноҳияи Қизилмазор**

**буд ва дар дилаш оташи хамӯшинопазири қаҳру ғазаб нисбати истилогарони олмонӣ аланга мезад. «Раф. Раҷаб Маматов барои мо намунаи дурахшони ангезандаи дӯстӣ миёни ҷангиёни китф ба китф истодаи миллатҳои гуногуни кӯбандаи фашистони олмонист. Ҳатто каси ба қисми казакҳо аз атроф омада, акнун худро казаки асил меҳисобад: онҳоро бо казакҳо гиреҳҳои бародарӣ,– навишта буд «Правда» – ва сифати чунин дӯстиву ҳамкории бародаронаи мисоли аспдавони моҳир ва тирандози беҳамто Раҷаб Маматов, ки 101 немисро ба нишон гирифта нобуд кардааст, ба ҳам мепайвандад, казакҳо ин рафиқи ҷавонро эҳтиром мегузоранд ва дӯст медоранд. «Казаки ҳақиқист» мегуфтанд онҳо дар бораи ӯ».[1]**

Фармондеҳ хизматҳои р. Раҷаб Маматовро дар мубориза бо ғоратгарони гитлерӣ ба таври ҳаққонӣ қадр кард. Дивизия бо фармонаш ду бор «раҳматнома» эълон намуд. Ӯ мукофоти пулӣ гирифт ва барои гирифтани мукофоти силоҳи «снайперӣ» ва соати шахсӣ пешниҳод гардид. Ӯро гирифтани «Ордени байрақи Сурх» ба корномаҳои нав ба нав раҳнамоӣ мекард. Ӯ дар ҷабҳа узви ҳизби коммунистӣ-болшевикӣ шуд.

Сержанти калон Эргаш Рӯзиев низ худро чун мергани (снайпер) моҳир нишон дод, ки то замони ҷанг дар вилояти Ленинобод муаллим буд. Рӯзиев то моҳи июли соли 1943 шумури немисҳои ҳадафи тираш қарордодаро ба 113 нафар расонда, шарафёби унвони мергани номвари дивизия шуда буд. Вай 50 шогирд – тирандоз тайёр кард, ки ҳар кадомашон на камтар аз 30 немисро ҳадафи тири бехато қарор дода буданд. Э.Рӯзиев бо ордени «Ситораи Сурх», нишони «Барои шуҷоат», ордени Ҷумҳурии Халқии Муғулистон «Ситораи Қутб» («Полярная звезда») мукофотонида шуда буд ва ҳамчунин барои гирифтани унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ тавсиянома дошт.

Чун тирандози нотакрор, инчунин, колхозчии вилояти

---
[1] Очерки «Кавалерия», рӯзномаи «Правда», аз 3 декабри с. 1943.

Ленинобод Ҳоҷӣ Қобилов ном бароварда буд. Қобилов давоми хидмати худ дар сафҳои Артиши Сурх хуб фаҳмид, ки чӣ нобакороне ҳастанд ин ғоратгарони гитлерӣ. Вай бо чашмони худ занону кӯдакони вахшиёна ба қатл расондаи фашистонро, деҳаҳои зинда ба зинда тӯъмаи оташ гардидаро, шаҳрҳои харобу валангоршудаaро дида буд. Дар қалби вай низ хун бар алайҳи душмани маккору манҳус ҷӯш мезад.

– Немис бадтар аз ҳайвони ваҳшист,– мегуфт Ҳоҷӣ Қобилов.- – Онҳоро бераҳмона, ҳамчун саги девона куштан лозим.

Ҳоҷӣ Қобилов касби тирандозиро интихоб кард. Автомат ва қисмҳои моддии силоҳи пиёдагардро ба дараҷаи аъло омӯхт. Дар тирандозхонаҳо хеле зиёд машқ кард, усулҳои ниқобдорӣ ва ба кор бурдани айёрии ҳарбиро омӯхт.

Моҳҳои ноябр-декабри соли 1942, январ-феврали соли 1943 фарзанди арҷманди халқи тоҷик тирандоз Ҳоҷӣ Қобилов 49 немисро ҳадафи тир қарор дод. Моҳи март, қисми ҳарбӣ супориши муҳим гирифт, ки шаҳри қадимии русро аз дасти фашистони дар сояҳои деворҳояш ҳашт моҳ боз белаҳзае хомӯшӣ меҷангид, бояд озод кард, тирандоз Ҳоҷӣ Қобилов яке аз аввалинҳо буд, ки ба заминкани немисҳо даромад. Дар аснои зада гардондани ҳуҷумҳои душман ва такроран ба ҳуҷум гузаштанҳо Ҳоҷӣ Қобилов бештар аз 20 немисро ҳадафи тир қарор дод.

Моҳи июли соли 1943 дар ҳисоби ӯ 92 немиси ҳадафи тири ӯ қарор гирифта сабт шуда буд. Хизматҳои ӯ дар ҷангҳо барои озодии Ватан баланд қадр мешуд. Ӯ нишони «Снайпер», нишони «Барои шуҷоат» ва ордени «Ситораи Сурх» гирифта буд.

Ба вай силоҳи шахсии худкӯб бо нишонгири оптикӣ супурда шуд.

**– Бигузор халқи ман бидонад,– иброз медошт Ҳоҷӣ Қобилов,– ҷанговарони тоҷик Ватани азиз ва падарони худро фаромӯш намекунанд. Онҳо бошарафона барои Ватан, барои Сталин меҷанганд. Онҳо гитлерчиёнро кӯбиданд ва то пурра нобуд шуданашон хоҳанд кӯфт.**

Ин суханонро ҳамчун фарзанди содиқи халқи тоҷик, деҳқони артели хоҷагии ба номи К.Маркси ноҳияи Ленинобод Исмоил Ҳамзаалиев низ муқаддас дониста, амал менамуд. Вай 10 июли соли 1943 сахт маҷрӯҳ шуда назди тӯпхона танҳо монд ва сарбозу афсарони ба фишори ҳуҷум гузаштаи фашистро қир мекард ва танҳо вақте тарки тӯпхона гуфт, ки ҳуҷуми душман зада гардонда шуд.

**Бо фармони Президиуми Шӯрои Олии СССР аз 8 сентябри соли 1943 ба раф. Исмоил Ҳамзаалиев барои иҷрои намунавори супориши ҳарбӣ дар ҷабҳаи зидди истилогарони олмонӣ ва дар айни вақт ҷасорату қаҳрамонӣ нишон доданаш ба ӯ унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, бо супурдани Ордени Ленин ва нишони «Ситораи тилоӣ» дода шуд.**

Моҳи сентябри соли 1943 ба рӯйхати қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ номи боз як фарзанди халқи тоҷик шомил гардид, ки ӯ Ҳодӣ Кенҷаев буд. Дар рӯзномаи ҷабҳавии «Ба шарафи Ватан» («За честь Родины») дар бораи қаҳрамонии ӯ чунин навишта буданд:

**Ба мавқеи оташфишони тӯпчиёни Кенҷаев 24 танки немис ҳамлавар гашт. Вале ҳеҷ кадоме аз тӯпчиёни ӯ ба воҳима наафтод. вақте ки танкҳои душман ба масофаи 800 метр дуртар аз онҳо расид, Кенҷаев фармон дод, ки оташ кушоянд.**

**Душман суръати ҳуҷумро метезонид, вале тӯпчиёни қиргар зуд ва дақиқ амал мекарданд. Тӯпчӣ Самойлов сартанки душманро зада дардод.**

**– Ба «Шоҳпаланг» оташ! Созтар занед! – фармон дод Кенҷаев. Таркиши тирҳои тӯп ҳаворо ларзонд. Фурсате нагузашта боз ду «Шоҳпаланг»-и дигар оташгирон мехобид. Пеши рӯ се «Шоҳпаланг» ва ду танки миёнаи тӯпчиён зада ба оташ месӯхт.**

**Аз «шоҳпаланг»-ҳо дутояш ба мавқеи тӯпхонаи тӯпчиён зада даромаданд. Вазъи ноҳинҷоре ба амал омад. Худи Кенҷаев зуд паси тӯп гузашта, бо ду снаряд ҳарду «Шоҳпаланг»-ро зада аз кор баровард.**

**Дар айни даргири оташи ҷанг тӯпашон нуқс пайдо**

**кард, чанде аз тӯпчиён ҷароҳат бардоштанд. Аз паси танкҳо ба сӯи тӯпчиён автоматдорони немис медавиданд.**

**– Як қадам ба қафо на! – фармон дод Кенҷаев,– барои Ватан қурбон мешавем, аммо қафо намегардем!..**

**Кенҷаев зуд автомат гирифта ба «дарави» гитлерчиёни ҳамлавар сар кард. Дар задухӯрди сангин тӯпчиёни ҷасур ҳамаи ҳамлаҳои душманро зада гардонданд.**

**Бо фармони Президиуми Шӯрои Олии СССР аз 21 сентябри соли 1943 ба сержанти калон Кенҷаев Ҳодӣ Исобоевич, барои иҷрои намунавори супориши ҷангии фармондеҳ дар ҷабҳаи мубориза бо истилогарони олмонӣ ва дар як вақт ҷасорату қаҳрамонӣ зоҳир карданаш унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуда буд.**

**Сари синаи қаҳрамонро Ордени Ленин ва нишони «Ситораи Сурх» оро медод.**

Дар ҷангҳои саҳроҳои беканори Украина, лейтенант Саидқул Турдиев на як бору ду бор ҷасорат нишон додааст. Ӯ собиқ ҷонишини Комиссариати халқии зироаткорони РСС Тоҷикистон ва вакили мардумии Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Рӯзи убури қисмҳои Артиши Сурх аз рӯди Днепр, Турдиеви фармондеҳи ротаи пулемётчиён, якҷоя бо баталёни амалгари саф аз Днепр бомуваффақият гузашт. Дар якумин задухӯрди соҳили рости Днепр фармондеҳи баталён аз тири душман кушта шуд. Сардории баталёнро лейтенант Турдиев ба даст гирифт ва ҷанговаронро ба ҳуҷум бурд. Тамоми рӯз ҷанги сахт давом намуд. Бо ҷасорати шахсӣ худаш пеш баромада, шаш дафъа қисмҳояшро ба ҳуҷуми ҷавобӣ даровард. Ҳуҷуми онҳоро шикастанд, душман бо талафоти зиёд ақибнишинӣ кард. Ғолибият, аммо бо баҳои ҷони фарзанди содиқи халқи тоҷик Саидқул Турдиев харида шуд. Барои нишон додани ҷасорат ва қаҳрамонӣ пас аз маргаш ба ӯ унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд.

Ба мақсади абадӣ гардондани хотираи ӯ Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон фармон баровард, ки номи ӯ

ба Шӯрои деҳоти Балҷувони ноҳияи Балҷувон дода шавад, ки ҷои таваллуди ин Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравист. Хонаи ятимони Балҷувон, ҳамчунин яке аз кӯчаҳои шаҳри Сталинобод ба ӯ номгузорӣ шуд.

Бо корномаи беҳамтои худ дар ҷангҳои Волхово колхозчӣ аз ноҳияи Ашти вилояти Ленинобод р. Тӯйчӣ Эрҷигитов машҳур гардид. Тири ДЗОТ-и душман ба мисоли жола меборид, ки ба пешравии қисмҳои артиш имкон намедод. Вале ӯ беист ба пеш ҳаракат дошт. Вақте пеши ДЗОТ-и душман расид, вай рост аз ҷояш хест ва тани худро ба равзанаи (амбразураи) оташфишони душман пахш кард. Сарбози дӯстдори Ватан ҷони худро барои пешравии лашкари мо дод. Ба ин фарзанди номвари халқи тоҷик Тӯйчӣ Эрҷигитов бо фармони Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 21 феврали соли 1944, пас аз маргаш унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд.

Дар оилаи бошарафи Қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ инчунин Ҳайдар Қосимов ва Қудрат Қайюмов собиқ колхозчиёни артели хоҷагии «Сохтмони Вахш»-и ноҳияи октябр ҷои арзанда доранд. Барои иҷрои намунавори супоришҳои муҳими ҳарбии фармондеҳон дар муборизаи зидди душмани ғаддор ва нишон додани ҷасорату қаҳрамонӣ ин унвони фахрӣ бо Ордени Ленин ва нишони «Ситораи тилоӣ» дода мешуд.

Барои озодӣ ва истиқлолияти Ватани Шӯравии худ ҷанговарони Тоҷикистон, ҳамин тавр меҷангиданд ва иродаи халқи Инқилоби Октябр аз нав эҳёкардаро муқаддас медонистанд, ки ҳангоми гусел ба ҷанг чунин насиҳаташон додаанд: **«Фашистони нобакорро аз байн бубаред, ки онҳо қасди хоку туроб гардондани марқади Рӯдакӣ, эҷодиёти олими намоёни тоҷик Абӯалӣ ибни Сино, саҳифаҳои ҳаммосаи Фирдавсии мо, ашъори Камоли Хуҷандӣ, офаридаҳои шоирони шӯҳратёри мо Саъдӣ ва Ҳофизу Ҷомиро доранд, чунон ки мақбараю музейҳои Толстой, Чехов, Чайковский, Шевченко ва дигар симоҳои бузурги халқҳои бо мо бародарро ваҳшиёна таҳқиру тахриб карданд. Бо қаҳру ғазаби харобиовари**

**даҳшатбор нисбат ба мардуми осудаву ороми Қриму Қафқози Шимолӣ фашистони золиму хунхор барои тамоми инсоният собит карданд, ки онҳо душмани ашаддитарини на танҳо халқҳои Аврупо, ба вижа сақлобиён (славянҳо), балки халқҳои Шарқ низ ҳастанд.**

**Фашистони ҷаҳолатпарастро торумор созед, ки онҳо мехоҳанд гӯши касе суруду навои форами ҳофизони моро нашнавад, чашми касе ба рақси ҳушрабои духтарони мо наафтад, дар ягон китоб осори шоиру нависандагони мо падид наояд ва номи Тоҷикистони Шӯравии моро ягон забон нагирад»**[1]

Фарзандони фарзонаи падарону бобоён қаҳрамонона ба муқобили истилогарони аҷнабӣ ва асоратгар меҷангand, бо мардонагии бемислу монанд ба ҳайвонтабиатони фашистӣ, ки назар ба ҳамаи душманони асру замонҳо даҳшатбору хунхортаранд, зарбаҳои марговар ворид месозанд, зеро ин фармоишоти ба тоҷикон додаи Сталинро муқаддас дониста, ба иҷро мерасонанд: **«... ба тамоми Шарқ намоиш диҳед, ки Шумо беҳтарин авлоди аҷдоди бузурги худ ҳастед, ки парчами озодихоҳиро сахт дар даст нигоҳ дошта омадаанд».**

[1] Нома ба ҷанговарон–тоҷикон аз номи халқи тоҷик, «Правда», аз 20 марти соли 1943.

# ТАВЗЕҲ

Бисёриҳо аз ин китоб хабар надоранд.

Гумон меравад, ки ин китоб он вақт (соли 1943-44) маҳз бо супориши Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Иосиф Виссарионович Сталин, чун маълумотномае ба қалам оварда шуда бошад. Ҳар касе ин асарро мехонад, дармеёбад, ки устод Бобоҷон Ғафуров бо ҳаммуаллиф дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ, бо чӣ илҳом ва ҳавсалае онро тарҳрезӣ намудаанд ва бегумон, баъдан такмил ёфта, то асари бузургашон – «Тоҷикон» рӯидааст. Ва мо онро лутфан Хурд–«Тоҷикон» (ё Занд «Тоҷикон») гӯем, ғалат нахоҳад шуд. Зеро ин асар нахуст аз таърихи пурғановати халқи тоҷик аз ибтидо то интиҳо, аз мубориза ю пайкори тоҷикон дар тӯли таърихи инсоният қиссаҳо мекунад ва охирин боби он оид ба муборизаи тоҷикон дар солҳои ҷанги Бузурги Ватанӣ зидди олмони фашистист.

Ин асари то ҳол ба хонандаи сершумори тоҷик дастнораси пурмӯҳтаворо **Нашриёти «Адиб»** барои чоп ба нақшаи ҷашни 21-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон шомил гардонид, ки бегумон тӯҳфаи арзандаест барои хонандаи имрӯз ва фардои тоҷик. Муаллифони гуногун ҳамон як фикру мулоҳизаро барои инсонҳо гуфта тавонистаанд, ки халқҳои марзу буми Осиёи Марказӣ, бахусус тоҷикон, давоми таърихи ҳазорсолаҳо ба муқобили гуна-гуна таҷовузкорони аҷнабӣ якҷоя, муттафиқона мубориза бурдаанд, бурду бохташон ҳам якҷоя ва мардонаю қаҳрамонона будааст. Онҳо ба муқобили душмани ғаддори инсоният – фашистони олмонӣ низ, ҳамин гуна содиқона ва мардона ҷангида тавонистаанд. Ҳаргиз ба халқи худ, Ватани ҷоноҷони худ, сарфармондеҳони худ, ғайри вафодорӣ дигар чизе ба бор наовардаанд, агар лозим шавад, ҳар лаҳза омода будаанд, ки барои озодӣ ҷон нисор созанд.

Асар аз шарҳи далели корномаҳои барҷастаи халқ ва фарзандонаш барои озодӣ ва истиқлол дар тӯли таърих, пуропур аст ва аҳамияти барҷастаи таърихӣ касб кардааст. Худ хонед ва худ хулоса намоед ва роҳат баред, ки устоди бузург бо чӣ дилу нияти поке дар он солҳои пурмоҷарои сайёра ин асарро ба ҳукми таърих вогузоштаанд.

***Мутарҷимон***

# МУНДАРИҶА

Аз ҳайати таҳририя........................................................................3
I. Гузаштаи пурғановати халқи тоҷик.... ..............................................4
II.Маданияти кишоварзии қадими тоҷикон........................................10
III. Анъанаҳои қаҳрамонии халқи тоҷик дар достонҳо. Коваи Оҳангар.......................................................................................18
IV. Анъанаҳои қаҳрамонии тоҷикон дар силсиладостонҳои ривоятии Рустам – писари Зол.... .........................................................26
V. Гузаштагони қадими халқи тоҷик зидди ишғолгарони модию форсӣ. Куруш ва малика Томирис. Ривояти Шераки чӯпон...38
VI. Тоҷикон дар замони мубориза бо Искандари (Александри) Мақдунӣ. Спитамон... ..............................................................46
VII. Беэътиборсозии ҳукумати ҳарбии юнонию мақдунӣ дар Осиёи Миёна. Кишвари тоҷикон дар задухӯрд бо лашкари Чин... ...53
VIII. Рушди кишоварзӣ ва фарҳанг дар кишвари тоҷикони асрҳои VI-VII .........................................................................................61
IX. Ишғоли арабҳо Осиёи Миёнаро. Шӯриши Муқаннаъ.... .............67
X. Пайдоиши сулолаи эронӣ дар Осиёи Миёна. (Асрҳои IX-X). Исмоили Сомонӣ.............................................................................80
XI. Халқи тоҷик дар аҳди Сомониён.................................................90
XII. Мубориза бо ҳамлаварони турк дар Мовароуннаҳр. Барҳамхӯрии сулолаи Сомониён... ........................................103
XIII. Халқи тоҷик дар ҳайати давлатҳои навташкили туркӣ. Қарахитоиён. Шӯриши Малик Санҷар.................................110
XIV. Халқи тоҷик дар пайкори зидди урдуи Чингизхон. Ҳаммосаи қаҳрамонии лашкаркаши хуҷандӣ-Темурмалик...................124
XV. Муборизаи халқи тоҷик зидди муғулҳо. Шӯриши Маҳмуди Торобӣ .........................................................................................136
XVI. Халқи тоҷик дар ҳайати давлати бузурги Темур. Сарбадорони Самарқанд ва дифои қаҳрамононаи онҳо Самарқандро аз ҳуҷуми муғул .................................................................................144
XVII. Халқи тоҷик зери зулми аморати Бухоро..............................160
XVIII. Халқи тоҷик дар асорати дутарафаи аморат ва подшоҳи рус. Шӯриши Восеъ... ..........................................................................176
XIX. Талош барои ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон..................190
XX. Талоши Тоҷикистон барои дастовардҳои сохтмони сотсиалистӣ..................................................................................207
XXI. Халқи тоҷик солҳои Ҷанги Бузурги Ватании Иттиҳоди Шӯравӣ. Заҳмат дар ақибгоҳ.....................................................................219
XXII. Тоҷикон дар майдони Ҷанги Бузурги Ватанӣ.........................237
Тавзеҳ.................................................................................................254

Б. ҒАФУРОВ ва Н. ПРОХОРОВ

**ТОҶИКОН**
**ВА ТАЛОШҲОИ ТАЪРИХИИ**
**ОНҲО БАРОИ ОЗОДИИ ВАТАН**

Ороиши Орзу Раҳмонӣ
Муҳаррири ороиш Ромиш Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ Меҳрӣ Саидова
Ҳуруфчин Ҳабиба Ҷӯраева

Ба матбаа 16.08.2012 супорида шуд.
Чопаш 21.08.2012 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 16,0. Адади нашр 2000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба чоп расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов, 73/1
E-mail: varz.tm@mail.ru